Юсуфшоҳ Яъқубов

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

# 5



**ЮСУФШОҲ ЯЪҚУБОВ**

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## ЗАМОНИ ОРИЁИҲО

**Китоби дарсӣ барои синфи 5**

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
ба чоп тавсия кардааст.

**ДУШАНБЕ**
**"МАОРИФ"**
**2015**

ББК 63.3 (2тоҷик) Я72+74.263.1
Я-92

**Я-92.** Юсуфшоҳ Яъқубов. **Таърихи халқи тоҷик.** Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум. Душанбе, «Маориф», 2015, 248 саҳ.

**Ҷадвали истифодаи китоб:**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 978-99947-1-265-6

© «Маориф», 2015
Моликияти давлат

# МУҚАДДИМА

Шумо акнун бори аввал таърихи халқу кишвари азизи худро меомӯзед. Таърихи халқи тоҷик як пораи пурифтихори таърихи ҷаҳон мебошад. Агар шумо таърихи халқи худро хуб донед, маълум мешавад, ки Ватани хешро ҳам дӯст медоред. Донистани таърихи халқ ин шинохтани гузаштагони худ, тараққиёти кишвар, илму маърифат ва забону Ватани хеш мебошад. Худшиносӣ якдилӣ ва ваҳдати миллатро ба вуҷуд меорад. Агар миллат якдилу яктост, иқтисодиёти он низ тараққӣ мекунад, илму фарҳангаш равнақ меёбад ва давлаташ пешрафта мешавад. Халқе, ки худшиносии миллӣ дорад, ҳамеша соҳибэҳтирому пешрав аст. Шахси таърихдон сиёсатмадори моҳир, кордон, донишманд, хирадманд, роҳбари боадлу инсоф ва дилсӯзу ғамхори миллат мешавад.

Гузаштагони мо дар таърихи инсоният корнамоиҳои бузурге кардаанд. Онҳо дар Осиёи Марказӣ аввалин ромкунандагони ҳайвоноти хонагӣ мебошанд. Онҳо инчунин аз ҷумлаи нахустин одамоне маҳсуб мегардиданд, ки ба зироаткорӣ ва сохтмони шаҳрҳо машғул будаанд. Гузаштагонамон офарандагони фарҳанги баландпояи ҷаҳонӣ дар Осиёи Марказӣ мебошанд ва мо имрӯз ҳам бо ин фарҳанг фахр мекунем.

Шумо бори аввал таърихи мухтасари қадими халқи худро меомӯзед ва огоҳ мешавед, ки дар гузаштаҳои дуродур Ватани аҷдоди мо – ориёиҳо хеле бузург будааст. Вай аз шимол, аз ҳавзаи рӯди Ра (Волга) сар шуда, ба ҷануб то Ҳиндустони Марказӣ ва аз шарқ, аз Хуанхеи Чину Муғулистон то Молдава ва Осиёи Хурд тӯл мекашид. Дар ҳамаи ин заминҳои паҳновар гузаштагони мо ориёиҳо зиндагонӣ мекарданд. Ин аст, ки шумо бояд таърихи гузаштагони худро бодиққат омӯзед ва сабабҳои хурд шудани ҳудуди мамлакат ва кам гардидани аҳолии ориёинажодро фаҳмед.

«Таърих» калимаи арабӣ буда, маънояш муайян намудани вақти рух додани ҳодисаҳои муҳим мебошад. Ба ибораи дигар, таърих илмест, ки ҷамъи ҳодисаҳои муҳими дар рӯйи Замин ва дар ҳаёти инсонҳо рухдодаро меомӯзад.

Дар таърих ҳар ҳодиса сабаб ва оқибат дорад. Вазифаи инсон он аст, ки сабаби рӯй додани ин ва ё он ҳодисаҳоро омӯзад ва оқибатҳои бадии онро пешгирӣ намояд, яъне таърих фанни ибратомӯз буда, барояш донистани сабабҳои ҳодиса, ҷой, рӯз,

моҳ ва соли он шарт аст. Ҳодисаҳо ва воқеаҳо дар таърих гуногунанд ва онҳоро муҳит ва талаботи инсонҳо ба вуҷуд меоранд. Дар таърих подшоҳони алоҳида нақши бузург мебозанд, агар онҳо донишманд ва сиёсатмадори дурбин бошанд, зиндагонии мардум хуб мешавад, мамлакат обод мегардад. Ҳамин хел шоҳон дар таърихи халқи тоҷик: Ҷамшед, Фаридун, Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав, Кайгуштосп, Куруши Кабир, Дориюши Кабир, Аршак, Ардашери Бобокон, Шопури I, Анӯшервон, Канишкаи Кабир, Кадфиз, Ахушнавоз, Хусрави Парвиз, Абӯмуслим, Абдуллоҳи Тоҳир, Яъқуби Лайс, Исмоили Сомонӣ ва Насри 11 буданд. Дар замони подшоҳии онҳо мардум зиндагии хубу ором доштанд.

Дар таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои муҳим, ки аҳамияти ҷаҳонӣ доранд, хеле бисёранд. Масалан, аввалин пайғамбари соҳибкитобу соҳибтаълимот Зардушт аз миллати мо буд. Ӯ одамонро ба сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ ва меҳнати ҳалолу созандагӣ даъват кардааст. Китоби «Авесто», ки дар замони ӯ таълиф шуда буд, бузургтарин китоби динӣ, таърихӣ, фалсафӣ, педагогӣ, тиббӣ ва адабӣ дар ҷаҳон мебошад. Таъриху фарҳанги мо аз он замон сарчашма мегирад.

Аввалин бунёдкунандагони империяи бузурги ҷаҳонӣ Куруши Кабир ва Дориюши Кабир буданд. Куруши Кабир аввалин Эъломияи ҳуқуқи башарро таҳия намуда, ҳамаи инсонҳоро новобаста аз нажоду миллату динашон баробарҳуқуқ эълон намуд. Халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ ба сари халқи дигар лашкар накашида, мардумашро ғорат накардааст. Подшоҳони ориёинажод ғуломони бисёреро аз ғуломию асорат озод намуда, ба бегонагон ғамхорӣ зоҳир кардаанд. Гузаштагони мо дар тӯли ҳазорсолаҳо дар сарзамини Осиёи Марказӣ зиндагонӣ намуда, аз худ осори фаровони таърихӣ, аз ҷумла оромгоҳҳо, қалъаҳо ва дигар биноҳои меъморӣ ва осори хаттӣ боқӣ мондаанд, ки аз қадимӣ будани миллати мо гувоҳӣ медиҳанд.

Чанд сухан дар бораи даврабандии гаърихи ориёиҳо – тоҷикон, вожаю иборахои гаърихӣ ва географӣ, ки дар китоб истифода шудаанд:

1. Бори аввал кӯшиш шудааст, ки таърихи ориёиҳо дар шакли китоби дарсӣ бе тақсимоти марзҳои сиёсӣ, чун таърихи як халқ навишта шавад. Тавре ки маълум аст, гузаштагони мо худ-ро ориёӣ гуфтаанд ва бо ин ном ҳазорҳо сол зиста, империяҳои ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар ибтидои ҳазораи якуми милодӣ бо сабабҳои

маълум ва номаълум номи «ориёӣ» аз байн меравад ва ба ивази он калимаи «тоҷик» пайдо мешавад. Сабабҳои фаромӯш шудани номи «ориёӣ»-ро дар давоми дарсҳо мефаҳмед. Сабабҳои пайдо шудани номи тоҷик дар дарсҳои синфи 6-ум гуфта мешавад. Аз замонҳои қадим то асрҳои III – IV-и милодӣ, гузаштагони мо худро ориёӣ гуфтаанд ва аз ҳамин сабаб таърихи ин давраро таърихи қадими халқи тоҷик – замони ориёиҳо номидаем.

2. Дар замони Шӯравӣ таърих ба форматсияҳои ҷамъиятӣ –ҷомеаҳои ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ тақсим мешуд. Баъди аз байн рафтани сохти сотсиалистӣ ин табақабандӣ низ барҳам хӯрд.

Имрӯз табақабандию даврабандиҳо дар таърихи халқҳо гуногун мебошанд. Таърихи қадими халқи тоҷик замони ориёиҳо ва ибтидои асри миёна – замони ташаккулёбии этноними «тоҷик» ва равнақи сохтори деҳқониро дар бар гирифта, асоси даврабандии сулолавӣ таркиб ёфтааст. Масалан, замони ҷомеаи ибтидоӣ, яъне асри санг номи давраи сулолаи шоҳони Пешдодиён номида шудааст, зеро таърихи онҳо аз замони аввалин инсон Каюмарс (Каёмард) шурӯъ мешавад. Замони онҳо аз асри санг то ҳазораҳои 9–7 пеш аз милод давом кардааст.

Замони мису санг ва биринҷро ба давраи пайдо шудани кишоварзон, аввалин чорводорон, шаҳру деҳот ва давлату синфҳо нисбат додан мувофиқ меояд. Дар ин давра сулолаи Каёниён ҳукмронӣ кардаанд. Мувофиқи ривоятҳои таърихӣ ҳукмронии Каёниён то ба ҳамроҳ кардани Бохтару Хоразм аз тарафи Ҳахоманишиён давом дошт.

Баъди Каёниён сулолаи Модҳо, пасон Ҳахоминишиён, Юнониён, Портҳо ва Кӯшониён паси ҳам ҳукмронӣ кардаанд. Ҳамин тавр, ба давраҳо тақсим намудани таърихи синфи 5-ум мувофиқ ба сулолаҳои ҳукуматкарда радабандӣ шудааст.

3. Навигарии дигаре, ки дар китоби дарсии таърихи (қадими) халқи тоҷик мушоҳида мешавад, дохил намудани мафҳумҳои Ориёнои Шарқӣ ва Ориёнои Ғарбӣ мебошад. Аслан ин мафҳумҳоро забоншиносон нисбат ба забони Эрони Шарқӣ ва Эрони Ғарбӣ истифода кардаанд. Мо дар ин китоби дарсӣ таърихи қадими Эрони кунуниро ба Ориёнои Ғарбӣ ва Осиёи Марказиро ба Ориёнои Шарқӣ дохил намудем, агарчи Хуросони Эрони кунунӣ ба Ориёнои Шарқӣ ворид мешавад.

моҳ ва соли он шарт аст. Ҳодисаҳо ва воқеаҳо дар таърих гуногунанд ва онҳоро муҳит ва талаботи инсонҳо ба вуҷуд меоранд. Дар таърих подшоҳони алоҳида нақши бузург мебозанд, агар онҳо донишманд ва сиёсатмадори дурбин бошанд, зиндагонии мардум хуб мешавад, мамлакат обод мегардад. Ҳамин хел шоҳон дар таърихи халқи тоҷик: Ҷамшед, Фаридун, Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав, Кайгуштосп, Куруши Кабир, Дориюши Кабир, Аршак, Ардашери Бобокон, Шопури I, Анӯшервон, Канишкаи Кабир, Кадфиз, Ахушнавоз, Хусрави Парвиз, Абӯмуслим, Абдуллоҳи Тоҳир, Яъқуби Лайс, Исмоили Сомонӣ ва Насри II буданд. Дар замони подшоҳии онҳо мардум зиндагии хубу ором доштанд.

Дар таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои муҳим, ки аҳамияти ҷаҳонӣ доранд, хеле бисёранд. Масалан, аввалин пайғамбари соҳибкитобу соҳибтаълимот Зардушт аз миллати мо буд. Ӯ одамонро ба сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ ва меҳнати ҳалолу созандагӣ даъват кардааст. Китоби «Авесто», ки дар замони ӯ таълиф шуда буд, бузургтарин китоби динӣ, таърихӣ, фалсафӣ, педагогӣ, тиббӣ ва адабӣ дар ҷаҳон мебошад. Таъриху фарҳанги мо аз он замон сарчашма мегирад.

Аввалин бунёдкунандагони империяи бузурги ҷаҳонӣ Куруши Кабир ва Дориюши Кабир буданд. Куруши Кабир аввалин Эъломияи ҳуқуқи башарро таҳия намуда, ҳамаи инсонҳоро новобаста аз нажоду миллату динашон баробарҳуқуқ эълон намуд. Халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ ба сари халқи дигар лашкар накашида, мардумашро ғорат накардааст. Подшоҳони ориёинажод ғуломони бисёреро аз ғуломию асорат озод намуда, ба бегонагон ғамхорӣ зоҳир кардаанд. Гузаштагони мо дар тӯли ҳазорсолаҳо дар сарзамини Осиёи Марказӣ зиндагонӣ намуда, аз худ осори фаровони таърихӣ, аз ҷумла оромгоҳҳо, қалъаҳо ва дигар биноҳои меъморӣ ва осори хаттӣ боқӣ мондаанд, ки аз қадимӣ будани миллати мо гувоҳӣ медиҳанд.

Чанд сухан дар бораи даврабандии таърихи ориёиҳо – тоҷикон, вожаю ибораҳои таърихӣ ва географӣ, ки дар китоб истифода шудаанд:

1. Бори аввал кӯшиш шудааст, ки таърихи ориёиҳо дар шакли китоби дарсӣ бе тақсимоти марзҳои сиёсӣ, чун таърихи як халқ навишта шавад. Тавре ки маълум аст, гузаштагони мо худ-ро ориёӣ гуфтаанд ва бо ин ном ҳазорҳо сол зиста, империяҳои ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар ибтидои ҳазораи якуми милодӣ бо сабабҳои

маълум ва номаълум номи «ориёӣ» аз байн меравад ва ба ивази он калимаи «тоҷик» пайдо мешавад. Сабабҳои фаромӯш шудани номи «ориёӣ»-ро дар давоми дарсҳо мефаҳмед. Сабабҳои пайдо шудани номи тоҷик дар дарсҳои синфи 6-ум гуфта мешавад. Аз замонҳои қадим то асрҳои III – IV-и милодӣ, гузаштагони мо худро ориёӣ гуфтаанд ва аз ҳамин сабаб таърихи ин давраро таърихи қадими халқи тоҷик – замони ориёиҳо номидаем.

2. Дар замони Шӯравӣ таърих ба форматсияҳои ҷамъиятӣ –ҷомеаҳои ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ тақсим мешуд. Баъди аз байн рафтани сохти сотсиалистӣ ин табақабандӣ низ барҳам хӯрд.

Имрӯз табақабандию даврабандиҳо дар таърихи халқҳо гуногун мебошанд. Таърихи қадими халқи тоҷик замони ориёиҳо ва ибтидои асри миёна – замони ташаккулёбии этноними «тоҷик» ва равнақи сохтори деҳқониро дар бар гирифта, асоси даврабандии сулолавӣ таркиб ёфтааст. Масалан, замони ҷомеаи ибтидоӣ, яъне асри санг номи давраи сулолаи шоҳони Пешдодиён номида шудааст, зеро таърихи онҳо аз замони аввалин инсон Каюмарс (Каёмард) шурӯъ мешавад. Замони онҳо аз асри санг то ҳазораҳои 9–7 пеш аз милод давом кардааст.

Замони мису санг ва биринҷро ба давраи пайдо шудани кишоварзон, аввалин чорводорон, шаҳру деҳот ва давлату синфҳо нисбат додан мувофиқ меояд. Дар ин давра сулолаи Каёниён ҳукмронӣ кардаанд. Мувофиқи ривоятҳои таърихӣ ҳукмронии Каёниён то ба ҳамроҳ кардани Бохтару Хоразм аз тарафи Ҳахоманишиён давом дошт.

Баъди Каёниён сулолаи Модҳо, пасон Ҳахоминишиён, Юнониён, Портҳо ва Кӯшониён паси ҳам ҳукмронӣ кардаанд. Ҳамин тавр, ба давраҳо тақсим намудани таърихи синфи 5-ум мувофиқ ба сулолаҳои ҳукуматкарда радабандӣ шудааст.

3. Навигарии дигаре, ки дар китоби дарсии таърихи (қадими) халқи тоҷик мушоҳида мешавад, дохил намудани мафҳумҳои Ориёнои Шарқӣ ва Ориёнои Ғарбӣ мебошад. Аслан ин мафҳумҳоро забоншиносон нисбат ба забони Эрони Шарқӣ ва Эрони Ғарбӣ истифода кардаанд. Мо дар ин китоби дарсӣ таърихи қадими Эрони кунуниро ба Ориёнои Ғарбӣ ва Осиёи Марказиро ба Ориёнои Шарқӣ дохил намудем, агарчи Хуросони Эрони кунунӣ ба Ориёнои Шарқӣ ворид мешавад.

**Фанҳои ёрирасони таърих.** Таърихи инсоният миллионҳо солро дар бар гирад ҳам, мо аз он, бахусус аз қадимтарин давраҳои он, ки ҳоло инсон ба вуҷуд наомада буд, хеле кам огоҳ ҳастем. Дар бораи нахустин инсонҳо хеле кам маълумот дорем, зеро онҳо хона сохтанро намедонистанд ва бе ягон сарпаноҳ монанди ҳайвонҳои ваҳшӣ зиндагонӣ мекарданд, либос надоштанд, оташро намедонистанд, гӯштро хом мехӯрданд, *афзору олот сохта наметавонистанд*, сурат намекашиданд ва ғайра. Ин аст, ки аз фаъолияти дуру дарози инсонҳои қадим мо кам огоҳӣ дорем. Лекин дар *бисёр илмҳои имрӯза*, аз ҷумла бостоншиносӣ, симошиносӣ ва забоншиносӣ таърихи инсони қадим баррасӣ шуда, саҳифаҳои зиёди торики ҳаёту фаъолияти онҳо равшан мегарданд.

**Бостоншиносӣ** (археология) соҳаи илми таърих аст, ки дар асоси ёдгориҳои маданияти моддӣ таърихи ҷамъияти инсониро меомӯзад. Калимаи «археология» аз забони юнонӣ гирифта шуда, илм дар бораи омӯхтани таърихи қадими инсонҳост.

Бостоншиносон тахминан дар куҷо зистани одамони қадимро медонанд, бинобар ин, макони онҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Аксар ҷойҳои зисти одамони қадим дар натиҷаи ҳодисаҳои тасодуфӣ – кӯчидани хоки теппаҳо, сохтмони биноҳо, кандани каналҳо, чоҳҳо, селроҳаҳо, ва ғайра ошкор мешаванд. Бостоншиносон дар он ҷойҳо ҳафриёт (кофтуков) мегузаронанд ва дар асоси бозёфтҳои худ дар кадом давраҳо зиндагӣ кардани одамонро муайян менамоянд.

Омӯзиши таърихи инсоният нишон медиҳад, ки одамон дар ҳар замон олот, афзор, силоҳ, зебу зинат, сарулибос, хонаю дари ба он давра хос доштаанд. Бостоншиносон ин гуна чизҳоро омӯхта, таърихи ҳамон давраро барқарор менамоянд. Ёдгориҳо ба асрҳои санг, биринҷ ва оҳан тақсим мешаванд.

Ёдгориҳои асри санг аз лангару калпҳо, нақшҳои болои сангҳо кандаи одамони қадим, ёдгориҳои асри биринҷ аз қабристонҳо, бошишгоҳҳо – деҳаю шаҳрҳо ва ҳамчунин аз расмҳои рӯйи сангҳо иборатанд. Ёдгориҳои давраи атиқа ва асрҳои миёна қабристонҳо, мақбараҳо, қалъаҳо, харобаи шаҳру деҳот хеле бисёранд. Ҳар яке аз ёдгориҳои номбурда вобаста ба давру замон услуби омӯзиши хосе доранд.

Барои барқарор намудани таърихи инсонҳои қадим боз илмҳои дигар низ мадад мерасонанд.

**Антропология** (илми симошиносӣ) калимаи юнонӣ буда, антропа – одам, логос – илм, яъне илми одамшиносист. Симошиносон дар асоси боқимондаи устухонҳо, косахонаи сар, сутунмуҳра, устухонҳои дасту пой на танҳо шакли зоҳирӣ, балки таҳаввулоти бадани одамро давра ба давра муайян менамоянд. Олимон дар асоси устухон ва косахонаҳои сар тағйироти ҷисмӣ ва фикрии одамони маймуншакл – аз аҳди қадимтарин то ба шакли инсони муосир даромадани онҳоро таҳқиқ кардаанд.

**Палеонтология** аз калимаҳои юнонии палео – қадим ва онтология – омӯзиши мавҷудот таркиб ёфтааст. Илмест, ки дар асоси устухонҳо таърихи инкишофи ҳайвонотро аз қадим то ҳоло меомӯзад. Олимони палеонтолог дар асоси устухонҳо муайян менамоянд, ки одамони қадим кадом навъи ҳайвонотро шикор карда мехӯрданд ва кадом навъи онҳоро ром менамуданд.

**Ботаника** – калимаи юнонӣ буда, маънояш рустанӣ, алаф, сабзавот аст ва хелҳои рустаниҳо ва дарахту буттаҳоеро, ки инсонҳои қадим истифода мебурданд, барқарор менамояд.

**Геология** низ аз забони юнонӣ буда, гео – замин ва логос – илм, илми заминшиносист. Он на танҳо таърихи пайдоиши замин, балки зинаҳои тағйироти табиат ва ба инсонҳои қадим чӣ гуна таъсир гузоштани заминро меомӯзад.

**Мардумшиносӣ** (этнография), калимаи «этно» маънои халқро дорад, яъне илме аст, ки урфу одати халқҳоро, ки дар қитъаҳои дунё ба сабабҳои гуногун дар сатҳи гуногуни зиндагии хеле қадим қарор доранд, омӯхта, бисёр бахшҳои таърихи гузаштаро равшан месозад.

**Забоншиносӣ** илмест, ки дар асоси омӯзиши катибаҳо (навиштаҳои рӯйи девор ва сангҳо) тағйироти забонӣ ва умумияти забонҳои ҷаҳонро ошкор месозад. Дар омӯзиши таърихи қадим илмҳои физика, химия, риёзиёт, биология ва зоология низ ҳисса мегузоранд. Танҳо дар асоси ҳамкории ҳамаи илмҳо мо метавонем аз таърихи пайдоишу ташаккули одамони қадим огоҳ шавем.

# БОБИ I
# ЗАМОНИ ПЕШДОДИЁН – АСРИ САНГ

## §1. АСРИ САНГИ ҚАДИМТАРИН–ПАЛЕОЛИТ

Дар дунё аз рӯйи нажод се гурӯҳи одамон: сафедпӯстон, сиёҳпӯстон ва зардпӯстон зиндагӣ доранд. Вобаста ба ин олимон тахмин мекунанд, ки нажоди (ирқи) сиёҳпӯстон дар Африқо, сафедпӯстон дар Аврупо ё Осиёи Наздик ва зардпӯстон дар ҷанубу шарқии Осиё, дар Чину Индонезия пайдо шудаанд. Аммо на дар Аврупо ва на дар Осиё бошишгоҳи зиёда аз 1 миллион сол умрдоштаро пайдо нашудааст. Бошишгоҳи қадимтарини инсон дар қитъаи Африқо (қисми ҷанубиу шарқӣ) кашф шудааст, ки Олдувай ном дошта, 2,5 миллион сол пеш вуҷуд доштааст. Аз ҳамин сабаб бештари олимон дар он ақидаанд, ки нахустин инсон дар Африқо ба вуҷуд омадааст ва аз он ҷо ба дигар қитъаҳо паҳн шудааст.

Даврабандии асри санг. Асри санг давраи дарозтарини таърихи инсоният ба шумор меравад. 99 дарсади таърихи аҷдоди инсони имрӯза дар асри санг гузаштааст. Асри санг то ҳазораҳои 9–7-уми пеш аз милод, то пайдо шудани маъдан идома меёбад. Барои он асри санг мегӯянд, ки дар он давра ҳамаи афзору олот аз санг сохта шудаанд ва одами маймуншакл низ дар он давра зиндагӣ кардааст. Асри санг ба се давра: палеолит, мезолит ва неолит ҷудо мешавад.

Давраи якум палеолит (қадимтарин) 2,5 миллион сол пеш сар шуда, то 1,5 миллион сол давом мекунад. Дар ин давра одамони маймуншакли австралопитекҳо зистаанд (аз лотинии австралис – ҷанубӣ ва питек – маймун).

Дар давраи дуюм – 1,5 миллион сол пеш, австралопитекҳо ба одамони маймуншакли гомоэректус иваз мешаванд. Гомоэректусҳо аз гузаштагони худ австралопитекҳо бо он фарқ доштанд, ки онҳо бо ду пой ҳаракат менамуданд. Гомоэректусҳо дар бисёр қисмҳои Осиё ва Аврупо зиндагӣ мекарданд. Дар даврае, ки аз ҳазораҳои 100 то 50–40-ум давом дошт, неандерталҳо зиндагӣ кардаанд (Неандертал номи ҷоест дар Олмон, ки бос-

тоншиносон дар он ҷо бори аввал устухонҳои навъи сеюми одами маймуншаклро пайдо кардаанд). Аз ҳазораҳои 50–40-ум сар карда, дар дунё инсони ҳозира пайдо мешавад, ки онро «Ҳомо Сапиенс» меноманд.

Таърихи пайдоиши инсоният мувофиқи давраҳои геологӣ даврабандӣ мешавад. Масалан, дар илми геология таърихи охирини пайдоиши сохти Заминро давраи чаҳорум меноманд.

«Антропоген» калимаи юнонӣ буда аз «антроп» – шакл ва «генос» – пайдоиш таркиб ёфта, бавуҷудоии инсонро ифода менамояд.

Дар Осиёи Марказӣ бошишгоҳи қадимтарини инсон дар Тоҷикистон, дар наздикии Ховалинг (Кӯлдара) пайдо шудааст, ки он миллион сол дорад. Ин бошишгоҳро бостоншиноси тоҷик В.А. Ранов кашф кардааст. Дар ин ҷо дар чуқурии 120 м устухонҳои фил, каркадан, уштур, юз, кафтор ва дигар ҳайвонотро пайдо намудаанд. Ҳамин тавр, сарзамини тоҷикон яке аз қадимтарин макони гомоэректусҳо будааст. Гомоэректусҳо аз обисангҳо афзори шикананда ва бурандаи турбмонандаро сохтаанд. Ин афзорҳои хеле одианд, вале дар онҳо осори даст ё ҳунари инсони қадим хуб ба назар мерасад. Одамони қадим барои сохтани афзорҳои аз шишасанг, обисанг, тахтасанг ва чахмоқсанг истифода мебурдаанд.




**Расми 1.** ***Афзорҳои замони асри санг: буранда ва пӯсткан (1-6); зананда ва кананда (7).***

Ҷойи дигари одамони қадим дар Фарғона, дар назди деҳаи Ҳайдаркони ҳозира кашф шудааст. Ин бошишгоҳ бо номи Селенгур маъруф мебошад. Дар ин ҷо дар калп (ғори камари кӯҳ) бостоншиносон муайян намудаанд, ки одамони қадим аз ҳазораҳои 700–600-ум то ҳазораҳои 40-ум зиндагӣ кардаанд.

Дар натиҷаи ҳафриёт (кофтукови бостоншиносӣ) устухонҳои хирс, бузҳои кӯҳӣ, каркадан, ҷоғҳо ва устухони ду панҷаи дасти одами гомоэректусҳоро ёфтаанд. Ин устухон ва дандонҳо ба зану марди 35-40-сола ва кӯдаки 10-сола тааллуқ доштаанд. Дандонҳо хеле соида шудаанд, ки аз хӯрдани хӯроки дурушт шаҳодат медиҳанд. Симошиносон ин дандонҳоро ба як навъи гомоэректусҳо нисбат додаанд. Бошишгоҳҳои одамони қадим дар ғори Азии Қафқоз ва Ҷоукоутани Чин низ пайдо шудаанд.

Неандертал аҷдоди бевоситаи одами ҳозира буда, мағзи сари вай нисбат ба пешгузаштагонаш хеле калон (1330–1600 $см^3$) мебошад. Симои неандертал ба симои одами ҳозиразамон хеле наздик аст.

Каполи (ҷумҷума, устухони пурраи сар) писарчаи 10-солаи неандерталиро бостоншиноси маъруфи шӯравӣ А.П.Окладников дар ғори Тешиктоши Бойсуни Сурхонрӯд ёфтааст. Дар асоси устухони сари ин писарбача симошинос М.М. Герасимов қиёфаи ӯро барқарор кард. Дар асоси ин бозёфт олимон тахмин менамоянд, ки Осиёи Марказӣ – сарзамини тоҷикон яке аз маконҳои пайдоиши одами нав мебошад. Писарбачаи неандерталиро дар назди оташдон рӯй ба офтоббаро гӯронида, атрофашро бо сангҳо девор кардаанд. Дар атрофи қабр ду шохи оҳу гузоштаанд. Ин шохҳо далели онанд, ки одамони неандерталӣ ба оҳу эҳтироми махсус доштаанд ва ин одат то кунун дар байни тоҷикон ҷой дорад.


**Расми 2.** ***Писарбачаи неандерталӣ аз ғори Тешиктош.***

Дар ғори Тешиктош одамони неандерталӣ 50–40 ҳазор сол пеш

зиндагӣ кардаанд. Неандерталҳо афзори сангин, аз қабили корд, ранда, сангҳои зананда, пӯсткан ва ғайра доштаанд. Олоти бисёре аз чахмоқсанг сохта шудаанд. Дар байни устухонҳо устухони асп, гови тур, гавазн, гӯрхар ва ғайра пайдо шудаанд.

Яке аз машҳуртарин бошишгоҳҳои қадима – ғори Оғзикучук дар домани кӯҳҳои Гулизиндони назди деҳаи Пушинги Данғара ҷой дорад. Бостоншиносон дар ғор устухонҳои сангпушт, оташдонҳо, ҳамчунин устухонҳои бузу гӯсфанди ваҳшӣ, асп, гавазн, хирс, сағур, гурозро пайдо намудаанд. Зиёда аз 5 ҳазор олот, аз ҷумла 560 афзори сайқалёфта низ ба даст омадааст.

Одамон дар ғори Оғзикучук 60–40 ҳазор сол қабл зиндагӣ кардаанд. Тахминан одамони неандерталӣ 100–90 ҳазор сол пеш ба ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ омадаанд.

Панҷоҳ ҳазор сол пеш дар дунё ба ҷойи одамони неандерталӣ инсони ҳозира пайдо мешавад. Олимон устухонҳои одами ҳозираро дар бошишгоҳи Кроманонс, дар Фаронса пайдо карда, вайро одами нав – «Кроманонс» ё «Ҳомо Сапиенс» ном ниҳоданд.

Бошишгоҳҳои одамони «Ҳомо Сапиенс» дар Қаракамари Афғонистон ва Шугнови Тоҷикистон низ кашф шудаанд. Ин давра аз ҳазораҳои 50-ум сар шуда, то ҳазораҳои 10–7 давом мекунад. Одами нав аз гузаштагони худ бо ақлу фаросат ва чобукии дасту пой фарқ дошт. Ӯ афзорҳои нав месохт ва онҳоро сайқал медод, дар оташдонҳо оташ меафрӯхт.



**САВОЛҲО ВА СУПОРИШ**

***1. Чанд гурӯҳи нажодҳоро медонед ва макони зисти онҳоро муайян карда метавонед?***
***2. Асри санг чанд давра дорад? Номбар кунед ва шарҳ диҳед.***
***3. Қадимтарин бошишгоҳ дар Тоҷикистон, дар куҷо пайдо шудааст?***

## §2. АСРИ САНГИ МИЁНА – МЕЗОЛИТ

Мезолит (аз забони юнонӣ мезос – миёна ва литос – санг, яъне маънояш асри миёнаи санг) аз ҳазораи 10-ум то ҳазораи 6 давом мекунад, ки дар ҳаёти одамон нақши бузург бозидааст. Дар ин давра одамон усули олотсозиро такмил дода, дар истеҳсолот муваффақиятҳо ба даст овардаанд. То ин замон одамон ба-

рои худ хӯрок захира намекарданд, дар замони мезолит онҳо ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғул мешаванд.

Дар ин давра инсонҳои қадим камонғӯлак ва тири пайконро ихтироъ мекунанд ва баъзе сайдҳоро, ки аз тири камонғӯлак захмӣ шудаанд, аз ҷумла буз ва гӯсфанди ваҳширо намекуштанд, балки онҳоро ба хона оварда, табобат мекарданд. Ин амал сабаби ром намудани бузу гӯсфанд ва пайдо шудани чорвои хонагӣ гардид. Аввалин ҳайвони хонагӣ саг буд. Саг дар шикор ба соҳибаш ёрӣ мерасонд. Саг чорпоёни майдаро медошт ва соҳибонаш онҳоро шикор мекарданд.

Дар давраи мезолит бештар аз чахмоқсанг афзор месохтанд,




**Расми 3.** ***Афзорҳои асри санги замонҳои: I. Мусте. 1) найза, 2) чангаки моҳигирӣ, 3) пӯсткан. II. Мезолит. 1) зананда, 2) камонғӯлак, 3) кананда, 4) дос, 5) бофанда. III. Неолит. 1) меитӣ, 2) теша, 3) дос, 4) сипор.***




**Расми 4.** ***Каполҳо[1]: 1.Маймуни шимпанзе, 2.Одами кунунӣ. 3.Неандертал.***

ки онҳо зебою нафис буданд. Бошишгоҳҳои мезолит хеле бисёранд. Дар ин давра гармиҳои шадид ва ба биёбону саҳроҳо табдил ёфтани ҷангалзорҳо мушоҳида мешавад. Дар Осиёи Марказӣ давраи гармо хеле тӯлонӣ будааст. Бошишгоҳҳои мезолитӣ дар Чилучорчашмаи ноҳияи Шаҳритӯс, Тутқавулу Сайёди Норак, Мазори Шарифи Панҷакент, Ошхона (дар Помир) таҳқиқ шуданд. Як идда зистгоҳҳо дар соҳилҳои баҳри Хазар (Каспий) бо номи Дамдамчашма, Обишир дар Фарғона ва даҳҳо ёдгориҳои дигар таҳқиқ шудаанд.

Дар олоти ин давра афзорҳои сегӯшаи аз чахмоқсанг сохташуда бисёранд, аммо дар байни онҳо олоти зебои буранда, аз қабили кордҳо хеле машҳуранд.

Дар замони мезолит шикорчиён аз ҳисоби сайдҳо ва захираҳои ҷамъовардаи мева ва донаҳои дарахтони худрӯй мезистанд. Донаҳои зироатҳои кишоварзӣ ёфт нашудаанд, ба тахмин дар охири мезолит ҷав ва гандум кишт карда мешудаанд.

**Нақши меҳнат дар ташаккули инсон.** Давраи аз шакли маймун (австралопитек) ба инсон гузаштан як ҷаҳиши бузурге буд, ки он чандин миллион солро фаро гирифтааст. Инсон аз ҳайвон пеш аз ҳама ба он фарқ дорад, ки вай на танҳо истеъмол, балки истеҳсол ҳам мекунад.

Дигар фарқи одами маймуншакл аз маймуни одӣ он буд, ки ӯ бо ду пои рост истода роҳ мерафт ва дастҳои озоди худро барои иҷрои кори фоидабахш истифода мекард.

Одами маймуншакл тадриҷан шакл иваз карда, ба сурати кунунӣ табдил меёбад. Махлуқи нав аз маймунҳо бо майнаи бузургу тараққикарда, қомати рост, роҳгардӣ ва рушди хуби панҷаи

1. **Капол** – *ҷумҷума, косахонаи пурраи сар.*

даст фарқ дошт. Одам дар ҳамин шакли ҳозирааш якбора пайдо нашудааст, балки дар тӯли 2,5 миллион сол тадриҷан дар натиҷаи кори бардавому вазнин аз насл ба насл тағйир ёфтааст. Инсон барои сохтани афзорҳои хубтару гиротари кор вақти зиёде сарф кардааст. Миллионҳо сол паси ҳам шудаанд, то ки инсон пора намудани сангро ёд гирифт ва аз тезии он истифода кард. Дар давоми асрҳо инсони қадим аз санги тези табиӣ барои буридан, аз калтак барои зарба задан ва аз нӯги чӯби тез барои кофтан истифода бурдааст.

Азбаски одами ибтидоӣ соҳибақл буд, вай ба сохтани афзорҳои хубтари сангӣ, чӯбӣ ва устухонӣ шурӯъ менамояд. Ӯ дар тӯли миллионҳо сол сифати баланд надоштани афзори сангиро пай бурда, кӯшидааст, ки аз чахмоқсанг корд, дарафш ва дигар афзорҳои бурротаре бисозад.




**Расми 5.** ***Афзорҳои замони палеолит, ки 200 ҳазор сол пеш истифода мешуданд: 1. Зананда, 2.Калтаки чӯбин, 3.Чӯби кобанда.***




**Расми 6.** ***1.Зананда, 2. Пӯсткан, 3. Найзасанг, 4. Дарафш.***

Дар даврахои кадим хаво хамеша гарм буд, дарахтон, буттахо мунтазам мева доштанд, одамон кам буданд ва онхо ба осонӣ шикамӣ худро сер мекарданд. Азбаски табиат гарм буд, одамони кадим дар хавои кушод бе либос мехобиданд. Аз хамин сабаб дар давоми миллион сол, ки асри аввали санг – палеолитро дар бар мегирад, одам барои бехтар намудани тарзи зиндагӣ ва олоти истехсолӣ кам кӯшиш намудааст.

Вакте ки табиат тағйир ёфт, хаво хунуктар шуд, рохи ёфтани хӯрок душвор гардид, инсон барои начоти худ хонасозӣ, либосдӯзӣ ва захира намудани хӯрокро ёд гирифт. Инсон охиста-охиста силохи шикорӣ сохт. Ба сари чӯбдаста санги бурандаеро баста ё порай пайконмонанди чахмоксангро ба чӯби дарозе пайваста, дар чангу шикор ба кор мебурд.

### САВОЛХО ВА СУПОРИШ



*1. Афзорхоеро, ки одами давраи асри санги миёна сохтааст, аз палеолит чӣ бартарӣ доштанд.*
*2. Накши мехнат дар ташаккул ва такомули инсонро шарх дода метавонед?*
*3. Табиати он давра барои зиндагии содаву одии инсонхо чӣ мусоидат дошт?*

## §3. КАШФИ ОТАШ ВА НАКШИ ОН ДАР ХАЁТИ ИНСОНХО

**Ба даст овардани оташ.** Одамони кадим кай оташро пайдо кардаанд, дакикан маълум нест. Ба хар хол гуфта метавонем, ки оташро инсон ихтироъ накардааст. Инсон аз оташ дар натичаи ходисахои табиат – вулконхои оташфишон ва раъду барк, ки ба сабаби онхо чангалзорхо оташ мегирифтанд, огох шудааст.

Одамони кадим аз оташ метарсиданд ва аз алангаи он ба чангалзорхо ва кӯххову ғорхо мегурехтанд, аммо аз сӯхтор на танхо одамони кадим, балки хайвонхои вахшӣ хам метарсиданд ва дуртар мерафтанд. Инсони кадим тадричан ба мохияти оташ сарфахм рафта, барои аз худ кардани он кӯшидааст ва дар хунукӣ ба гармии оташ наздик шуда, худро аз сармо начот додааст. Одамон фахмидаанд, ки дарандагон аз оташ метарсанд, онро барои мухофизат истифода карданд. Онхо оташро барои пухтан

ва торикиро равшану хунукиро гарм кардан шабу рӯз ва моҳу сол фурӯзон нигоҳ медоштанд. Дар гулхан пухта шудани гӯшти ҳайвонҳои дар сӯхтор монда ба инсони қадим сабақ шуд, ки хомро дар оташ пухта, пас истеъмол намояд, зеро гӯшти пухташуда аз гӯшти хом болаззаттар буд. Одамон шабу рӯз дар гирди оташ меистоданд, то ки он хомӯш нашавад. Оҳиста-оҳиста оташ дар назари одамони қадим муъҷиза намуд ва онро чун чизи муқаддас мепарастиданд.

Бостоншиносон дар бошишгоҳҳои одамони қадим ҷойҳое пайдо намуданд, ки садҳо сол оташ фурӯзон будааст. Агар одамон аз як ҷо ба ҷойи дигар мекӯчиданд, оташро ҳамроҳашон мебурданд. Хомӯш шудани оташ барои онҳо бадбахтӣ ба шумор мерафт. Одамон баъдҳо фаҳмиданд, ки аз соиши ду чӯби хушк низ оташ падид меояд ва ё дар натиҷаи ду оҳансанг ё чахмоқсангро ба ҳамдигар задан низ зарраҳои оташ пайдо мешаванд. Ҳамин тавр, онҳо худашон даргирондани оташро ёд гирифтанд.

Дар адабиёти паҳлавӣ ва «Шоҳнома» ихтирои оташро ба шоҳ Ҳушанг нисбат медиҳанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст, ки шоҳ Ҳушанг сангеро ба сӯйи мор мепартояд ва он ба санги дигар бархӯрда оташ пайдо мешавад:

*Баромад ба санги гарон санги хурд,*
*Ҳам ону ҳам ин санг бишкаст хурд.*
*Фурӯге[1] падид омад аз ҳар ду санг,*
*Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг[2].*
*Ҳар он кас, ки бар санг оҳан задӣ,*
*Аз ӯ равшаноӣ падид омадӣ.*
*Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,*
*Ниёиш ҳамекарду хонд офарин.*

Шоҳ ва ёронаш аз пайдо шудани оташ шодӣ карданд ва ин рӯзро ҷашн гирифтанд, ки он бо номи Сада машҳур аст. Ҷашни Сада то асрҳои XI–XII дар байни тоҷикон маъмул буд, вале тадриҷан аз байн рафт. Ҷашни Сада дар аввали зимистон баргузор мегардид, яъне ҷашни оғози зимистон аст. Мардум аз ҳезуми бисёр гулхан меафрӯхтанд ва зимистонро, ки аз қувваҳои бадӣ ба ҳисоб мерафт, мазаммат мекарданд. Оташро аз борон нигоҳ доштан сабаби хонасозӣ гардидааст.

1. **Фурӯғ** – *рӯшноӣ.*
2. **Озаранг** – *оташранг.*





**Расми 7.** ***1.Шикори одамони қадим. 2.Мамонт (фил) дар замони қадим.***

**Тӯдаи инсонҳо.** Одамони қадим дар замоне мезистанд, ки иқлими дунё гарму нарму ҳамешабаҳор буд. Дарахтон, буттаҳо ҳамеша сабз ва ҳосилдор буданд. Одамон аз ҳисоби меваҳои худрӯй зиндагонӣ мекарданд, аммо дар он давраи дуродур ҳайвонҳои ваҳшии бузургҷусса: мамонт, каркадан, динозавр, шер, паланг, гург, аждаҳо, сусмор ва амсоли инҳо бисёр буданд ва ба одамон ҳуҷум оварда, онҳоро мехӯрданд. Одамон низ монанди ҳайвонҳо хонаю дар ва ҷойи паноҳшавӣ надоштанд ва луч дар ҳавои кушод мезистанд. Онҳо аз тарси ҳайвонҳои ваҳшӣ дар танҳоӣ зиста наметавонистанд ва маҷбур буданд, ки тӯда-тӯда зиндагонӣ кунанд.

Агар мо хулқу атвори маймунҳои имрӯзаро мушоҳида кунем, онҳо ҳам аз авлод иборатанд ва шояд ба гурӯҳҳо ҷудо шудани одамон низ авлодӣ буд. Гурӯҳҳо аз 30 – 40 нафар иборат буданд. Гурӯҳ-гурӯҳ гаштан ба муқобили ҳайвонҳо мубориза бурдан ва худро муҳофизат кардану шикор намуданро осонтар кард.

Тӯдаи одамон ҳайвонҳои бузургро ба ҷарӣ, ё кӯҳе, ё ба хандақи махсус кандашудае бурда, бо доду фарёд маҷбур менамуданд, ки ба он ҷо афтанд ва маъюб шаванд. Баъд онҳо рафта мурда ё зиндаи он ҳайвонро гирифта, мехӯрданд. Вақте ки одамон оташро соҳиб шуданд, ҳайвонҳои бузург, аз қабили гов, асп, уштур, гавазн ва ғайраро бо машъалҳо ба ҷарӣ ё сари кӯҳ ё ғоре меронданд ва маҷбур менамуданд, ки аз он ҷо ба поён афтанд ва маъюб шаванд. Ин навъи шикор хеле маъмул буд. Одамони қадим бештар гов, асп, уштур, гавазн, гӯрхар ва ғайраро сайд мекарданд.

Чун тиру камон пайдо шуд, онҳо бузу гӯсфанди ваҳшӣ ва парандагонро низ шикор мекарданд.

Тӯдаҳои одамони дунёи қадим аз ибтидо дар ноҳия ё маҳалле, ки хуб медонистанд, мезистанд ва он ҷойро ватан меҳисобиданд, ҳаёти одамтӯдаҳо ба хешу таборӣ асос ёфта буд ва ин анъана оқибат қабила ва оиларо ба вуҷуд овард.

**САВОЛҲО ВА СУПОРИШҲО**



***1. Одамони қадим чӣ тавр оташро пайдо намуданд?***
***2. Дар бораи аҳамияти оташ барои инсон нақл кунед.***
***3. Бузургдошти оташ дар байни аҷдоди тоҷик – ориёиҳо чӣ тавр буд?***
***4. Ҷашни Сада кай ва чӣ тавр пайдо шуд?***
***5. Порае аз «Шоҳнома»-и Фирдавсиро дар бораи оташ хонед.***

## §4. ЯХБАНДИҲО ВА ОДАМОН

Нахустин одамони маймуншакл дар замини ҳамешабаҳор ва гарму нарм бо меваҳои фаровон ва парандагони бисёр мезистанд, аммо баъдтар дар табиат зимистони тӯлонӣ ҳукмфармо гардид. Аз Қутби Шимол (Арктика) ба Аврупо ва Осиё пиряхҳои азиме паҳн шуданд, ки баландии онҳо дар баъзе ҷойҳо то 2 000 метр мерасид. Домани ях то ба шаҳрҳои Киев, Воронежи Русияи кунунӣ расида, таъсири хунукӣ дар Осиёи Марказӣ хеле баланд гардид ва кӯҳҳо аз барфу ях пур шуданд, ки ин боиси селобҳои азим мегардид. Дар таърих 4 яхбандии бузург маълум аст, ки аз 600 то 400 ҳазор сол пеш, 300 ҳазор сол пеш, 200 ҳазор сол ва аз 100 ҳазор то 12 ҳазор сол пеш аз милод ба вуқӯъ пайвастаанд. Дар байни яхбандиҳо давраҳои гармо ҳам вуҷуд доштаанд. Дар давраҳои яхбандӣ бисёр одамон ва ҳайвонҳо, аз ҷумла ҳайвоноти бузургҷуссаи камҳаракат, аз қабили мамонтҳо, филҳо, динозаврҳо нобуд шудаанд. Ба ҷойи онҳо ҳайвонҳои ба хунукӣ тобовар ва серпашм ба вуҷуд омадаанд.

Сармои тӯлонӣ шакли бисёр ҳайвону растаниҳоро дигар кардааст. Азбаски дар ибтидо яхбандӣ аз шимол оҳиста паҳн мегардид, ҳайвонҳо низ ҳамроҳи одамон ба ҷануб мекӯчиданд.

Давраҳои яхбандӣ одамонро маҷбур намуд, ки дар бораи либос фикр намоянд ва аз борону барф паноҳ ҷӯянд. Онҳо

пӯсти ҳайвонҳоро пора намуда, бо риштаҳои чармӣ медӯхтанд ва мепӯшиданд. Одамон барои аз барфу борон ва хунукӣ эмин мондан калп, камари кӯҳ ва ғорҳоро истиқоматгоҳ интихоб мекарданд. Дар ҳамин давра оташ як ҷузъи муҳими ҳаёти инсон мегардад. Сардиҳои доимӣ инсонро маҷбур мекард, ки бештар кор кунад, барои зимистон хӯроку пӯшоку сӯзишворӣ захира намояд. Ин амал қиёфаи одамро тағйир дод ва ӯ ба одами ҳозира табдил ёфт.

Ривояти яхбандӣ дар «Авесто». Дар «Авесто»–китоби мазҳабии ориёиҳо ривояте дар бораи фаъолияти подшоҳии Ҷамшед боқӣ мондааст, ки як нидое аз замони яхбандӣ мебошад.

Ҷамшед гӯё дар замонҳои хеле қадим подшоҳӣ кардааст ва яке аз саравлоди ориёиҳо – тоҷикон ба шумор меравад. Дар замони подшоҳии ӯ табиат хеле гарму нарм буда, мардумон гӯё умри ҷовидона доштаанд.

Як рӯз Худованди бузург Аҳурамаздо анҷумани фариштагонро даъват мекунад ва ба Ҷам рӯ оварда мегӯяд, ки: «Эй Ҷами зебо, писари Вивонгаҳон. Дар ҷаҳон зимистони сахт меояд, барфи бисёр меборад ва хунукии қаҳратун ҳукмфармо мешавад. Аз кӯҳҳо тармаҳо мефароянд ва сеяки ҷонварон (ҳайвонҳо) ҳалок мешаванд. Пас гармӣ фаро мерасад ва барфҳову яххо об мешаванд, замин зери об монда, дар он зиндагӣ кардан имконнопазир мегардад. Барои пешгирии ин ҳодиса Боғи Вара бисоз дар баландӣ ва дар он тамоми тухми рустаниву буттаҳову дарахтонро ҷамъ намо. Ҳамчунин аз ҳар навъи ҳайвоноту парандаҳову ҳашарот ва аз насли одамӣ беҳтаринҳоро интихоб намуда, дар ин боғ ҷойгир соз ва аз нестшавӣ муҳофизат намо». Он гоҳ Ҷамшед ҳамон тавре ки Худованд фармуд, амал кард.

Аз ин ривоят ба хубӣ маълум мегардад, ки сухан дар бораи барфу борони тӯлонию яхбандиҳо ва нобуд шудани одамону ҳайвонот меравад. Ин ривоят дар таърих бо номи «Тӯфони Нӯҳ» низ машҳур аст. Тибқи маълумоти «Авесто», ориёиҳо дар замони яхбандӣ дар сарзамине мезистанд, ки гирифтори барфу борон ва хунукиҳои шадид шудааст ва Ҷам барои наҷоти онхо хона сохта, хӯрок захира кардааст. Аз бозёфтҳои бостонӣ ва адабиёти асотирӣ дар бораи ориёиҳо бармеояд, ки як гурӯҳи онҳо дар шимол, дар ҳавзаи рӯди Ра – Волга, Об, Енисей зиндагӣ мекарданд ва дар замони яхбандиҳо ба ҷануб, ба тарафи Осиёи Марказӣ омаданд ва гурӯҳи авестоии ориёиҳо дар вақти яхбандиҳо дар сарзамини Оси-

ёи Марказӣ, аз ҷумла кӯҳдоманҳои ин ҷо зиндагонӣ доштанд.

Аввалин либосҳо ва манзилгоҳҳо. Дар замони яхбандӣ ба асари сармоҳои тӯлонӣ одамон барои наҷоти худ паноҳгоҳ меҷустанд. Аввал онҳо калп, камари кӯҳҳо ва баъд ғорҳоро макон интихоб карданд, аммо аз таъсири сармоҳои шадид ҳайвонҳо низ дар ғору калпҳо ҷо гирифта буданд, бинобар ин, барои калпу ғорҳо байни инсонҳо ва ҳайвонҳои ваҳшӣ мубориза беамон мерафт ва аз ду тараф қурбониҳои зиёде ба амал меомаданд. Азбаски одамони маймуншакл соҳибақл буданд, бар ҳайвонҳо ғолиб омада, ғорҳоро хонаи бисёрасраи худ қарор медоданд. Масалан, дар ғори Обираҳмат одамон чандин ҳазор сол зистаанд ва осори ҳаёташон боқӣ мондааст, ки бостоншиносон дар ин замина таърихи зиндагонии онҳоро равшан намудаанд. Ё ғори Каппа дар Урали Ҷанубӣ, ки дарозии он 1500 м мебошад, макони бисёрасраи одамони асри санг будааст. Гузаштагони тоҷикон – ориёиҳо дар ин ҷо зистаанд ва калимаи «каппа» тоҷикист. Одамони қадим дар деворҳои ин ғор расми филон, каркаданҳо ва аспҳоро кашидаанд, ки ба замони палеолит нисбат доранд. Дар мубориза барои ғорҳо оташ ба одамон ёрии калон мерасонд. Ҳайвонҳо аз машъал метарсиданд ва макони худро ба инсонҳо медоданд. Одамон оҳиста-оҳиста дари калп ё ғорҳоро бо чӯб ва хасу хор пӯшонда, хонаи худро аз шамолу барфу борон эмин медоштанд. Оташ одамонро на танҳо аз ҳайвонҳои ваҳшӣ, балки аз сардиҳо низ ҳимоя менамуд, аммо онҳо ҳамеша дар ғор дар гирди оташ буда наметавонистанд, барои пайдо кардани хӯрок аз ғорхона берун мерафтанд. Дар сардиҳо берун баромадан ва зери барфу барон будан инсонро маҷбур намуд, ки барои худ аз пӯсти ҳайвонҳои шикоршуда либос созад. Дар ин бора Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» менависад:

*Каюмарс шуд бар ҷаҳон каҳудой*
*Нахустин ба кӯҳ андарун сохт ҷой.*
*Сару тоҷу тахташ баромад зи кӯҳ,*
*Палангина пӯшида худ бо гурӯҳ.*

Ин оварда далели он аст, ки гузаштгони мо аввал дар кӯҳ, дар ғорҳо макон гирифта, аз пӯст либос кардаанд ва баъд хона сохтаанд.

Дар аввал одамон либос дӯхтанро намедонистанд ва пӯстҳоро дар гирди бадани худ мебастанд, аммо он на ҳамеша тамоми баданро аз сардӣ муҳофизат мекард. Тадриҷан одамон қисмҳои

зиёдатии пӯстро бурида, ба ҷойҳои лозим пайваст карданро омӯхтанд. Риштаро аз пӯст тайёр мекарданд, яъне онро маҳин бурида, бо дарафшсангҳо сӯрох намуда, либос медӯхтанд. Ин амал то ҳанӯз дар халқҳои қафомондаи Африқо ва Австралия ба назар мерасад. Мардумшиносон дар ин мавзӯъ маълумоти бисёре гирд овардаанд. Масалан, дар кӯҳҳои Алп дар тарма ҷасади шикорчии давраи неолитро ёфтаанд, либосу пойафзори ӯ бо риштаи чармӣ дӯхта шудааст. Ҳанӯз ҳам мардуми Бадахшон чамус (чорук)-ро бо риштаи чармӣ медӯзанд. Ҳамин тавр, одамон либос дӯхтанро дар замонҳои хеле қадим ёд гирифта буданд.

Дар кӯҳистон одамон дар калп ва ғорҳои табиӣ мезистанд. Пас дар ҳамвориҳо одамон чӣ тавр худро аз сармо муҳофизат менамуданд? Онҳо дар ҷойҳои ҳамвор ва бедарахт аз устухонҳои мамонт, ашкдандонҳои фил ва ғайра каппа сохта, болои онро бо пӯсти ҳайвонот мепӯшонданд. Дар ҷойҳои сердарахт каппаро аз чӯб ва шохаҳои дарахтон сохта, ба болои он пӯст ва дигар алафҳои нарм мепартофтаанд. Дар шабҳои торик дар чуқурии сангҳо равғани ҳайвоноти шикоршударо рехта, онро ҳамчун чароғ истифода мебурданд.



**САВОЛҲО ВА СУПОРИШҲО**

1. ***Давраҳои яхбандиро номбар кунед.***
2. ***Дар яхбандиҳо кадом ҳайвонҳои бузургҷусса аз байн рафтанд?***
3. ***Яхбандию сардиҳо инсонро ба чӣ корҳо водор сохтанд?***
4. ***Ривояти яхбандӣ дар китоби «Авесто»-ро нақл кунед.***

## §5. ЗИНАҲОИ ИБТИДОИИ ТАКОМУЛИ ИНСОНИЯТ

Пайдо шудани авлод ва қабила. Зарурати муҳофизати худ ва ҳамчунин шикори ҳайвонҳои бузургҷусса одамонро ба он водор кард, ки гурӯҳ-гурӯҳ амал намоянд. Аз ҳамин ҷиҳат одамон аз ибтидо гурӯҳ-гурӯҳ мезистанд, аммо бо мурури замон онҳо ба муҳити он давра мутобиқ шуда, роҳу усулҳои шикор ва муҳофизатро аз худ карда, ба гурӯҳҳои хурди авлодӣ тақсим шуданд. Дар авлод модарон ва хешу табори онҳо мавқеи асосӣ доштанд. Мардон ба шикори ҳайвоноту моҳигирӣ ва занҳо ба нигоҳубини хона машғул буданд.

Дар бошишгоҳҳои қадим бостоншиносон ҳайкалҳои аз гили хому пухта ва устухонҳои фил сохтаи занҳоро ёфтанд, ки онҳо аз мавҷудияти модаршоҳӣ гувоҳӣ медиҳанд. Азбаски занҳо як шавҳар надоштанд, кӯдакон фақат модарро медонистанд. Модаркалонҳо авлоди худро сарварӣ менамуданд.

Дар авлод ҳамаи аҳли он якҷоя меҳнат мекарданд, якҷоя мехӯрданд ва мезистанд. Сохтани олоту силоҳ, тақсимоти меҳнат ва ба даст овардани хӯрокро сардорони авлод ба уҳда доштанд. Саравлодҳо ба ҷавонҳо шикор, олоту силоҳсозӣ ва усули корро меомӯзонданд. Саравлод шахси муътабар ба шумор мерафт ва ӯро ҳама ҳурмат мекарданд. Дар замони авлодӣ забони умумӣ ба вуҷуд меояд ва вақте ки ба қабилаҳо тақсим мешаванд, умумияти забонро яке аз воситаҳои хешутаборӣ меҳисобиданд. Дар ҳамин давра умумияти урфу одат, дину оин ва сарулибос сурат мегирад ва дертар ин умумият омили шакл гирифтани халқият мешавад. Дар натиҷаи тараққиёти авлод ва ба қисмҳо тақсим шудани он қабила ба вуҷуд меояд. Қабила аз якчанд авлоди ҳамхун ташкил меёбад. Онҳо ба як забон сухан мегуфтанд. Урфу одат, сарулибоси қабила якхела буд. Қабила дар кандани каналҳо, сохтани роҳҳо, пулҳои ҷойи зисти худ якҷоя кор мекарданд. Қабила обу замин ва муҳофизати зодгоҳро ба уҳда дошт. Дар қабила шӯрои калонсолон амал менамуд, ки тамоми корҳоро муҳокима ва ҳаллу фасл мекард. Дар қабила қонуни махсус амал мекард. Касоне, ки оинҳои авлод ва қабиларо риоя намекарданд, ҷазои сахт мегирифтанд ё аз қабила ронда мешуданд. Одатан одамони аз авлод ва қабила рондашуда дар ҳеҷ ҷой паноҳ намедиданд ва ниҳоят ба ҳалокат мерасиданд.

**Пайдоиши дин.** Дар бораи кай пайдо шудани дин ё ақидаҳои динӣ маълумоти кофӣ вуҷуд надорад. Дар ибтидо одамон диндор набуданд, зеро дар бошишгоҳҳои одамони асри санг нишонаҳои диндорӣ пайдо нашудаанд. Бо вуҷуди ин, тасаввуроти динӣ дар замонҳои хеле қадим пайдо шудаанд. Одамони қадим сабаби яхбандиҳо, селобҳои фалокатовар, пайдо шудани Офтоб дар рӯз, Моҳтоб дар шаб, раъду барқ, сӯхтори ҷангалҳо, нобуд шудани ҳайвонот ва марги одамонро намедонистанд.

Ба назари одами ибтидоӣ чунин менамуд, ки табиат пур аз қувваҳои ноаён аст. Маҳз ҳамин қувваҳо ба яке некӣ ва ба дигаре бадӣ меоранд. Ба гумони онҳо ин ҳодисаҳо бо роҳбарии касе ба вуқӯъ мепайвастанд. Бинобар ин, ба хотири ин қувваи ноа-

ён курбониҳо мекарданд, таваллоҷ зориҳо менамуданд, то ки онҳоро аз балоҷ офатҳо эмин дорад.

Дар мавриди писарбачаи неандерталии Тешиктош навишта будем, ки ӯ дар назди калп гӯронида шуда буд. То ин вақт чунин қабрҳо пайдо нашуда буданд. Бошандагони Тешиктош барои писарбача махсус дар назди оташдон гӯр канда, онро бо шохҳои нахчир оро додаанд. Ба тахмин одамони неандерталии дар ғори Тешиктош буда, ба оҳу эътиқоди хоссае доштаанд. Пас одами неандерталӣ соҳиби ақоиди динӣ будааст. Дар оини зардуштӣ оҳуи кӯҳӣ рамзи бузургӣ ва муқаддас ҳисобида мешуд. Имрӯз ҳам тоҷикон дар сари гӯр оташ меафрӯзанд ва дар сари қабр шохи нахчирро мегузоранд. Ориёиҳо – гузаштагони тоҷикон офтобпараст будаанд. Аз бузургдошти Офтоб бузургдошти оташ ба вуҷуд омадааст.

Боқимондаи расму оини одами замони неандерталӣ дар тоҷикони кунунӣ ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки риштаи авлодии тоҷикон ба одамони замони неандерталӣ мерасад ва тоҷикон аз замонҳои асри санг дар Осиёи Миёна иқомат дошта, сохти ҷомеаи ибтидоиро дар ин ҷо аз сар гузаронидаанд.



**Расми 8.** ***Расмҳои сеҳрангези шикорчиёни қадими Осиё.***

**Пайдо шудани ҳунари тасвирӣ**. Санъати тасвирӣ дар асри санг ба вуҷуд омадааст. Мавзӯи асосии он аз шикори ҳайвонҳои гуногун, аз қабили мамонт, фил, каркадан, бизон, хирс, гавазн ва ғайра иборат будааст. Рассомон дар девори ғор ва калпҳо расми ҳайвонҳои шикоркардаашонро кашида, дар атрофи он ҳар гуна маросимҳои афсунгариро сабт менамуданд, то ки шикори онҳо барор гирад. Қадимтарин расмҳо дар девори ғорҳои Мадлени Фаронса пайдо шудаанд, ки ба палеолити замони мусте (100 ҳазор сол пеш) нисбат доранд.

Рассомони асри санг расмҳои воқеӣ мекашиданд. Онҳо ҷаҳидани шер, тарсу ҳароси гавазн, давидани асп ва ғазаби бизони захмиро воқеию табиӣ акс намудаанд. Бостоншиносон дар кӯҳҳо ва ғорҳо саҳнаи шикорчиёни қадимро пайдо кардаанд. Онҳо пеш аз он ки ба шикори ҳайвони дилхоҳашон раванд, як нафари худро ба сурати он ҳайвон даровардa, дигарон ҳангоми шикор чӣ тавр ба даст овардани онро нақшбозӣ менамудаанд. Чунин саҳнаҳо дар ғори Тешиктош, Каппаи Урали Ҷанубӣ, ғори Шахта дар Помири Шарқӣ ва дигар ёдгориҳо кашф шудаанд, ки ба замони охири мусте ва мезолит (15–10 ҳазор сол пеш) тааллуқ доранд.

Масалан, дар ғори Шахта, ки дар баландии зиёда аз 4 ҳазор метр ҷойгир аст, рассом бо ранги сурх дар девор, дар баландии 160 см саҳнаи рақсеро тасвир кардааст. Дар ин ҷо одам дар ниқоби паранда мерақсад. Умуман, дар ғор расмҳои хирс, гуроз, қутос ва нахчир (оҳу) кашида шудаанд. Аҷибаш он аст, ки қутос дар ҳолати тирборон акс шудааст. Рақсҳои аввалини одамони ҷамъияти ибтидоӣ рақсҳои тақлидӣ буда, онҳо ҳаракатҳои сайди шикоршавандаро таҷассум менамуданд. Рассомони қадим ҳаракатҳои ҳайвонотро хеле моҳирона тасвир кардаанд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



*1. Сохти авлодӣ чӣ тавр пайдо шуд?*
*2. Дар бораи давраи модаршоҳӣ чӣ медонед?*
*3. Қабила аз чанд авлод ба вуҷуд меомад?*
*4. Дар бораи дин ва сабабҳои пайдоиши он чиҳо медонед?*

# АСРИ САНГИ ОХИР – НЕОЛИТ

## §6. АВВАЛИН ЗИРОАТКОРОН ВА ЧОРВОДОРОН ДАР ҲУДУДИ ОРИЁНО

Ахбори умумӣ. Давраи охирини асри санг неолит (аз калимаи юнонӣ «неос» – нав ва «литос» – санг) ном дорад ва аз ҳазораи 8-ум шурӯъ шуда, дар баъзе ноҳияҳо то ҳазораи 4 пеш аз милод давом кардааст. Тахминан аз ҳазораи 13-уми пеш аз милод яхбандиҳо тамом шуда, дар кураи Замин гармшавӣ оғоз меёбад. Замин пайваста аз барфу ях озод мегардад ва одамону ҳайвонҳо ба сӯйи шимол барои аз худ намудани пораҳои замин мерафтанд.

Дар натиҷаи яхбандии тӯлонӣ ва хунукиҳои шадид ҳайвонҳои бузургҷуссаи кампашм, ба монанди каркадан, фил, мамонт нобуд шуданд. Ба ҷойи онҳо ҳайвонҳои ба хунукӣ тобовар ва серпашм, аз қабили хирс, гавазн аз дунболи яхи обшудаистода ба сӯйи шимол ҳаракат менамуданд.

Яке аз хусусиятҳои неолит – асри санги нав он буд, ки одамон дар ин давра соҳиби дигаргунии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардиданд. Ихтирои тиру камон дар асри мезолит ба инсон имконият дод, ки чорвоёни захмиро табобат намуда, ром кунад. Аввалин ҳайвони ваҳшие, ки худ ром шуд, саг буд. Сагони ваҳшӣ дар атрофи



**Расми 9.** *Афзор ва силоҳҳо*
*1–заnанда, 2–найза, 3–шасти моҳигирӣ, 4–гурз, 5–дос, арра.*

лангарҳои (ҷойи зист) одамон истода, устухон ва боқимондаҳои хӯроки партофташударо хӯрда, бо одамон унс гирифта, дар шикор ба онҳо ҳамроҳӣ мекарданд. Саг шикори одамонро осон кард, вай бузғолаву барраҳои ваҳширо дунболагир карда мегирифт ва ба соҳибони худ медод, ҳайвонҳои захмиро низ дошта, ба соҳибони худ меовард. Бузу гӯсфандҳои захмӣ, гову гӯсола аз ҷониби одамон табобат ва ром карда мешуданд. Ҳамин тавр, дар давраи неолит ба одамон ром намудани буз, гӯсфанд, хук, хар, асп, гов ва мурғ муяссар шуд. Одамон баъди пайдо шудани чорвои хонагӣ камтар гуруснагӣ мекашиданд. Чорвои хонагӣ ба онҳо гӯшт, равған, шир, пашм медод. Инсони нав пайваста олоти меҳнат ва аслиҳаи шикорро такмил медод. Ӯ аз чахмоқсанг найза, тири пайкон, табар, дос месохт ва сифати онҳоро беҳтар менамуд. Санги чахмоқро тарошида, дамашро тез менамуд ва дар чӯб баста онро ҳамчун афзори бурандаву зананда истифода мекард.

Пайдо шудани чорвои хонагӣ одамони қадимро ба сохтани хонаю дар, оғил ва захира намудани хӯроки чорво маҷбур намуд, зеро дар фасли зимистон бо барра, бузғола, гӯсола ва дигар чорвои хурд ба масофаи дур рафтан мумкин набуд. Ҳамин тавр, бошишгоҳҳои доимии одамон пайдо шудан гирифтанд.

Дар атрофи ин бошишгоҳҳо зану фарзандон ба корҳои хона ва чиндани меваю донаи зироатҳои худрӯй машғул буданд. Дар назди бошишгоҳҳо аз донаҳои худрӯй сабзидани дарахтони мева ва зироатҳои донадор нишон дод, ки ҳосил дар замини нарм, порудор ва обӣ хеле меафзояд. Ин сабаби пайдо шудани зироаткорӣ ва боғдорӣ дар назди бошишгоҳҳо гардид. Ҳамин тавр, дар ҳазораҳои 7-6-уми пеш аз милод зироаткорӣ пайдо мешавад. Макони пайдоиши аввалин зироатҳои худрӯй: гандум, ҷав, наск, лӯбиё Осиёи Марказӣ будааст. Умуман, зироаткорӣ дар қитъаҳои Аврупо ва Осиё аввалин бор дар Осиёи Наздик дар ҳазораи 10 пайдо мешавад ва аз он ҷо ба дигар ноҳияҳо паҳн мегардад.

Дар сарзамини Осиёи Марказӣ қадимтарин бошишгоҳи зироаткорон дар ҷануби Туркманистон бо номи Ҷайтун кашф шудааст, ки ба ҳазораи 6-уми пеш аз милод тааллуқ дорад.

**Кишоварзӣ дар Ориёнои Ғарбӣ.** Дар ҳудуди Эрони кунунӣ ҷойҳои барои зиндагонии мардуми қадим – аввалин кишоварзон мусоид хеле бисёр мебошанд. Махсусан, дар доманакӯҳҳои Загроси қисматҳои Ироқ ва Эрон бештари ёдгориҳои қадимтарини кишоварзон ва чорводорон ҷой гирифтаанд. Дар ин ҷо зироаткорӣ ва чорводорӣ дар ноҳияҳои Фаластин ва Су-

рия тараққӣ менамояд. Гандуму ҷави худрӯй дар доманакӯҳҳои Курдистон, Луристон ҳанӯз дар ҳазораҳои 10–9 паҳн шуда, одамон аз онҳо истифода кардаанд. Дар хӯроки мардумони ин давра шавлаи гандуму ҷав ва гӯшти бузу гӯсфанд вуҷуд доштааст. Мардумон дар хонаҳои нимзеризаминӣ мезистанд. Чунин бошишгоҳҳо дар Кирмону Луристон дар ҳазораҳои 8–7 пеш аз милод пайдо шудаанд, ки дар онҳо одамони зироаткору чорводор зиндагонӣ мекардаанд. Дар ҳазораҳои 7–6 бошишгоҳҳои зироаткорон дар Систону Хуросон пайдо низ мешаванд.

Миқдори деҳаҳо дар ҳазораи 6–5 хеле меафзояд. Масалан, дар вилояти Порс миқдори онҳо аз 6 то 139 мерасад. Миқдори чорвои калони шохдор низ зиёд мешавад. Ҳунармандӣ, кулолгарӣ ва бофандагӣ равнақ меёбад. Дар ин давра кӯраҳои кулолӣ пайдо мешаванд, ки дар онҳо бо ҳарорати хеле баланд зарфҳоро мепухтанд.

Ёдгориҳои бостонии Ориёнои Ғарбӣ се давраи бузурги таърихиро дар бар мегиранд. Давраи якум ин замони аввалин зироаткорон ва чорводорон мебошад. Он маданияти хоси худро дорад ва ба гурӯҳҳои майдаи қабилавӣ ҷудо шуда, ба атроф паҳн мешавад. Дар ташаккули маданияти зироаткорони Ориёнои Ғарбӣ нақши бошандагони Загрос, Кирмону Луристон чашмрас мебошад.

Зироаткорони ҳазораи 6 дар ҷанубу ғарбии Эрон, дар водии Деҳи Лурон кашф шудаанд. Дар давраи дуюми тараққиёт хонаҳои деҳа аз пахса сохта шуда, деворҳои дохилӣ бо ранги сурх оро ёфтаанд. Мурдагон якпаҳлу бо зонуҳои қатшуда хобонида шуда, дар болояшон ранги сурх пошидаанд. Қабристон дар дохили деҳа ҷой доштааст.

Давраи сеюми тараққиёти зироаткорон ва чорводорон миёнаи ҳазораи шашумро дар бар мегирад ва он дар ёдгории Сабзи водии Хузистон омӯхта шудааст. Дар ин давра зироаткорон ва чорводорон бисёр заминҳои ин диёрро азхуд карда буданд. Дар ин ҷо бошишгоҳҳои бисёре кашф шудаанд, ки зироаткорони он аз обёрӣ истифода кардаанд. Кишоварзон ба кишти гандум, ҷав, наск ва мош машғул будаанд. Дар осори онҳо таъсири маданияти ҳамсояҳои ғарбии водии Байнаннаҳрайн мушоҳида мешавад. Дар нимаи ҳазораи 6 пеш аз милод зироаткорон бисёр ҷойҳои водиҳоро азхуд намуданд, ки ёдгории Сиёлка яке аз онҳо мебошад.

**Маданияти Сиёлка.** Азбаски таърихи эрониёни кунунӣ як ҷузъи таърихи тоҷикон ва таърихи тоҷикон як бахши таърихи

эрониёни имрӯза аст, пас эрониёну тоҷикон як халқ буданд ва ҳастанд.Дар худуди Ориёнои Ғарбӣ ёдгориҳои бисёри кишоварзони аввалин дар Рай, Кирмон, Порс ва дигар ноҳияҳо пайдо шуданд, аммо онҳо дуруст омӯхта нашудаанд ва теппаи Сиёлка дар ноҳияи Кошон ягона ёдгориест, ки дар солҳои 30-юм аз тарафи бостоншиносони Фаронса таҳқиқ шудааст. Дар бошишгоҳи Сиёлка одамон давраҳои тӯлонӣ зиндагӣ намудаанд, ки қабатҳои мадании он 72 метр ғафсӣ ва масоҳати 3 га заминро дар бар мегирад. Одамон дар хонаҳои гилӣ мезистаанд. Маводи бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки бошандагони Сиёлка аз ҷайтуниёни Ориёнои Шарқӣ дар сатҳи баландтари зиндагӣ будаанд. Бозёфти чархи ресандагӣ гувоҳи он аст, ки дар он ҷо бофтани матоъро медонистаанд. Зарфҳо нақши мураккабтар доранд. Дар қабатҳои Сиёлка дарафш ва сӯзанҳои мисӣ, табарҳои сангин, дастпона ва



**Расми 10.** ***Бозёфтҳо аз Сиёлка.***

ҳалқаҳои сангин, ҳайкалчаи устухонӣ пайдо шудаанд, ки далели мавҷуд будани маданияти кишоварзӣ ва чорводорӣ мебошанд. Яке аз хусусиятҳои зарфсозии Сиёлка ва ҷайтуниён ба лой ҳамроҳ намудани коҳмайда мебошад. Зарфҳо дастисохт буда, бо ранг оро ёфтаанд. Гулҳои тӯморча, мавҷӣ ва тӯрӣ бо ранги ҷигарӣ ё сиёҳ дар замини сурх ё шаффоф кашида шудаанд. Зарфҳои сурхи якранг низ вомехӯранд. Фарҳанги сиёлкаиён аз як тараф, ба ҷайтуниён ва аз тарафи дигар, ба бошишгоҳҳои Ироқ шабоҳат дорад. Онҳо мурдаҳоро дар ҳудуди деҳа мегӯронданд, мурдаро дар гӯр як паҳлу ҳалқавор, тавре ки дар батни модар мехобад, гузошта ба болояш ранг мепошиданд.

Дар миёни бозёфтҳо сангҳои ҷуфтронӣ (сипор), дастос, сари гурз, дарафши устухонӣ ва мисӣ мавҷуданд, ки аз сукунати доимӣ ва касби кишоварзии одамони бошишгоҳ гувоҳӣ медиҳанд. Маданияти Сиёлкаи 1–2 ба ҳазораҳои 6–5 пеш аз милод нисбат дорад, яъне ҳамзамони ҷайтуниён мебошад. Мо барои намуна танҳо ёдгории Сиёлкаро овардем, аммо ёдгориҳои амсоли он дар бахши Хуросон, Теппаи Ҳисор ва ғайра низ ҳастанд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**



1. ***Замони неолит аз мезолит бо кадом хусусиятҳо фарқ мекунад?***
2. ***Кишоварзӣ дар Ориёни Ғарбӣ дар кадом давра саршудааст?***
3. ***Қабатҳои мадании ёдгори Сиёлка чанд метр борагӣ дорад?***
4. ***Зарфҳои Сиёлка аз Ҷайтун чӣ фарқ доранд?***

## §7. КИШОВАРЗӢ ДАР ОРИЁНОИ ШАРҚӢ

Дар охири давраи мезолит чорводорӣ пайдо мешавад. Қабилаҳои чорводор дар ҷанубии баҳри Гургон, ғори Камарбанд ва Хотун дар Хуросон, Дамдамчашма дар Туркманистон, Хоҷагор дар Ӯзбекистон, Чилучорчашма дар Тоҷикистон ва Қаракамар дар Афғонистон зиндагонӣ дошта таҳқиқ шудаанд.

Маданияти мезолит ба маданияти неолит иваз мешавад, яъне шикорчиён ба чорводорон ва баътар ба кишоварзон табдил меёбанд. Ба ибораи дигар, маданияти неолит давоми маданияти мезолит мебошад. Дар Хуросон осори чорводорӣ аввал дар соҳилҳои ҷанубии баҳри Каспий ба вуҷуд меояд, аммо аз сабаби камобии соҳилҳои ҷанубӣ тамаддуни зироаткорон дар дома-



**Расми 11.** ***Бозёфтҳо аз деҳаи Ҷайтун.***

наи кӯҳҳои Копетдоғ, яъне поёнобҳои рӯди Таҷан пайдо мешаванд. Иқлими ин ҷо нарм буд. Ин маданият бо номи авввалин ёдгории таҳқиқшуда – Ҷайтун маъруф аст. Дар ин ҷо бостоншиносон як силсила бошишгоҳҳои маданияти Ҷайтунро дар гирду атрофи Ашқобод кашф намуданд, ки осори аввалин зироаткорон дар Ориёнои Шарқӣ мебошад.

Бошандагони маданияти Ҷайтун ду навъи гандумро кишт карда, аз обхезиҳо барои обёрии зироат истифода кардаанд. Афзори асосии кишт чӯбдастаҳои нӯгтез ва нӯгчанг ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо бо чӯбҳо заминро нарм намуда, гандумро зери хок мекарданд. Агарчи ин навъи зироаткорӣ хеле одӣ бошад ҳам,

ҷамоаи авлодии то 250 нафараро мехӯронд.

Нақши чорводорӣ кам набуд, боқимондаи устухонҳои буз, гӯсфанд, гов далели он мебошанд, ки ин ҳайвонҳо аллакай хонагӣ шуда буданд ва дар ҳаёти одамони онрӯза мавқеи бузург доштаанд.



**Расми 12.** ***Маданияти Калтаманори Хоразм.***

Бошандагони Ҷайтун дар хонаҳои похсагӣ мезистанд. Хонаҳо ҳаҷман калон набуданд, онҳо ҳамагӣ аз 24 то 40 мураббаъметрро дар бар мегирифтанд. Дар ҳар хона танӯр барои нонпазӣ, ханба барои нигоҳ доштани хӯрокворӣ ва дар назди хона ҳавлии хурдакак доштанд. Деҳаҳои замони Ҷайтун аз 20 то 40 хона иборат буда, як авлодро ташкил мекарданд.

Афзорҳои рӯзгори ҷайтуниён аз чахмоқсанг сохта шуда, асосан аз корд, табар, дарафш ва дос иборат буданд. Яке аз ихтироъҳои бузурги давраи неолит сохтани зарфҳо буд. Дар зарфҳо пухтани хӯрокҳои обдор умри инсонро дарозтар кард. Одамон дар зарфҳо шир, равған ва дигар хӯрокҳои зиёдатиро нигоҳ медоштанд ва барои зарфсозӣ чуқурӣ меканданд, деворҳои онро андова намуда, баъд онро хушк мекарданд. Баъди аз чуқурӣ гирифтани зарф онро боз бо гил андова намуда, болои онро сайқал медоданд. Ё дар чарм рег ё хок пур карда, атрофи онро бо лой андова менамуданд ва баъди хушк шудан хокро аз даруни он мегирифтанд ва атрофи онро боз ба тартиб медароварданд ва дар гулхан мепухтанд. Таги аввалин зарфҳо тухмшакл буд. Баъдҳо дар болои миз ё замин сохтани зарфро аз пора-пора гил ёд гирифтанд. Умуман, зарфсозӣ таърихи дуру дароз дорад. Инсон аз рӯзе, ки зарфсозиро ёд гирифт, намуди зоҳирии онро низ оро медод, дар он нақшҳо мекашид, то зеботар шаванд. Бинобар ин, зарфҳо бо ранги сурх мунаққаш шудаанд, нақшҳои гуногун ба шакли мавҷҳои амудӣ, камонӣ, тӯморча ва ғайра кашида мешуданд.

Дар ҳаёти бошандагони Ҷайтун дигаргуниҳои маънавӣ, ба монанди сохтани ҳайкалчаҳои модарон ва ҳайвонҳо пайдо мешаванд,

## §8. МАДАНИЯТИ ҲИСОР

Дар ҳазораҳои 6–3 пеш аз милод дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон, махсусан водии Ҳисор, одамоне мезистанд, ки осори боқимондаи онҳо ба номи маданияти Ҳисор машҳур аст. Бошишгоҳҳои ин маданият дар доманакӯҳҳои рӯдхонаи Кумиҷиён (Кофарниҳон), Бахшу (Яхсу) Сурхоб, Вахш ва Ёвон вуҷуд доштанд. Бошишгоҳҳо номи маданияти Ҳисорро барои он гирифтаанд, ки бори аввал лангар (ҷойи зист) ва афзорҳои ба худ хос дар ноҳияи Ҳисор пайдо шудаанд.



**Расми 14.** *Афзорҳои сангӣ.*

Олоти маданияти Ҳисор дар баландиҳои аз 500 то 1500 м аз сатҳи баҳр дар қабатҳои хокӣ ҷойгиранд. Осори одамони ҳисорӣ дар атрофи Искандаркӯл, водии Чуст ва Кӯкчаи Афғонистон низ пайдо шудаанд, аммо бошишгоҳҳои ҳисориён ҳаматарафа танҳо дар Тоҷикистон дар Тутқавул, Сайёд ва Дараи Шӯри ноҳияи Данғара омӯхта шудаанд. Маданияти Ҳисор давоми маданияти одамони мезолит мебошад ва аз ҳазораи 6-уми пеш аз милод сар мешавад ва дар баъзе ҷойҳо то ҳазораҳои 3–2-юм давом мекунад.

Таҳқиқоти бостонӣ дар бошишгоҳи Тутқавул нишон доданд, ки одамон дар хонаҳои каппагини аз ҷӯб ва шоххо сохташуда мезистанд. Дар хонаҳо оташдонҳои сангин мавҷуданд. Хонаҳо 40 метри мураббаъро ташкил дода, ба монанди хонаҳои калтаманориҳо буданд.

Дар Тутқавул қабри як одами калонсол ва ду кӯдакро пайдо намуданд, ки онҳо дар қабр ҳалқавор, тавре ки кӯдак дар батни модар мехобад, гузошта шуда буданд. Одамон ҳамин хел тасаввурот доштаанд, ки замин модари дуюм аст ва инсон баъди мурдан бояд дар қабр ҳамон тавр хоб равад, ки дар батни модар будааст. Симои ҳисориён аврупоӣ буд. Ҳисориён аслан ба



**Расми 15.** *Табарҳои сайқалёфта аз кӯҳи Булёни Данғара.*



**Расми 13.** *Хонаи калтаманориҳо.*

ки аз бузургдошти модар ва модаршоҳӣ, эътиқод ба ҳайвонҳои манфиатовар, аз қабили гову асп мушоҳида мешавад.

Ҳудуди зисти ҷайтуниён аз шимолу ғарби Эрони кунунӣ шурӯъ мешавад. Олимон чунин меҳисобанд, ки ҷайтуниён аз соҳилҳои ҷанубии баҳри Каспий ва ҳатто аз бошишгоҳҳои Сиёлка омадаанд.

**Маданияти Калтаманори Хоразм.** Бошишгоҳи дар Хоразм ёфтшуда бо номи Калтаманор машҳур аст. Лангари калтаманориҳо дар ёдгорие бо номи Ҷамбосқалъаи 4 хуб омӯхта шудааст. Мардуми ин ҷо, ки дар поёноби рӯди Ому мезистанд, ба моҳигирӣ ва шикор машғул буда, бо шакли авлодӣ умр ба сар мебурданд. Хонаҳои калтаманориҳо аз най ба монанди хайма сохта шуда буданд ва дар онҳо 100–120 нафар одамон мезистанд. Бошишгоҳҳои навъи калтаманорӣ дар атрофи Баҳри Хоразм (Арал) ва Гургон (Каспий) вомехӯранд.

Таги зарфҳои одамони калтаманорӣ тухмшакл буда, нақши мавҷӣ доранд. Маданияти Калтаманор ба ҳазораҳои 4–3 пеш аз милод нисбат дорад. Калтаманориҳои назди Урганҷ мурдаҳоро дар қабр рост ба тахтапушт хобондаанд ва баъзан аз болояшон ранг низ пошидаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. *Ёдгори Ҷайтун дар кадом ноҳия ҷойгир аст?*
2. *Ҷайтуниён кадом зироатҳоро кишт мекарданд?*
3. *Касбу кори калтаманоригиҳо чӣ буд?*
4. *Дар бораи манзилгоҳои калтаманориҳо нақл намоед.*
5. *Бунёдгузори тамаддуни шаҳрсозӣ ва кишоварзӣ киҳо буданд?*

чорводорӣ ва шикор машғул буданд. Афзорҳои ҳисориён хеле гуногунанд; онҳо аз обсангҳо, сангҳои омехта бо чахмоқсанг, омехтаи чахмоқсанг бо оҳаксанг, варақсанг ва чахмоқсанги тоза сохта шудаанд. Афзорҳои аз чахмоқсанг сохташуда болға, пӯсткан ва табар мебошанд, Аз обсангҳо бештар чопер (сангҳои нӯгтез тарошидашуда) ва чопингҳои (сангҳои дар мушт мувофиқи турбмонанд) сайқалдодашуда, табар, пӯсткан ва ҳатто кордҳои хуб сохтаанд. Дар бошишгоҳи дараи Сайёд, ба ғайр аз афзорҳои чахмоқи обсангӣ, боз олоти устухонӣ низ вомехӯранд. Тутқавулиён аз рӯди Вахш моҳӣ мегирифтанд.

Дар байни бозёфтаҳои устухонӣ дарафш, марҷон, дастпонаи аз шохи гавазн сохташуда вомехӯранд. Соҳибони маданияти Ҳисор зарфсозиро низ медонистаанд, аммо онҳо онро ба монанди ҷайтуниён ривоҷ надодаанд.

**Иқтисодиёти бошандагони маданияти Ҳисор.** Маданияти Ҳисорро осори зироаткорон ва чорводорон ташкил медиҳад. Азбаски Тоҷикистони Ҷанубӣ ба минтақаи субтропикии пайдоиши зироатҳои худрӯй – гандуму ҷав дохил мешавад, аз эҳтимол дур нест, ки офарандагони маданияти Ҳисор зироаткории лалмиро медонистанд ва яке аз касбҳои онҳо кишоварзии лалмӣ будааст, аммо дар бозёфтҳои бостонӣ далелҳои ба кишоварзӣ шуғл варзидани ҳисориён кам мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳисориён ҳаёти бумӣ, яъне муқимӣ доштанд ва ба чорводории девлохӣ (айлоқӣ) ва зироаткорӣ машғул будаанд. Дар миёни бозёфтҳо досҳои сангӣ, сипори сангӣ ва чармасанг вомехӯранд, ки шоҳиди кишоварзии ҳисориён мебошанд. Дар ҳаёти ҳисориён чорводорӣ, ҷамъоварии мева ва донаи зироатҳои худрӯй мавқеи калон дошт. Ҳисориён тобистон чорворо ба чарогоҳҳои баландкӯҳ мебурданд ва зимистон ба макони аслии худ бармегаштанд.

Ҳамин тавр, одамони маданияти Ҳисор зироаткорӣ, чорводорӣ мекарданд ва ба шикору ҷамъоварии меваҳои худрӯй низ машғул буданд, вале аз ҷиҳати фарҳанг аз ҷайтуниҳо қафо буданд.

Аз маълумоти овардашуда чунин хулоса мешавад, ки дар сарзамини тоҷикон дар асри неолит се навъи бошишгоҳҳо: кишоварзон (маданияти Ҷайтун, вай яке аз ноҳияҳои аввалини пайдоиши кишоварзони ориёӣ мебошад), шикорчиёну моҳидорон (маданияти Хоразм – Калтаманор) ва чороводорон (маданияти Ҳисор) ёфт шуданд, ки мувофиқи табиати рустоҳои (деҳа, қишлоқ) истиқоматии худ зиндагонӣ кардаанд. Яке аз кашфкунандагон ва таҳқиқгарони асосии маданияти Ҳисор В.А. Ранов соҳибони

тамаддуни Ҳисорро як қисми гузаштагони тоҷикон – ориёиҳо меҳисобад.

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



*1. Таърихи ром шудани ҳайвоноти ваҳшӣ ва ба ҳайвоноти хонагӣ табдил ёфтани онҳоро медонед?*

*2. Сабабҳои пайдоиши боғдорию зироаткориро дар бошишгоҳҳои одамон номбар кунед.*

*3. Ба пайдошавии деҳаҳо кадом омилҳо мусоидат намуданд?*

## §9. ПЕШДОДИЁН–ШОҲОНИ РИВОЯТӢ

**Таърихи офариниш.** Мувофиқи ривоятҳои авестоӣ, Худованд Аҳурамаздо дунёро дар муддати як сол дар шаш бахш офарид. Ӯ осмонро дар 45 рӯз, обро дар 60 рӯз, Заминро дар 70 рӯз, олами набототро дар 30 рӯз, ҷонварро дар 75 рӯз ва инсон – Каёмард-ро дар 75 рӯз офарид ва баъди 93 сол аз тухмаи Каёмард падару модари инсонҳо Мошиён ва Мошиёнаро ба вуҷуд овард.

Ривояти дигаре ҳам ҳаст, ки мувофиқи он Худованд дар давоми 3 ҳазор сол аввал осмонро бо 12 бурҷаш ва олами рӯҳониро меофарад. Дар 3 ҳазор соли навбати дуюм он намуди ҷисмонӣ, яъне дунёи имрӯза – кураи Заминро бо тамоми мавҷудоташ мегирад. Дар аввали ҳазораи 7-уми инсон Каёмард (Каюмарс) ва нахустин гов – Говмардро дар Арианаваейҷа – дар соҳили рӯди муқаддаси Ванагуҳ ҷон бахшид.

Мувофиқи ривоятҳои авестоӣ Аҳриман – худованди бадӣ аз ин офариниш огаҳӣ ёфт ва ба Говмард ва Каёмард қувваҳои бадиро вогузошт ва онҳо баъди чиҳил сол аввалин инсон ва ҳайвонро ҳалок намуданд. Аҳурамаздо тухмҳои Каёмардро ба осмон мебарад, бо нури илоҳӣ пок мекунад ва ба Замин бар мегардонад ва баъди чиҳил сол аввалин марду зан – Мошиён ва Мошиёна аз рустанӣ пайдо шуданд, аммо рӯҳ надоштанд. Худованд ба онҳо рӯҳ бахшиду гуфт: – «Ман шуморо офаридам ва Одам ном додам, шумо соҳибақлед ва қодири сухан гуфтан ҳастед, дунёи худро соҳибӣ намоед». Минбаъд аз онҳо инсонҳо пайдо шудаанд.

**Кишварҳои офаридаи Аҳурамаздо барои инсонҳо.** Аз адабиёти авестоӣ ба хубӣ бармеояд, ки дар замони қадим дар бораи офа-

риниши дунё, аз ҷумла кишварҳо, кӯҳҳо, баҳрҳо, рӯдҳо, уқёнусҳо ва ғайра китобе мавҷуд буд, ки то ба рӯзгори мо нарасидааст. Пораҳо ё гуфторҳое аз он китобҳо дар бахшҳои китоби авестоӣ: Бундаҳишн, Вандидод ва Яштҳо боқӣ мондаанд. Дар боби дуюми Вандидод сухан аз 17 кишвари офаридаи Аҳурамаздо меравад, ки бештари онҳо дар сарзамини тоҷикон мебошанд. Аввалин замине, ки Худованд офаридааст, Арианаваейҷа буд бо дашту заминҳои паҳновараш. Дуюмин – Гава Суғда (гӯё худованд Говмардро дар ин ҷо офарида буд), сеюмин – Марғуш (Марв), чорумин – Бахадӣ – Бохтар, панҷумин – Ҳира – Ҳирот, шашумин – Вайкарита, ҳафтумин – Урва, ҳаштумин – Хнента бо марказаш Виркана, нуҳумин – Ҳаравайто, даҳумин – Ҳайтумант, ёздаҳумин – Роға, дувоздаҳумин – Чарха, сездаҳум – Варна, чордаҳум – Ҳафтҳинд, понздаҳум – Ранха. Дар дигар бахшҳо Хоразм, Даҳӣ ва дигар ҷойҳо ёд мешаванд. Таҳқиқот дар боби ҷуғрофияи «Авесто» нишон медиҳад, ки ҳамаи кишварҳои офаридаи Худованд дар Осиёи Марказӣ дар ватани аслии ориёиҳо – тоҷикон ҷойгир мебошанд.

Ба ривояти авестоӣ Пешдодиён дар Арианаваейҷа ҳукумат кардаанд. Арианаваейҷа яке аз кишварҳои офаридаи Худованд буд ва мувофиқи навиштаҳои «Авесто» ҳар ду соҳили миёнаҷойи рӯди Дойтиё (Ому)-ро дар бардошт, яъне ба Арианаваейҷа Тирмиз, водиҳои Вахшу Кӯлоб, Дарвоз, вилояти Қундуз, Тахор ва Бадахшон дохил буданд.

Мувофиқи маълумоти Бундаҳишн, аввалин инсон дар ин ҷо ба дунё омадааст ва Ҳушанг нахустин подшоҳи Пешдодиён буд, ки чиҳил сол салтанат кард. Ӯ ба одамон пайдо намудани оташ ва истифодаи онро омӯзонд. Ба муносибати ихтироъ ва истифодаи оташ Ҳушанг ҷашне ба номи Сада таъсис дод. Ин ҷашн то асрҳои 11–12 милодӣ маъмул буд. Ин ид ба муносибати фаро расидани зимистон 21–23 декабр баргузор мегардид. Одамон гулханҳои бузург афрӯхта, бо ин амал сарморо дар пеши гармо беқудрат нишон медоданд.

Замони ҳукмронии Ҳушанг маълум нест, аммо мувофиқи тахмини олимон инсон 400 ҳазор сол пеш оташро ба кор мебурдааст.

**Подшоҳии Ҷам – Ҷамшед.** Мувофиқи ривояти авестоӣ яке аз подшоҳони қадимтарини ориёиҳо Ҷам будааст. Вай гӯё ҳазор сол умр дида, зиёда аз 900 сол сарварӣ кардааст. Дар боби дуюми китоби Вандидод Зардушт – пайғамбари ориёиҳо аз Худованди бузург Аҳурамаздо мепурсад, ки: – «Эй офарандаи ҷаҳони

бемаргӣ, дар байни навъи башар ба ғайр аз ман дигар бо кӣ нахустин бор муколама намудӣ? Дини аҳуроиро ба кӣ супурдӣ?». Он гоҳ Аҳурамаздо гуфт: «Эй Зардушти пок, ман... ғайри ту нахуст ба Ҷам – дорандаи рамаи хуб, нахустин касе, ки аз мардумон буд, дини Аҳуро ва Зардуштро додам». Аммо Ҷам гуфт, ки ман аз уҳдаи динсолорӣ намебароям ва ман ба ӯ дунёдориро додам. Пас Ҷам гуфт: «Пазируфтам, ки ҷаҳони туро бипарварам ва пуштибонӣ намоям, лекин дар мудати шаҳриёрии ман на боди сард бошад, на гарм, на беморӣ, на марг». Ҷам хар 300 зимистон се бор заминро фарох намудааст. Дар давраи 300-уми охир дар Арианаваейҷа офаридгор Аҳурамаздо анҷумани эзидонро баргузор менамояд ва Ҷамро ба он даъват мекунад ва ба ӯ дар бораи хунукиҳои тӯлонӣ хабар медиҳад. Дар ин бора мо дар дарсҳои гузашта гуфта будем. Хонасозӣ ва мубориза бо хунукиҳо ба замони яхбандиҳо нисбат дорад. Ривояти он ки Ҷам 1000 сол умр дида ва 900 сол подшоҳӣ кардааст, дуруст нест, зеро дар давраҳои кадим одамон умри зиёд намедиданд. Ҳақиқат он аст, ки авлоди Ҷам 1000 сол дар давраҳои ҷамоаи ибтидоӣ ҳукмронӣ кардаанд.

**Подшоҳии Заҳҳоки Морон.** Мувофиқи ривояти авестоӣ Ҷамшед дар охири умри худ даъвои худоӣ намуд ва назди Худованд гунаҳкор гардид, фарри шоҳӣ аз ӯ рӯй гардонид ва Заҳҳок ба муқобили вай лашкар кашид. Ҷамшед, ки ҳама аз ӯ дур шуда буданд, тахту тоҷро монда, гурехта пинҳон шуд ва Заҳҳок соҳиби мулки Ориёно гашт.

Номи асосии Заҳҳок Биварасп ёд мешавад. Дар «Авесто» номи Заҳҳок Ажадаҳака (Аждаҳо) омадааст, маъноящ мори бузурги газанда мебошад. Заҳҳок яке аз образҳои манфитарин дар таърих аст, ки ӯро худованди бадӣ – Аҳриман барои нобуд сохтани хушиҳои рӯйи Замин сафарбар кардааст. Вай аждаҳои бузурги сесара, седаҳона, шашчашма аст ва мехоҳад дунёро аз одамон ва хушиҳои ӯ пок намояд.

Дар адабиёти авестоӣ Заҳҳок рамзи бадӣ, дурӯггӯйӣ, табоҳкунанда ва харобиоваранда мебошад, аммо номи аслии ӯ Биварасп – дорандаи аспони зиёд, яъне галаи аспон аст. Аз рӯйи номаш вай марди давлатманд ва аз авлоди Ҷамшед будааст. Вақте ба сари тахти мардуми ориёӣ меояд, дар ибтидо шоҳи одил будааст, баъд фирефтаи Аҳриман мешавад ва дар ду китфаш морҳо мебароянд, ки мағзи сари одамонро мехӯрдаанд. Азбаски ба мардум зулми бисёр раво медид, чунин аъмолро ба ӯ муносиб дони-

стаанд. Заҳҳок дар давраи ниҳоят мушкил, дар давраи яхбандиҳо ба мамлакати ориёиҳо сарварӣ карда, барои беҳбудии рӯзгори мардум кӯшиш накардааст, балки даст ба куштору ғорат ва хароб намудани мамлакати худ задааст. Дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ Заҳҳок марди араби хунхор, ғоратгар ва харобиоваранда дар Ориёншаҳр мебошад. Албатта, образи Заҳҳокро ба арабон нисбат додани Ҳаким Фирдавсӣ ҳикмат дорад, зеро арабҳо ба монанди Заҳҳок ба Ориёншаҳр ва мардуми он харобиҳо ва кушторҳои зиёд оварданд. Миллионҳо одамон куштаю ғорат ва шаҳру деҳҳо сӯзонида шуданд ва мамлакат аз тараққиёти илму фарҳанг ба садсолаҳо қафо партофта шуд.

Китобҳои бисёре дар бораи нуҷум, тиб, адаб, мусиқӣ, санъат ва ғайра сӯзонда шуданд. Дар маъбадҳо осорҳои ҳазорсолаҳо ҷамъомадаи таъриху фарҳанг несту нобуд карда шуданд. Одамони илму фарҳангдорро мекуштанд, то ки онҳо ба мардум чизе ёд надиҳанд. Осорҳои хатти форсӣ, паҳлавӣ, бохтарӣ, суғдӣ ва хоразмӣ сӯзонда шуданд. Аз ин лиҳоз образи Заҳҳок ба араб нисбат дода шудааст, вале дар асл ӯ ориёинажод буд.

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. ***Мувофиқи ривоятҳои авестоӣ Худованд дунёро дар чанд вақт офаридааст?***
2. ***Мошиён ва Мошиёнаро Худованд чӣ гуна офарида буд?***
3. ***Ҷам барои одамон чӣ корнамоиҳо кардааст?***
4. ***Заҳҳок кӣ буд ва чаро аз китфони ӯ морҳо баромаданд?***

## §10. ТАҚСИМОТИ РИВОЯТИИ ҶАҲОН

**Подшоҳии Фаридун.** Яке аз шоҳони машҳури Пешдодиён баъди Ҷамшед Фаридун аст, ки ба муқобили Заҳҳок мубориза бурда, ӯро сарнагун сохт ва дар сарзамини Ориёно адолатро барқарор намуд. Мувофиқи ривоятҳои таърихӣ вай 700–600 сол дар мамлакати ориёниҳо ҳукмронӣ кардааст.

Ривоят мекунанд, ки гӯё Заҳҳок баъди Ҷамшед ҳазор сол подшоҳӣ кард ва дар охири умри худ дар хоб дид, ки се паҳлавон меоянд ва яке аз онҳо ӯро баста дар чоҳи бетаге мепартояд ва болои онро бо кӯҳи азиме пӯшонида, қиррезӣ мекунад. Баъди бедор шудан аз надимон таъбири хобро мепурсад ва онҳо ба ӯ мегӯянд,

ки аз насли Ҷамшед марде бо номи Фаридун ба дунё меояд ва баъди бузург шудан, тахту тоҷро аз ту меситонад.

Заҳҳок фармон медиҳад, ки падару модари Фаридунро ёбанду нобуд созанд. Одамони Заҳҳок падари Фаридунро мекушанд, аммо модараш Фаронак гурехта пинҳон мешавад ва баъди таваллуд писари худро ба чӯпоне медиҳад ва аз ӯ илтимос менамояд, ки ӯро тарбия намояд. Худованд барои Фаридун модагове бо номи Бармоя ато мекунад, то ки аз шири он вай бузург шавад. Фаридун то синни 18-солагӣ дар ҷойҳои гуногун – дар кӯҳҳои Албурз пинҳон мешавад ва сипас пеши модар омада, аҷдоди худро мепурсад. Модар аз авлоди Ҷамшед будани ӯро ошкор месозад ва дар бораи ситамҳои Заҳҳок ба мардум нақл мекунад. Фаридун баъди ин ба ҷанги Заҳҳок тайёрӣ мебинад. Фаридун паҳлавони бузургҷусса буд. Ӯ пеши Коваи оҳангар омада, барои худ гурзи говсар месозад ва дар барзагове савор шуда, ҳамроҳи дастаҳои Кова ба ҷанги Заҳҳок меравад. Дар ин ҷанг ба Фаридун бародаронаш Каёнуш ва Пурмон ёрӣ медоданд, Лашкари Фаридун ҳама барзаговсавор ва филсавор буданд. Дар ин задухӯрд Фаридун ғолиб меояд ва Заҳҳокро дар чоҳи беохире мепартояд ва болояшро ба санги бузург пӯшонида, қиррезӣ менамояд. Мардумон Фаридунро шоҳи ҳафт кишвар интихоб мекунанд. Ӯ баъди ба тахт нишастан мамлакатро аз бадӣ пок мекунад ва адолатро дар саросари ҷаҳон ҷорӣ менамояд.

Фаридун ба хоҳарони Ҷамшед, ки дар асорати Заҳҳок буданд, хонадор мешавад ва аз Шаҳрноз ду писар: Салму Тур ва аз Арнавоз Эраҷ ба дунё меоянд. Ба муносибати ғалаба бар Заҳҳок ҷашне мероянд, ки имрӯз бо номи Меҳргон машҳур аст.

**Тақсим кардани ҷаҳон.** Дар таърихномаҳо гуфта мешавад, ки Фаридун пеш аз марг ҷаҳонро ба фарзандонаш тақсим кард. Ин тақсимот дар китоби «Таърихи Табарӣ» мазмунан чунин оварда шудааст: Турк, Хазар, Чин ва Машриқро ба Тӯр дод ва ӯро Фағфур лақаб ниҳод. Заминҳои Рус, Рум ва Ғарбро ба Салм дода, ӯро Қайсар гуфт. Иқлими миёнаро аз баҳри Миёназамин то марзи Тӯрон ба Эраҷ дод ва ӯро Шоҳаншоҳ лақаб ниҳод, вале илм исбот кардааст, ки дар таърих чунин тақсимот набуд. Эҳтимолан дар замонҳои хеле қадим – ҳазораҳои 9–8 пеш аз милод ориёиҳо ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: гурӯҳи якум дар соҳилҳои баҳри Охшиён – Сиёҳ бо номи кимериҳо, скифҳо аввалин ободкунандаи Украин ва ҷанубиҳои Русия мебошанд ва дар адабиёти таърихӣ авлодони Салм меҳисобанд. Гурӯҳи дувум ба сӯйи Сибир ва

заминҳои Қазоқистони кунунӣ омада, бо номи савроматҳо ва дар адабиёти авестоӣ бо номи тӯрҳо машҳур мешавнд. Гурӯҳи севум ба воситаи Осиёи Хурд, Қафқоз ва тахтакӯҳи Эрон вориди Осиёи Миёна мешаванд ва номи нажодии худ ориёиро нигоҳ медоранд ва дар адабиёти таърихӣ бо номи авлодони Эраҷ маълуманд, вожаи «Эраҷ»-ро забоншиносон Ориёнвеҷ донистаанд. Вайдж аввалин кишвари сфаридаи Худованд нисбат мебошад. Дар адабиёти авестоӣ ориёиҳо ба кишоварзони бумӣ ва кӯчиёни чорводор тақсим мешаванд. Кишоварзон ба худ номи этникии ориёиро нигоҳ медоранд ва чорводорон ба номи тотемии авлодияшон, яъне гӯр машҳур мешаванд. Тадқиқоти илмӣ ба он далолат мекунанд, ки тӯр лақаби чорводорони ҳамаи ориёиҳо буд. Вожаи «тӯр» аз номи «гови тӯр» гирифта шудааст. Ориёиҳо ромкунандаи гови тӯр мебошанд. «Гави тӯр» маънои баҳодурро дорад ва тотемаи ҳамаи ориёиҳо аст.

Дар «Авесто» дар Фарвардиняшт, ки шояд ба замони Фаридун наздик бошад, дар бораи панҷ мамлакати ориёиҳо: – Ориёно, Тӯроно, Сайрам, Даҳӣ ва Сайнӣ сухан меравад. Аз матн ба хубӣ бармеояд, ки дар вақти навиштани достон зиддияте байни бошандагони сарзаминҳои мазкур вуҷуд надоштааст. Сарзамини Сайрам ба савроматҳо – сакоиҳо таалуқ дошт, ки аз Урал то соҳилҳои Дунай истиқомат доштанд.

Сайниҳо дар Олтой, Сибири Ғарбӣ – ҳавзаи болооби рӯдҳои Об, Енисей, кӯли Байкал аз неолит то асрҳои III–IV милод мезистанд. Даҳиҳо дар соҳилҳои ҷануби баҳри Хазар (Каспий) зиндаги мекарданд ва Ашкониён аз онҳо баромадаанд. Ҳамаи ин халқҳо худро тӯр –чорводор ва ориёӣ меномиданд ва дар адабиёти таърихӣ авлодони писари Фаридун Тӯр маълум мбошанд..

Дар бораи ривояти Ориёно ва Тӯрон муфассалтар нақл менамоем, зеро дар таърихномаҳои давраҳои баъдина ин ду халқ ба муқобили якдигар ҷангҳои тӯлонӣ кардаанд.



## САВОЛҲО ВА СУПОРИШҲО

*1. Фаридун чӣ тавр ҳукуматро аз Заҳҳок гирифт?*

*2. Дар ҷанг бо Заҳҳок ба Фаридун ки ёрӣ медод?*

*3. Фаридун дар бораи ҷаҳонро чӣ гуна бахш намуд, нақл намоед.*

*4. Таърих дар бораи ҳақиқат доштани ин тақсимот чи мегӯяд?*

## §11. ОРИЁНО

Ориёно номи ватани мардуми ориёӣ буд, ки масоҳати хеле бузургро дар бар мегирифт. Мувофиқи бозёфтҳои археологӣ марзи шарқии он бо рӯди Хуанхеи Чин, ғарбияш то Балкан ва ҷанубиаш то Ҳиндустон мерасид. «Ориёно» маънои мамлакати ориёиҳоро дорад. Дар он давраҳои гузаштаи дур мардумони ориёӣ давлаги ягона надоштанд ва онҳо авлод-авлод ва қабила-қабила дар ҳудуди гуногуни географӣ мезистанд. Ҳамаи онҳо чорводор буданд ва зиндагии кӯчӣ доштанд.

Дар ҳазораи 6–5 пеш аз милод як қисми калони онҳо ба кишоварзӣ машғул шуда, ба зиндагии муқимӣ гузаштанд. Бумиҳо ба сохтани шаҳру деҳаҳо ва корам кардани водиҳои Осиёи Марказӣ шурӯъ намуданд. Ориёиҳои кишоварз худро ориёӣ ва сарзаминашонро Ориёно мегуфтанд. Ба ориёиҳои кишоварз ҳамаи заминҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Шимоли Ҳиндустон ва Хуросони кунунии Эрон дохил мешуданд.

Дар ҳазораи 3–2 пеш аз милод дар бисёр ноҳияҳои ориёинишин шаҳрҳо, давлатҳо ва деҳаҳои наздишаҳрӣ пайдо мешаванд.

**Тӯроно.** Дар дарсҳои гузашта ёдовар шуда будем, ки дар ҳазораи 6–5 пеш аз милод ориёиҳо ба ду бахш тақсим шуданд: бахши якум ба кишоварзӣ ва бахши дуюм ба касби аҷдодияшон – чорвопарварӣ машғул буданд.

Замоне ки ҳамаи ориёиҳо ба чорводорӣ машғул баданд, тӯр лақаб доштанд. Аммо вақте ки онҳо ба бумӣ ва кӯчӣ[1] тақсим шуданд, ба чорводорони кӯчии ориёӣ лақаби тӯр дода шуд. Заминҳое, ки чорводорони тӯр ишғол менамуданд, аз заминҳои ориёиҳои бумӣ бештар буд. Онҳо тамоми саҳроҳои ҷанубии Русияи кунунӣ (аз кӯли Байкал то рӯди Ра (Волга) ва заминҳои атрофи Баҳри Хоразм (Арал), Қазоқистон, Қирғизистон, Шинҷони Чин, шимоли Ҳиндустон ва водии Зобул то Систон (Афғонистон)-ро ишғол намудаанд. Дар баъзе ноҳияҳои кишоварзбоби Тӯрон шаҳру деҳаҳо вуҷуд доштанд, бахше аз аҳолии онҳо ба ҳунармандӣ, мисгарӣ, кулолгарӣ машғул шуда буданд, аммо аксари аҳолии Тӯрон дар ҳазораи 6–3 пеш аз милод чорводор буданд.

Азбаски тӯрҳо дар марзи ориёиҳои бумӣ мезистанд, баъзан ба вилояти онҳо тохтутоз карда, харобиҳо меоварданд ва аз ҳамин

1. **Кӯчӣ** – *қабилаҳои чорводоре, ки дар замонҳои қадим ҷойи муқимии зист надоштанд ва аз пайи ёфтани алафзорҳо аз манзиле ба манзиле мекӯчиданд.*

ҷиҳат зиддият байни ориёиҳо ва тӯрониён ба вуҷуд меояд. Ин зиддият баъди зуҳури паёмбар Зардушт авҷ мегирад, зеро то он вақт дар миёни ориёиҳо бисёрхудоӣ ҳукмрон буд. Ҳар маҳал ва авлод худои худро дошт. Вақте ки Зардушт ба шинохтани Худованди ягона даъват мекунад, тӯрҳо аз даъват рӯй мегардонанд ва ба муқобили пайғамбар ҷанг эълон мекунанд. Ориёиҳои бумӣ онҳоро душмани ғайридин ва ҳатто ғайримиллат эълон менамоянд.

**Шоҳони баъдии Ориёно.** Подшоҳии Манучеҳр. Манучеҳр подшоҳи сулолаи Пешдодиён буд. Қиссаву достонҳо дар бораи Манучеҳр аз давраҳои қадим вуҷуд доштанд. Дар китоби «Авесто» ҳам аз Манучеҳр ёд мешавад. Аз рӯйи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Манучеҳр писари яке аз канизакони Фаридун – Моҳофарид ва бародарзодааш Пашанг мебошад, вале мувофиқи маълумоти «Равзат-ус-сафо[1]» Манучеҳр набераи даҳум аз пушти Фаридун аз духтари Эраҷ – Кузак буд.

Баъди калон шудан Фаридун Манучеҳрро ба муқобили Салму Тӯр қотилони писари хурдиаш – Эраҷ мефиристонад. Манучеҳр Салму Тӯрро кушта, интиқоми Эраҷро мегирад. Фаридун Манучеҳрро ба ҷойи худ ба тахти шоҳӣ мешинонад ва ӯ дар Ориёзамин 120 сол ҳукмронӣ кардааст. Дар «Шоҳнома» Манучеҳр ҳамчун подшоҳи одилу ботадбир, халқпарвар ва паҳлавони номдор тасвир ёфтааст. Манучеҳр охирин подшоҳи бузург аз сулолаи Пешдодиён буд.

**Афросиёб.** Мувофиқи асотиру ривоятҳои авестоӣ Афросиёб писари Тӯр, набераи Фаридун – шоҳи Тӯрон ва душмани эрониён буд. Вай мехост ба тахту тоҷи Эрон соҳиб шавад. Афросиёб бо Манучеҳр ҷанг карда, ӯро асир мегирад ва дар муддати 12 сол подшоҳи Ориёно мешавад. Дар ин муддат шаҳру деҳот хароб шуда гуруснагӣ авҷ мегирад.

Ағрирас – бародари Афросиёб Манучеҳр ва қисме аз асиронро аз зиндон озод мекунад, ки дар назди Афросиёб хиёнаткор мешавад. Баъди ин ҳодиса Афросиёб бо Манучеҳр вохӯрда, ӯ ва лашкарашро озодӣ мебахшад ва аз Манучеҳр мепурсад, ки чӣ хоҳиш дорад. Манучеҳр ба Афросиёб мегӯяд, ки бахши замини Ориёноро ба масофаи тири Ораш баргардонад. Афросиёб розӣ мешавад. Манучеҳр тирандози номии ориёӣ – Орашро даъват менамояд, ки ба баландии кӯҳи Патешхоргар (ҷояш маълум нест) барояд ва ба сӯйи шарқ тир парронад. Худованд ба фариштаи замин Исфандаромӯз ва Бод фармуд то тирро ҳарчи дуртар баранд. Тир сешабонарӯз парвоз карда, дар Паракана (Фарғона) дар бехи

1. **«Равзатуссафо»** – *китоби таърихии Муҳаммади Мирхонд.*

дарахти чормағз, ба замин меафтад. Паракана сарҳади Ориёно ва Тӯрон муайян мешавад. Аз ривояти сарчашмаҳои дигар бармеояд, ки сарҳади Ориёно ва Тӯрон рӯди Силас (Сир) муайян шуда буд. Калимаи Паркана (Фарғона) гӯшаи (канора) Ориёноро ифода мекунад.

Аввал бадани Ораш сиҳат буд, вале баъди паррондани тир пора-пора мешавад. Ӯ мегӯяд, ки ман худамро барои халқам қурбон сохтам. Пора шудани Ораши камонкаш ин маънои пора шудани мамлакат ба Ориёно ва Тӯрон ва саршавии ҷангҳо байни ду халқи ориёинажод ва ҳамхун мебошад.

Ҷангҳо бештар ба асри биринҷ, ба замони ҷудо шудани чорводорон аз зироаткорон, яъне аввалин тақсимоти меҳнат рост меояд. Дар адабиёти таърихӣ дар бораи ҷанги Афросиёб бо Манучеҳр ривоятҳои гуногун вуҷуд доранд ва мо яке аз онҳоро, ки ба ҳақиқат наздиктар аст, овардем. Мувофиқи таҳлили сарчашмаҳо задухӯрд байни Афросиёб ва Манучеҳр дар соҳили рӯди Ому ба амал омада буд.

Афросиёб дар даврони Каёниён низ бо ориёиҳо ҷанг кардааст. Сиёвуш ба хотири сулҳу оромӣ ба духтари Афросиёб – Фарангис хонадор мешавад, вале Гарсеваз – бародари Афросиёб Сиёвушро тухмат карда, ба қатл мерасонад. Гӯё Сиёвуш барои соҳиб шудан ба тоҷу тахт ба Фарангис хонадор шуда бошад. Кушта шудани Сиёвуш сабаби ҷанги Кайхусрав – писари Сиёвуш бо Афросиёб мегардад.

Дар ин чанг лашкари Тӯрон шикаст хӯрда, Афросиёб мегурезад. Кайхусрав ӯро таъқиб карда, дастгир мекунад ва ба қатл мерасонад.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



***1. Дар бораи подшоҳии Фаридун ва ҷаҳонро байни писаронаш тақсим намудани ӯ чиҳо медонед?***

***2. Тӯрҳо аз кадом нажод буданд ва чаро ин лақабро ба худ гирифтанд?***

***3. Дар хусуси мухолифати байни тӯрҳо ва ориёиҳо чиҳо медонед?***

***4. Дар бораи Афросиёбу Кайхусрав маълумот диҳед.***

## §12. АЗ БАЙН РАФТАНИ СОХТИ ҶОМЕАИ ИБТИДОӢ

**Асри мису санг – энеолит.** Инсон аввалин бор бо миси табиӣ дар асри санг шинос мешавад. Дар аҳди неолит одамон кӯшиш кардаанд, ки сифати олоти истеҳсолӣ беҳтар шавад. Бинобар ин, дар давоми ҷустуҷӯйи сангҳои хуби буранда ба мис дучор мешаванд, аммо вақте ки аз он афзор сохтанӣ шуданд, аз нармии он огоҳӣ пайдо намуданд. Диданд, ки вай барои олоти буранда ба кор намеравад, барои сохтани сӯзан, зебу зинати занона – гӯшвор, дастпона ва мӯҳра истифода карданд. Мис дар табиат ба шакли санги сабз вомехӯрад ва одам онро ба осонӣ аз санги одӣ фарқ мекунад, аммо дар кураи Замин ба миқдори зиёд мис мавҷуд нест ва он талаботи инсонро қаноатманд карда наметавонад. Шояд одамон тасодуфан аз об шудани мис дар оташ огоҳӣ пайдо карда бошанд. Онҳо вақте диданд, ки миссанг дар оташ об мешавад ва аз он миси тоза ҳосил мегардад, ба гудохтани он сар намуданд ва аз он сохтани ашёи ороиширо равнақ доданд. Барои истеҳсоли мис дар болои конҳои мис оташ меафрӯхтанд ва миси обшударо канда мегирифтанд. Аз сабаби нармии мис афзори бурандаи аз он сохташуда нисбат ба чахмоқсанг сифатан хеле паст буд. Инсон дар фикри афзорҳои мисинро сахту бурандатар намудан афтод, зеро бо вуҷуди нармии мис ихтирои маъдан дар таърихи инсонҳо аҳамияти фавқулода дошт ва минбаъд нақши бузург бозид.

**Асри мису санг дар Ориёнои Ғарбӣ.** Дар Ориёнои Ғарбӣ давраи мису санг нисбат ба Ориёнои Шарқӣ барвақттар аз ҳазораҳои 6–4 оғоз мегардад. Дар ин ҷо якчанд гурӯҳҳои чорводорону зироаткорон пайдо мешаванд, ки ҳар гурӯҳ хусусиятҳои маҳаллии худро доштанд. Яке аз ёдгориҳои қадимтарини давраҳои неолит ва энеолит Шуш мебошад, ки дар он дар давоми ҳазорсолаҳо гурӯҳҳои зироаткорон ва чорводорон зиндагӣ кардаанд. Онҳо ба парвариши буз, гӯсфанд ва ҷаву гандум машғул буданд. Аз ҳазораи 5-ум то нимаи ҳазораи 4-ум 30 адад маҳали истиқоматӣ пайдо шудаанд. Аксари ин деҳаҳо хурд буда, ҳаҷми онҳо аз як то 2 гектарро ташкил менамуд. Бошандагони Шуш аз оби рӯдҳо барои обёрии киштзор истифода мебурданд. Хонаҳо бештар аз гил сохта шудаанд. Афзорҳои истеҳсолӣ аксаран аз чахмоқсанг буданд. Дар ҳазораи 4 дар байни деҳаҳои Шуш шаҳрчаи марказӣ пайдо мешавад, ки масоҳати 4–5 гектарро ишғол мекард. Дар ин давра, дар Хузистон шаҳрҳо пайдо мешаванд, ки атрофашон бора (девори

мудофиавӣ) доштанд.

Дар ҳазораи сеюм Шуш ба яке аз марказҳои сиёсӣ, маъмурӣ, хунармандӣ, тиҷоратӣ табдил меёбад. Чунин бошишгоҳҳо Сиёлка дар Эрони Марказӣ, Теппаи Ҳисор дар Домғон, Ҳасанлу дар Озарбойҷон, Яҳё ва Шаҳри Сӯхта дар Систон кашф шуданд. Ёдгориҳои археологии Ориёнои Ғарбӣ ба даврахо тақсим мешавад. Гурӯҳҳои чорводорон ва зироаткорон бо маданияти устувори худ, ки дар масоҳати васеъ паҳн мешаванд, хусусиятҳои худро доштанд.



**Расми 16.** ***Бозёфтҳои Деҳи Лурон.***



**Расми 17.** ***Осори Сиёлки III.***

Маданияти аввалин зироаткорони ҳазораи 6-и ҷанубу ғарбии Ориёнои Ғарбии мамлакатро бошишгоҳҳои Деҳи Лурон ташкил медиҳанд. Бошандагони деҳа дар хонаҳои гилӣ мезистанд, деворҳои даруни хонаҳо ба ранги сурх оро дода шудаанд. Ранги сурхро ба болои мурдагон низ пошидаанд. Зарфҳои гилин бо рангҳои зарду сурх оро ёфтаанд. Деҳаҳо чандон бузург набудаанд, лекин шумораи онҳо хеле зиёд будааст. Зироаткорон ҷав, гандум, наск, мошро истифода бурдаанд ва эҳтимол баъзе за-

мини зироатҳо обӣ будаанд. Дар бораи тарзи зиндагонии онҳо кофтуковҳои бошишгоҳҳо шаҳодат медиҳанд (расми 15).

Чи тавре дар боло гуфтем, дар Эрони Марказӣ яке аз бошишгоҳҳои калон, ки дар он одамон асрҳои зиёд зиндагонӣ кардаанд, Сиёлка мебошад. Сиёлкагиён дар хонаҳои гилин зиндагонӣ мекардаанд. Зарфҳои онҳо дар замини сурх бо ранги сиёҳтоб мунаққаш шудаанд. Нақшҳо гуногунанд, нуқта-нуқта, тӯморчаҳои пайваст, нақши ғалберӣ ва ғайра. Афзорҳо: – табару корд аз чахмоқсанг, сӯзанҳои мисин, ҳайкалчаҳои устухонӣ ва ғайра иборатанд. Замони Сиёлкаи 1 ҳазораи 6–5 ва Сиёлкаи 5 ҳазораи 4-умро фаро мегирад. Дар қабатҳои Сиёлкаи 1 афзорҳои мисин зиёд мешаванд. Дар миёни онҳо сӯзан, сӯзанак, сари найза ва ғайра вомехӯранд. Ҳамаи ашё ба воситаи кӯфтани маъдани гармкарда сохта шудаанд. Сифати зарфсозиҳо хубтар шудааст. Дар болои зарфҳо тасвири бузҳои кӯҳӣ пайдо мешавад, ки аз бузургдошти он гувоҳӣ медиҳад. Қабатҳои замони Сиёлкаи III ба асри биринҷӣ тааллуқ доранд.

Дар истеҳсоли мис одамони зиёд машғул буданд. Маҳсули онҳо байни қабилаҳо тақсим мегардид. Бошандагони Сиёлкаи II, Шуш дар хонаҳои бисёрошёна мезистанд. Дар ҳуҷраҳо ҷойи нигоҳ доштани хӯрокворӣ ва оташдон мавҷуд буд. Бисёр хонаҳо ҳавлӣ доштанд. Аввалин бозёфтҳои мисин аз Осиёи Сағир пайдо шуданд, ки ба ҳазораи 7–6 пеш аз милод нисбат доранд. Асри мису санг то пайдо шудани маъдани биринҷӣ то ҳазораи 4 пеш аз милод давом мекунад. Ороишоти аз мис сохташуда хеле гарон буданд. Устоҳои мисгар онро бо нархи хеле баланд мефурӯхтанд. Сӯзанҳои мисӣ нисбат ба сӯзанҳои чӯбӣ ва устухонӣ бадошттар ва зеботар буданд. Онҳо кам мешикастанд ва барои дӯхтан мувофиқтар буданд. Дар ҷомеаи қадим мисгарӣ касби авлодӣ буд ва онҳо таҷрибаи худро аз насл ба насл медоданд ва технологияи онро аз дигарон пинҳон медоштанд.

Мис дар он замон аз ҳама чиз қиматтар буд. Онро ҳамчун ченаки пулӣ истифода мебурданд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



*1. Бошишгоҳҳои давраи мису санги Ориёнои Ғарбӣ кадомҳоянд?*

*2. Моҳияти кашфи мис барои инсон аз чӣ иборат буд?*

*3. Дар ин давраҳо одамон дар чӣ хел хонаҳо зиндагонӣ мекарданд?*

*4. Кадом навъи зироатҳо кишт мешуданд?*

давраи сеюм устоҳо мисро дар кӯраҳо гудохта, дар қолабҳо рехта, чизҳои зинатӣ ва афзорҳои лозимаро истеҳсол мекарданд, ки аз ҳунари баланди маъдангудозии гузаштагони мо гувоҳӣ медиҳад. Истеҳсоли мис дар ҳазораи 4 пеш аз милод дар Марв, Бохтар, Суғд ва Фарғонаю Ҳафтрӯд густариш меёбад. Мис аз сабаби он ки маъдани нарм буд, афзорҳои сангӣ, махсусан, аз шишасанг ва чахмоқсанг сохтаро аз истеҳсолот танг карда бароварда натавонист. Одамон дар ҷустуҷӯйи роҳҳои сахту мустаҳкам намудани афзорҳои мисин афтода, оқибат ба ин кор ноил гардиданд. Устоҳо ба мис маъдани қалъагиро ҳамроҳ намуда, онро гудохта маъдани тамоман нав – биринҷиро ба даст оварданд.

Яке аз хусусиятҳои маданияти энеолити ҷанубу ғарбии Ориёнои Шарқӣ он буд, ки вай ба зироаткорони Ҳиндустон таъсири муайяне расонидааст. Инро мо дар бозёфтҳои ёдгориҳои Мундигак ва Шӯртӯғаи Афғонистон мушоҳида мекунем.

Дар Саразми Суғд низ ҳамин ҳолат ба назар мерасад. Хонаҳои Саразм аз хишти хом сохта шудаанд, дар онҳо оташдонҳои мудаввар бо бузургдошти оташ мушоҳида мешавад. Хулоса, одамони давраи мису санги Ориёнои Шарқӣ ба оташ эҳтироми махсус доштанд.

## САРАЗМ

Яке аз марказҳои муҳими истеҳсоли мис кӯҳҳои Зарафшон буданд. Бостоншиносон дар ин ҷо даҳҳо конро кашфу таҳқиқ намуданд. Дар кӯҳҳои Мушистон кони мису қалъагӣ вуҷуд дошт, ки аз он бевосита маъдани биринҷ истеҳсол мекарданд. Шояд яке аз сабабҳои пайдо шудани шаҳраки Саразм дар ҳазораи 4-ум ҳамин маъдани мису қалъагии кӯҳҳои Мушистон бошад. Саразм дар масофаи 15 км, дар бахши ғарбии шаҳри Панҷакент, дар роҳи мошингарди Панҷакенту Самарқанд ҷой дошта, беш аз 100 га заминро фаро гирифтааст. Дар Саразм одамон тақрибан нимҳазор сол зиндагонӣ кардаанд ва бештар ба истеҳсоли маъдан машғул буданд ва ба бисёр мамлакатҳои он давра, аз ҷумла ҷанубу шарқии Туркманистон, Балуҷистон, Систон, Хуросон ва атрофи баҳри Хоразм муносибатҳои тиҷоратӣ доштанд. Ин додугирифт бештар бо хариди маъдани мис алоқаманд буд. Саразмиён на танҳо дар истеҳсоли маъдан, балки коркарди сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо устодони моҳир буданд.

## §13. АСРИ МИСУ САНГ ДАР ОРИЁНОИ ШАРҚӢ

**Асри мису санг дар Ориёнои Шарқӣ.** Конҳои истеҳсоли мису биринҷӣ дар Ориёнои Шарқӣ – дар Марғуш, Бохтари Шимолӣ, кӯҳҳои Суғд, Фарғона хеле бисёр буда, одамон истеҳсоли онҳоро аз ҳазораи 6 шурӯъ кардаанд.

Олимони бостоншинос мувофиқи тамаддунҳои ёфтшуда сарзамини ориёнишинро ба ноҳияҳо тақсим намудаанд ва мо вобаста ба он дар бораашон нақл менамоем.

Пажӯҳишгарон чунин ақида доранд, ки аврупоиён, аз ҷумла ҳиндуориёиҳо аз Ховари Наздик ба Осиёи Марказӣ омадаанд.

Маданияти мису санги Ориёнои Шарқӣ давоми маданияти Ҷайтун мебошад, ки дар ноҳияҳои гуногун бо хусусиятҳои хоси худ тараққӣ кардааст, махсусан, санъати хоси ин ёдгорӣ дар зарфҳои гилини он мушоҳида мегардад.

Мардумон мунтазам водиҳоро азхуд менамуданд. Дар ҳамин давра дар водии Таҷан деҳае пайдо мешавад, ки ҳоло харобаи он ба номи Намозгоҳтеппа машҳур буда, алҳол дар қаламрави Туркманистон воқеъ гардидааст. Яке аз хусусиятҳои санъати зарфсозони бошандагони Намозгоҳ он аст, ки ба гили зарфсозӣ коҳмайда ҳамроҳ мекарданд.Зарфҳо якранг буда, бо нақшҳои секунҷа оро ёфтаанд. Дар ин давра хуку гӯсфандпарварӣ тараққӣ карда буд. Деҳаҳо хурд-хурд буданд. Намозгоҳ бузургтарини онҳо буда, 10 га заминро ишғол мекард. Ҳамаи хонаҳо оташдон доранд. Дар маркази деҳа ибодатгоҳ ҷой дошт, ки ба бузургдошти оташ бахшида шудааст.

Аз зироатҳо бештар гандум ва ҷав буд. Дар замони Намозгоҳи II хонаҳои бисёрҳуҷра пайдо мешаванд. Зарфсозии нақшунигордошта равнақ меёбад. Афзори мисӣ зиёд мешаванд. Ашёи зинатии тилло ва нуқра низ пайдо мешаванд. Ороишоти занон – марҷонҳои гардан аз лоҷвард, ақиқ, оҳаксанг ва ғайра сохта шудаанд. Замони зиндагонӣ дар Намозгоҳ ба ҳазораи 4 пеш аз милод рост меояд. Зироаткорон техникаи обёриро медонистанд ва ҳосили хуб мегирифтанд.

Мувофиқи бозёфтҳои археологӣ истеҳсоли мисро ба се давра метавон тақсим кард. Дар давраи якуми ҳазораи 5 пеш аз милод устоҳо аз маъданҳо истифода карда, дар охири ин давра об кардани онро ёд гирифтаанд. Дар давраи дуюм технологияи истеҳсоли онро ёд мегиранд ва истифодаи он зиёд мегардад. Дар

давраи сеюм устоҳо мисро дар кӯраҳо гудохта, дар қолабҳо рехта, чизҳои зинатӣ ва афзорҳои лозимаро истеҳсол мекарданд, ки аз ҳунари баланди маъдангудозии гузаштагони мо гувоҳӣ медиҳад. Истеҳсоли мис дар ҳазораи 4 пеш аз милод дар Марв, Бохтар, Суғд ва Фарғонаю Ҳафтрӯд густариш меёбад. Мис аз сабаби он ки маъдани нарм буд, афзорҳои сангӣ, махсусан, аз шишасанг ва чахмоқсанг сохтаро аз истеҳсолот танг карда бароварда натавонист. Одамон дар ҷустуҷӯйи роҳҳои сахту мустаҳкам намудани афзорҳои мисин афтода, оқибат ба ин кор ноил гардиданд. Устоҳо ба мис маъдани қалъагиро ҳамроҳ намуда, онро гудохта маъдани тамоман нав – биринҷиро ба даст оварданд.

Яке аз хусусиятҳои маданияти энеолити ҷанубу ғарбии Ориёнои Шарқӣ он буд, ки вай ба зироаткорони Ҳиндустон таъсири муайяне расонидааст. Инро мо дар бозёфтҳои ёдгориҳои Мундиғак ва Шӯртӯғаи Афғонистон мушоҳида мекунем.

Дар Саразми Суғд низ ҳамин ҳолат ба назар мерасад. Хонаҳои Саразм аз хишти хом сохта шудаанд, дар онҳо оташдонҳои мудаввар бо бузургдошти оташ мушоҳида мешавад. Хулоса, одамони давраи мису санги Ориёнои Шарқӣ ба оташ эҳтироми махсус доштанд.

## САРАЗМ

Яке аз марказҳои муҳими истеҳсоли мис кӯҳҳои Зарафшон буданд. Бостоншиносон дар ин ҷо даҳҳо конро кашфу таҳқиқ намуданд. Дар кӯҳҳои Мушистон кони мису қалъагӣ вуҷуд дошт, ки аз он бевосита маъдани биринҷ истеҳсол мекарданд. Шояд яке аз сабабҳои пайдо шудани шаҳраки Саразм дар ҳазораи 4-ум ҳамин маъдани мису қалъагии кӯҳҳои Мушистон бошад. Саразм дар масофаи 15 км, дар бахши ғарбии шаҳри Панҷакент, дар роҳи мошингарди Панҷакенту Самарқанд ҷой дошта, беш аз 100 га заминро фаро гирифтааст. Дар Саразм одамон тақрибан нимҳазор сол зиндагонӣ кардаанд ва бештар ба истеҳсоли маъдан машғул буданд ва ба бисёр мамлакатҳои он давра, аз ҷумла ҷанубу шарқии Туркманистон, Балуҷистон, Систон, Хуросон ва атрофи баҳри Хоразм муносибатҳои тиҷоратӣ доштанд. Ин додугирифт бештар бо хариди маъдани мис алоқаманд буд. Саразмиён на танҳо дар истеҳсоли маъдан, балки коркарди сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо устодони моҳир буданд.

## §13. АСРИ МИСУ САНГ ДАР ОРИЁНОИ ШАРҚӢ

**Асри мису санг дар Ориёнои Шарқӣ.** Конҳои истеҳсоли мису биринҷӣ дар Ориёнои Шарқӣ – дар Марғуш, Бохтари Шимолӣ, кӯҳҳои Суғд, Фарғона хеле бисёр буда, одамон истеҳсоли онҳоро аз ҳазораи 6 шурӯъ кардаанд.

Олимони бостоншинос мувофиқи тамаддунҳои ёфтшуда сарзамини ориёнишинро ба ноҳияҳо тақсим намудаанд ва мо вобаста ба он дар бораашон нақл менамоем.

Пажӯҳишгарон чунин ақида доранд, ки аврупоиён, аз ҷумла ҳиндуориёиҳо аз Ховари Наздик ба Осиёи Марказӣ омадаанд.

Маданияти мису санги Ориёнои Шарқӣ давоми маданияти Ҷайтун мебошад, ки дар ноҳияҳои гуногун бо хусусиятҳои хоси худ тараққӣ кардааст, махсусан, санъати хоси ин ёдгорӣ дар зарфҳои гилини он мушоҳида мегардад.

Мардумон мунтазам водиҳоро азхуд менамуданд. Дар ҳамин давра дар водии Таҷан деҳае пайдо мешавад, ки ҳоло харобаи он ба номи Намозгоҳтеппа машҳур буда, алҳол дар қаламрави Туркманистон воқеъ гардидааст. Яке аз хусусиятҳои санъати зарфсозони бошандагони Намозгоҳ он аст, ки ба гили зарфсозӣ коҳмайда ҳамроҳ мекарданд.Зарфҳо якранг буда, бо нақшҳои секунҷа оро ёфтаанд. Дар ин давра хуку гӯсфандпарварӣ тараққӣ карда буд. Деҳаҳо хурд-хурд буданд. Намозгоҳ бузургтарини онҳо буда, 10 га заминро ишғол мекард. Ҳамаи хонаҳо оташдон доранд. Дар маркази деҳа ибодатгоҳ ҷой дошт, ки ба бузургдошти оташ бахшида шудааст.

Аз зироатҳо бештар гандум ва ҷав буд. Дар замони Намозгоҳи II хонаҳои бисёрҳуҷра пайдо мешаванд. Зарфсозии нақшунигордошта равнақ меёбад. Афзори мисӣ зиёд мешаванд. Ашёи зинатии тилло ва нуқра низ пайдо мешаванд. Ороишоти занон – марҷонҳои гардан аз лоҷвард, ақиқ, оҳаксанг ва ғайра сохта шудаанд. Замони зиндагонӣ дар Намозгоҳ ба ҳазораи 4 пеш аз милод рост меояд. Зироаткорон техникаи обёриро медонистанд ва ҳосили хуб мегирифтанд.

Мувофиқи бозёфтҳои археологӣ истеҳсоли мисро ба се давра метавон тақсим кард. Дар давраи якуми ҳазораи 5 пеш аз милод устоҳо аз маъданҳо истифода карда, дар охири ин давра об кардани онро ёд гирифтаанд. Дар давраи дуюм технологияи истеҳсоли онро ёд мегиранд ва истифодаи он зиёд мегардад. Дар

Гӯри “Маликаи Саразм” нишон дод, ки дар ҷомеаи мазкур зан мақоми баланд доштааст. Дар гардани “Маликаи Саразм” марҷонҳои тилло, сангҳои қиматбаҳо, дуру ҷавоҳир, сару либосашро ҷавоҳирот оро модод.

Хонаҳои Саразм аз хишти хом сохта шудаанд, ки дар онҳо оташдонҳои мудаввар бо бузургдошти оташ мушоҳида мешавад. Хулоса, одамони давраи мису санги Ориёнои Шарқӣ ба оташ эҳтироми махсус доштанд. Саразмиён ба кишоварзӣ ва чорводорӣ низ машғул буданд. Саразмро метавон шаҳри қадимтарини асри мису бириҷ дар сарзамини Суғд номид.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. ***Асри мису санг чист ва дар давраи он дар зиндагии одамон чӣ гуна тағйирот ба вуҷуд омадаанд?***
2. ***Асри мису санги Ориёнои Ғарбӣ аз асри мису санги Ориёнои Шарқӣ чӣ фарқияту чӣ умумият дошт?***
3. ***Саразм дар кадом ноҳия ҷой дорад ва чӣ гуна ёдгорист?***
4. ***Истеҳсоли мис чанд давраро аз сар гузаронидааст?***
5. ***Саразмиён асосан чӣ истеҳсол мекарданд?***

# БОБИ II
# АСРИ БИРИНҶ – ЗАМОНИ КАЁНИЁН

## §14. ГУЗАРИШ АЗ МОДАРШОҲӢ БА ПАДАРШОҲӢ

Асри биринҷ дар таърихи башарият бо дигаргуниҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, эстетикӣ ва забонӣ машҳур аст. Пайдо шудани маъдани биринҷ бо афзору олатҳояш дар таърихи инсонҳои қадим дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд овард. Афзорҳои биринҷӣ асбобҳои сангиро, ки ҳазорсолаҳо дар истифода буданд, аз истеҳсолот танг карда баровард. Олатҳои истеҳсолии дос, табар, корд, оҳани сипори аз маъдани биринҷӣ сохташуда нисбат ба афзорҳои сангӣ маҳсулнокии меҳнатро даҳчанд афзуданд. Дар хазинаи деҳқон гандум, ҷав ва дигар зироатҳо ба миқдори зиёд боқӣ мемонданд ва онҳоро ба бозор баровардa мефурӯхтанд. Кишоварзӣ тараққӣ ёфт ва мардумони зиёд ба сукунати муқимӣ ва сохтани хонаю бошишгоҳҳои доимӣ шурӯъ намуданд. Ин ба пайдо шудани деҳаҳо ва шаҳрҳо – марказҳои маъмурӣ оварда расонд.

То пайдоиши кишоварзӣ хӯрду хӯрок ва дороии асосии одамони қадим чорводорӣ буд. Баъди пайдоиши кишоварзӣ низ рамаву галлаҳои зиёд дар дасти авлодҳо вуҷуд доштанд ва чорводорӣ дар ибтидо нисбат ба зироаткорӣ сердаромадтар ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин, авлод ба ду қисм: кишоварзон ва чорводорон ҷудо шуданд. Ин порашавӣ бо номи «тақсимоти якуми меҳнат» дар таърихи ҳамаи халқҳои ҷаҳон дар як давру замон ба вуҷуд наомада буд. Вай дар ибтидо дар байни халқҳои пешрафтаи Аврупо ва Осиё ба вуқӯъ мепайвандад. Дар Африқо, Австралия ва бисёр ноҳияҳои дигари ҷаҳон чорводорӣ, шикорчигӣ ва моҳигирӣ то охирҳои асри XIX давом мекунад. Дар мамлакатҳое, ки табиати ҳамешабаҳор ва донаю меваҳои табиии зиёд доранд, баъзе қабилаҳо то имрӯз дар сохти ҷомеаи ибтидоӣ зиндагонӣ карда истодаанд.

Дар баъзе ноҳияҳо зироаткорон аз шикорчиён, дар баъзе ҷойҳо зироаткорон аз моҳигирон ҷудо мешаванд, яъне тақсимот вобаста ба муҳит ва сарвати табиии ин ё он ҷойи дунё гуногун буд. Дар асри биринҷ инсон, махсусан, гузаштагони мо чархи



*Расми 18 – 19. Зарфҳои асри биринҷ аз хонаҳои ёдгории Тоголок-21.*

кулолгариро ихтироъ карданд, ки ба ҷойи зарфҳои дастисохти пастсифат зарфҳои нафис ва миқдоран зиёдро пешкаши харидорон карданд. Ихтирои чархи кулолгарӣ ба пайдоиши соҳаи нави ҳунармандӣ – кулолгарӣ ибтидо гузошт. Кӯзагарон акнун ба мардум зарфҳои гуногун ва хушсифатро пешниҳод менамуданд, ки аз зарфҳои дастисохт арзонтар ва зеботар буданд.

Дар асри биринҷ инсон дигар маъданҳо, аз ҷумла тиллою нуқраро кашф намуд, акнун чизҳои зебу зинат аз тилло ва нукра сохта мешуданд, ки сабаби пайдо шудани соҳаи дигари ҳунармандӣ – заргарӣ гардид.

Дар ин аср гузаштагони мо чорвои калон – аспу шутур ва говро ром намуда, соҳибони галлаю рамаҳои зиёд шуданд, ки дар саҳроҳои Сибир ва ҷануби Русия ва Қазоқистон ҳаёти кӯчӣ доштанд. Онҳо дар асри мису биринҷӣ аробаи дучархаро ихтироъ намуданд ва бар он аспонро баста, дастаҳои ҷанговаронро ташкил намуданд. Одамон дар болои аробаи дучархаю чорчарха на танҳо бор, балки хонаю ҷой сохта, аз як ҷо ба ҷойи дигар ҳаракат менамуданд.

Асри биринҷ боз як хусусияти дигар ҳам дошт. Ин давраи ҳаракати халқҳо буд. Чорводорон барои нигоҳдории галлаю рамаҳояшон, ки дар ҳудуди аҷдодии он намегунҷиданд, ба тасарру-

фи ҷойҳои нав даромаданд. Пайдо шудани аспи саворӣ ва фойтун ба мардум имконият дод, ки ба масофаҳои дур ҳаракат намоянд.

Асри биринҷ асри пайдо шудани синфҳо, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва давлатҳои бузург ба шумор меравад. Аз тарафи давлатҳои бузург забт намудани давлатҳои хурд ва ғулом кардани аҳолии онҳо ба кори маъмулӣ табдил меёбад. Дар асри биринҷи номи этникии гузаштагони мо «ориёӣ» пайдо мешавад. Ҳамин тавр, асри биринҷӣ асри дигаргуниҳои бузург дар ҳаёти одамони қадим буд.

Асри биринҷ дар Ориёно давраҳои гуногунро дар бар мегирад. Дар Ориёнои Ғарбӣ барвақттар ва дар Ориёнои Шарқӣ дертар ба вуҷуд омадааст. Асри биринҷ дар Ориёнои Шарқӣ то ҳазораи дуюм ва дар баъзе мавзеъҳои он то ҳазораи якум давом мекунад.

Асри биринҷ дар Ориёнои Ғарбӣ ҳазораҳои 4 – 2-умро фаро мегирад ва ба 3 давра тақсим мешавад. Давраи якум аз ҳазораи 4 то 3-юм ва давраи дуюм ҳазораи дуюмро ташкил менамояд. Давраи сеюм аз ҳазораи якум то ташаккули давлати Ҳахоманишён давом мекунад.

Дар Тӯронтеппа биноҳои истиқоматӣ, динӣ, қабристон ёфт шуданд, ки аз онҳо ашёи тилло, нуқра ва сангҳои гаронбаҳо ба даст омаданд ва аз пайдоиши аввалин шаҳрҳо, давлатмандон, тараққиёти ҳунармандӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Ҷомеа ба табақаҳо ҷудо шуда буд. Занҳои давлатманд бо сарулибоси гаронбаҳо гӯронда мешуданд.

Дар Систон аввалин маданияти шаҳрӣ дар водии Ҳилманд ,дар Шаҳри Сӯхта пайдо мешавад. Шаҳри Сӯхта масоҳати 80 га дошт. Хонаҳо аз 6–10 ҳуҷра иборатанд, қасаба ба кӯчаҳо тақсим мешавад. Маданияти Шаҳри Сӯхта ба монанди маданияти Ҳисори Хуросон мебошад. Дар ин давра истеҳсоли афзорҳои биринҷӣ меафзояд, зарфҳо дар чарх сохта мешаванд.

Дар охири ҳазораи 3 ва 2-юм давлатҳои синфӣ пайдо мешаванд. Бостоншиносон дар ноҳияҳои гуногун қабристонҳои одамони давлатмандро таҳқиқ кардаанд.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. ***Ихтирои маъдани биринҷ чӣ аҳамият дошт?***
2. ***Чаро модаршоҳӣ ба падаршоҳӣ иваз шуд?***
3. ***Дар бори аввалин тақсимоти меҳнат маълумот диҳед.***
4. ***Тақсимоти меҳнат чаро ба вуҷуд омад, сабаб чӣ буд?***

## §15. АСРИ БИРИНҶ ДАР ОРИЁНОИ ҒАРБӢ. МАДАНИЯТИ СИЁЛКА

Ба давраи биринҷ қабатҳои Сиёлкаи III дохил мешавад. Маданияти бошандагони Сиёлкаи III ба ҳазораи 4 нисбат дошта, давоми зиндагии Сиёлкаи I–II мебошад, аммо хусусиятҳои хоси худро дорад. Якум, зарфҳо дар чархи кулолӣ сохта шуда, бо акси ҳайвонҳо, аз ҷумла паланги холдор, гавазн, бузи кӯҳӣ, мор, одамон, шутурмурғҳо, чархи оббарорӣ, нақшҳои мавҷӣ, тӯморча ва ғайра ҳунармандона оро ёфтаанд. Ханҷарҳои дар қолаб рехта, ранда, каланд, муҳрҳои сангин ва ғайра низ пайдо шудаанд.

Хонаҳои Сиёлка бисёрҳуҷра буда, аз *хишти хом* сохта шудаанд. Хонаҳоро аз якдигар кӯчаҳои танг ҷудо месозанд. Деворҳои даруни баъзе хонаҳо бо ранги сурх ранг карда шудаанд. Дар баъзе хонаҳо занон бо кӯдакону мардони аз зарби девори афтида мурда ёфт шуданд, ки шояд дар натиҷаи заминҷунбӣ ҳалок шуда бошанд (расми 16).

Сиёлкагиён зарфҳои гуногун, аз ҷумла ҷом, коса ва қадаҳҳои баландпояро бо санъати баланд сохтаанд. Дар соҳаи мисгарӣ низ ҳунари косибон мушоҳида мешавад. Агар дар давраи мису санг афзорҳо дар натиҷаи кӯфтани усто сохта мешуданд, дар ин давра онҳо дар қолабҳо рехта шудаанд. Ҳунармандӣ ба пешаи асосӣ табдил меёбад.

Пайдо шудани муҳрҳо нишонаи истеҳсоли зиёди ғалла ва ба бозор баровардани он ва дигар маҳсулот мебошад. Яке аз чунин муҳрҳо дар қабри одаме ёфт шуд, ки нишони моликияти шахсӣ ва дорандагии ӯ мебошад.

Кишоварзии обӣ дар водии рӯдҳои Корун ва Карх тараққӣ карда буд ва ба ин бозёфтҳои Шуш шаҳодат медиҳанд. Дар ин ҷо зиёда аз 100 деҳа кашф шудаанд. Бузургтаринашон Аподон ва Акропол мебошанд, ки масоҳати онҳо якчанд га заминро ташкил менамуд. Як қисми деҳа дар болои таҳкурсии 9 метр баландидошта сохта шудааст. Маркази таҳкурсӣ теппаи табиӣ буда, атрофи онро девор намуда, майдон сохта, дар болои он биноро барафрохтаанд, ки шояд иқоматгоҳи пешво будааст.

Қабристон дар гӯшаи деҳа ҷой дошт. Мурдаи одамони сарватмандро бо зарфҳо ва ашёи маъданӣ гӯронидаанд, ки аз мавҷудияти нобаробарии иҷтимоӣ гувоҳӣ медиҳад. Таҳқиқи ёдгориҳои Хузистон нишон медиҳад, ки бошандагони онҳо бо

ҳамсоягони худ шумериҳо ва урукҳо робитаи фарҳангӣ доштаанд ва баъзе чизҳоро аз онҳо қабул кардаанд. Умуман, тамаддуни кишоварзӣ дар ҳазораи 4 дар бисёр ноҳияҳои Эрони кунунӣ тараққӣ карда буд.

Дар баъзе муҳрҳо акси сохтмони биноҳои боҳашамати секабата, задухӯрд дар назди қаср кашида шудаанд, ки аз ҳунари баланди меъморӣ ва пайдо шудани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва саравлодҳо, аввалин шоҳон ва давлатҳо шаҳодат медиҳанд. Дар аксҳо баъзе одамон луч, баъзеҳо бо либос ва бо ҳаҷми калон тасвир шудани коҳин бо найза ва арғамчин аз ба вуҷуд омадани ғуломон гувоҳӣ медиҳад.



**Расми 20.** ***Осори асри мису санги Ориёнои Ғарбӣ аз Тали Бакун.***

Баъзе муҳрҳо аз пайдо шудани аломатҳои ҳисоб ва пайдоиши хат хабар медиҳанд.

Дар шимолу шарқи Эрон ёдгориҳои Теппаи Ҳисор таҳқиқ шудааст, ки бо зарфҳои хокистарангаш оҳиста-оҳиста зарфҳои пурнақши намуди Сиёлкаро танг карда мебароранд.

Дар давраи зарфҳои хокистарранг осори биринҷӣ, аз қабили зебу зинати занона: шаддаҳо, марҷон бо садафҳои нуқрагин пайдо мешаванд, ки он аз пайдо шудани сармоядорон гувоҳӣ медиҳанд.

Дар осори Ҳисори III, дар ҳазори дувум дар зарфҳои хокистарранг нақшу нигори хос пайдо мешавад. Зарфҳои гуногуншакли ҷумакдор, гӯшаи лабаш новашакл ва амсоли инҳо ба вуҷуд меоянд ва ин бешубҳа, аз тараққиёти кулолӣ ва пайдо шудани чархи кулолӣ ва кулолгарӣ ҳамчун касб шаҳодат медиҳад.

Маданияти Ҳисори III оҳиста-оҳиста дар ноҳияҳои Хуросон паҳн шуда, то ба кӯҳистони Туркманистон мерасад.

### САВОЛУ СУПОРИШҲО



*1. Биноҳои болои курсиҳои баланд сохта чӣ маъне доранд?*
*2. Муҳрҳо нишонаи пайдо шудани кадом сохтор мебошанд?*
*3. Кадом ҳайвонҳоро дар болои зарфҳо тасвир менамуданд?*
*4.Дар бораи зарфҳои хокистарранг суҳбат кунед.*
*5. Аввалин созандагони шаҳру деҳот киҳо буданд?*

## §16. АСРИ БИРИНҶ ДАР ОРИЁНОИ ШАРҚӢ

Аз боби неолит – асри санги нав огоҳӣ доред, ки аввалин деҳаҳо дар Ориёнои Шарқӣ дар ҳазораи 6-уми пеш аз милод пайдо шуда буданд. Онҳо дар ин муддат ҷойҳои зиндагибоби водии рӯдҳои Ому, Зарафшон, Сир, Марғоб, Таҷан ва Ҳилмандро азхуд намуда, деҳа ва шаҳрчаҳо бунёд карда буданд. Бинобар ин, асри мису биринҷ давоми зиндагӣ ва ободонии асри неолит, аммо дар сатҳи баландтар мебошад. Ориёнои Шарқӣ ба вилоятҳои Марғиён, Суғд, Хоразм, Бохтар, Систон, Зобул, Кобул, Фарғона ва Тӯрон тақсим гардида буд.

Марғиён, Марғуш поёноби рӯдҳои Марғоб ва Таҷанро фаро мегирифт. Ҳоло бахше аз ин вилояти қадим ба Афғонистон ва бахше ба Туркманистон дохил мешавад. Дар ин ҷо дар асри мису биринҷ дар доманаи кӯҳҳои Копетдоғ деҳаҳои кишоварзон пайдо мешаванд ва равнақ меёбанд. Тамаддуни ин давра дар ёдгори Олтинтеппа хуб омӯхта шудааст.



**Расми 21.** ***Осори ибтидои асри биринҷи Олтинтеппа.***

Дар аввали асри биринҷ чархи кулолӣ ихтироъ мешавад, ки зарфҳои дар он сохташуда нисбат ба зарфҳои дастӣ зеботар, нафистар ва арзонтар буданд. Нақшҳо ва рангубори зарфҳо беҳтар шуда, шакл ва сохти онҳо такмил меёбад.

Дар ин давра коса, табақ, ҷом, хурма, пиёлаҳои гуногунҳаҷм ва гуногуншакл пайдо мешаванд. Ба ҷойи кӯраҳои яккабата барои зарфпазӣ хумдонҳои дуқабата пайдо шудаанд, ки аз зиёд шудани зарфсозӣ гувоҳӣ медиҳанд. Маҳаллаҳои алоҳидаи кулолон ба вуҷуд меоянд ва кулолгарӣ касби доимии як гурӯҳи мардон мешавад.

Зироаткорӣ дар асоси заминҳои обӣ равнақ ёфта, азхуд намудани заминҳои обӣ зиёд мегардад. Заминҳои обӣ ҳосили дучанд ва сечанд медоданд. Дар ин давра чорводории чарогоҳӣ хеле равнақ ёфта, чорводорон аз зироаткорон ҷудо мешаванд. Махсусан, чорвои шохдори калон ва аспparварӣ меафзояд.

Яке аз ихтироъҳои асри биринҷ аробаи чорчарха ва дучарха буд. Одамон дар ароба гов, хар ва баъдҳо аспонро баста, аз як ҷо ба ҷойи дигар ҳаракат менамуданд. Баъдҳо аробаи дучархаи дар аспон баста дар ҷангҳо истифода мешуд ва онро яке аз қувваҳои



**Расми 22.** ***Ёдгориҳои қабатҳои мадании Намозгоҳ I–VI.***

мағлубнашаванда меҳисобиданд. Ҳуҷуми фойтунсаворон барои бисёр одамони қадим даҳшатовар буд.

Дигар хусусияти асри биринҷ он буд, ки муҳрҳои бо тамғаҳои чиликгул, чорчилик, салибӣ ва бо акси ҳайвонҳои асотирӣ пайдо мешаванд. Ин муҳрҳо аз гил ва санг ва баъдан мису нуқра сохта шудаанд.

Пайдо шудани муҳрҳо ба он далолат мекунад, ки мардум доротар шудаанд, моли зиёдатӣ ба даст овардаанд ва онро фурӯхта ва ё қарз дода метавонистанд. Дар ин бора ва умуман дар бораи дахлу харҷи рӯзгори худ ҳуҷҷатҳо тартиб медодаанд.

Дар ҳазораи дуюми пеш аз милод дар Ориёнзамин давлатҳо пайдо шуданд.

Яке аз ёдгориҳои ҳазораи дуюм Гонур дар водии Марғоб мебошад. Гонур шаҳри ташаккулёфта буда, масоҳати 20 гектарро ташкил намуда, маркази давлати Марғуш буд. Дар атрофи марказ боз 30 деҳаи дигар вуҷуд доштанд.



**Расми 23.** ***Муҳрҳо аз Марғиён.***




**Расми 24.** ***Меъмории Бохтар ва Маргиён.***

Берун аз қасри шоҳро шаҳристон ташкил менамуд ва дар он маъбадҳои оташ, об ва қурбониҳо сохта шудаанд. Тамоми биноҳои шаҳр бо нақшаи пешакӣ ва бо санъати баланд сохта шудаанд. Маъбад, бешубҳа, ба оини зардуштӣ тааллуқ дорад ва дар Марғуш ибодатгоҳи бузург ба ҳисоб мерафт.

Гонур шаҳри калон буда, бо маъбадҳои оини зардуштӣ ва сағонаҳои зеризаминии шоҳон таҳқиқ шудааст. Ин шаҳр ба аввали ҳазораи сеюм ва дуюми пеш аз милод мансуб аст. Урфияти дар сағона, яъне хонаи зеризаминӣ бо чизу чораи зиёд гӯронидани шоҳон дар Ориёзамин бори аввал пайдо шудааст. Сағонаҳо аз як то чор ҳуҷра доранд. Баъзе сағонаҳо ба монанди хонаи истиқоматӣ рангубор карда шудаанд. Дар ҳуҷраҳои алоҳида тобутҳо ва чизу чора, фойтун ва аспону канизонашон гӯр карда шудаанд.  Бозёфтҳои Гонур аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ориёзамин ба монанди Миср, Байнаннаҳрайн ва Ҳиндустон яке аз марказҳои тамаддуни ҷаҳонӣ будааст (расми 24,2). Марғуш дар ин давра бахши давлати Каёниён ба шумор мерафт.

Дигар ёдгории ҳазораи дуюми пеш аз милод дар Бохтари Шимолӣ бо номи Ҷарқӯтан маълум аст. Ин ёдгорӣ дар наздики Шербободи вилояти Сурхонрӯд воқеъ аст. Шаҳр аз қалъае, ки дар он шоҳ мезист, хонаҳои истиқоматӣ, маркази динӣ – ибодатгоҳи зардуштӣ ва қабристон иборат мебошад. Бостоншиносон кохи шоҳ, маъбад ва якчанд маҳалларо кофта пайдо карданд. Шаҳр нақшаи чоркунҷа дошт ва атрофашро девори ҳимоявӣ иҳота менамуд. Масоҳати шаҳр 100 га заминро ишғол мекард.

Дар Ҷарқӯтан маъбади оташе ёфт шуд, ки дар меҳробаш доиман оташи муқаддас фурӯзон будааст. Ин аввалин маъбади оташ мебошад, ки дар асоси қоида ва қонунҳои оини Маздаясно сохта шудааст ва қадимтарин маъбад дар ҷаҳони Ориёно мебошад (расми 24,4). Ин ҷо бахши Ориёнами авестоӣ буд.

Суғд яке аз марказҳои қадими ориёинишин буд ва дар «Авесто» кишвари сеюмест, ки Аҳурамаздо барои ориёиҳо офарида-

аст. Аммо дар бахшҳои поён ва марказии водии Суғд ёдгориҳои кишоварзӣ ва чорводории давраҳои неолит ва энеолиту биринҷӣ кашф нашудаанд. Шояд барои он бошад, ки ёдгориҳои он давраҳо дар марҳалаҳои баъдина дар натиҷаи шаҳрсозӣ ва ё кишти майдонҳо аз байн рафтаанд.

Ёдгории замони энеолит ва биринҷӣ, ки дар қисмати болооби рӯди Суғд, дар ноҳияи Панҷакат кашф шуд, бо номи Саразм маъруф аст. Маънои калимаи «Саразм» – сари замин аст, зеро дар ин ҷо рӯди Зарафшон аз тангии кӯҳҳо баромада, сӯйи водии васеи Суғд равон мешавад.

Деҳаи Саразм дар замони мису санг дар ҳазораи 4-и пеш аз милод пайдо мешавад ва давоми маданиятҳои мезолит ва неолити ин диёр мебошад. Маданияти Саразм дар натиҷаи аз вилоятҳои Марғуш омадани одамон ба вуҷуд омадааст. Аз алоқаҳои мадании бошандагони Саразм бо Марғуш сохтмони манзилгоҳҳо ва ибодатгоҳҳо шаҳодат медиҳанд. Замони Саразм I ба ҳазораи чоруми мису санг мансуб буда, бошандагони он аслан ба истеҳсоли мис аз кӯҳ машғул буданд, кишоварзӣ ва чорводорӣ барои онҳо дуюмдараҷа ҳисоб меёфт ва бо кишоварзони ҳамзамони худ дар ҷануби Афғонистон, Балуҷистон, Систон, Хузистон, Теҳрон (Сиёлка) ва Хуросон робита доштанд.

Саразмиён дар хонаҳои хиштӣ мезистанд. Дар Саразм бинои ибодатӣ – маъбад бо оташгоҳаш вуҷуд дошт.

Саразмиён усули хуби мисгариро медонистанд. Дар байни бозёфтҳо табар, дос, найза, корд, дарафш, сӯзан, чангак, мех, табарҳои сангӣ, табарзоғнӯл хеле бисёр мебошанд. Дар Саразм коркарди маъданҳои тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо, ҳунарҳои кулолӣ ва бофандагӣ низ тараққӣ карда буд. Саразм аз ҷониби бостоншиноси тоҷик, доктори илми таърих Абдуллоҷон Исҳоқов кашфу таҳқиқ шудааст.(расми 26)



**Расми 25.** ***Бозёфтҳо аз Саразм.***

Дар Фарғона, дар Чуст ёдгорие бо номи Далварзинтеппа кашф шудааст. Хонаҳо аз хишт сохта шудаанд, дар онҳо оташдон ва ханбаҳои нигоҳдории ғалла вуҷуд доранд.



**Расми 26.** ***1). Зарфи биринҷӣ аз деҳаи Фатмев. 2). Табари биринҷӣ аз Саразм (водии Зарафшон).***

Зарфҳо бо ранги сурх сайқал дода шуда, бештар дастисохт мебошанд. Таҷҳизоти бофандагӣ хеле бисёранд. Чустиён технологияи истеҳсоли афзорҳои биринҷиро хуб азхуд карда буданд. Касби асосӣ кишоварзӣ буд. Дар бошишгоҳ дос, дастос, ҳован ва ҳовандаста мавҷуданд. Аз чорвои хонагӣ гов, гӯсфанду буз, хар, асп ва хукро мепарвариданд (расми 27).

Дар водии Синд (Қандаҳор) бошишгоҳҳои кишоварзон дар ёдгории Мундигак пайдо шудааст. Қабатҳои қадимтарини он ба замони мису санг ва минбаъд ба биринҷӣ тааллуқ доранд. Дар ҳазораи сеюм ва аввали дуюм дар ин ҷо шаҳр пайдо шудааст.

Дар марказ қасри шоҳнишини хеле боҳашамат ёфт шудааст. Дар яке аз биноҳо боқимондаи маъбад кашф шуд. Зарфҳо дар чархи кулолӣ сохта шудаанд. Бозёфти муҳрҳои биринҷӣ ва сангӣ аз давлатмандӣ ва вусъати муомилот огоҳӣ медиҳанд.

Ҳайкалчаҳои занон бо мӯйҳои ба занҷир монанд бофташуда ва кулоҳҳои боҳашамат нишони мақоми баланди зан дар ҷомеаи мундигакиён мебошанд.

Сарулибоси мундигакиён ба бошандагони Ҳараппии Ҳинд шабоҳат доранд. Ҳамин тавр, дар ҳазораи 3–2 пеш аз милод дар ҳамаи ҷойҳои зиндагонибобои Ориёнои Ғарбӣ ва Ориёнои Шарқӣ деҳаҳо ва дар маркази вилоятҳо шаҳрҳо пайдо шуда буданд.



### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ

*1. Асри биринҷ дар зиндагии мардуми он давра кадом дигаргуниҳоро ба вуҷуд овард?*
*2. Тақсимоти меҳнат чист ва чаро ба он зарурат пайдо шуд?*
*3. Хусусиятҳои асри биринҷи Ориёнои Ғарбӣ ва Ориёнои Шарқиро номбар карда метавонед? Умумияту фарқҳояшонро шарҳ диҳед.*

## ОРИЁИҲОИ САҲРОНАВАРД (ТӮРОНО)

Дар адабиёти таърихӣ ақидае ҳаст, ки ориёиҳо дар асл саҳронаворд буданд ва дар Олтой, Сибири Ғарбӣ ва ҳавзаҳои рӯди Урал мезистанд ва дар ҳазораи II пеш аз милод ба Осиёи Миёна: Бохтар, Суғд, Фарғона ва Эрону Ҳиндустон меоянд ва мардуми маҳаллиро тобеи худ мекунанд ва расму оини худро ҷорӣ менамоянд. Ин қабилаҳои чорводор дар адабиёти таърихӣ бо ду ном – андроновоиҳо ва срубҳо маъруф мебошанд.

## §17. МАДАНИЯТИ МАРДУМИ СРУБ

Ин мардум дар қисми саҳроҳои шимоли баҳри Охшиён (Сиёҳ), шимоли Қафқоз ва поёноби рӯдҳои Ра (Волга), Дану (Дон) ва Данука (Днепр) зиндагонӣ мекарданд. Дар ин ҷойҳо қабристонҳои бисёр боқӣ мондаанд, ки онҳо ба ҳазораи 3–2 пеш аз милод нисбат доранд. Қисми қабристонҳо бо номи «Яма»-и қадим, катакомбаҳо ва срубҳо машҳуранд. Қабрҳо чандон чуқур нестанд, мурдаҳоро бо пушт ё бо паҳлу, зонуҳоро ба сари дил, як дастро дар таги сар ва дасти дигарро дар рӯ монда, дар қабрҳо гӯрондаанд. Бошандагони қабрҳои Яма заминро модари дуюм меҳисобиданд ва мурдаро тавре ки тифл дар батни модар мехобад, ба ҳамон тартиб дар гӯр мегузоштанд.

Ба фарши қабр оҳак ва ё ранг мепошиданд. Болои мурдаро низ ранг мепошиданд. Дар қабр ҳамроҳи мурда зарфҳои тухмшакл, пайконҳои чахмоқӣ, корд ва табар мегузоштанд. Маданияти Яма давоми маданияти неолит мебошад. Касби мардум моҳигирӣ ва шикор буд. Онҳо чорвои шохдори калон, буз, гӯсфанд ва хукро хонагӣ карда буданд.

Дар аввали ҳазораи 2-и пеш аз милод қабрҳои Ямаро қабрҳои лаҳаддор (катакомба) иваз мекунад. Ёдгорию қабрҳои лаҳаддор аз рӯди Данука то Ра ва дар шимол то Курск ва дар ҷануб то Кимерия (Қрим) паҳн шудаанд. Дар фарши қабр ранг мепошиданд ё най меандохтанд. Мурда якпаҳлу ба монанди қабрҳои ямагӣ мехобад.




**Расми 27.** ***Осори асри бринҷи Фаргона (Чуст). 1. Нақшаи Дилварзин. 2-14. Зарфҳо. 15-20. Олоти биринҷӣ. 21-22. Қолаби гӯшвор. 23. Пайконаи сангин. 24. Гурзи сангӣ. 25-31. Табарҳои сангӣ.***

Ҳамроҳи мурда афзору зарфҳо мегузоштаанд. Қисми поёни зарфҳо ҳамвор буда, деворҳояшон нақшин аст. Бошишгоҳҳои он мардум аз хонаҳои нимзеризаминии бо бӯрёи бофта девор гирифта иборат буда, аз берун бо гил андова шудаанд. Онҳо аз биринҷӣ тоба, корд, сӯзан ва дигар афзорҳо сохтаанд ва ба зироаткорӣ ва чорводорӣ машғул буданд.

Гурӯҳи дигари қабрҳо ба срубиҳо тааллуқ доранд. Барои он онҳоро чунин ном ниҳодаанд, ки мурдаҳои худро дар қабрҳои аз ғӯлачӯб («сруб»-и русӣ) сохташуда гӯр мекарданд. Онҳо аз рӯди Данук то Урал ва аз рӯди Охшиён то соҳилҳои рӯди Кама паҳн мешаванд. Срубиҳо баъзан қабрро бо чӯб мепӯшонданд. Срубиҳо ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғул буданд. Деҳаҳои онҳо дар соҳили рӯдҳои начандон бузургу хурд ҷой доштанд.

Хонаҳои срубиҳо ҳам нимзеризаминӣ буданд. Баъзе хонаҳо 15–20 м дарозӣ ва 3 м паҳно доштанд. Дар маркази хона оташдон вуҷуд дошт. Давродаври деворҳо сутунҳо устувор буданд. Хонаҳои одамон аксаран аз ғӯлачӯбҳо сохта шуда, пӯшиши махрутӣ ва ҳамвори чӯбу тахтагин доштанд.

Срубиҳо ду навъи зарф месохтанд: яке ба шакли банка ва дигаре пасттару шикамбадор буд.

Аз маъдани биринҷ ханҷар, корд, дос, табар ва оҳани сипор месохтанд. Зироаткорӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, бофандагӣ ва чармгарӣ низ тараққӣ карда буд.

Дар охири замони срубиҳо нобаробариҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба ин яке аз қабрҳои бузург дар назди шаҳри Стено шаҳодат медиҳад. Қабр 15 метр баландӣ дорад, ки дар сохтани он меҳнати зиёд сарф шудааст. Бошандагони деҳаҳои срубӣ мардуми ориёӣ буданд ва баъдан дар адабиёти таърихӣ бо номи «скифҳо» машҳур гардиданд.

**Маданияти Андроново. Маданияти бостоншиносии давраи биринҷ.** Ин маданият тақрибан нимаи дуюми ҳазораи 2-и то милод вуҷуд дошт. Номаш аз деҳаи Андроновои назди Ачинск гирифта шудааст. Маданияти Андроново дар ҳудуди Қазоқистон, Сибири Ғарбӣ ва Ҷанубӣ, назди Урал паҳн шуда буд. Аввалин қабрҳои ин маданиятро дар Сибири Ғарбӣ дар назди деҳаи Андроново кашф кардаанд. Баъдан ҳамаи ёдгориҳое, ки осори моддии онҳо ба бозёфтҳои андроновоиҳо монанд ҳастанд, ба номи ин маданият нисбат дода шудаанд. Аз андроновоиҳо бошишгоҳ ва қабристонҳои бисёр боқӣ мондаанд.




**Расми 28.** ***Осори тамаддуни срубӣ ва гӯрхонаҳои лаҳаддор (катакомбасӣ). 1. Табари сангӣ. 2. Табари биринҷӣ, 3. Зарф аз қабри лаҳаддор. 4-7. Осори маданияти срубӣ.***

Қабрҳо бештар гунбазшакл буда, атрофи баъзеи онҳо бо тавораи сангӣ иҳота шудаанд.

Андроновоиҳо ба кишоварзӣ, чорводорӣ ва коркарди маъдан машғул буданд. Дар бошишгоҳ ва қабрҳои онҳо тири пайкони биринҷӣ, найза, табар, зоғнӯл, теша, оҳани сипор, дос ва ғайра пайдо шудаанд. Кулолгарии дастӣ равнақ доштааст ва зарфҳои гуногуни нақшин ва бенақшро месохтаанд.

Онҳо чорвои шохдори калон ва майда нигоҳ дошта, аз зироатҳо чаву гандум мепарвариданд. Андроновоиҳо махсусан, ба аспарварӣ машғул буданд. Онҳо ромкунандаи асп ва ихтироъгари гардунаи дучарха (ароба) будаанд. Хонаҳои нимзеризаминӣ аз чӯб сохта шудаанд. Андроновоиҳо ба нажоди аврупоӣ нисбат доштанд ва ориёӣ буданд.

Дар Осиёи Миёна бошишгоҳ ва қабристонҳои андроновоӣ дар Қайроққум, водии Зарафшон, Хоразм, Фарғона, водии Ҳисор, Кӯлоб, Вахш ва Бадахшон ёфт шудаанд. Андроновоиҳо бо кишоварзони водиҳо ҳама вақт робитаҳои фарҳангӣ доштанд.

Дар баъзе маҳалҳо онҳо зиндагии бумӣ доштанд ва зимистон молу говро дар оғил нигоҳ медоштаанд ва тобистон ба девлох (айлоқ) мебурданд. Мурдаҳои худро якпаҳлу ба монанди срубиҳо ва дар қабрҳои лаҳаддор мегӯрониданд. Умуман, таҳқиқоти замони энеолит ва асри биринҷ гувоҳӣ медиҳанд, ки аз кӯли Байкал сар карда то рӯди Дунай ва ҳавзаи рӯди Ранха то Осиёи Марказӣ қабилаҳои ҳамнажоду ҳамтамаддун зиндагонӣ доштаанд. Осори онҳоро бостоншиносон бо номҳо ва маданиятҳои гуногун пешниҳод кардаанд, аммо дар амал як халқу як нажод бо урфиятҳои ба ҳам наздик мезистанд. Онҳо мардумони ориёинажод буданд. Ба ин осори боқимондаи онҳо, мусавваратҳои болои харсангҳо ва махсусан, расми гӯрониданӣ якхела шаҳодат медиҳанд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО**

1. *Чаро маданият ва мардумони онро срубиҳо номидаанд?*
2. *Андровҳо ба кадом нажод нисбат доштанд?*
3. *Урфияти гӯронидани мардумони андроновҳо чӣ гуна буд?*
4. *Дар бораи сохти гӯрҳои лаҳаддор хикоя кунед.*

## §18. МАРОСИМИ ДАФН ДАР АСРИ БИРИНҶ

Марг дар замонҳои қадим барои одамон як ҳодисаи муаммои номаълум буд. Дафнкунии мурдаҳо ҳанӯз аз давраи палеолит (тақрибан 40-50 ҳазор сол пеш) сар шудааст. Аввалҳо мурдаҳоро дар худи бошишгоҳҳо мегӯронданд. Минбаъд дахмаю[1] новусҳоро[2] барои дафни мурдаҳо дар Суғд, Истравшан, Фарғона, Чоч ва Бохтар васеъ истифода мекардаанд.

Дар давраҳои қадим мурдаҳоро дар қабристонҳои авлодӣ, оилавӣ ва шаҳрӣ дафн мекардаанд. Дар шаҳрҳои Тахористон мурдаҳоро бе устадон[3] ва дар деҳот бошад, дар устадонҳо ва хумҳо мегӯронидаанд. Баъди дар Осиёи Марказӣ ҷорӣ шудани дини ислом ду навъи қабр (гӯр) маъмул гардид: лаҳаддор ва шомӣ.

Қадимтарин қабрҳои ёфтшуда ба замони неолит (7–6 ҳазор сол пеш) тааллуқ доранд, вале на ҳамаи қабрҳои замони неолит, энеолит ва асри биринҷ то замони мо расидаанд. Аз қабрҳое, ки дар минтақаҳои намнок ҷой доштанд, осоре боқӣ намондааст. Танҳо қабрҳои дар ҷойҳои хушк ва камборишбуда то замони мо расидаанд.

**Маросими дафн дар Ориёнои Ғарбӣ.** Дар водии Деҳи Лурони Хузистон одамон дар тӯли 4 ҳазор сол зистаанд ва мурдаҳои худро дар дохили деҳа гӯрондаанд. Дар ёдгории Алиқӯша мурдаҳо якҷоя дар зери фарши хона гӯронида шудаанд, ки ба ҳазораҳои 8–7 пеш аз милод мансубанд. Тахмин аст, ки устухонҳои мурдаро аз гӯшташон ҷудо карда гӯронидаанд. Дар ҳазораҳои 7–6 баъзе ҷасадҳоро дар бӯрё печонда, зери фарш гӯрондаанд.

---

1. **Дахма** – *бинои дар баландӣ дур аз шаҳрсохта, ё дар кӯҳ канда барои ҷасади мурдаро гузоштан аст. Зардуштиён ҷасадро дар дахмаҳои сангин мегузоштанд, то ки замин касиф нашавад.*

2. **Новус** – *бино барои ҷасадро гузоштан.*

3. **Устадон** – *навъи тобути сандуқмонанд барои нигоҳдошти мурда. Ҳамчунин зарфе барои устухонгузорӣ.*




**Расми 29.** ***Маданияти андроновоии саҳроҳои Осиё.***
***1.Симои тахминии зани андроновӣ; 2. Зарф ва афзорҳои андроновоиҳо.***

Дар қабристони Ҳисори Хуросон одамон бо паҳлуи рост, як даст дар зери сар ва дасти дигар дар болои рӯй, пойҳо қатшуда хобидаанд. Ҳамроҳи мурдаҳо косаву табақ ва дар қабрҳои занон, марҷон ва чизҳои ороишӣ вуҷуд доранд. Ҳисориҳо кӯшидаанд, ки рӯяшон ба сӯйи баромадгоҳи Офтоб бошад, зеро саҷда ба Офтоб яке аз урфиятҳои қадими ориёӣ аст.

**Маросими гӯронидан дар Ориёнои Шарқӣ.** Маросими гӯронидан дар вилоятҳои Ориёнои Шарқӣ хуб омӯхта шудааст. Дар ин давра одатан одамон бо сарулибос, косаю табақ ва афзорҳои шахсии онҳо: – корд, табар, камон, найза, занҳо бо сарулибос ва ашёи зебу зинаташон гӯронида шудаанд. Дар он давра одамон гумон доштанд, ки сарулибос, зарфҳо ва дигар афзору анҷоми индунёӣ дар охират низ лозим мешаванд. Аз ҳамин сабаб, вақте давлатманде вафот мекард, аспони саворӣ, канизон ва ғуломони ӯро кушта, ҳамроҳаш мегӯронданд.

Маросими гӯронидан дар замони неолит, энеолит ва ҳатто асри биринҷӣ дар тамоми Ориён ба ҳамдигар монанд аст. Масалан, дар Марғуш (деҳаҳои замони Ҷайтун, ҳазораи 6-ум) қабрҳо дар ҳавлию дар назди девори хона ҷой дошта, мурдаҳо якпаҳлу хобонда шудаанд. Сари мурдагон ба шимол, шарқ ва ғарб гардонда шудааст, яъне то он вақт ба тарафи муайян гузоштани мурдаҳо ҳанӯз ба ҳукми одат надаромада буд.

Дар Анов (маданияти давраи неолит, биринҷи ва оҳан,·ки дар наздикии Ашқободи Туркманистон кашф шудааст), мурдаҳои кӯдаконро дар зери фарш ва калонсолонро дар деҳаҳои харобшуда дар сағонаҳои хиштӣ гӯронда, баъзан ҷасади мурдаҳоро бо бӯрё печондаанд. Аз рӯйи чизҳои дохили қабр камбағалӣ, миёнаҳолӣ ё давлатмандии мурдаро муайян кардан мумкин аст.

Дар баъзе қабрҳо афзору анҷом ҳаст, аммо қолаби устухон (скелет) нест. Чунин қабрҳо қабрҳои ёдбудӣ ном доранд, яъне соҳибони онҳо шояд дар ҷанг ё ягон ҳодисае дур аз ватан мурдаанд ё ғарқ шуда бошанд, ки имкони ҷасадро ёфтан ё овардан нашудааст. Барои ҳамин навъи одамон қабри ёдбуд мекананд ва дар он ашёи шахсии ӯро мегузоштанд, то ки рӯҳаш аз он ашё истифода намояд. Қабрҳои ёдбуд одатан, дар қабристонҳои қадим вомехӯранд. Дар қабристони Кангурти ноҳияи Данғара қабрҳои беҷасад хеле бисёр пайдо шуданд. Дар қабрҳо зарфҳо гузошта шудаанд, лекин устухони одамон вуҷуд надорад. Шояд ҳангоми дар дахма гузоштани ҷасад устухонҳояшро уқобон рабуда бошанд. Ин расму одат ба ориёиҳо нисбат дорад. Дар баъзе қабрхо ба ҷойи одамон ҳайкалчаҳо гузоштаанд. Ҳайкал симои фариштаи ҳамин одами фавтида аст, ки дар зинда буданаш мепарастид. Ин фаришта бояд ӯро ба биҳишт рафтан ёрӣ медод.

Дар баъзе қабрҳо гӯсфанд ё саг гӯрондаанд. Тавре ки маълум аст, ориёиҳо саг ва гӯсфандро бузург медонистанд. Баъдҳо гӯронидан дар ҷойи алоҳидаи маҳалла расм мешавад. Баъди зуҳури дини зардуштӣ мурдаҳоро дар дахма ва ё харобаҳои шаҳру деҳот дур аз обу оташ мегӯрониданд. Азбаски дар қабрҳои одамони давлатманд чизҳои қиматбаҳо мегузоштанд, бисёр қабрҳоро дуздон ғорат кардаанд.

Дар асри биринҷӣ ва давраҳои минбаъд ҳам қабристонҳо дар дохили деҳа ва шаҳр вуҷуд доштанд. Дар ҷойҳои сердарахт болои қабрҳоро бо ғӯлачӯб мепӯшониданд. Дар сари қабр санги калон мемонданд. Дар атрофи қабрҳо ба ёдбуди мурда оташ меафрӯхтанд.

Дар яке аз қабристонҳои ноҳияи Бешканд, ки бо номи Тӯлхор машҳур аст, мурдаҳоро сӯзонида, боқимондаи устухонҳоро дар як чуқурии гӯшаи қабр ҷой додаанд. Чунин одат ба як гурӯҳи бошандагони андроновоӣ хос будааст. Дар баъзе қабрхо зану мард якҷоя рӯ ба рӯ хобидаанд. Дар қабрҳо оташдон вуҷуд дорад, ки пеш аз мурдаҳоро ба қабр гузоштан оташ афрӯхтаанд. Ҳоло дар урфияти тоҷикон чанд навъи қабрҳо вуҷуд доранд. Дар ҷойҳое, ки

замин хокӣ аст, қабри лаҳаддор, дар баъзе ҷойҳо қабри росткунҷа, яъне шомӣ бо пӯшиши чӯбу санг маъмул аст. Дар ҷойҳои безамин сағонаҳои оилавӣ мавҷуданд. Аз ҳамин лиҳоз хелҳои гуногуни қабрҳо на ҳамеша хусусияти этникӣ доранд, балки ба шароити маҳал низ вобаста мебошанд.



**САВОЛҲО**

*1. Дар бораи маданияти срубиҳо ва андроновоиҳо чиҳо медонед?*
*2. Бозёфтҳои қабрҳо барои барқарор кардани таърихи куҳан чӣ мадад мерасонанд?*
*3. Оё тарзи гӯрондан барои нажодшиносӣ ёрӣ дода метавонад?*

## ОҒОЗИ ТАМАДДУНИ ШАҲРСОЗӢ

## §19. НАХУСТШАҲРҲО

Пайдо шудани шаҳр зарурати таърихӣ ва маҳсули фаъолияти дурударози инсоният дар роҳи тараққиёти ҷомеа ва фарҳанг мебошад. Шаҳрро равнақи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба миён меоварад. Шаҳр давоми тараққиёти деҳаҳои кишоварзон бошад ҳам, шарту шароити худро дорад. Пайдо шудани шаҳрҳо дар ҳазораҳои сеюм ва дуюм яке аз воқеаҳои муҳими фарҳангӣ дар ҳаёти одамон ба шумор меравад. Тамаддуни инсоният аз пайдо шудани шаҳрҳо оғоз меёбад. Он деҳаҳое, ки дар ҷойҳои муҳими кишоварзӣ, тиҷоратӣ, ҳунармандӣ ва маъмурӣ воқеъ гашта буданд, вусъат гирифта, ба шаҳр табдил ёфтанд.

Аҳолии шаҳр урфу одат, қоидаву қонунҳо, хулқу атвори ба худ хос дорад. Дар шаҳр ҳар кас ба касбу кори худ устод аст. Шаҳрӣ бо дониш, ҷаҳонбинӣ, ақлу хирад ва русуму одоб аз бошандагони деҳот фарқ мекунад. Шаҳр маркази ҳунармандон, савдогарон ва донишмандон мебошад. Шаҳр маркази муомилоти молӣ ва пулӣ буда, дар он ҳама аз ҳисоби музди кори худ рӯз мегузаронанд. Шаҳр биноҳои маъмурӣ, давлатӣ, фарҳангӣ, динӣ, таълимӣ ва истиқоматгоҳҳо дорад. Ғайр аз ин, дар шаҳр бозорҳо ҳам вуҷуд доштанд.

Шаҳр маркази ихтироъҳои илмӣ, аз ҷумла хат мебошад. Шаҳр маркази равнақу ривоҷи ҳунарҳои гуногун гардид. Мо дар дарсҳои гузашта борҳо дар бораи расми ҳайвонҳои шикоркардаи одамони қадим ва нақшунигори болои зарфҳо сухан гуфта будем.

Шаҳр маркази тиҷорат низ буд. Савдогарон моли шаҳри худ-



**Расми 30.** ***Ибодатгоҳи Олтинтеппа.***

ро ба шаҳрҳову мамлакатҳои ҳамсоя ва дур мебурданд ва аз он ҷойҳо чизҳои талаботи мардумони маҳалро меоварданд. Ҳанӯз дар асри биринҷ тиҷорати байналмилалӣ пайдо мешавад. Мо лоҷварди Бадахшонро дар ороиши қасрҳои Байнаннаҳрайн ва фиръавнҳои Миср мебинем.

Ҳамин тавр, роҳҳои бузурги тиҷорати байни шаҳрҳо ва мамлакатҳо дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада буданд ва шаҳрҳое, ки дар роҳи савдои байналмилалӣ ҷой доштанд, умри дароз дида, равнақу ривоҷ ёфтанд.

Дар шаҳрҳои қадим биноҳои боҳашаматтаринро маъбадҳо ташкил медоданд, зеро аввалин шоҳҳо–кайҳо сарварони дин буданд. Аз ин лиҳоз биноҳои динӣ бузургтару зеботар сохта мешуданд. Масалан, маъбади динии бошандагони Олтинтеппа дар ноҳияи Марғуш бузургтарин бино дар шаҳр буд. Он ба сабки биноҳои динии Байнаннаҳрайн сохта шуда, шакли сезинадор дошт. Дар маъбад ҳар гуна маросимҳои динӣ ва давлатӣ баргузор мегардиданд. Ибодатхонаи мазкур ба бузургдошти оташ бахшида шудааст. Меҳроби оташ дар болои курсии махсус сохта шудааст. Дар назди меҳроб зарфҳо барои маросим, сутунчаҳои аз санги сиёҳ ва сари гургу сари гови аз тилло сохташуда пайдо шудаанд (ниг. расми 22).

Ибодатгоҳ ба бузургдошти оташ нисбат дорад ва ба эътиқоди зардуштиён гов рамзи зӯрӣ, тавоной ва яке аз унсурҳои қувваи некӣ ба муқобили бадӣ мебошад. Ориёиҳо говро муқаддас медонистанд ва гурзи говсар имрӯз ҳам дар ибодатгоҳҳои онҳо нигоҳ дошта мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат ибодатгоҳи Олтинтеппа макони муқаддаси ориёиҳо буд.

Яке аз омилҳои шинохтаи шаҳр девори атрофи он ба ҳисоб меравад. Шаҳрҳои он давра ҳама дарвозаҳои устувори ҳимоявӣ бо бурҷҳои тирандозӣ доранд. Ғайр аз ин, давродаври девор роҳрави тирандозӣ ва дар деворҳо якчанд қабат тиркашҳо сохта мешуданд, ки дар вақтҳои муҳосира шаҳрвандон дар болои девор истода, ба воситаи ин тиркашҳо ба душман тир мепарронданд.

Шаҳрҳои марказӣ аз ду қисм – диж (ҷойи шоҳнишин) ва шаҳристон (ҷойи зисти шаҳрвандон) иборат буданд.

Дар шаҳрҳои қадим масоҳат аҳамият надошт. Шаҳрҳое ҳастанд, ки масоҳати онҳо аз 5 гектар зиёд нест. Нишонаи асосии шаҳр касбу кори шаҳрвандон, яъне маркази истеҳсолӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, ҳунармандӣ, маъмурӣ, тиҷоратӣ қувваҳои низомию динӣ ҳисоб мешавад. Миқдори аҳолӣ низ ба эътибор гирифта мешавад. Шаҳр бояд аз 5–10 ҳазор беш аҳолӣ дошта бошад.

Дар ҳазораҳои сеюм ва дуюм дар Ориёнои Шарқӣ даҳҳо шаҳрҳо, ба монанди Гонур, Олтинтеппа, Тоғолок дар Марғуш, Ҷарқутан, Сапалитеппа, Дашлӣ дар Бохтар, Дилварзин дар Фарғона (Параканаи авестоӣ), Саразм дар Суғд ва Шаҳри Сӯхта дар Систон, Теппаи Ҳисор дар Гургони Хуросон пайдо мешаванд.

Шаҳри Сӯхта дар ҳазораи сеюм бино ёфта, дар муддати 500 сол ба маркази бузурги маъмурӣ, тиҷоратӣ ва динии ноҳияи Систон табдил меёбад. Шаҳр ва музофоти атрофи он давлатро ташкил менамуд. Агар мо шаҳр–давлат гӯем, хато намекунем. Дар Ориёнои Ғарбӣ гурӯҳи шаҳрҳо дар манотиқи Загрос бо шаҳри марказии Шуш, дар бахши марказӣ Сиёлка, дар ҷануб дар Хузистон, Кирмон ва Мозандарон ва дигар ҷойҳо шаҳрҳо ба вуҷуд меоянд ва ба маркази аввалин давлатҳои маҳаллӣ табдил меёбанд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. ***Хусусиятҳои пайдо шудани шаҳрро номбар намоед.***
2. ***Шаҳрро кадом омилҳо ба вуҷуд оварданд?***
3. ***Шаҳр аз деҳот чӣ фарқ дорад?***
4. ***Шаҳр дар ибтидо аз чанд бахш иборат буд?***
5. ***Чаро мафҳуми тамаддунро ба шаҳр мепайванданд?***

## §20. МЕЪМОРӢ ВА СОХТОРИ ШАҲРҲО

Биноҳои шаҳрҳои он давра аз гил ва хишт сохта мешуданд. Яке аз шаҳрҳои қадим Олтинтеппа дар водии Марғоби Туркманистон мебошад. Номи аслии шаҳр Олтинтеппа нест. Мардум аз харобаҳои он ашёи тиллоӣ ёфта, онро Олтинтеппа (олтин–тилло) ном ниҳодаанд. Дар қадим номи шаҳр дигар будааст. Вақте ки шаҳр рӯ ба харобӣ мениҳад ва мардум онро тарк мекунад, ба мурури замон номи аслиаш фаромӯш мешавад. Шаҳр аз биноҳои истиқоматӣ таркиб ёфта, атрофи баъзе маҳаллаҳо девор дорад. Ин нишонаи он аст, ки дар ибтидо он маҳаллаҳо аз якдигар дур ва ҳатто деҳаи алоҳида будаанд. Вақте ки шаҳр калон мешавад, деҳаҳо бо ҳам мепайванданд ва бахше аз шаҳрро ташкил медиҳанд. Чунин ҳодисаҳо дар таърихи шаҳрҳои тоҷик хеле бисёранд. Вақте ки Олтинтеппа ба маркази бузурги маъмурии давлат табдил меёбад, дар он маҳаллаҳои давлатмандон, рӯҳониён (дар атрофи маъбад), ҳунармандон, заргарон, кулолон, мисгарон, чармгарон, савдогарон, миёнаҳолон ва камбағалон пайдо мешаванд, ки аз тақсимоти иҷтимоии ҷомеа маълумот медиҳанд. Маҳаллаҳои ҳунармандон ва камбағалон бо ҳуҷраҳои танг, кӯчаҳои каҷу килеб ва бозёфтҳои ночиз аз маҳаллаи давлатмандон фарқ мекунанд. Давлатмандон дар биноҳои боҳашамат ва дуқабата мезистанд, ки меҳмонхонаи алоҳида, ошхона, анбор ва даҳҳо хонаҳои хоҷагӣ ва зиндагиро ташкил медоданд. Аз хона ва гӯрхонаи одамони давлатманд чизҳои гаронбаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисӣ ёфт шудаанд, ки дараҷаи зиндагии онҳо аз дигар табақаҳои ҷамъиятӣ фарқ дошт.

Чунончи, дар Олтинтеппа бинои аз ҳама боҳашаматтар маъбади оташи сеқабата буд, ки 55 метр паҳно ва 12 метр баландӣ дошт. Вай даҳҳо хонаҳои алоҳида барои маросимҳои динӣ, хазина ва хонаҳои истиқоматӣ дошт. Дар як бахши маъбад рӯҳониёни бузург ва шояд сарварони олимақоми шаҳрро гӯронидаанд. Каполи (устухони сар) онҳо дар тоқчаҳои махсуси девори ибодатгоҳ нигоҳ дошта мешуд. Гӯронидани чунин одамон дар девори маъбад бо маросими хеле мураккаб сурат мегирифт.

Шаҳрҳои ин давра дар асоси нақшаи қаблӣ сохта шудаанд. Баъзеи онҳо аз рӯйи нақшаи чоркунҷаи баробарпаҳлу ба чаҳор самт шимолу ҷануб ва шарқу ғарб паҳн шудаанд. Атрофи шаҳрҳо

бо девори ҳимоявии тиркашдор иҳота шудаанд. Баъзе шаҳрҳо ду девори ҳимоявӣ доранд. Микдори ками шаҳрҳо бо нақшаи чоркунҷаи дарозрӯя бино ёфтаанд.

Шаҳри Даштлиро дар Бохтари Шимолӣ мувофиқи нақша гирд сохтаанд. Дар маркази шаҳр маъбади оташ сохта шудааст, ки бари он 40 метрро ташкил медиҳад. Маъбад даҳҳо хонаҳои маросимӣ, хоҷагӣ, хазина ва истиқоматӣ дорад. Вайро ду девори ҳимоявӣ иҳота мекунанд. Масофаи байни деворҳои ҳимоявӣ чандон дур нест. Дар девори берунӣ 9 бурҷи тирандозӣ бо тиркашҳо сохта шудаанд. Маъбад ду дарвоза дошт, ки яке аз онҳо барои фиреби бегонагон одамро ба роҳи печ дар печ мебурд. Агар шахс бо нияти бад вориди ибодатгоҳ шуда бошад, аз ҷониби нигоҳбонҳо ба қатл мерасид (расми 24).

Маҳаллаҳои шаҳрро низ ду девори гирд иҳота мекунанд. Гирдогирди шаҳрро боз як девори чоркунҷаи бузург печондааст. Деворҳои зиёди муҳофизатӣ нишон медиҳанд, ки хатарҳои беруна зиёд будаанд ва одамон онҳоро барои амнияти худ сохтаанд ва кӯшидаанд, ки душманро бо ҳар восита дар роҳравҳои деворҳои ҳимоявӣ роҳгум занонанд. Деворҳои муҳофизатии шаҳрҳои қадим бо дониши баланди ҳарбӣ сохта шудаанд.

Дар шаҳри Даштлӣ–3 қасрест, ки дар паҳлуи маъбади оташ ҷой гирифта, 88 метр дарозӣ ва 84 метр паҳно дорад. Қаср зиёда аз 70 хонаи гуногунҳаҷм дорад. Баъзе толорҳо бо гулҳои барҷаста, расми говҳо ва ғайра ороиш ёфтаанд. Баъзе ҳуҷраҳо бо рангҳо оро ёфтаанд. Қасрро ду девори ҳимоявӣ иҳота менамояд ва байни девори берунӣ ва дарунӣ роҳрав сохтаанд. Аз роҳрав дар чаҳор тарафи девори ҳимоявӣ хонаҳои гуногун бунёд намудаанд. Дар ин хонаҳо посбонҳо мезистанд (расми 24,1).

Ҳамин тавр, ибодатгоҳ ва дижи шоҳӣ дар дохили шаҳристон бо девори ҳимоявии алоҳида-алоҳида сохта шуда буданд ва ҳар кадом ҷойи зисту зиндагонӣ, хӯрду хӯрок, дабистон ва дигар шароити зиндагиро дошт.

Масолеҳи сохтмонӣ асосан хишти хом буд. Ҳамаи деворҳо аз хишт бо лой девор шудаанд. Берун ва даруни деворҳо, фарш бо коҳгил андова шудаанд. Хонаҳои истиқоматӣ оташдони дар деворҳо сохташуда (камин) доранд. Дуд ба воситаи дудбарои дар дохили деворбуда ба болои бом мебаромад. Дар ошхона танӯру дегдони алоҳида вуҷуд дошт ва дар онҳо нон ва хӯрок мепухтанд. Бештари шаҳриён дар биноҳои духонаву сехона ме-

зистанд. Хонаҳо аксаран ҳавлӣ доранд. Хонаҳои якҳуҷраи калон низ бисёранд. Пӯшиши хонаҳо аз чӯб ва бомашон ҳамвор буд.

**Ҳунармандӣ.** Зарфҳо дар шаҳрҳо дар чархи кулолӣ бо санъати баланди ҳунармандӣ сохта, дар кӯраҳои дуқабата моҳирона пухта шудаанд. Сохти зарфҳои ин давра нафису нозук буда хелҳои гуногуни коса, нимкоса, косача, аз ҷумла шоҳкоса, ҷомҳои баландпошнаи гуногунҳаҷм, кӯза, кӯзачаҳои гуногунҳаҷм, хурма, нимхурма ва хурмачаҳои ҷумакдору беҷумак, хум, нимхум, хумча пайдо шудаанд. Зарфҳои асри биринҷ даста надоштанд. Бештари зарфҳо ранги сафеду хокистарӣ доранд. Кулолӣ пешаи асосии мардон буд ва аз насл ба насл мегузашт. Дар ин давра танҳо зарфҳои хӯрокпазӣ, аз қабили дег, дастӣ сохта мешуданд.

**Мисгарӣ.** Дар ин давра одамон аз мис ва сурб (қӯрғошим) маъдани биринҷиро ихтироъ мекунанд ва аксари асбобу анҷоми рӯзгор: – корд, сӯзан, дарафш, табар, теша, зоғнӯл; силоҳҳо – найза, пайкон, ханҷар, табарҳои гуногуншакли ҷангӣ, гурз; муҳрҳо, ашёи зинатӣ: – марҷон, садаф, тугма, сурмадон, гӯшвор, дастпона, поймона, оинаҳо, чароғдонҳо ва ҳайкалчаҳои ҳар гуна ҳайвонҳои муқаддасро аз ин маъдани биринҷ месозанд.

Истифода бурдани маъданҳои тилло, нукра ва сангҳои қиматбаҳо заргариро равнақ медиҳад. Дар асри биринҷ одамони давлатманд чизҳои зинатӣ, аз қабили гӯшвор, дастпона, бозубанд, гарданбанд, пешонибанд ва амсоли инҳоро аз тилло ва нуқра месохтанд ва бо сангҳои фирӯза, лоҷвард, ақиқ оро медоданд. Заргарӣ хеле равнақ меёбад.



## САВОЛҲО

*1. Сабабҳои пайдо шудани шаҳрҳоро номбар карда метавонед?*

*2. Аҳамияти пайдошавии шаҳрҳоро медонед?*

*3. Тиҷорат ва ҳунармандӣ дар тараққии шаҳрҳо чӣ аҳамият доранд?*

*4. Кадом хусусияти шаҳрро медонед.5. Одами шаҳр аз деҳа фарқ мекунад?*

# БОБИ III
# КАЁНИЁН. СУЛОЛАИ ТАЪРИХӢ

## §21. ДАВЛАТИ КАЁНИЁН

**Кайқубод.** Мо дар дарсҳои гузашта дар бораи пайдо шудани аввалин давлат – шаҳрҳо маълумот дода будем. Ривоятҳои авестоӣ дар бораи ковиҳо тахминан ба замони шаҳр – давлатҳо рост меоянд. Ривояти Эраҷро куштани бародаронаш Тӯр ва Салм садое аз ҷангҳои ориёиҳои чорводору кишоварз мебошад. Аз ҷониби Манучеҳр лашкар кашидан ва Салму Тӯрро куштан, ҳуҷуми ҷавобии кишоварзон ба муқобили саҳронавардон буд. Ҳуҷумҳои саҳронавардони тӯр ориёиҳои кишоварзро маҷбур сохт, ки муттаҳид шаванд ва сарвари умумӣ ориёиҳои бумиро интихоб намоянд. Манучеҳр аввалин подшоҳи ориёиҳои бумӣ ва Афросиёб нахустин сарвари тӯрониёни чорводор буданд. Баъди вафоти охирин подшоҳи сулолаи Пешдодиён–Гаршосп Ориёно бе подшоҳ мемонад. Шоҳони вилоятҳо байни худ меҷангиданд ва мамлакатро хароб менамуданд. Аз ноором иҳо ва набудани сарвари умумӣ дар Ориёншаҳр Афросиёб боз ба тохтутоз ва ғорати шаҳру деҳаҳои ориёиҳои бумӣ мепардозад. Бинобар ин, шоҳон (даҳюпатҳои вилоятҳо) бо сарварии даҳюпати Зобулистон – Зол баъди маслиҳат ба хулоса омаданд, ки шоҳи Бохтар (Балх) Қубодро ба сарварии умумии Ориёно даъват намоянд. Қубод аз авлоди Манучеҳр ва кайи[1] Бохтар буд. Мувофиқи ривояти авестоӣ, ӯ аз кайҳои Ориёно лашкаре ҷамъ мекунад, ки ба дастаи Зобулистон Зол, ба дастаи Кобул Меҳроб, ба дастаҳои дигар Густаҳам, Кашвод, Қоран ва ғайра сарварӣ менамуданд. Лашкари Қубод ба муқобили Афросиёб меҷангад ва ғолиб меояд. Дар ин ҷанг бори аввал Рустам бо Рахшаш далерӣ нишон медиҳад ва дар дили тӯрониён ва подшоҳашон Афросиёб ларза меафканад. Муҳориба бо ғалабаи лашкари Қубод ба анҷом мерасад ва тӯрониён сулҳ мехоҳанд. Дар сулҳнома гуфта мешуд, ки

1. **Кай** – *маънои луғавии кай подшоҳ аст. Кай ба маънои сулола (Каё-ниён) низ омадааст. Дар имлои забони тоҷикӣ бо ҷузъи ном пайваста навиштану гуфтани шоҳони каёнӣ расм шудааст: Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав ва амсоли инҳо. Ҷузъи кай асосан пеш аз ном меояд, аммо дар гузашта гоҳе онро баъди ном низ меоваранд, чун Ковуси Кай.*

мо, тӯрониён ва ориёиҳо ҳама аз як нажоду авлод ҳастем ва дубора ба ҷангҳои бародаркушӣ даст намезанем. Баъди ин Кайқубод ва авлоди ӯ дар тӯли сад соли подшоҳияшон ҷанг намекунанд, дар Ориёнои Шарқӣ оромиву амонӣ ҳукм меронад ва шаҳру деҳот рӯ ба тараққӣ мениҳанд.

**Кайковус.** Яке аз подшоҳони машҳури силсилаи Каёниён аст, ки гӯё 150 сол ҳукмронӣ кардааст. Номаш дар осори Ҳинди Қадим – «Ведаҳо», «Маҳабҳарата» ва китоби муқаддаси динию адабии ниёгони халқи тоҷик – «Авесто» ба назар мерасад. Воқеият ин аст, ки авлоди ӯ 150 сол ҳукм рондаанд ва дар таърих ҳамаи давраи подшоҳии онҳо бо номи саравлодашон Кайковус мансуб шудааст. Падар ба Ковус хазина ва моли фаровон мерос гузошта буд. Ковус ба айшу ишрат дода шуд ва дар вилоятҳои Ориёно нооромиҳо ба вуҷуд омаданд. Ковус ба Мозандарон ба муқобили душманҳои ҷудоандоз лашкар кашид ва дар ҷанг асир афтод. Ӯро Рустам озод кард.

Ковус ба водии Синду Мукрон лашкар мекашад ва кайҳои он ҷоро адаб дода, аз он ҷо ба Балх бармегардад. Баъд ба сӯйи Ҳомоварон, водии Ҳисори кунунӣ меояд ва ба духтари шоҳи ин ҷо Судоба ошиқ мешавад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-аш чунин навиштааст:

*Биҷунбонд Ковусро дил зи ҷой,*
*Чунин дод посух, ки нек аст рой.*
*Ман ӯро кунам аз падар хостгор,*
*Ки зебад ба мушкӯйи[1] мо он нигор.*

Ковус Судобаро ба расму оини замон ба занӣ мегирад. Дар замони подшоҳии Ковус Афросиёб боз ба Ориёишаҳр ҳуҷум мекунад ва харобиҳо меоварад. Дар ин ҷангҳо ҳама вақт Рустам ориёиҳоро ба пирӯзӣ мерасонад.

Дар бораи Ковус дар адабиёти авестоӣ нақлу ривоятҳои афсонавӣ бисёранд. Мувофиқи маълумоти «Авесто» ва осори паҳлавӣ Кайковус шоҳи пуриқтидор ва фармонфармои девҳо аст. Ӯ дар болои кӯҳи Албурз ҳафт қаср дорад, ки пири фартут ба онҳо даромада, ба сурати ҷавони понздаҳсола мебаромад.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Кайковус шоҳи зӯру тавоно мебошад. Рустам ӯро борҳо аз марг наҷот медиҳад, вале Кайковус дар мавриди зарурӣ ба ӯ некӣ намекунад; нӯшдору намедиҳад ва

1. **Мушкӯ** – *кӯшк, қаср.*

писари Рустам – Сухроб ҳалок мешавад. Ҳамчунин Кайковус нисбат ба писари худ Сиёвуш, ки аз духтари Гарсеваз – бародари Афросиёб буд, номеҳрубониҳои бисёре карда, ӯро маҷбур мекунад, дар ғарибӣ умр ба сар барад.

Замони аввалин Каёниён ба аввали ҳазораи II пеш аз милод рост меояд.

**Кайхусрав.** Кайхусрав яке аз подшоҳони машҳури сулолаи Каёниён мебошад, ки дар достонҳову ривоятҳои қадима ва ҳамосаҳои қаҳрамонӣ подшоҳии ӯ зикру таъриф шудааст.

Дар қисмҳои китоби «Авесто», махсусан, «Яштҳо» номи ӯ ба шакли Кавӣ Хаусравах ба сифати пайвандкунандаи кишварҳо ва падидоварандаи шаҳриёрӣ вомехӯрад.

Мувофиқи ривоятҳои «Авесто», Кайхусрав шахси муқаддасе ҳаст, ки аз бемориву марг озод аст, марди пурзӯру пурқувват, тавоно ва шикастнопазир мебошад.

Аз рӯйи нақли Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Кайхусрав писари Сиёвуш аз духтари Афросиёб – Фарангис мебошад. Баъди кушта шудани падараш Сиёвуш Кайхусрав ҳанӯз дар батни модараш дар Тӯронзамин буд. Пас аз таваллуд шуданаш Афросиёб аз Кайхусрав хавф бурд ва ба Пирон фармон дод ӯро бикушанд, вале паҳлавон Пирон ӯро накушт ва вақте ки Афросиёб аз зинда монданаш огоҳ шуд, фармуд тифлро ба чарогоҳи дурдаст назди чӯпонон баранд. Бо онҳо зиндагӣ кунад, хулқу атвори чӯпонӣ гирад ва гӯлу нодон калон шавад, то ба сиёсату давлатдорӣ сарфаҳм наравад. Ҳамин тавр, Кайхусрав шабу рӯз дар назди чӯпонон буд ва калон мешуд. Пас аз ҳафт сол Афросиёб Пиронро даъват карда барои овардани Кайхусрав фиристод, то ӯро имтиҳон кунаду ба бефаҳмию нодониву камақлии вай бовар ҳосил кунад. Пирон дар роҳ ба Кайхусрав омӯхт, ки бобоят Афросиёб қасди ҷони туро мекунад, агар худро нодону аблаҳ вонамуд накунӣ. Кайхусрав вақти имтиҳони бобояш Афросиёб худро нодон нишон дод ва бобояш ҳам ба аблаҳии ӯ бовар ҳосил карда фармуд вайро ба модараш диҳанд ва ҳар дуро ба Сиёвушгирд (ё Гангдижи Сиёвуш) баранд.

Чун Ковус мурд ва ворисии ӯ Сиёвуш низ кушта шуда буд, Рустам дар ҷустуҷӯйи Кайхусрав ба Тӯрон лашкар кашид, вале ӯро пайдо карда натавонист. Ориёно бе шоҳ монд. Сипас Кайхусравро паҳлавони Ориён–Гев аз Тӯрон оварда, ба тахти Ориён нишонд. Кайхусрав шоҳи одил, хирадманд ва ботадбир буд.

Вай кишварро саросар гашта, аз ҳолу аҳволи зиндагии мардум огоҳ шуд ва барои беҳбудии зиндагонии мардум кӯшишҳо кард. Яке аз сабабҳои харобии кишвар ва камбағалии мардуми он ҳуҷумҳову ғоратгариҳои Афросиёб буданд. Кайхусрав ҳамроҳи паҳлавонон чандин маротиба ба муқобили Афросиёб ҷанг кард. Оқибат дар дашти Омул Кайхусрав бар Афросиёб ғалаба мекунад. Афросиёб мегурезад ва охирон ҳамроҳи бародараш Гарсеваз асир афтода, ба қатл расонида мешавад.

Ба ҳамин тариқ, душмани асосии ориёиҳои бумӣ – Афросиёб нест карда шуд ва дар Ориёну Тӯрон сулҳу оромӣ пойдор гардид.

Мувофиқи ривояти авестоӣ, Кайхусрав шахси ҷовидонӣ ва намиранда аст. Ҳамин ривоят дар «Шоҳнома» ҳам оварда шудааст. Кайхусрав дар охири салтанаташ бо ҳамроҳии гурӯҳи паҳлавонон ба кӯҳе равона шудаанд ва дар он ҷо дар тӯфони барф нопадид мешавад. Кайхусрав подшоҳе буд, ки хислатҳои мардонагӣ, адолатхоҳӣ ва халқпарвариро дошт. Чунин подшоҳ орзуи тамоми халқиятҳои дунё мебошад.

### СУПОРИШ ВА САВОЛҲО



*1. Асосгузори давлати Каёниён кӣ ва аз куҷо буд?*

*2. Кайковус кӣ буд? Агар кинофилми «Сиёвуш»-ро тамошо карда бошед, ӯро чӣ тавр пазируфтед?*

*3. Мувофиқи маълумоти «Авесто» Кайхусрав чӣ гуна подшоҳ буд?*

*4. Дар хусуси хешовандони ориёиҳо ва тӯрониён чиҳо медонед?*

## §22. ДАВЛАТИ МАРКАЗОНИДАИ ОРИЁИҲО ДАР ЗАМОНИ ГУШТОСП

**Гуштосп ва зуҳури Зардушт.** Дар замони подшоҳии Луҳросп падари Гуштосп Ориёшаҳри Шарқӣ ором буд ва ҷангҳои беруна набуданд. Луҳроспро Кайхусрав ҷонишини худ интихоб карда буд, аммо дарбориёну бузургони Ориёно ба шоҳ шудани ӯ розӣ набуданд, аммо Кайхусрав гуфт, ки Луҳросп аз насли Кайқубод аст ва аз тухмаи шоҳони Ориёно. Пас ҳама розӣ шуданд. Луҳросп пас аз Кайхусрав ба тахти шоҳӣ нишаст. Подшоҳи одил ва халқпарвар

буд. Дар маркази Ориёно – Балх барои бузургдошти оташ маъбаде бунёд намуд бо номи Озарбарзин. Ориёншаҳр равнақ гирифт: шаҳрҳо васеъ ва деҳаҳо обод мешуданд, кишоварзӣ ва ҳунармандӣ рӯ ба тараққӣ мениҳанд. Муносибатҳои тиҷоратӣ бо мамлакатҳои Ҳинду Чин ва Ғарб вусъат мeёбанд. Луҳросп ҳангоми зинда буданаш Гуштоспро ба ҷойи худ ба тахт нишонд ва худ ба ибодат машғул гардид. Гуштосп яке аз шоҳони машҳури ориёист, ки номаш дар «Авесто», осори паҳлавӣ – «Ёдгори Зарирон», «Гуштоспнома» ва дигар адабиёти қадима бисёр вохӯрда, аксаран ба шакли Виштосп омадааст. Ӯ шоҳи Ориён, ҳомӣ ва паҳнкунандаи дину таълимоти Зардушт буд.

Дар сиюмин соли салтанат ва панҷоҳумин соли умри Гуштосп пайғамбаре бо номи Зардушт омад ва дини худро ба ӯ ошкор сохт:

*Ба Гуштосп гуфт: Эй ҷаҳонкадхудой,*
*Расулам ба наздики ту аз Худой.*

Мувофиқи маълумоти «Авесто», зани Гуштосп – Хутосп ва худи ӯ аз хонадони шоҳ Нузаранд. Дар «Авесто» Гуштоспро Виштосп навиштаанд, ки маънояш дорандаи аспи ромнашуда мебошад. Зардушт аз Худованди бузург Аҳурамаздо илтиҷо менамояд, ки Гуштоспро дар ин дунё нигоҳбон бошад ва дар он дунё дар биҳишт ҷой диҳад. Гуштосп дар «Авесто» чун дӯсти пайғамбар ва ҳомии ӯ тасвир ёфтааст. Дар бораи фаъолияти Гуштосп ва ҷангҳои ӯ бо кайҳои замони худ дар «Готҳо» ва «Яштҳо» маълумоти зиёде ҳаст, ки Гуштосп барои фариштаи чорпоён Дарвасп – дорандаи аспи дуруст ва фариштаи об Ардвисура қурбонӣ намуда, аз онҳо металабад, то ӯро бар душманонаш Тасриёвант, Пишна, Ашт, Аюрвант, Даршиника ва дигарон ғолиб гардонанд.

Вақте Зардушт ба дарбори Гуштосп меояд ва дини худро пешниҳод мекунад, аввал хонадони шоҳ ва вазири ӯ Ҷомосп ба ин дин мегараванд, аммо мубадон – рӯҳониён ва дигарон муқобил мебароянд. Шоҳ дар дарбор мубоҳиса ташкил менамояд ва Зардушт дар ин имтиҳон ғолиб меояд ва ҳама пайғамбарии ӯро эътироф мекунанд. Бисёр вилоятҳои Ориёншаҳр аз қабули дини зардуштӣ сар печиданд ва бо Гуштосп ҷанг эълон карданд. Дар ин вақт Ориён ба Тӯрон хироҷ медод ва шоҳи он Арҷосп ба Гуштосп нома навишта, ӯро даъват мекунад, ки дини Зардуштро қабул накунад ва вайро аз дарбор биронад. Ба ивази ин Арҷосп

ваъда дод, ки боҷи Ориёншаҳрро ба ӯ мебахшад, агар Гуштосп ин суханро напазирад, Арҷосп бо лашкари бисёр ба Ориёншаҳр ҳуҷум оварда, онро хароб ва мардумашро куштаву ғулом мекунад. Зардушт муқобили боҷ додани Ориёно ба Тӯрон мебарояд ва ба Гуштосп мегӯяд, ки мо набояд ба саҳронавардон хироҷ диҳем. Агар онҳо ба ҷанг оянд, мо ғолиб мешавем:

*Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Зардушти пир,*
*Ки дар дини мо ин набошад ҳаҷир.*
*Ки ту боҷ бидҳӣ ба солори Чин (Тӯрон),*
*На андархӯр ояд ба оину дин.*
*Набошам бар ин низ ҳамдостон,*
*Ки шоҳони мо дар гаҳи бостон.*
*Ба туркон надодаст қас боҷу сов,*
*Ба Эрон набудшон ҳама туту тов*[1].

Гуфтаҳои пайғамбар Гуштоспро водор месозанд, ки аз Арҷосп талаб кунад, ки ӯ дини беҳиро, яъне оини зардуштиро бипазирад, вагарна нобуд хоҳад шуд. Арҷосп баъди номаи ҷавобӣ гирифтан ба бародаронаш Кӯҳрам ва Андирамон фармон дод, ки лашкарро омода созанд ва Гургсорро сарфармондеҳ таъйин кард ва сад ҳазор пиёда ва савораро ба сӯйи Ориёно фиристод. Хабари омадани лашкари Тӯрон ба гӯши Гуштосп расид ва ӯ ба гӯшаву канори Ориёно нома навишт ва сарбозонро ба муқобили лашкари Арҷосп даъват кард. Сарлашкари ориёиҳо Гуразм писари Гуштосп буд. Дар ҷанг писарони Гуштосп: Ардашер, Шерӯ, Шедасп ва писарони Ҷомосп: Гиромӣ ва Невзор сарварии дастаҳои лашкарро ба ӯҳда доштанд.

Ҳар ду сипоҳ ба ҷангидан сар карданд ва аз гурӯҳи ориёӣ писарони Гуштосп: Ардашер, Шерӯ ва Шедасп кушта шуданд. Сарлашкари тӯронӣ Кӯҳрам низ кушта шуд.

Рӯзи дигар писари вазир Гиромӣ ба майдон омад ва ҳариф талабид, аммо ҷанги умумӣ шурӯъ шуд ва дар қатори дигарон аз сарварони ориёӣ Гиромӣ писари Ҷомосп ва Невзор низ ҳалок шуданд. Ҷанг чандин рӯз давом дошт ва Тӯрониён бештар талафот доданд.

---

1. *Азбаски Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро дар замони мавҷудият ва нуфузи туркон навиштааст, онҳо ба монанди тӯрониён зиндагии кӯчӣ доштаанд ва ба сарзамини ориёиҳо тохтутоз менамуданд, аз ҳамин сабаб шоир образи тӯрониёнро ба туркон иваз намудааст. Дар асл дар он замонҳои дуродур дар Осиёи Марказӣ туркон набуданд, дар он вақт танҳо тӯрҳои ориёинажод зиндагӣ мекарданд.*

Дар рӯзи якуми ҳафтаи сеюм сипаҳбад паҳлавон Зарир писари Луҳросп бародари Гуштосп ба майдон баромад, вале оқибат ба дасти паҳлавон Бедирафш ҳалок гардид. Бедирафш сарулибоси шоҳзода Зарирро бо дирафши Ковиён гирифта, назди Арҷосп бурд ва тӯрониён аз ин ғолибият шодмонӣ карданд, вале ориёиҳо ба мотами сипаҳбади худ нишастанд.

Гуштосп писари худ Исфандиёрро даъват намуд ва ба ҷанги Арҷосп фиристод. Гӯё Худованд Исфандиёрро чунин офарида буд, ки дар вақти ҷанг танаш ба пӯлод табдил меёфт ва ҳеҷ силоҳе ба ӯ кора намекард. Аз ин сабаб, ӯро рӯйинтан (яъне оҳанинтан) мегуфтанд. Ӯ ҳамроҳи писари Зарир – Настур ба лашкари Тӯрон ҳуҷум оварда, одами бисёр кушт. Бедирафшро дастгир намуда ҳалок карданд ва аспи Зарирро, ки Накуранг ном дошт, бо дирафши Ковиён бозпас гирифтанд. Арҷосп аз ҷанги Исфандиёр ҳаросида, пинҳонӣ роҳи гурезро пеш мегирад. Исфандиёр аскари худро ба се бахш тақсим карда, аз се тараф ба тӯрониён ҳамла овард ва ба душман талафоти калон расонид. Сипоҳиёни тӯронӣ аз гурехтани шоҳи худ огоҳӣ ёфта, таслим шуданд.

Исфандиёр дар ин ҷанг хеле машҳур мешавад, ӯ асирони тӯрониро озод менамояд. Дар ин ҷанг пайғамбари ориёиҳо ба сифати табиб ширкат дошт. Шоҳаншоҳ Гуштосп ғалабаи лашкари худро қайд менамояд. Ӯ ба Настур фармон медиҳад, ки табли шодӣ зананд ва ба пойтахт баргарданд.

Гуштосп вақте ки ба Балх омада бар тахт нишаст, Настурро сарлашкар таъйин намуда, ба ӯ лашкар дода ва барои хунбаҳои падарашро гирифтан ба сӯйи Тӯрон равона мекунад.



## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ

*1. Кайлуҳросп то подшоҳ шуданаш чӣ вазифа дошт?*

*2. Чаро лашкаркашон аз шоҳ шудани Луҳросп норозигӣ карданд?*

*3. Ҳомии пайғомбар кадом шоҳ буд?*

*4. Дар бораи лашкаркашиҳои Арҷосп нақл намоед.*

*5. Ташкил шудани давлати марказонида чӣ аҳамият дошт?*

## §23. ПАҲН НАМУДАНИ ИСФАНДИЁР ДИНИ ЗАРДУШТРО

То замони Гуштосп Ориёно дар байни кайҳои алоҳида тақсим буд. Онҳо бо якдигар ҷангида, мамлакатро хароб мекарданд. Мамлакат баъди вафоти Кайхусрав шоҳи умумиориёӣ надошт, шоҳони вилоятҳо мустақил буданд.

Ҷаҳмро Кайхусрав подшоҳи Турон таъйин карда буд, вале Арҷосп бародарзодаи Афросиёб ӯро қатл карда, худаш подшоҳи Турон мешавад ва ба Ориёно ҳуҷум оварда, онро ба боҷу хироҷ додан маҷбур месозад. Вақте ки Зардушт ба назди Гуштосп омад, Ориёно ба Турон хироҷ медод.

Мамлакат дар ҳолати парокандагӣ буд ва баъди омадани Зардушт баъзе кайҳои марказгурез бо баҳонаи он ки мо аз дину оини аҷдодиамон даст намекашем, ба муқобили ҳукумати марказӣ ҷанг эълон намуданд. Гуштосп баъди ба ақидаҳои динии Зардушт шинос шудан, фаҳмид, ки барои давлати бузургро сохтан ғояи бузург ва дини умумиориёӣ лозим аст, ки мардумро муттаҳид созад. Ин корро танҳо дини зардуштӣ карда метавонист.

Аз «Готҳо» маълум мешавад, ки дар оғоз Зардушт худаш танҳо ба ташвиқу тарғиби ғояҳои умумиориёӣ машғул будааст, вале ба мушкилиҳо дучор мешавад. Ба ӯ монеъ мешаванду ӯро таъқиб мекунанд. Пас ба хулоса меояд, ки ин корро бе қувваи бузург иҷро кардан мумкин нест. Пеши шоҳ Гуштосп меояд ва зарурати дини умумиориёӣ ва ташаккули давлати бузургро мефаҳмонад. Танҳо ғояи умумиориёӣ метавонад мардумро муттаҳид намояд ва давлати бузургро ба вуҷуд орад. Давлати бузург гарави амонӣ ва тараққиёти миллат мебошад.

Гуштосп ва вазираш Ҷомосп инро хуб фаҳмиданд ва Исфандиёрро ба кишварҳои Ориёно фиристоданд. Исфандиёр бутҷадаҳоро месӯзонд ва ба ҷойи онҳо оташкадаҳо месозонд ва дини зардуштиро тарғиб мекард:

*Ҳама нома карданд зӣ шаҳриёр,*
*Ки мо дин гирифтем аз Исфандиёр.*
*Ки мо рост гаштему ҳам динпараст,*
*Кунун Занду Зардушт зӣ мо фир аст.*
*(Фирдавсӣ)*

Ориёшаҳр ҳама пайравони оини яктопарастӣ шуданд ва ба пайғамбар Зардушт ва Худованди яккаю ягона имон оварданд. Дар мамлакат сулҳу ва амонӣ ҳукмфармо шуд ва давлат рӯ ба тараққӣ ниҳод.

*Касеро ба чиз аз касе бим не,*
*Ба гетӣ касе бе зару сим не.*
*Фурӯзанда гетӣ ба сони биҳишт,*
*Ҷаҳон гашта ободу ҳар ҷой кишт.*
*Саворон ҷаҳонро ҳамедоштанд.*
*Ва варзигарон варз мекоштанд.*
*(Фирдавсӣ)*

Аз ғалабаҳои Исфандиёр бародараш – Гуразм ва падараш – Гуштосп ҳасад мебурданд ва ӯро вақти бозгашт дар Балх ба дижи Гунбадон маҳбус намуда, занҷирпеч карданд. Гуштосп барои дидан ба Систон рафт ва Балх бесипоҳу сарвар монд.

**Ҳуҷуми Арҷосп ба Ориёно.** Арҷосп аз ин ҳодиса огоҳ шуда, ба Ориёно лашкар кашид ва Балхро ба муҳосира гирифт. Луҳроспи пир, ки дар маъбад ба тоат машғул буд, берун омад, мусаллаҳ шуд ва ҷанг кард, аммо ӯро иҳота карда куштанду вориди маъбад шуданд. Чандин нафар мубад[1] ва ҳирбадро[2] сар заданд. «Авесто» ва «Занд»-ро сӯзонда оташи муқаддасро хомӯш сохтанд. Мувофиқи ривояте Зардушт дар байни мубадон буд ва ӯро низ ба қатл расониданд. Кушандаи Зардушт яке аз лашкариёни тӯронӣ бо номи Турбаротур будааст. Ин ҳодиса дар рӯзи хурдод ва моҳи урдибиҳишт рух медиҳад. Дар ин вақт Зардушт 77 - сола будааст.

*В-аз он ҷо ба Нушозар андар шуданд,*
*Раду[3] ҳирбадонро ҳама сар заданд.*

Пас дастаи Арҷосп ба қасри шоҳ омад ва онро низ оташ зад ва авлоди шоҳро кушт. Ҳутасп дар либоси ношинос бо роҳи пинҳонӣ аз шаҳр берун рафт ва роҳи Систонро пеш гирифт ва ба назди Гуштосп расид ва ҳодисаро нақл кард. Вай бо лашкараш ба сӯйи Балх омад ва сипаҳсолориро ба писараш Фаршедвар ва писари Зарир – Настур дод ва худ дар қалъа ҷой гирифт. Ҷанг се шабонарӯз давом кард. Фаршедвар бо бародарони худ

---

1. **Мубад** – *рӯҳонии зардуштиён; донишманди дини зардуштӣ.*
2. **Ҳирбад** – *рӯҳонии зардуштиён, ки ба мартаба аз мубад поинтар бувад.*
3. **Рад** – *доно, олим, хирадманд, роҳбар, сардор.*

ҳалок шуд. Гуштосп дар қалъаи кӯҳӣ пинҳон мешавад. Арҷосп роҳи қалъаро меёбад ва онро муҳосира мекунад. Гуштосп аз вазир Ҷомосп чора мепурсад ва Ҷомосп халосиро дар омадани Исфандиёр мебинад. Ҷомосп бо либоси тӯронӣ ба назди Исфандиёр мерасад ва ӯро аз банд озод намуда, ба майдони ҷанг меорад. Исфандиёр бо тӯрониён меҷангад ва онҳоро шикаст медиҳад ва барои озод намудани хоҳарони худ ба Рӯйиндижи Арҷосп раҳсипор мешавад. Ӯ дар либоси тоҷирӣ ба Рӯйиндиж ворид мегардад. Дар он ҷо маросими ҷашни оташро ташкил мекунад, ки ин мувофиқи маслиҳати пешакӣ бо лашкараш нишони дари Рӯйиндижро кушодан буд. Лашкари Исфандиёр вориди шаҳр шуд. Арҷосп бо сарлашкаронаш кушта шуданд. Исфандиёр ҳоҳаронаш Ҳумой ва Офаридро аз асирӣ озод намуда, ба ватан бармегардад.

### САВОЛҲО



1. ***Аҳамияти дини яктопарастӣ дар чӣ буд?***
2. ***То дини овардаи Зардушт дар байни ориёиҳо кадом боварҳо буданд?***
3. ***Чаро Арҷосп ба муқобили ориёиҳои бумӣ лашкар кашид?***
4. ***Чаро Исфандиёрро рӯинтан меноманд ва ин ҳақиқат дорад?***

## §24. ЗАРДУШТ ВА ДИНИ Ӯ

Ба вуҷуд омадани шахсиятҳои бузурги маънавӣ дар таърихи инсоният зарурати замон аст. Онҳо дар замоне пайдо мешаванд, ки дар ҷомеа беадолатӣ, ҷангу хунрезиҳои тӯлонӣ ва ҷаҳолат хукмфармо бошад. Дар китоби «Авесто», бахши «Ясно – 29» гуфта мешавад, ки «Равони ҷаҳони зинда ба фариштаи пиндори нек Ваҳумана шикоят намуда, барои халосӣ аз бедодгариҳои дунё мадад мепурсад. Ваҳумана мегӯяд, ки мададро аз Худованди холиқ талаб намоед. «Равони офариниш» ба Арш, ба даргоҳи Худованд меравад ва аз ӯ ёрӣ мепурсад. Аҳурамаздо ба рӯҳи Зардушт ишора карда мегӯяд: вай ба дунё меравад ва пуштибони шумо хоҳад шуд».

Зардушт дар «Авесто» ба шакли Заратуштра ёд шуда, пайғамбар, ислоҳгари дини қадимии халқҳои ориёинажод, асосгузори дини зардуштӣ мебошад. Маънои номи Зардушт «дорандаи шутури зард» аст.

Номи қабила, авлоди Зардушт Спитама – Испитамон буд. Мувофиқи гуфтаи китоби авестой – «Вандидод» падари Зардушт – Прушасп аз деҳаи Дуроҷ ва модараш Дуғдуға аз Роғи Бадахшон буданд ва дар асрҳои XV–XIV пеш аз милод зиставу фаъолият намудаанд.

Зардушт хоҳари Фрашаоштра – вазири Гуштосп Ҳвовиро ба занӣ гирифта соҳиби се писар – Исатвастр, Урватнар ва Ҳваречитра – Хуршедчеҳр ва се духтар – Фарени, Трити, Поуручиста мешавад. Ҳангоми яке аз ҷангҳои байни ориёниҳову тӯрониён Зардушт ба дасти яке аз лашкариёни тӯронӣ Турбаротур ҳалок мешавад.

Таълимоти Зардушт дар ибтидо ҳамранги тамоми динҳои машҳури дунё ба мушкиливу монеаҳо дучор шуда буд, вале дар замони ҳукмронии Гуштост, Баҳман ва Ҳуман дини давлати Каёниён ва пасон дини давлатии Ҳахоманишиён гардид.

**«Готҳо»** – паёмҳои Худовандро худи Зардушт тартиб додааст, дар ибтидо таълимоти ӯро аксари мардум ва ҳатто ҳамқабилаҳояш қабул накарданд, ӯ маҷбур шуд барояш парасторе, ҳомие ҷустуҷӯ намояд. Ҳомии Зардушт барои ташвиқ ва таблиғ намудани дини нави ӯ Гуштосп гардид, ки дар ин бора шумо аз дарсҳои гузашта маълумот доред. Зардушт ба пайравони худ бо суханони хуш, мавзуну манзум ва равону фаҳмо муроҷиат кардааст, то ки таъсири таълимоташ бештару муассиртар бошад.

Ҳамчунин Зардушт дар таълимоташ ба динҳои дигари мавҷуда ва боварҳову кешҳои маҳаллӣ (фолбинӣ, парастиши қувваҳо ва чизҳои табиӣ ба мисли сангҳои суфта – остонҳо, дарахтони қадимаи азимҷусса, чашмаҳо ва амсоли инҳо, ки дар Эрон, Осиёи Марказӣ ва дар Тоҷикистони мо ҳам ҳанӯз ба онҳо эътиқоду эътимод доранд) мубориазаи беамон мебурд.

Ислоҳоти аввалинаш ин буд, ки Зардушт парастиши девҳоро ҳамчун худоёни дурӯғин инкор кард, ҳарчанд парастиши ҳайвонот, аз ҷумла гов дар боварҳои ориёиён ва ҳам ҳиндуён боқӣ монд. Зардушт дини дорои маънавиёти баландро эҷод кард, некиро ситоиш ва бадиро сарзаниш мекард, вале таълимоти ӯ аз ҳаёти воқеӣ ва иҷтимоии давраш канда набуд.

Дар даврони зиндагии Зардушт қабилаҳои кӯчманчӣ ба киштзору чарогоҳҳои деҳқонон тохтутоз карда, киштзорро харобу поймол ва чорворо ба ғорат мебурданд. Зардушт ба муқобили

ин ғоратгарони кӯчманчӣ бархост ва аҳамияти муқимнишинӣ, чорвопарварӣ ва деҳқониро ташвиқ мекард. Ӯ ҳамчунин ба муқобили ҳукмронони бадкирдору золим баромада, ғояи шоҳи одилу накукорро таблиғ кардааст. Таълимоти ахлоқии Зардушт дар замонаш аҳамияти бузург дошт ва ҳатто баъзе нуктаҳои таълимоти ӯ имрӯз ҳам арзиши худро гум накардаанд. Таълимоти Зардушт бар се нуктаи муҳим: – пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек асос ёфта буд.

Гуноҳи бадтарин барои мардум дурӯғ гуфтан буд. Ҳамчунин Зардушт мардумро даъват мекард, ки аз ҳасудӣ, бахилӣ, рашк, хашм, бадгӯйӣ, ғайбат, фиребу найранг ва дигар хислатҳои бад, ки дар шакли дев ё ягон офариниши бадкирдори дигар мардумро гумроҳ мекунанд, барканор бошанд ва аз онҳо дурӣ ҷӯянд. Тамоми некиҳоро барои мардум Худои бузург – Аҳурамаздо арзонӣ медорад. Ба ин нисбат дар «Готҳо»-и «Авесто» омада, ки «Аҳурамаздо Худованди ҷону хирад, Худои донишу биниш аст. Ӯ донотарин аст, неку аст, тавоно аст, огоҳтарин аст, беҳамтост, ягона аст, сароғоз аст, саранҷом аст, бахшоянда аст, афзоянда аст, меҳрубон аст, пушту паноҳ аст. Ӯ сазовори ситоиш аст. Ӯ парастиданист».

Ба эътибори чунин ақидаи пурарзиш ва аҳамияти умумибашарӣ доштанаш таълимоти Зардушт дар байни мардум интишор ёфт ва пас аз маргаш шахси муқаддас ва муъҷизаофарин дониста шуд. Ин буд, ки аз таълимоти Зардушт файласуфони Юнони Қадим ҳам баҳра бардоштаанд.

Пайравони Зардушт ҳоло ҳам дар бисёр мамлакатҳои Аврупо зиндагӣ мекунанд. Таълимоти Зардушт дар мамлакатҳои Шарқ бештар дар Ҳиндустон машҳур аст. Бисёр назарияҳои дини ӯ, ба монанди панҷ вақт намоз, дӯзах, биҳишт, пули чинвод (сирот), рӯзи растохез, рӯҳ, ҷон, фариштагони ҳафтгона, Накиру Мункар, олами рӯҳӣ, иблис (Аҳриман), тӯфони ҷаҳонӣ ва ғайра бо динҳои яҳудӣ, насронӣ ва ислом низ ворид шудаанд. Зардушт динашро Маздаясно – ситоиши Худованди яккаву ягона номидааст.



**САВОЛҲО ВА СУПОРИШ**

***1. Зардушт дар кадом аср зиндагонӣ кардааст?***

***2. Мадари Задушт чӣ ном дошт ва аз кадом ҷойи Ориён буд?***

***3. Дини овардаи Зардушт аз динҳои пешин чӣ фарқ дошт?***

***4. Дар бораи ҳомии дини Зардушт – Виштасп чӣ медонед, нақл намоед.***



**Расми 31.** ***Матни авестой аз ривояти Ҷамшед.***

## §25. «АВЕСТО»

Китоби «Авесто» яке аз қадимтарин осори адабӣ ва динии халқҳои ориёинажод мебошад. Он боқимондаи сурудҳо, достонҳо, ривоятҳо ва гуфтаҳову фармудаҳои Худои бузург мебошад, ки таърихи бисёрҳазорсолаи ориёиҳоро таҷассум менамояд. Ин китоб маҷмӯаи маълумоти динӣ, фолклорӣ, географӣ, астрономӣ, биологӣ, ботаникӣ, табиатшиносӣ, тиббӣ, фалсафӣ, адабӣ ва таърихист. Маънои калимаи «Авесто» чандон равшан нест. Дар адабиёти таърихӣ номи ин асар «Авесто», «Авасто» «Абисто», «Асто», «Усто», «Апастак», «Вистак» ва ғайра навишта шуда, авестошиносон онро китоб, илм, дониш маънидод кардаанд.

Китоби «Авесто» барои мо, тоҷикону эрониён муқаддас аст, на барои он ки китоби динист, балки барои он ки осори қадимтарини хаттии гузаштагони мо ба ҳисоб меравад. Агар мураттабкунандаи наски (китоби) аввали он Зардушт бошад, пас муаллифони китобҳои дигар шогирдони ӯ, халқ ва дигар бузургони мо будаанд.

Мазмуну мундариҷаи «Авесто» хеле ғанӣ ва гуногун аст. «Авесто» донишномаест, ки дар он зиндагӣ ва омолу кирдор, тарзи ҳолати мардуми қадими ориёинажод, донишҳои андӯхтаи онҳо

дар соҳаҳои гуногуни илм инъикос ёфтааст. Дар «Авесто» маълумоти ниҳоят фоидаоваре оид ба таърих, фарҳанг ва маънавиёти ниёгони мо – ориёиҳо мавҷуд аст.

Ҳеҷ миллате дар ҷаҳон чунин асари гаронбаҳои таърихӣ надорад. Мо аз ин мефахрем ва бояд ҳамеша аз панду андарзҳои он баҳравар бошем, зеро маънавиёти миллати мо аз он ибтидо гирифтааст. Матни пурраи «Авесто» дар замони забткориҳои Искандари Мақдунӣ сӯхта шуд. «Авесто» дар ду нусха дар 12 ҳазор пӯсти гов бо оби тилло навишта шуда буд ва яке дар хазинаи шоҳӣ дар Тахти Ҷамшед (Персеполис) ва дигаре дар маъбаде нигоҳ дошта мешудааст. Мақдуниҳо қасри шоҳро ғорат карда, оташ заданд ва «Авесто»-ро ҳам сӯзондаанд. Нусхаи дуюмро ба Юнон бурданд ва он ҷо нобуд гашт. Мувофиқи навиштаи таърихнигори юнонӣ Плиний, «Авесто»-и Зардушт китоби бузургтарин дар ҷаҳон ва аз 2 миллион байт иборат буд. Плиний ин маълумотро аз Гермипп, ки дар асри 3 то милод умр ба сар бурдааст, гирифтааст. Шояд Гермипп ин маълумотро аз рӯйи нусхаи ба Юнон бурдашуда гирифта бошад. Баъди юнониҳоро аз Ориёншаҳр пеш намудани Ашкониён ба гирд овардани «Авесто» пардохтанд. Ба ҳар ҳол «Авесто» дар замони Сосониён аз нав мураттаб мешавад, аммо Сосониён аз 1200 боб танҳо 347 бобро барқарор намудаанд. Матни пурраи «Авесто»-ро дигар барқарор кардан муяссар нагардид. Аз баски «Авесто» бо лаҳҷаи мардуми Бохтари Шарқӣ навишта шуда буд, барои фаҳмидани вай луғати тафсирие тартиб дода шуд, ки он «Занд» ном дошт. Дар замони Сосониён мубадон «Авесто»-ро мувофиқи шарҳи «Занд» мефаҳмиданд. Тафсири паҳлавии «Занд» аз 2094200 калима иборат буд.

«Авесто»-ро бори дуюм арабҳо сӯзониданд. Ривояте ҳаст, ки дар замони халифа Маъмун, ки модараш аз тоҷикони Балх буд, мубоҳисае дар бораи кадом дин ҳақ аст, байни диндорони мусалмон, зардуштиён, насрониён ва калимиён (яҳудиён) ташкил карда шуд, ки дар он мубади зардуштӣ бо номи Озарфаранбағ ширкат дошт. Дар ин мубоҳиса Озарфаранбағ нисбат ба ҳамаи намояндагони динҳои дигар дастболо шуд ва халифа ба ӯ иҷозат дод, ки дар бораи «Авесто» ва оини Зардушт китобе мураттаб кунад. Озарфаранбағ ба навиштани китобе бо номи «Динкард» сар мекунад, лекин онро тамом карда наметавонад, зеро ӯро мӯтаассибон ба қатл мерасонанд. Навиштани «Динкард»-ро мубад Озар-

бод давом дода, ба охир мерасонад. «Динкард» мухтасаран дар бораи бахшҳои «Авесто», аз ҷумла 21 китоби (наск) замони Сосониён маълумот медиҳад. Дар ҳамин давра якчанд китобҳои дигар, ба монанди «Ардавирофнома», «Минӯи хирад», «Бундаҳишн» ва дигар адабиёти паҳлавӣ навишта шудаанд.

Қарнҳои VIII–X давраи бедории халқҳои ориёинажод буд. Мубадон, донишмандони тоҷик ҳанӯз забони паҳлавиро медонистанд ва кӯшиши зиёд намуданд, ки асарҳои хаттии гузаштагонро аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кунанд ва бартарии фарҳанги Аҷамро бар Араб исбот намоянд. Аммо ин кӯшишҳо баъди аз байн рафтани давлати Сомониён боз хомӯш шуданд ва таассуб дастболо шуда, китобҳои оини зардуштӣ нобуд ва соҳибонашон таъқиб шуданд. Ҳатто Низомулмулк барин донишманд ва сиёсатмадори машҳури тоҷик, вазири Салчуқиён мутаассиб буд, зардуштиёнро таъқиб кард ва баъзеи онҳо маҷбур шуданд дар асри X–XI ба Ҳиндустон кӯчида раванд. Ҳамин тавр, зардуштиён ва китоби муқаддаси онҳо «Авесто» лақаби таҳқиромези «Китоби маҷусӣ»-ро мегирад ва оҳиста-оҳиста аз истифода дур мешавад.

Солҳои 1500–1700 дар Париж, Берлин ва Лондон якчанд асар дар бораи оини ориёиҳои қадим чоп мешаванд. Соли 1754 як савдогари аврупоӣ аз Ҳиндустон якчанд саҳифаи хаттии «Авесто»-ро меорад. Олими фаронсавӣ ин дастхатҳоро дида, соли 1759 ба Ҳиндустон ба назди зардуштиёне, ки дар замони истилои араб ба он ҷо фирорӣ шуда буданд, меравад. Ин олим Анкетил Дю Перон ном дошт ва забони форсии дариро медонист. Вай дар муддати ду сол дар байни зардуштиёни Ҳиндустон зиста, бо урфу одатҳои онҳо шинос мешавад. Зардуштиёни Ҳиндустонро порсҳо меноманд, зеро дар вақте ки онҳо ба Ҳиндустон гурехтанд, сарзамини Эрони кунунӣ Порс ном дошт ва онҳо худро бошандаи сарзамини Порс номидаанд.

Соли 1761 Анкетил Дю Перон ба Париж меояд ва китобе бо номи «Занд Авесто» (дар ду ҷилд) нашр менамояд. Дар муддати сад сол «Занд Авесто»-и Дю Перон дар Аврупо ягона китоб дар бораи «Авесто» буд, аммо китоби мазкур ба «Авесто»-и аслӣ муносибате надошт, зеро устоди Дю Перон мубад Дороб ба ӯ дарс аз «Занд Авесто» дода буд. Бинобар ин, гузоришҳои Дю Перон аз «Занд Авесто» буданд. Бо вуҷуди ин, асари Дю Перон таваҷҷуҳи олимонро ба «Авесто» ҷалб намуд ва аз асри XIX авестошиносии ҳақиқӣ шурӯъ мешавад. Соли 1852 авестошинос Н.Вестергорд

дар Копенгаген «Авесто»-ро тарҷума намуда, ба табъ мерасонад. Солҳои 1859–1863 Ф.Шпигел дар Вена «Авесто»-ро дар се ҷилд тарҷума карда, чоп менамояд. Солҳои 1885–1889 авестошинос К.Гелднер «Авесто»-ро ба забони олмонӣ тарҷума ва чоп мекунад. Ҳамин тавр, дар охири асри XIX «Авесто» ба забонҳои асосии аврупой:–олмонӣ, фаронсавӣ ва англисӣ чоп шуд.

Дар Эрони кунунӣ як зумра авестошиносон ба вуҷуд омаданд, ки онҳо «Авесто»-ро ба хатти арабӣ ва забони форсӣ тарҷума намуданд. Машҳуртарини онҳо Пури Довуд, Меҳрдоди Меҳрин, Ҳошими Розӣ, Муҳаммад Муин, М.Навбодӣ, Қ.Ҷомосп, Ф.Ҷунайдӣ, Ҷ.Дӯстхоҳ, А.Ҷаъфарӣ мебошанд. Соли 2001 «Авесто»-и ба хатти арабии забони форсӣ тарҷуманамудаи Ҷ. Дӯстхоҳ ба хатти кириллӣ ва забони тоҷикӣ аз ҷониби авестошинос М. Диловаров баргардонда шуд.

Бори аввал донишманди тоҷик Б.Бобохонов «Хурд Авесто» ва як фаргарди «Видеват»-ро ба забони тоҷикӣ аз забони авестоӣ тарҷума кард. «Авесто» бо хатти диндабира, ки дорои 44 ҳарф мебошад, навишта шудааст. Олимон чунин ақида доранд, ки алифбои авестоӣ комилтарин алифбо дар ҷаҳон мебошад ва дар вай ифодаи ҳамаи овозҳои забонҳо мавҷуданд.

Мо қаблан ишора кардем, ки «Авесто» аз 21 наск (боб) иборат буд. Наскҳо мувофиқи мазмун ва мундариҷа ба се бахш тақсим мешуданд. Ҳар бахш 7 китобро дар бар дошт. Номи китобҳо ва бахшҳо дар китоби «Динкард» оварда шудаанд, аммо аз «Авесто» то ба замони мо ҳамагӣ 5 китоб боқӣ мондааст. Аз ин 5 китоб танҳо яктои он «Вандидод» комил аст, боқимондаи онҳо «Ясно», «Яштҳо», «Хурд Авесто» ва «Виспарад» пурра ба дасти мо расидаанд. «Авесто» дар замони истилои арабҳо сӯзонида мешавад. Арабҳои биёбонгард мехостанд аз осори хаттӣ ва динии тоҷикон–эрониён чизе боқӣ намонад. Масалан, дар хонаи писари шоҳи Истаравшан Афшин Ҳайдар соли 841 китобе ёфтанд, ки муқоваи он бо матои қиматбаҳо ва ҷавоҳироту тилло ороиш дошт. Китоб, бешубҳа, «Авесто» буд. Арабҳо Ҳайдарро кофир эълон намуда, ӯро куштанд ва китобро нобуд сохтанд. Дар ибодатгоҳи Самарқанд китобҳои динӣ мавҷуд буданд ва онҳоро низ сӯзонданд. Бинобар ин, он чизе, ки боқӣ мондааст, дастраси мо нашудааст. Ба шарофати дар Ҳиндустон зистани як бахши ками зардуштиён баъзе қисматҳои ин осор то ба замони мо расидаанд.



## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ

*1. "Авесто" дар ибтидо аз чанд дафтар иборат буд?*
*2. "Авесто" дар чанд ҳазор пӯсти гов навишта шуда буд?*
*3. Хатти авестоӣ чи ном дорад ва аз чанд ҳарф иборат аст?*
*4. Дар бораи аввали тарҷумонҳои Авесто нақл кунед.*

## §26. «ЯСНО – ГОТҲО»

Яке аз бахшҳои «Авесто» буда, маънояш ситоиш, парастиш мебошад. Аз 72 боб (онҳоро дар забони авестоӣ «ҳот» мегӯянд) иборат аст. Дар бобҳои 1–8-и «Ясно» дуоҳо, ниёишҳо, пораҳои ситоишӣ дар бораи Аҳурамаздо ва дигар фариштагони зардуштия оварда шудаанд. Дар бобҳои 9–11 рустании муқаддас – ҳаома ситоиш шудааст. Ин бобҳо аз ҷиҳати мазмун ба «Яштҳо» қаробату наздикӣ доранд. Дар боби 12-ум қонуну қоидаҳои зардуштия таъйин гардида, се меъёри асосии он – пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек ситоиш шудаанд. Бобҳои баъдина (13–27) низ дуову ниёишҳои гуногунро, ки зардуштиён ҳангоми адои намоз ба ҷо меоварданд, дар бар мегиранд. Аз ҳоти 28 «Гот»-ҳо шурӯъ мешаванд.

«Готҳо» қадимтарин қисмати «Авесто» мебошанд, ки тахминан асрҳои XV–XIV то милод аз тарафи худи Зардушт эҷод шудаанд ва як қисми таркибии Ясной «Авесто» (16 боби онро ташкил мекунанд) мебошанд. Азбаски «Готҳо» қисми қадимтарини «Авесто» мебошанд, бинобар ин, забони онҳо ҳарчанд авестоӣ бошад ҳам, бо вуҷуди ин, аз дигар қисмҳо бо калимаву ибораҳои худ ба куллӣ фарқ мекунад. Забони онҳо ба забони осори санскрит[1] – Ведаҳо (Ригведа, Самаведа ва ғ.) наздикӣ дорад.

«Готҳо» аз калимаи авестоӣ буда, маънояш суруд, суруди тантанавӣ аст. Рафта-рафта калимаи «Гот» дар забони тоҷикӣ-форсӣ бо каме тағйири шакл ҳамчун «гоҳ» дар номгузории сурудҳои «Шашмақом» (Дугоҳ, Сегоҳ) боқӣ мондааст.

«Готҳо» сурудҳо ва манзумаҳое мебошанд, ки ба вазни ҳиҷоӣ навишта шудаанд. Дар баъзе пораҳои «Готҳо» шаклҳои қофия ба назар мерасанд.

«Готҳо» аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа аз дигар қисматҳои «Авесто» фарқ мекунанд.

1. **Санскрит** – *забони қадимии ҳиндӣ.*

Тавре ки дар дарсҳои гузашта зикр карда будем, дар даврае, ки «Готҳо» эҷод шуда буданд, баъзе қабилаҳои мардуми ориёинажод муқимнишин ва баъзеҳо бодиянишин буданд. Муқимнишинон ба киштукору деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Бодиянишинҳо ба онҳо ҳуҷум мекарданд, деҳаҳову хонаҳои онҳоро хароб месохтанд молу мулкашонро ғорат менамуданд, ҳайвоноташонро кашида гирифта, бо худ мебурданд. Дар «Готҳо» ба муқобили ҳамин гуна ғорату одамозориву куштор эътироз карда шудааст.

Дар яке аз бандҳои «Готҳо» Зардушт Йимаро (Ҷамшед) барои ба мардум омӯхтани куштани чорпоён ва хӯрдани гӯшти онон мазаммат мекунад.

Зардушт дар «Готҳо» тарғибкунандаи ободонии кишвар, ривоҷ додани кишту кор мебошад. Ӯ тарафдори он буд, ки мардум ҳамеша ба коре машғул бошанд, гову гӯсфанд парвариш кунанд, муқимнишин бошанд ва зиндагии худро рӯз ба рӯз беҳтар намоянд.

Ҳамчунин дар «Готҳо» ғояи шоҳи одил, шаҳриёри хуб, ҳукмроне, ки барои ободии кишвар ҳамеша кӯшиш мекунад ва мардуми худро аз роҳзанону ғоратгарон муҳофизат менамояд, хеле равшан ифода ёфтааст.

Намунаи ҳамин гуна подшоҳ Гуштосп аст, ки номаш чандин маротиба дар «Готҳо» зикр мешавад. Ба ёд оваред ин ҳамон подшоҳ Гуштосп аст, ки дар аввали пайғамбарии Зардушт ҳомии ӯ буд. Ҳукмрони қабилаҳои ғоратгар – душман, ҷодугар буда, насиҳатгарон ва роҳнишондиҳандагони онҳо девҳои бадкирдоранд, ки мардумро ба роҳи бад меандозанд.

Зардушт дини худро дини ростин номида, мардумро ба худшиносии оқилонаву хирадмандона ва интихоби озодона даъват менамояд. Дар готи 45 мегӯяд: «Ҳама аз рӯйи андеша ва хирад роҳи худро интихоб намоед ва нагузоред, ки омӯзандагони бад зиндагиатонро вайрон намоянд. Дар ҷаҳон ду гавҳар вуҷуд доранд, яке Нек (Худо) ва дигаре Бад (Аҳриман), ки ҳеч гоҳ бо ҳамдигар сулҳу созиш намекунанд. Онҳое, ки роҳи бадро интихоб кардаанд, бисёр зарар хоҳанд дид, ба инсонҳо зиёнҳо меоранд ва бо онҳо мубориза бояд бурд».

**Зардушт аз тарафи олимони машҳури ҷаҳон баҳои баланд гирифтааст. Зардушт таблиғгари фаъоли ҷомеаи ягонаи ориёиҳои кишоварз, шаҳриён, яъне давлати ягонаи пурзӯр ва муборизи зидди ҳама гуна харобиҳо ва беадолатиҳо буд. Танҳо давлати**

пуриқтидор метавонад оромиро дар Ориёно ҷорӣ, рушду камоли ҷомеа ва сатҳи баланди зиндагиро таъмин намояд. Аз ҳамин рӯ, Зардушт на танҳо асосгузори аввалин дини яктопарастӣ дар ҷаҳон, балки асосгузори ғояҳои давлати бузурги ориёиҳо низ будааст. Дар асоси ғояҳои ӯ давлати бузурги Ориёно дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омад, ки сарвари он Гуштосп шуд. Зардушт дар ташкил намудани давлати бузурги ориёиҳо бевосита иштирок кардааст. Дар асоси қоидаҳои давлатдории Зардушт дар Ориёшаҳр як силсила давлатҳои бузург, ба монанди Каёниён, Модҳо, аввалин империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиён, баъд Ашкониён, Кӯшониён ва Сосониён арзи вуҷуд кардаанд. То он даме, ки мардуми тоҷик аз маънавияти давлатдории Зардушт баҳрманд буданд, бар душманон ғолиб меомаданд. Ҳамин ки дар ин қавм таассуби динӣ ва кайфу сафои бепарвоӣ ҷойгир шуд, шаъну шарафи ориёии худро гум карда, сари итоат ба саҳронавардони бадавӣ додаанд ва мамлакат аз тахти каёнии худ бенасиб гардид.

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. *"Готҳо" аз ҷониби кӣ фиристода шудаанд?*
2. *"Готҳо" аз ҷониби кадом авестошинос тарҷума шудаанд?*
3. *"Готҳо" дар бораи чӣ суҳбат мекунанд?*
4. *Дар бораи ақидаҳои давлати тавоно бо шоҳи одил нақл намоед*

## §27. «ЯШТҲО»

Ин китоби дуюми «Авесто» мебошад, ки боқӣ мондааст. Он боқимондаи достонҳо дар бораи Худованд ва фариштагон, подшоҳон, паҳлавонон, порсоён ва дигар унсурони муқаддаси гузаштагони мо – ориёиҳо мебошад, ки ба ҳазораҳои IV–II пеш аз милод мансуб аст. Суруду достонҳои «Яштҳо» ёдгори таърихи гузаштагони бо ору номус ва ватанпарвару поксиришти мо мебошанд. Калимаи «Яшт» бо «Ясно» ҳаммаъност ва мазмуни ситоиш ва ниёишро дорад. Агар дар «Ясно» ситоиш ба тарзи умумӣ сурат гирад, дар «Яшт» ба тарзи мушаххас фариштае ё Худованди бузург сутуда мешавад.

«Яштҳо» аз 21 яшт фароҳам омадаанд, ки номашон бо номи эзидони 30 рӯзи солшумории зардуштӣ мутобиқанд. 1) «Ҳурмузд-яшт»; 2) «Ҳафт амшаспанд-яшт»; 3) «Урдибиҳишт-яшт»; 4)

«Хурдод-яшт»; 5) «Обон-яшт»; 6) «Хуршед-яшт»; 7) «Моҳ-яшт»; 8) «Тир-яшт»; 9) «Дрвасп-яшт»; 10) «Меҳр-яшт»; 11) «Сурӯш-яшт»; 12) «Рашн-яшт»; 13) «Фарвардин-яшт»; 14) «Баҳром-яшт»; 15) «Ром-яшт»; 16) «Дин-яшт»; 17) «Ард-яшт»; 18) «Аштод-яшт»; 19) «Зомиёд-яшт»; 20) «Ҳаома-яшт»; 21) «Củнанд-яшт». «Яштҳо» дар қадим ба яке аз китобҳои азбайнрафтаи «Авесто», ки «Бағон-яшт» (Ситоиши худоҳо) ном дошт, дохил мешуданд. «Яштҳо» аз «Готҳо» баъдтар навишта шудаанд, вале аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва мавзӯъ қадимтаранд.

«Яштҳо» бештар сурудҳои фолклории халқӣ мебошанд, ки дар давраҳои хеле қадим дар ҳаққи бузургон сароида шуда, давр ба давр ва замон ба замон аз даҳон ба даҳон гузашта, сайқал ёфтаанд. Ин сурудҳоро Зардушт медонист ва фариштагони ин сурудҳо бузургони оини Маздаясно ҳастанд.

«Яштҳо» дар қадим хеле зиёд буданд, аммо онҳо то ба замони мо омада нарасидаанд. Ҳоло 21 достон аз «Яштҳо» ба мо мерос мондааст, аммо на ҳамаи онҳо пурраанд.

«Яштҳо» бори аввал аз ҷониби авестошиноси олмонӣ И.Гелднер дар охири асри XIX тарҷума шуда буданд. Мо дарси худро аз рӯйи тарҷумаи устод Пури Довуд тартиб додаем. «Яштҳо» ба бузург ва хурд тақсим мешаванд.

«Яштҳо» манбаъҳои тақвимианд, чунки дар солшумории тоҷикӣ-эронӣ ҳар рӯзи ҳафта ва моҳ ба як фаришта муваккал будааст. Бинобар ин, номи рӯз ё ҳафта номи фариштаи муваккали[1] он мебошад. Масалан, дар «Яштҳо» номҳои рӯзҳои ҳафта ин тавр буданд.

1. Маҳзамон – душанбе
2. Баҳромзамон – сешанбе
3. Тирзамон – чоршанбе
4. Ҳурмуззамон – панҷшанбе
5. Кайвонзамон – шанбе
6. Меҳрзамон – якшанбе

Рӯзи истироҳат ба фариштаи бузургтарини оини Маздаясно Митра (Меҳр) бахшида шудааст. Митра – Худованди сулҳу салоҳ ва аҳду паймонҳо ба шумор мерафт. Дар ин рӯз ҳамаи шартномаҳои расмӣ, аз ҷумла аҳдномаи занушавҳарӣ баста мешуданд.

Дар тақвими зардуштиён на танҳо рӯзҳои ҳафта, балки

1. **Муваккал** – *гумошта, таъйинкардашуда, кассе, ки иҷрои коре ба вай супурда шудааст.*

рӯзҳои моҳ низ номи фариштагонро доштанд, ки иборатанд аз: 1. Ҳурмузрӯз. 2. Баҳманрӯз. 3. Урдибиҳиштрӯз. 4. Шаҳриваррӯз. 5. Спандармузрӯз. 6. Хурдодрӯз. 7. Мурдодрӯз. 8. Дин ба оташрӯз. 9. Оташрӯз. 10. Обонрӯз. 11. Хуршедрӯз. 12. Моҳрӯз. 13. Тиррӯз. 14. Гӯштрӯз. 15. Дай ба Меҳррӯз. 16. Меҳррӯз. 17. Сурӯшрӯз. 18. Рашанрӯз. 19. Фарвардинрӯз. 20. Баҳромрӯз. 21. Ромрӯз. 22. Вою (Бод) рӯз. 23. Дай ба Динрӯз. 24. Динрӯз. 25. Артрӯз. 26. Аштодрӯз. 27. Осмонрӯз. 28. Зомиёдрӯз. 29. Меҳроспандрӯз. 30. Аниронрӯз. Дар охири сол ориёиҳо панҷ рӯзи иловагӣ ҳамроҳ намуда, солро ба 365 рӯз мерасониданд.

Мундариҷаи «Яштҳо» гуногун аст. Масалан, «Яштҳои хурд» ҳар кадом як бахши намозҳои берун аз «Авесто»-ро дар бар гирифтаанд. «Яштҳои бузург» ҳар кадом алоҳида ва ба тарзи мушаххас суруда шудаанд ва маънояшон ба худ хос мебошад. Дар гузашта ҳар як «Яшт» барои худ тафсир дошт. Танҳо тафсири баъзе «Яштҳо» то ба замони мо омада расидаанд. Тафсири аз ҳама бузург Ҳурмузяшт аст, ки 2 ҳазор калима дорад. Ҳурмуз ё Аҳурамаздо номи парвардигори бузург мебошад. Юнониён, вақте ки Ориёншаҳрро гирифтанд, Ҳурмузро Зевс ва римиён ӯро Юпитер номидаанд. Мартабаи Ҳурмуз нисбат ба ҳамаи худоёни бузурги дигари динҳо Яҳвои яҳудиён, Зевси юнониён, Юпитери румиён, Буддои ҳиндувон болотар аст. Ҳурмуз ба монанди Аллоҳ дар дини Ислом холиқ ва офаридгори ҳамаи мавҷудот мебошад. Ӯ ҳамеша буд ва мебошад, аз ҳама чиз огоҳӣ дорад.

«Яштҳо» манбаи таърихӣ низ мебошанд. Масалан, дар Обоняшт дар бораи подшоҳони силсилаи Пешдодиён:–Ҳушанг, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Гаршосп ва Афросиёб сухан меравад. Дар ҳамин Яшт дар бораи Каёниён – Кайковус, Тӯс, Ҷомосп ва Кайхусраву рӯди Оранг маълумот пайдо кардан мумкин аст. Дар бахшҳои ҷудогонаи «Яштҳо» мо дар бораи Тӯрон ва тӯрониён, шоҳони Тӯрон, ҷангҳои онҳо бо ориёиҳо, Каюмарс, Гуштосп ва писарони ӯ, аз ҷумла корномаҳои Исфандиёр, Баҳман, Манучеҳр ва дигар подшоҳони ориёӣ маълумот пайдо карда метавонем.

Яке аз яштҳои муҳим барои таърихи географияи тоҷикону эрониён ин Зомиёдяшт мебошад. Яшт агарчи номи фариштаи Замин–Замро дошта бошад ҳам, аммо дар дохил аз фарри Каёниён суҳбат мекунад. Тавре ки медонед, дар урфияти тоҷикону эрониёни қадим чор унсури табиат хок, об, оташ ва ҳаворо муқаддас меҳисобиданд ва дар «Авесто» ҳар чаҳор фариштаи муътабар бо

ин номҳо ситоиш мешаванд.

. Дар ҳафт банди аввали Зомиёд-яшт аз 53 кӯҳ ёд мешавад ва баъди ин дар бораи фарри Каёниён сухан меравад. Бинобар ин, шинохтан ва муайян кардани кӯҳҳо, рӯдҳо, кӯлҳои дар «Авесто» зикршуда аҳамияти бузурге барои таърихи мо дорад. Барои макони кӯҳҳо, рӯдҳо ва дигар ҷойҳои географии дар «Авесто» зикршударо пайдо кардан, шумо бояд географияи Ватани худ – Тоҷикистонро хуб омӯзед ва донед. Шояд баъзе номҳо дар маҳалҳо айнан ба ҳамон шаклу мазмуни дар «Авесто» овардашуда вуҷуд дошта бошанд.

**"Вандидод".** Яке аз қисмҳои «Авесто» мебошад, ки шакли таҳриршудаи «Видеват» аст. Маънои ин калима «қонун зидди девҳо» аст. Вандидод 22 фаргард (боб)-и гуногунмавзӯъро дар бар гирифта, гуфтугӯйи (саволу ҷавоб) байни Зардушт ва Аҳурамаздо аст. Боби 1 гӯё достони географӣ буда дар он сухан дар бораи 16 кишвари офаридаи Аҳурамаздо меравад. Нахустин кишвар Арианаваейҷа аст, ки дар он қабилаҳои ориёӣ – ниёгони халқҳои ориёинажод, аз ҷумла аҷдоди халқи тоҷик мезистанд. Инчунин дигар кишварҳои ориёӣ: Суғд, Марв, Бохтар, Кобул, Тӯс, Ҳирот, Нисо низ номбар шудаанд. Аҳурамаздо дар ин кишварҳо тухми некӣ мекошт ва Аҳриман бошад, хунукӣ, боду боронҳои харобиовар, мору ҳашароти газанда, хушксоливу гуруснагӣ паҳн мекард.

Боби 2-юм дар бораи Йима (Ҷамшед) аст. Аҳурамаздо Зардуштро огоҳ менамояд, ки дар замони подшоҳии Ҷамшед хунукиву гармӣ ва беморию марг вуҷуд надошт. Одамону чорпоён рӯз ба рӯз зиёд мешуданд. Замин барояшон тангӣ мекард. Бинобар ин, Ҷамшед ба Аҳурамаздо мурофиат мекунад ва ӯ ба Йима асои тиллоӣ – аштаро ва суваро – нигин мебахшад.

Йима бо ёрии ин асову нигин (суваро) Заминро пас аз ҳар 300 сол себаробарӣ васеъ кард, то тамоми инсонҳо, ҳайвоноту парандаҳо ва дигар махлуқот зиндагии хушу хуррам дошта бошанд. Дар қисматҳои дигари ин боб дар бораи варҳо–сохтани биноҳои наҷотӣ ва мардумону тамоми мавҷудоти зиндаро аз боду борону обхезиву хунукӣ наҷот додани Йима сухан меравад. Ин ҳодисаи табиӣ ба тӯфони Нӯҳи қиссаи калимӣ, насронӣ ва исломӣ монанд аст.

Дар фаргарди 3-юм Замин, деҳқонӣ ва фоида гирифтан аз кор кардан дар Замин ситоиш шудааст. Ҷое, ки кишоварзӣ ва чорводорӣ мавҷуд аст, мардуми он ҷой орому осуда ва серу

пур зиндагӣ ба сар мебаранд. Касе, ки ба киштукор машғул аст, беҳтарин корро иҷро мекунад. Дар фаргардҳои баъдина доир ба масъалаҳои ҳуқуқ ва тарзи гӯрондани мурдаҳо сухан меравад. Ҳамчунин доир ба масъалаҳои беҳдоштӣ (гигиена), тоза нигоҳ доштани бадан, нигоҳубини мӯйи сар, гирифтани нохун, пешгирии бемориҳо, табобати бемориҳо ва амсоли инҳо маълумоти фаровони фоидаовар дорад. "Вандидод" ҳамчунин масъалаҳои таърихӣ, этнографӣ ва ахлоқиро низ дар бар мегирад.

**"Виспарад".** Китоби чоруми боқимондаи «Авесто» мебошад. Маҷмӯаи дуоҳо дар ситоиши эзидони зардуштия аст. Ин бахши кӯтоҳ дар шеваи нигориш ба «Ясно» монандии бисёре дорад ва шомили сурудҳои кӯтоҳ дар ситоиши покон ва порсоён ва ҳамаи падидаҳои нек аст. Калимаи «Виспарад» аз ду вожаи авестоӣ – «вист» ва «рату» сохта шуда, маънояш ҳама родон – далерон, роҳбарон, бохирадон аст. Дар «Виспарад» бештар сухан дар бораи ситоиш ва офариниши некии Аҳурамаздост.

Дар «Виспарад» шаш ҷашни «Гоҳонбор», ки ба шаш бори офариниш бахшида шудаанд, тараннум мешаванд. Ҳар ҷашн панҷ рӯз аст, ки ҳар рӯз бояд яке аз бахшҳои панҷгонаи гоҳон хонда шавад. «Виспарад» аз 24 ё 23, 27 пора ё боб иборат буда, онҳо «фаргард» ном доранд.

**«Хурд-Авесто».** Маҷмӯи порчаҳои интихобшуда аз «Авесто», матни дуо ва ниёишҳо, ки пайравони зардуштия онҳоро дар адои намоз, иҷрои қонуну қоидаҳои динӣ, ҳангоми тӯй (сур) ва маросимҳои мотам мехонданд.

Тартибдиҳандаву муаллифи он Озарбоди Меҳроспандон мебошад. Аксари қисмҳои ин асар бо қисматҳои дигари «Авесто» якҷоя омадаанд, ки барои ҳамин онро ҷузъи панҷуми «Авесто» донистаанд. Номгӯйи қисмҳои «Хурд-Авесто» чунин аст: 1.Сарсухан; 2. Дуоҳои муқаддаси зардуштия (ин дуоҳоро пеш аз оғози корашон мехонданд); 3. Ниранги (қоида) куштӣ бастан (пораест, ки дар он қонуну қоидаҳои бастани миёнбанди муқаддаси зардуштия – куштӣ шарҳ ёфтааст). Ин миёнбандро писарони зардуштиён баъди ба балоғат расидан (яъне дар синни 15 - солагӣ) мебастанд; 4. Сурӯш ё Ниранги (қоида) дастшӯйӣ; 5.Хушбом (порае дар бораи бомдод); 6. Ниёишҳо; 7. Гоҳон (панҷ суруд ва тавсифи вақти шабонарӯз). Шабонарӯзро зардуштиён ба 5 вақт тақсим карда намоз мехонданд: а) Ховангоҳ – аз тулӯи Хуршед то нимрӯз; б) Рапитвингоҳ – аз нимарӯз то аср; в) Узайрингоҳ – аз аср то фурӯ

нишастани Офтоб; г) Ависрутримгоҳ – аз шом то ними шаб; д) Ушангоҳ – аз ними шаб то тулӯи Офтоб. Номи ҳар як ҳангоми шаборӯз инчунин фариштаи нигаҳбони ҳамон вақт буд (масалан, Ҳовану фариштаи бомдод). 8. Яштҳо; 9. Сирӯза (қитъаҳо дар ситоиши рӯзҳои моҳ); 10. Офарингон (ситоишҳо барои маросимҳои динӣ).

Намозҳои зардуштиён ба ҳамин гоҳон иртибот дошта панҷвақта буданд ва намози якум ушаҳингоҳ ном дошта, субҳдам баргузор мегардид ва он ба фаровонӣ, баракату фурӯғи хона, намози дуюм – ховангоҳ пеш аз ними рӯз ба суду ободии русто, намози сеюм – рапитвингоҳ дар ними рӯз барои суду ободии кишвар, намози чаҳорум – азирингоҳ баъди нисфи рӯз хонда мешуд ва онро барои фаровонии мардумони неку далер мебахшиданд. Намози панҷумро шаб (шом) мехонанд ва он барои фаровонии ҳамаи чизҳои хуб, зиндагонии хуб ва пешрафти корҳои роҳбари динии ҷаҳон бахшида мешуд.

**"Занд".** Занд – калимаи авестоӣ буда, маънояш дониш, донистан мебошад ва он тарҷума ва тафсири «Авесто» ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) аст. Тарҷума ва шарҳи «Авесто» ба забони паҳлавӣ замоне сурат гирифта буд, ки забони «Авесто» забони фаромушт (аз истифода монда) буд ва донишмандон дар шарҳу эзоҳи аксари калимаву ибораҳо душворӣ мекашиданд. Забони «Готҳо», ки забони Зардушт аст, ба лаҳҷаи бохтариёни шарқӣ буд ва на ҳамаи ориёиҳои вилоятҳои дигар онро мефаҳмиданд. Аз ин рӯ, ба тарҷума ва тафсири матнҳои авестоӣ зарурат ба вуҷуд омад. Аз дастнависҳое, ки то замони мо боқӣ мондаанд, бармеояд, ки тарҷумаи матнҳои авестоӣ таҳтуллафзӣ ва тафсираш чунин буд: аввал дар як сатр матни авестоӣ, сипас дар поёни он тафсиру тарҷума ба забони форсии миёна омадааст. Шарҳи калимаҳои алоҳида пас аз тарҷумаву тафсири ҷумла меояд. Дар даврони Ҳахоманишиён «Авесто» «Занд» дошт ва дар замони Искандари Макдунӣ «Занд» ҳам сӯзонда шуд. Дар аҳди Ашкониён (давраи шоҳ Билош) «Занд»-ро ба забони портӣ (паҳлавӣ) тартиб доданд ва дар замони Сосониён ба лаҳҷаи порсиён навишта шуд.

**«Позанд».** Ин асар тафсири "Занд" буда, овонавишти (транскрипсия) матнҳои паҳлавӣ (форсии миёна) бо хатти авестоӣ (бо истифода аз ҳарфҳои иловагӣ) ва алифбои арабиасоси тоҷикӣ мебошад. «Позанд» дар асрҳои 8–9 бар ивази хатти душвори забони паҳлавӣ омада, дар ибтидои ба вуҷуд омаданаш забо-

ни форсии нав (форсии дарӣ) арзи ҳастӣ кардааст. Ҳангоми ба «Позанд» баргардонидани матнҳои паҳлавӣ бо нусхаи форсиашон иваз карда мешуданд.

Дар он забони форсии дарӣ ва лаҳҷаҳои зардуштиёни эронӣ мушоҳида мешавад. Умуман, «Позанд» ганҷинаест аз вожаҳои забони миллии мо.

Хулоса, «Авесто» яке аз бузургтарину баландтарин қуллаҳои афкори инсонист ва барои рушду башарият нигаронида шудаанд. Ин аст, ки машҳуртарин олимони дунё ба ин манбаи хулқу атвори неки инсонӣ баҳои сазовору баланд додаанд.

Як олими машҳур ба номи Ҷексон навиштааст: «Камтар китоби муқаддасе чунин тасаввури ахлоқӣ ва вазифа дорад, ки дар китоби муқаддаси зардуштӣ зикр гардида, камтар кеш вуҷуд дорад, ки ба ин қувват лузуми покӣ барои ҷисм ва рӯҳ талқин бинмояд».

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. ***«Авесто» чӣ гуна китоб аст? Чаро сӯзонда шуд?***
2. ***Чанд китоби «Авесто» то замони мо расидаанд?***
3. ***«Готҳо»-ро кӣ эҷод кардааст? Ба кадом давра тааллуқ доранд ва дар бораи чӣ маълумот медиҳанд?***
4. ***«Яштҳо» чӣ гуна китоб аст ва аҳамияти таърихиву географии он дар чист?***
5. ***«Занд»-у «Позанд» аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?***

## ДИНИ ЗАРДУШТӢ ВА РУСУМИ ОРИЁӢ

## §28. ОИНИ ЗАРДУШТӢ

Зардушт аввалин пайғамбари ҷаҳон дини худро парастандаи Худои яккаю ягона Аҳурамаздо ба қалам додааст. Вожаи «Аҳурамаздо» низ аз ду бахш: «Аҳура» ба маънои ҳастӣ ва «Маздо» ба маънои маниши нек, ростӣ, хирад, доно, дониш, Худо, яъне Худои ҳастибахш, сарвари доно ва довари ҳастӣ таркиб ёфтааст. Аҳурамаздо дар сарчашмаҳои форсӣ-тоҷикӣ Ҳурмуз номида мешавад. Дар оини зардуштӣ Ҳурмуз ё Аҳурамаздо Худованди офарандаи Замину замон ва тамоми ҳаёти рӯйи Замин мебошад. Дар оини зардуштӣ ду гавҳари азалӣ ҳастанд, ки яке аз онҳо Аҳурамаздо–Худованди офаридгори замину замон, некиҳо,

судмандиҳо, ҳаёт, рӯшноӣ ва он чи барои инсон судманд аст, дигаре Аҳриман, ки ба офаридаҳои Аҳурамаздо олудагиҳои зарароварро ҳамроҳ менамояд.

Мувофиқи ривояти китоби муқаддаси дини зардуштӣ, Аҳурамаздо дар давоми як сол, вале дар шаш бор Замину Осмон ва он чи дар болои ӯст: кӯҳ, об, инсон, ҳайвонот, наботот ва ғайраро меофарад. Аҳриман аз ин кори Аҳурамаздо бехабар буд, зеро пешомадро намедонист. Вақте ки ӯ офаридаҳои Аҳурамаздоро мебинад, ба ғазаб омада, ҳамаи қувваҳои бадиро равона месозад, ки офаридаҳои судмандро биолоянд, то ки нест шаванд. Масалан, Аҳриман ба муқобили ҳаёт маргро, ба муқобили некӣ бадиро, ба муқобили рӯз шабро, хулоса, ба муқобили хамаи чизҳои судманд чизҳои зарарнокро ташкил мекунад. Аммо қуввои Аҳриман абадӣ нест, вай то рӯзи растохез аст. Рӯзи растохез Аҳриман нест мешавад ва Аҳурамаздо ҷаҳони бемаргӣ ва покиро аз нав фароҳам меорад. То рӯзи растохез бояд инсонҳои покдоман ба муқобили бадӣ мубориза баранд.

Аҳурамаздо шаш фариштаи бузургро ёвар буд, ки ҳар кадом як хислати ӯро ифодагаранд: – Ваҳумон, Баҳром – фариштаи пиндори нек, Ашаваҳишта – Урдибиҳишт – ростӣ, Хушатравайра Шаҳривар – давлату дороӣ, Спентаормат, Спандормиз – замини афзоишгар, Хурват, Хурдод – покӣ ва Амрдат, Амрдод – бемаргӣ. Дар оини зардуштӣ эзидҳо (фариштагон) бисёранд, ки ҳар кадоме дар дунёи минӯӣ ва хокӣ ба коре мувакккал мебошанд. Масалан, рӯзҳои ҳафта ва моҳ номи Худованди бузург ва фариштагонро дошта, пуштибони он рӯзҳо ва одамони дар он рӯзҳо таваллудшуда ба ҳисоб меравaнд. Ҳамаи фариштагон барои беҳтарии рӯзҳо, инсонҳо ва табиат бо унсурҳои аҳриманӣ мубориза мебаранд.

Мувофиқи оини зардуштӣ Худованди некӣ (Аҳурамаздо) ва фариштагонаш бо худованди бадӣ (Аҳриман) ва девонаш, ки рамзи дурӯғ ва ҷоду мебошанд, ҳама вақт дар муборизаанд. Ба муқобили девон, ҷодувон ва қувваҳои бадӣ ҳамаи офаринишҳои Аҳурамаздо, аз ҷумла одамон мубориза мебаранд. Мубориза бо роҳи покӣ, ростӣ, намоз, корҳои нек ва судманд; девҳо аз кори хуб, гапи рост, поккорӣ, фоидарасонӣ мегурезанд ва нест мешаванд.

Инсон дар давоми зиндагӣ бо фариштаҳои некӣ ва бадӣ ҳамнафас мебошад. Деви бадӣ (Шайтон) кӯшиш мекунад, ки одамро ба корҳои бад шарик созад.. Фариштаи некӣ инсон-

ро ба корҳои рост, судманд, меҳнати ҳалол, худошиносӣ ва поквиҷдонӣ ҳидоят менамояд. Фариштаи некӣ корҳои некро ва фариштаи бадӣ корҳои бадро менависанд ва баъди марг дар сари Пули Чинвод (Сирот) онҳоро дар тарозуи аъмол мегузоранд. Агар бегуноҳ бошад, ба биҳишт ва агар гунаҳгор бошад, ба дӯзах мебаранд.

Дар оини зардуштӣ намози панҷвақта вуҷуд дорад, ки хондани он ба ҳамаи *пайравони дин шарт аст. Тариқи гузоридани* намоз дар китоби «Хурд-Авесто», ки баргузидае аз «Авестои бузург» барои намоз ва ниёиш мебошад, нигошта шудааст.

Пайравони зардуштия пеш аз намоз худро мешӯянд ва либос мепӯшанд, ки номаш садра аст ва аз болои он камарбанде мебанданд, ки кушти ном дорад. Калимаи «кушти» решаи ҳиндуориёӣ дошта, маънояш камарбанд аст, ки дар дарсҳои гузашта дар бораи он маълумот дода будем. Вайро аз 72 нахи пашми сафеди гӯсфанд ё уштур, ё бузи ангорӣ мубаде мересаду мебофад. Шумораи 72 ифодаи 72 бахши китоби «Ясно» буда, ба 6 бахш, ки маънои шаш бори офаринишро дорад ва ба 12 қисм ҷудо мешавад. Рақами 12 таҷассуми 12 моҳи сол аст. Куштиро се давра гирди миён мебанданд ва ҳар давр маънои маниши нек ва гуфтори некро дорад. Дар ду давр ду гиреҳ дар пеш ва дар давраи охир ду гиреҳ аз пушт меоянд. Вақти гиреҳи аввалро бастан мегӯянд: «Гувоҳӣ медиҳам ба ҳастии Худованди яккаву ягона», дар гиреҳи дуюм мегӯянд: «Гувоҳӣ медиҳам, ки дини зардуштӣ барҳақ аст ва Зардушт фиристодаи Худованд аст». Дар гиреҳи сеюм гуфта мешавад: «Гувоҳӣ медиҳам ба пайғамбар Зардушти Испитамон», дар гиреҳи чаҳорум мегӯянд: «Гувоҳӣ медиҳам ба паёми Зардушт – гуфтори нек, кирдори нек ва рафтори нек».

Куштӣ бастан яке аз одатҳои куҳан аст ва гӯё онро Ҷамшед ҷорӣ карда бошад. Дар гузашта куштӣ бастан дар синни 15-солагӣ баргузор мегардид. Куштӣ бастан ва садра пӯшиданро яке аз ҷашнҳои бошукӯҳ меҳисобиданд ва то имрӯз зардуштиён онро қайд мекунанд. Ин ҷашни камолот ҳисоб мешуд ва баъд аз он духтар ба шавҳар мебаромад ва писар зан мегирифт ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа ба шумор мерафт. Баъди ҷашни садрапӯшон ҷавонон бояд намоз хонанд ва русуми диниро ба ҷо биёранд.

Қаблан зикр карда будем, ки зардуштиён панҷ вақт намоз мегузоранд. Намози якум ушаҳингоҳ ном дорад ва он субҳидам баргузор мешавад. Дар он аз ҷумла омадааст: «Ба ҳангоми ушаҳин,



**Расми 32.** ***Маъбади оташ дар ёдгории Тиллотеппа ба ҳазораи II-1 п.м. нисбат дорад (Бохтар).***

намози поки сапедадам, намози ростӣ ва дурустӣ, ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридагору офарандагонаш омода месозам. Ин намозро, ки барои фаровонӣ ва баракату фурӯғи хона аст, мебахшам».

Дар ҳамаи намозҳо дар оғоз ва анҷом сураҳои «Ба хушнудии Худо, ростӣ беҳтарин некист, хурсандист. Хурсандӣ барои касе, ки ростиро барои беҳтарин ростӣ бихоҳад», хонда мешавад. Қиблаи зардуштиён оташ аст. Дар намози нисфирӯзӣ ба офтоб ва агар офтоб набошад, дар маъбад рӯй ба оташ оварда, ниёиш мекунанд. Оташ рамзи нури илоҳӣ, худовандӣ ва зиндагӣ мебошад. Баъзе одамони камфарҳанг зардуштиёнро оташпараст гуфта таҳқир мекунанд, ки ин аломати ҷоҳилист. Фирдавсии бузург барҳақ мегӯяд:

*Мапиндор, к-оташпарастон буданд,*
*Парастандаи поки Яздон буданд.*

Гуноҳон дар оини зардуштӣ инҳоянд: хасисӣ, худхоҳӣ – тамаъ, рибохорӣ (судхӯрӣ), ҳасад, ноҳақшиносӣ, ғурур, худбинӣ, дурӯғгӯйӣ (шоҳи гуноҳон), ҷодугарӣ, паймоншиканӣ, савганди дурӯғ, бадхоҳӣ, туҳмат, бутпарастӣ, бевафоӣ, хиёнат, худкушӣ, нопокизагӣ, беҳаёӣ, суханчинӣ ва коҳилӣ.

## §29. ИБОДАТГОҲҲО

Тавре ки аз дарсҳои гузашта медонед, дини тоҷикон пеш аз ислом зардуштия буд ва маъбадҳои (ибодатгоҳ) худро дошт, ки мардум дар он ҷо намоз мехонданд. Аммо зардуштиён ба монанди мусалмонон ҳар рӯз дар масҷидҳо гирд омада, намоз на-

мегузоштанд. Онҳо ҳафтае як бор ҷиҳати бузургдошти оташи муқаддас ба маъбад мерафтанд ва дигар ҳама вақт намозро дар хона мехонданд.

Маъбадҳо дар маҳаллаҳо ҷойгир буданд. Маъбади бузург дар маркази шаҳр, дар ҷойи намоён сохта мешуд. Мувофиқи одати ин оин се навъ оташи муқаддас буд, ки онҳо вобаста ба мавқеи иҷтимоии мардумон дар маҳаллаҳо ва шаҳрҳо сохта мешуданд. Маъбади оташи ҳамагон Меҳрбарзин ном дошт ва дар деҳаву маҳаллаҳои кишоварзон, ҳунармандон, савдогарон амал мекард ва гурӯҳҳои номбурда ба он ҷо ба намозу зиёрат мерафтанд. Барои мубадон (рӯҳониён) маъбади оташи Фаранбағ хизмат менамуд. Шоҳон маъбади худро доштанд, ки вай Вараҳран – Баҳром ном дошт. Оташи Баҳром аз дигар оташҳо мақоми баландтар дошт ва ҳамаи оташҳои дигар аз он баҳра мегирифтанд, яъне онҳоро дар муддати як сол як бор дар он оварда, тоза менамуданд.

Дар оини зардуштӣ ду навъи маъбадҳо вуҷуд доштанд: 1. Бурҷҳои оташ дар баландиҳо, дар ҳавои кушод. Ин бурҷҳоро қадимтарин ибодатгоҳ меҳисобиданд. Оташ дар ин бурҷҳо дар ҳавои кушод, дар баландиҳо месӯхт. Чунин бурҷҳо дар Самангон ва Карон – пойтахти шоҳони Дарвоз кашфу таҳқиқ шудаанд. Бурҷи оташи Карон мураббаъ (квадратӣ) буда, аз сангу гил сохта шуда 12,5 м ба 12,5 м ва 15–20 м баландӣ дошт (расми 33). Бурҷи Самангон аз кӯҳпора яклухт тарошида шуда, 12 м баландиаш ва қутраш 22 м мебошад. Намуди маъмули маъбадҳои оташ бинои болопӯш мебошанд ва оташ дар онҳо дар дохили бино месӯзад. Нақшаи ҳамаи ин навъи маъбадҳои оташ якхела буда, дар марказ хонаи аз ҳама бузург, бо тарҳи салибӣ ҷойгир аст ва дар миёнаи он миҷмари оташи доимо фурӯзон меистад. Дар атрофи ин хона роҳрав ва панҷараҳо ҳастанд, ки ба воситаи онҳо намозхонон ба оташи муқаддас аз дур намоз мегузоранд ва дуруд мегӯянд. Маъбадҳои оташ дар асоси нақшаи суннатии оинӣ сохта мешуданд. Одамони давлатманд дар хонаҳои худ ҳуҷраи махсус бо меҳроби оташ доштанд ва он ҷо намоз мехонданд. Қиблаи зардуштиён оташ буд ва онҳо ба вай ниёиш менамуданд.

Оташ дар оини Маздаясно рамзи нури илоҳӣ, покӣ, рӯшноӣ, Офтоб, зиндагӣ ва ҳаёт ҳисоб меёбад.

Дар Ориёншаҳри Шарқӣ – Бохтар, Суғд, Ҳирот, Зобулу Кобул, Систон, Марв, Хоразм, Фарғона, Чоч ва ғайра ғайри ибодатгоҳҳои оташ боз хонаи худоён вуҷуд доштанд, ки дар



**Расми 33.** *Бурҷи оташи муқаддас.*

онҳо ҳайкалони худоён ва фариштагон меистоданд. Ҳайкалон аз тилло, нуқра, мис, чӯб, санг ва гил сохта шуда, ба монанди одамон бо сарулибоси гаронбаҳо ва зеварҳо оро дода мешуданд. Ин ҳайкалҳо ҳайкалони фаришта ва эзидҳои гуногуни авестоӣ буданд, ки ба дини зардуштиёни Осиёи Марказӣ нисбат доштанд. Ибодатгоҳи хонаи худоёни Бохтар дар шаҳри қадими Бағлон (Афғонистон) ёфт шудааст. Ибодатгоҳҳои оташ ва хонаи худоён, ки дайвадан ё бағонгоҳ ном доштанд, аз тарафи бостоншиносон ёфт шудаанд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. ***Чанд навъи маъбади оташ вуҷуд дошт?***
2. ***Оташи Баҳром нисбат ба дигар оташҳо чӣ бартарӣ дошт?***
3. ***Луҳросп ба кадом оташ асос гузоштааст?***
4. ***Шеъри дар бораи оташ бударо қироат кунед.***

## § 30. ИДҲО

Оини зардуштия то андозае оини дунёшиносӣ ва кайҳоншиносӣ, яъне дини астрономӣ мебошад. Замин, об, оташ ва ҳаво, ки асоси ҳастиро ташкил медиҳанд, бузургу муқаддас дониста мешаванд ва ҳар кадоми онҳо фариштае доранд. Бар хилофи динҳои дигар, Маздаясно зиндагонии хуб ва пуршукӯҳро талқин мекунад. Ҷаҳон ва он чӣ дар он аст, муқаддас аст. Хушӣ ва хуррамӣ аз барои бани башар мебошад ва аз онҳо набояд каноргирӣ кард.

**Наврӯз.** Наврӯз яке аз идҳои қадимтарини мардуми ориёист. Баъдтар дар байни дигар халқҳои ғайриориёӣ низ расм шуда, ҷаҳонӣ мешавад. Он ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ 1-уми фарвардин (аввали моҳи ҳамал) ё 21-уми моҳи марти солшумории милодӣ рост меояд. Ривоят аст, ки ин ҷашнро Ҷамшед асос гузоштааст. Ин ҷашн дар моҳи аввали баҳор, ки фарвардин ном дорад, баргузор мешавад. Дар ин рӯз Офтоб ба хатти истиво (экватор) меояд ва шабу рӯз баробар мешаванд. Рӯзи якуми фарвардинро рӯзи якуми баҳор, саршавии киштукор, бедоршавии табиат, олами наботот, такмили дунёи нав медонистанд. Аз ин лиҳоз, Наврӯз иди даромадани баҳор, саршавии киштукор мебошад. Тоҷикон дар ин рӯз хонаҳои худро сафед мекунанд; ҳамаи касифиҳои соли гузаштаро берун месозанд; сарулибоси нав мепӯшанд ва орзуи беҳбудии зиндагиро менамоянд.

Дар қадим олимон аз донаҳои зироат сабзаҳо тайёр мекарданд ва ба воситаи онҳо ҳосилнокии зироатҳои соли навро пешгӯйӣ менамуданд. Дастархони наврӯзӣ ғанитарин дастархони идҳо буд. Рақами 7 дар урфияти гузаштагон соҳибшаън буд ва ба ин хотир дастархоне меоростанд, ки номи неъматҳои он бо 7 шин ё 7 мим ва 7 син оғоз меёфт, аз қабили себ, санҷид, суманак, сирко, сир, сабза, сабзӣ ишора ба ҳафт амшосипандон–фариштагони бузург аст.

Панҷ рӯзи аввали Наврӯз ба арвоҳи фурӯҳарҳо[1] бахшида мешавад. Дар ин рӯзҳо қабристонҳоро пок мекарданд, дар онҳо қурбониҳо менамуданд. Ривоят аст, ки дар ин рӯзҳо арвоҳи гузаштагон аз осмон ба Замин меоянд, аз кору бори авлоди худ огоҳ мешаванд ва барои он, ки онҳоро фаромӯш накардаанд, изҳори қаноат менамоянд ва ба онҳо кумак мекунанд.

1. **Фурӯҳар** – *калимаи авестоист, рӯҳи гузаштагон (фавтидагон), ки дар рӯзи Наврӯз зуҳур мекунад.*

Панҷ рӯзи дигари Наврӯзро мардуми шаҳру деҳот бо тӯю тамошо ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ мегузаронданд. Панҷ рӯзи сеюмро мардум дар дарбори шоҳҳо бо тантана ҷашн мегирифтанд ва боқимонда 15 рӯзи дар саҳро ба сайри наврӯзӣ мебаромаданд.Аз соли 2010 бо қарори Созмони Милали Муттаҳид Наврӯз иди ҷаҳонӣ эълон шуда, дар мамлакатҳои зиёд онро ҷашн мегиранд.

**Меҳргон.** Баъди Наврӯз ин дуюмин иди бузурги миллии ориёиҳо буд, ки ба бозгашти Офтоб ва дуюминбора ба хатти истиво омадани он ва боз баробар шудани шабу рӯз бахшида шудааст. Мувофиқи солшумории қадим рӯзи аввали Наврӯзро 1 моҳи фарвардин ҷашн мегирифтанд, ки ба 16 март рост меомад. Баъди санҷидани тарозуи Офтоб идро ба 21 март оварданд ва рӯзи аввали фарвардин низ пеш бурда шуд. Аммо дар ҷашни Меҳргон ин ҳисоб бетағйир монд, зеро рӯзи 16 моҳи меҳргон рӯзи фариштаи Меҳр аст ва мутобиқ ба 16 сентябр мебошад. Дар гузашта ориёиҳо даромади Наврӯзро ба тобистон нисбат медоданд ва тобистон аз 6 моҳ иборат буд. Аз 16-уми меҳрмоҳ саршавии зимистонро ҳисоб мекарданд ва он низ 6 моҳ буд, яъне сол ба ду бахш – тобис-тон ва зимистон тақсим шуда буд.

Баъд фаслҳои солро ба чаҳор бахш – баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон ҷудо намуданд ва оғози солро баҳор номиданд. Таҳлили маъхазҳо ва манбаъҳои таърихӣ ба он далолат мекунад, ки Наврӯз саршавии баҳор ва оғози киштукор буда, Меҳргон оғози тирамоҳ ва ҷамъоварии ҳосил аст. Ҷашни Меҳргон 6 рӯз – аз 16-ум шурӯъ мешавад ва то рӯзи 21, ки Ром ном дорад, давом мекунад. Рӯзи оғозро Меҳргони омма ва рӯзи анҷомро Меҳргони хосса меноманд.

Ҷашни Меҳргон дар дарбори империяи Ҳахоманишиён хеле пуршукӯҳ ва бо хурсандӣ мегузашт. Шоҳони ҳахоманишӣ, ки аз мастӣ худдорӣ менамуданд, дар иди Меҳргон либоси арғувонӣ пӯшида, сархуш мешуданд.

Дар рӯзи ҷашни Меҳргон дастархони ҳама аз неъматҳои мавҷуда: – нонҳои ҳархела, себ, нок, ангури сафед, анҷир, асал, лимӯ, шакар, гули нилуфар пур мешуд ва мардум базм меорост.

Подшоҳон дар ин рӯз тоҷе ба шакли хуршеди шуълаафган бар сар мениҳоданд. Худованд гӯё дар рӯзи Наврӯз ёқут ва дар Меҳргон забарҷадро барои зинат офарид. Меҳргон то истилои муғул дар саросари Ориёно ҷашн гирифта мешуд.

**Сада.** Сада яке аз ҷашнҳои бостонии мардуми ориёинажод аст, ки рӯзи даҳуми моҳи ёздаҳуми солшумории шамсӣ – баҳман барпо мегардид. Азбаски аз даҳуми баҳман то ҷашни Наврӯз панҷоҳ шабонарӯз аст, ин рӯзро Сада ном ниҳодаанд, зеро ниёгони мо шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд.

Мувофиқи ривояти «Шоҳнома» Ҳушанг ин ҷашнро асос гузоштааст. Гӯё ӯ ҳамроҳи дарбориёнаш дар саҳро ба море дучор меояд. Ҳушанг сӯйи мор санг меандозад. Санг бар санги дигаре бархӯрда аз он оташак меҷаҳад ва ба ҳамин васила оташ кашф мегардад. Минбаъд одамон ба ҳамин муносибат оташ афрӯхта, ба он саҷда мекарданд.

*Сада ҷашни мулуки номдор аст,*
*Зи Афридуну аз Ҷам ёдгор аст.*
*Унсурӣ*

Пешгузаштагони мо дар ин рӯз ҷашн ороста, тамоми шаб гулхан меафрӯхтанд ва дар гирди он рақс мекарданду суруд мехонданд. Сада то асрҳои XII ҷашн гирифта мешуд ва баъдҳо аз байн рафт, вале нишонаҳои он – гулхан афрӯхтан, дар гирди он базм оростан ҳанӯз ҳам дар байни мардуми мо ба назар мерасад.

**Тиргон.** Ин ҷашн низ яке аз ҷашнҳои хеле қадим мебошад. Ҷашни Тиргон яке аз ҷашнҳои фасли сол буда, ба фарорасии тобистон – ба 21–22 моҳи июн рост меояд. Дар ин рӯз Офтоб ба қуллаи баландтарини худ мерасад ва рӯзҳои 21–24 рӯзҳои дарозтарини сол ҳисоб мешаванд. Олами сабзи баҳор тира мешавад, гармиҳои тобистон сар мешаванд. Дар ин рӯзҳо ҷав, гандум ва ангури пешпазак ҳосил медиҳанд. Тут, гелос, зардолу мепазад ва мардум ҳосили соли навро мехӯранд ва шукронаи Худовандро ба ҷо меоранд. Ҷашни Тиргон низ дар замонҳои қадим бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил карда мешуд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. ***Ҷашни Наврӯз чӣ гуна ҷашни сол аст?***
2. ***Ҷашни Меҳргон ба кадом фасл бахшида шудааст?***
3. ***Кадом подшоҳ ба ин ҷашн асос гузошт?***
4. ***Чор ҷашни солро шарҳу эзоҳ диҳед.***

# БОБИ IV
# ҚАБИЛАҲОИ ОРИЁӢ ДАР АСРИ ОҲАН

## §31. КИМЕРИҲО

Ковишҳои археологӣ дар қисми Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ нишон медиҳанд, ки дар ин минтақаҳо ориёиҳо аз кӯли Байкал то рӯди Дунай, аз ҳавзаҳои Дону Волга то Осиёи Сағир аз замонҳои хеле қадим – ҳазораи IV–III пеш аз милод то асрҳои миёнаи милод зистаанд ва баъдҳо бо дигар халқҳо омезиш ёфтаанд.

Дар адабиёти авестоӣ, аз ҷумла дар «Фарвардин–яшт», ки яке аз бахшҳои қадимтарини «Авесто» мебошад, аз панҷ маҳаллаи ориёиҳо: Арианаваейҷа, Тӯрон, Деҳӣ, Сайрам ва Сайинӣ ёд шуда, ба мардон ва занони покдини ин кишварҳо дуруди худовандӣ фиристода мешавад.

Насли имрӯзаи тоҷикон бояд донанд, ки дар гузаштаҳои дур аҷдоди мо мамлакати паҳноварро дар ихтиёр доштанд ва халқи сершумори бузурге дар он зиндагӣ мекард.

Дар бораи баъзе қабилаҳои ориёӣ мо аз манбаъҳои юнонӣ маълумот гирифтаем. Масалан, дар адабиёти авестоӣ дар бораи кимериҳо, сарматҳо ва скифҳо маълумот нест. Дар манбаъҳои авестоӣ аслан дар бораи ориёиҳо ва рақиби онҳо тӯрҳои ҳаюнӣ сухан меравад.

Дар катибаҳои ҳахоманишинӣ ҳамаи чорводорони ориёиро сакоӣ гуфтаанд ва олимон тахмин менамоянд, ки сакоиҳо ҳамон тӯрҳои авестоӣ ҳастанд.

Номи кимериҳо танҳо дар манбаъҳои юнонӣ вомехӯрад ва онҳо қавми ориёизабон будаанд ва дар ҳазораи якуми пеш аз милод дар саҳроҳои байни рӯдҳои Дунай, Дану (Дон) ва соҳилҳои баҳри Охшиён (Сиёҳ) мезистаанд.

Кимериҳо аввалин ободкунандагони шаҳру деҳаҳо дар ҳудуди Украин ва саҳроҳои ҷанубии Русияи кунунӣ буданд. Кимериҳо давомдиҳандаи тамаддуни асри биринҷии ин диёр буда, аз асрҳои XV то VIII пеш аз милод дар ин замин зиндагонӣ кардаанд.

Аз ривоятҳои юнонӣ ва ошурӣ бармеояд, ки кимериҳо халқи бузург ва ҷанговарони далеру фотеҳ доштаанд.

Географи юнонӣ Страбон навиштааст, ки кимериҳо ба Эллада ва Ионий пеш аз рафтани Гомер дар бораи саёҳати Одиссей нақл карда мегӯянд, ки онҳо ба соҳилҳои баҳри Охшиён (Понт) омаданд ва шаҳру деҳаҳои дар уфуқ ҷойгирифтаи кимериҳоро дидаанд. Ҳеродот, ки ба соҳилҳои баҳри Охшиён омада буд, мегӯяд, ки то асрҳои VIII-VII пеш аз милод дар шимолии баҳри Охшиён кимериҳо мезистанд. Дар асри VII пеш аз милод як қисми онҳо дар зери фишори скифҳо ба Осиёи Сағир рафтанд ва бахши дигар бо скифҳои омада омезиш ёфтанд. Дар он замон ватани кимериҳо Кимерия ном дошт ва аз он ном танҳо Қрим боқӣ мондааст.

Ба Кимерияи он давра ҳавзаи рӯдҳои Дунай, Днестр, Днепр, Қрим, Кубан ва Дон дохил мешуданд. Кимериҳо баъд аз 1000 соли мавҷудияти худ осори зиёде аз худ боқӣ мондаанд.

Қабристонҳои кимериҳо аз скифҳо фарқ мекунанд: дар қабрҳои кимериҳо чизҳои оҳанӣ нест, зеро онҳо дар ибтидо оҳанро намедонистанд. Кимериҳо дар қабр ҳамроҳи мурдагон зарфҳо, чизҳои аз мис ва устухон сохташударо мемонданд. Онҳо дар тӯли ҳазор сол бо халқҳои Осиёи Хурду Наздик робитаҳои фарҳангӣ доштанд ва паҳнкунандаи фарҳанги пешқадами осиёӣ дар Аврупо буданд. Кимериҳо аввал қабрро чоркунҷа чуқур кофта, баъд чор тарафи онро бо ғӯлачӯбҳо девор менамуданд ва фаршро низ тахтагӣ мекарданд ва болояшро бо ғӯлачӯбҳо мепӯшониданд (расми 34).

Баъзан қабрҳои гирд вомехӯранд. Болои турбатро бо санг мепӯшониданд. Гоҳе дар атрофи турбат санг мечиданд. Одамон бо либос гӯронида мешуданд. Аз қабри одамони давлатманд пешонибанди тилло, бозубандҳо, нигинҳои тилло ва нуқра ёфт шудаанд. Кимериҳо аспбоз буданд ва ҳамроҳи онҳо афзори асп, тиру камон, чизҳои зинатӣ мондаанд. Кимериҳо ҳамроҳи давлатмандони фавтида аспҳояшонро кушта, бо афзорҳояшон гӯр мекарданд. Дар сари қабр сангҳои ёдбуд мегузоштанд. Баъзе сангҳо одамони мурдаро ифода мекунанд. Кимериҳо ба зироаткорӣ ва бахше аз онҳо ба чорводорӣ машғул буданд. Онҳо шаҳру деҳаҳо доштанд. Маданияти кимериҳои бумӣ нисбат ба чорводорони кӯчӣ баланд буд.

Силоҳи кимериҳо аз шамшери дудамаи нӯгтез, ханҷар ва найза иборат буд. Бештари пайконҳо аз биринҷ сохта шудаанд. Зарфҳои кимериҳо аксар дастӣ сохта шудаанд ва дар қитфашон



*Расми 34. Гӯрхонаҳои кимериҳо.*

накшҳои тӯморӣ, яъне секунҷа доранд. Зарфҳо аз хурма, коса, кӯза ва ғайра иборатанд. Аз афзори асп,чизҳои зинатии биринҷӣ, тилло ва нукра маълум мешавад, ки кимериҳо дорои санъати баланди ҳунармандӣ будаанд.

Қувваҳои якҷояи кимериҳо борҳо ба Осиёи Сағир ҳуҷум овардa, бо ғанимат баргаштаанд, аммо якдилона ба муқобили скифҳо баромада натавонистанд ва мағлуб шуданд.



**Расми 34 а.** ***Силоҳ ва даҳонаю зинатҳои лаҷом аз гӯрхонаҳои кимериҳо.***



**Расми 35.** ***Зарфҳои замони кимериҳо.***

Мувофиқи маълумоти Ҳеродот, вақте скифҳо ба сарзамини кимериҳо ҳуҷум оварданд, онҳо ба шоҳони худ итоат накарда гурехтанд. Байни шоҳон низ якдилӣ пайдо нашуд ва ба ҷойи он ки муташаккилона ба муқобили скифҳо ҷанганд, худ ба худ ҷангиданд. Қабри шоҳони ба муқобили скифҳо ҷангида ва ҳалокшударо дар соҳили рӯди Тирас Ҳеродот дидааст.

Кимериҳо дар асрҳои IX–VII дар Осиёи Сағир давлати худро доштанд. Лашкари онҳо се бор ба давлати Ошур ҳуҷум овардааст. Шоҳи аввалини кимериҳо Туғдам, дуюмаш Теушпа ва сеюминаш Шандокшатр буд. Давлати онҳо дар ҷанубии бахри Охшиён, дар ноҳияи Гомирра ҷой дошт. Ҳеродот маълумот медиҳад, ки ба Осиёи Хурд як қисми хеле ками кимериҳо омада буданд, аммо аз сабаби он ки онҳо мардуми далеру ҷангпеша буданду фойтунҳо доштанд, аҳволи давлатҳои пуриқтидори Осиёи Хурд ва Наздикро хеле танг намуда буданд. Кимериҳо бо ҳуҷумҳои худ қувваи давлати Ошурро суст карда, ниҳоят онро аз байн бурданд. Номи кимериҳо то асри XII пеш аз милод дар таърихномаҳо вомехӯрад, аммо баъди асри VII дигар зикр намешавад. Олимон тахмин менамоянд, ки азбаски кимериҳо бо скифҳо аз як нажод буданд ва урфу одати онҳо як хел буд, осори онҳо бо скифҳо махлут мешавад.

Кимериҳо аввалин чорводорон ва ободкунандагони деҳоту шаҳрҳо дар ҷануби Аврупои Шарқӣ буданд ва асосгузорони та-

маддуни шаҳрӣ дар Аврупо мебошанд. Кимериҳо бо скифҳо омезиш ёфта, баъдҳо ҳамчун скиф ёд мешаванд.

### САВОЛҲО

*1. Кимериҳо дар кадом ҳазорсолаҳо дар ҷанубу шарқи Аврупо зистаанд?*
*2. Касбу кори онҳо чӣ буд?*
*3. Номи онҳо дар кадом ноҳияҳо боқӣ мондааст?*
*4. Ҳиссаи онҳо дар бунёди фарҳанги Аврупои Шарқӣ аз чӣ иборат аст?*

## §32. СКИФҲО – САКОИҲО

**Маълумоти умумӣ.** Номи скифҳо ба воситаи ашёи тиллоӣ ва нуқрагини аз гӯрхонаҳои шоҳӣ бадастомада машҳури ҷаҳон гардидааст. Онҳо бо санъати баланди тасвирӣ, заргарӣ ва мазмуну мундариҷаи ғании худ ифтихори таърих мебошанд. Имрӯз дар тамоми музейҳои бузурги дунё осори скифҳо мавҷуд аст. Бозёфтҳои скифӣ – сакоӣ асос ва фахри осорхонаҳои Украин, Молдова, Қафқоз ва Русия мебошанд.

Скифҳо – сакоиҳои ориёинажод ҳамзабон ва ҳамфарҳанги гузаштагони мо – тӯрҳо буданд. Онҳо дар Аврупои Шарқӣ аз рӯди Дунай то Дану (Дон), соҳилҳои баҳри Охшиён, Кимерия зиёда аз ҳазор сол баъди кимериҳо зиндагонӣ карда, аз худ осори гаронбаҳо боқӣ гузоштаанд, ки ба ганҷинаи таърихи ҷаҳонӣ дохил мешаванд. Скифҳо бо мурури замону амри таърих ба халқҳои Қафқоз, Молдова, Украин, Русия ва ҳамчунин турку муғулнажодҳо махлут шудаанд. Скифҳо баъди кимериҳо паҳнкунандаи фарҳанги Шарқ, Осиёи Наздик ва Миср дар Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ буданд. Азбаски скифҳо гузаштагони дури мо мебошанд, таърихи онҳо қисми таърихи қадими халқи тоҷик – ориёӣ буда, донистани он шарт ва зарур аст. Дар бораи скифҳо садҳо китоб ва ҳазорҳо мақола навишта шудааст. Ҳоло дар Русия ва Украин олимон ба омӯзиши осору фарҳанги скифҳо ҷиддан машғуланд.

Таърихдонҳо ва бостоншиносон (археологҳо) таърихи пайдо шудани скифҳоро дар ноҳияҳои ҷануби Русия ва Украин ба асрҳои VII–III пеш аз милод нисбат медиҳанд.




**Расми 36.** ***Намудҳои гӯрхонаҳои скифҳо.***

**Скифҳо дар Қафқоз.** Олимон чунин ақида доранд, ки скифҳо ба Кимерия аз Осиёи Сағир ба воситаи Қафқоз омадаанд. Кимериҳо баъди шикасти худ ба ҷойи скифҳо ба Осиёи Сағир меоянд. Осиёи Сағир – ноҳияи Копетдоғ аз қадим макони ориёиҳо будааст, зеро дар ин ҷо ҳайкалони Митро, Индра ва дигар худоёни ҳиндуориёии асрҳои XVI–XIV пеш аз милодро ёфтаанд. Ҳоло олимон чунин

ақида доранд, ки дар ҳайати давлати Хетҳо ориёиҳо будаанд. Скифҳо баъди омаданашон ба мамлакати кимериҳо робитаи худро бо ориёиҳои ин сарзамин наканда, дар торумор кардани давлати Урарту ва Ошур мададгори модҳо будаанд.

Нависандаи асрҳои VI–V пеш аз милоди юнонӣ Эсхилл Қафқозро роҳи скифҳо номида буд. Баъди 2500 сол исбот шуд, ки скифҳо ва осори тамаддуни онҳо дар бештари ноҳияҳои Қафқоз вомехӯрад ва таърихи дунёи скифиро бе пайвандҳои мадании мардуми Қафқоз комил шуморидан мумкин нест.

Ҳамин тавр, қабрҳо ва осори тамаддуни скифӣ дар ноҳияҳои Черкас, Чечену Ингуш, Доғистон, Гурҷистон, Арманистону Озарбойҷон, Батумиву Сухуми ва ғайра кашф шудаанд ва таъсири осори скифҳо ба тамаддуни мардумони ин вилоятҳо назаррас мебошад.

Тирҳои скифҳои асри VII пеш аз милод дар Ошур, Бобул ва ҷойҳои гуногуни Эрон, аз ҷумла Луристон ёфт шуданд, ки аз иштироки камонкашони скифӣ дар муҳорибаҳои Осиёи Наздик ё аз истифодаи пайконҳои онҳо дар ин ҷангҳо шаҳодат медиҳанд. Тиру камони скифҳо хеле машҳур буд ва шояд дигар халқҳо аз онҳо истифода кардаанд. Қолабҳои тиррезии скифӣ имкон медоданд, ки дар як ҳафта то 10 ҳазор тир тайёр кунанд.

Дар деҳаи Зиви Курдистони Эрон қабри шоҳи скифҳо пайдо шудааст, ки ба асри VIII пеш аз милод нисбат дорад. Қабрро одамон тасодуфан ёфта, чизҳои тиллоии онро тақсим кардаанд. Баъзе аз онҳо ба музейи Теҳрон оварда шудаанд. Ориёинажодҳо ба сарзамини Осиёи Наздик дар ҳазораҳои III–II пеш аз милод омада, бумӣ шуда буданд. Бинобар ин, скифҳо бахше аз ориёиҳои дар давраҳои минбаъд омада мебошанд.

Гӯрхонаҳои давраи аввали скиф-шоҳӣ (асри VII пеш аз милод) дар ҳавзаи рӯди Кубан, Ставропол, Краснодар кашф шудаанд. Аз бештари онҳо ашё, силоҳ, чизҳои зинатии тиллою нуқра пайдо шудаанд. Масалан, аз гӯристони назди Кубан акси барҷастаи аз тилло сохтаи паланг, ки болои сипарро оро медод, ханҷари бо дастаю ғилофи тиллоӣ, пешонабанди тиллоӣ, ду косаи тиллоӣ ва даҳҳо чизҳои қиматбаҳо, аз ҷумла пешонабанди тиллоӣ бо ороиши уқоб, гулҳо ва шеру гӯсфанд, оинаи бо тилло рӯкашкардашуда ба даст омадаанд.

Дар стансияи Кострома қабре таҳқиқ шуд, ки он ба монанди

хайма аз ғӯлачӯбҳо сохта шуда буд ва дар атрофи қабр 22 аспро бо зину афзорашон гӯронида буданд. Дар бисёр қабрҳои ин давра ҳайкалҳои сангин гузошта шудаанд, ки шояд симои соҳиби қабрро ифода намоянд.

**Ёдгориҳои скифҳои асри IV пеш аз милод.** Асрҳои V–IV пеш аз милод давраи бузургӣ ва пурзӯрии скифҳо ба ҳисоб меравад. Гӯрхонаҳои маъруфи шоҳони скифҳо – Солоха, Чертомлик, Кӯлоба ва ғайра ба ҳамин давра мутааллиқанд. Аз рӯйи гӯрхонаҳо сохти иҷтимоии скифҳо ба хубӣ барқарор мешавад. Қабрҳо хеле бузург буданд. Дар асрҳои IV–III пеш аз милод гӯрхонаҳои шоҳон ба мақбараи оилавӣ табдил меёбанд ва дар онҳо мурдаҳои аҳли оила, ки дар вақтҳои гуногун аз дунё даргузаштаанд, дафн шудаанд.

Барои донистану навиштани таърихи дунёи қадим, хусусан таърихи ориёиҳо, мавод лозим аст, вале, мутаассифона, аз он давраҳои қадим дар дасти мо китобҳои хеле кам боқӣ мондаанд ва онҳо ҳам пурра таърихи қабилаҳои ориёиҳоро дар бар намегирад, ки замоне дар сарзамини ниҳоят васеъ мезистанд, як халқ буданду як забон доштанд. Бинобар ин, ягона далелу мавод кофтуковҳои археологӣ (ҳафриёти бостоншиносӣ) мебошанд.

Дар кофтукови археологӣ барои муайян кардани давра, тарзи зиндагӣ ва дараҷаи маданият гӯрҳои одамоне, ки дар он замон дафн шудаанд, ёрии калон мерасонанд. Бинобар ин, барои он ки шумо дар бораи тарзу тариқаи ҳаёту касбу кори скифҳо маълумот дошта бошед, чанд гӯрхонаи подшоҳони скифиро мушоҳида карда, хулоса мебарорем.

**Гӯрхонаи Солоха.** Ин гӯрхона дар саҳрои назди Днепри Украин ҷой дорад. Дар роҳрав хизматгори шоҳро бо либоси низомӣ ва найзаву тирдонаш гӯрондаанд.



**Расми 37.** ***Нақшаи қабри Солоха.***

Қабрҳои асосӣ дар самти шарқӣ ҷой доштанд. Қабри аввалро дуздон ғорат кардаанд ва аз он ҳатто устухонҳо низ боқӣ намондаанд. Чизе, ки боқӣ мондааст, якчанд ороиши тиллоӣ, либос ва зарфҳои чӯбӣ, майдас- та бо кафлес ва ғайра мебошанд. Дар



Расми 38. *Шонаи тилло бо саҳнаи муборизаи скифҳо.*

самти шимолу шарқӣ дар қабре скелет ва ашёи гузошта ҳама барҷо мондаанд. Дар каллапӯшаш ороиш аз тилло ва пешонибанди тилло бо тӯморча ва муҳраҳои тухмшакли бо зиреҳовезон, дар гардан гарданбанди ғафсу васеи тиллоӣ (дар охири он расми сари шер аст), дар дасти чап се ва дар дасти рост ду дастпонаи тиллоӣ дошт. Дар паҳлуи рост шамшер бо ғилофи тиллоӣ, расмҳои барҷастаи ҳайвонҳо, шашпар, тоскулоҳ бо расмҳои барҷастаи ду скифи ҷанговар, ҷавшан ва силоҳҳои дигар буданд. Дар ҳамин ҷо 6 зарфи нуқрагӣ бо расмҳои шикори скифҳо, қадаҳҳо ва ғайра ёфт шудаанд. Дар яке аз тоқҳо се деги пур аз гӯшти аспу гов, ташти бузурги биринҷӣ, кафлес, ҷом (ритон), 10 кӯза майу об ва дигар ашёю анҷом ба даст омаданд. Дар самти шарқии берун аз гӯри шоҳ скелети муҳофизи шоҳ мехобид. Дар яке аз гӯшаҳо колбади 5 аспи саворӣ низ ёфт шуд. Ҳамин тавр, аз гӯри шоҳи скифҳо дар Солоха сарвати бебаҳо ба даст омадааст, ки ҳоло дар музейи Эрмитажи Санкт-Петербург нигоҳдорӣ мешаванд.

**САВОЛҲО ВА СУПОРИШ**

1. ***Скифҳо дар кадом бахшҳои Украин, Русия ва Аврупои Шарқӣ зиндагонӣ доштанд?***
2. ***Скифҳо баъдан бо кадом халқҳо омезиш ёфтанд?***
3. ***Кадом бозёфти гӯрхонаи Солоха саҳнаи муборизаи скифҳоро бо юнониҳо инъикос мекунад?***

## §33. ГӮРХОНАИ ЧЕРТОМЛИК

Қабри дуюм, ки мо дар бораи он нақл менамоем, Чертомлик ном дорад ва дар деҳаи Чкалови соҳили рости Днепр воқеъ буд. Хоки болои қабр 20 м баландӣ дошт ва дар 4 давра онро баланду пур кардаанд. Дар ҳар давра дар болои қабр қурбонӣ, ашё, лаҷоми 250 асп, пайкон ва ғайра мондаанд. Дар зери турбат ду гӯри марказӣ ва яке паҳлуӣ, се қабр барои 11 асп бо афзорашон

ва ду посбон ҷой доштанд.

Гӯри марказӣ дар чуқурии 11 метр канда шуда, шакли чоркунҷа дорад. Аз кунҷҳо ба қабри зеризаминии андозааш 5х4 метр қаду бар ва роҳрави 12,5 метр дарозидошта ворид мешуданд. Дар қабри марказӣ малика дар болои кати чӯбин мехобид. Кат бо рангҳои кабуд, нилобӣ, сабз ва зард оро ёфта буд. Дар пешонабандаш 49 гулбарги тиллоӣ дӯхта шуда буд. Каллапӯшаш нӯгборик буд. Дар гӯшҳо гӯшвори зирадор ва дар гардан гарданбанди яклухт, дар дастҳо дастпона ва дар ангуштон ангуштарҳои тиллоӣ дошт. Дар назди devори ғарбӣ кӯзаи дудастаи машҳури нуқра бо расми скифҳо, ки яке аспро кишан ва дигаре наъл мекунад ва боз 14 кӯза (амфор) ёфт шуданд. Дар назди онҳо писари хизматгор мехобид. Дар ду гӯрхона молу ашёи малика бо зеварҳо, пешонабанд, афзорҳои тиллоияш ҷой доштанд. Яъне панҷ пешонабанд, аз ҷумла дуто бо силсилаҳо, дуто бе силсила, дуто бо зиреҳи майдабофӣ ва силсила, ду марҷони тиллоӣ, панҷ тор ҷавоҳир ва ғайра ёфт шуданд. Танҳо тиллобаргҳои гуногун 2500 донаро ташкил мекунанд.

Дар қабри чаҳорум ду марди давлатманд бо лавозимоти ҳарбӣ ва ашёву гарданбандҳои тиллоӣ мехобиданд. Ин мардҳо шояд хешовандони малика бошанд.

Дар гӯрхона ганҷурҳои пинҳонӣ (хазинаҳо) ва фиребгоҳҳо барои дуздон сохта шуда буданд.

**Гӯрхонаи Кӯлоба.** Ин қабр низ гӯри як давлатманди скиф мебошад ва бо номи Кӯлоба машҳур аст. Дар ноҳияи Босфор асрҳо давлати скифҳо вуҷуд дошт ва мардуми Босфор ва Киммерия бумии кишоварз, соҳиби деҳаю шаҳрҳо буданд. Гӯрхонаи





**Расми 39.** ***1.Нақшаи қабри Чертомлик.***
***2.Кӯзаи машҳури нуқрагию тиллогӣ, ки аз гӯрхона ёфт шудааст.***



**Расми 40.** *1.Нақшаи гӯрхонаи Кӯлоба, 2.Садафи тиллоӣ, 3.Гавазни тиллоӣ*

Кӯлоба аз оҳаксангҳои чортарош сохта шуда, 4,3х4 м қаду бар ва 10 м баландӣ дорад, пӯшиши гӯрхона равоқи зинадор аст. Болои қабр теппае аз сангҳо мебошад. Соҳиби асосии гӯр дар тобути чӯбин ба пушт, сар сӯйи ҷануб мехобад. Аз рӯйи устухонҳо ва косахонаи сар ҷасад 35–50 сола будааст. Каллапӯши намадини нӯгтези бо тиллобаргҳо оройфта дошт. Дар гардан гарданбанди аз симҳои тиллоӣ бо ҳам тофта дошт, ки ду сари он аз лоҷвард бо муҷассамаи тиллоии ду аспсавори скифӣ оро ёфтааст. Дар дасту по ҳалқаҳои тиллоӣ дошта, либосаш бо тиллобаргҳо зинат ёфта буд. Дар камарбанди вай ханҷар ва шамшер бо дастаи тилло ва ғилофҳои заррин овезон буданд.

Дар паҳлуяш занаш дар тобути чӯбин мехобид. Тобут бо устухонҳои акси ҳайвонҳои афсонавӣ хотамкорӣ шуда буд. Вай тоҷи тилло ва либоси бо гулбаргҳои тилло дӯхташуда дошт. Сари синаи ӯро садафи тиллокорӣ бо расми худозани юнонӣ Афина оро дода, дастҳо бо дастпонаҳои тиллоӣ зинат ёфта буданд.

Дар болои сари зан 6 корд, оинаи биринҷӣ бо дастаи тиллоӣ, чархи аз устухони фил сохташуда, қадаҳҳои заррин бо расмҳо аз

ҳаёти скифҳо ва дигар чизҳо ёфт шуданд.

Дар яке аз шохбаргҳои тиллоӣ зане тасвир шудааст, ки аз ду китфи ӯ ду мори шохдор баромада, ба худи вай таҳдид менамоянд. Ин образи Аҳриманзан мебошад, ки дар асоси ривоятҳои асотирии миллии мо сохта шудааст.

Ҳамин тавр, аз гӯрхонаҳои скифҳои давлатманд ҳазорҳо ашёи зебу зинат пайдо шудаанд, ки баъзеи онҳоро заргарони юнонӣ ва



**Расми 41.** ***Зарфҳои скифӣ.***



**Расми 42.** ***Сарулибоси занҳои скифҳо, ки аз рӯйи бозёфтҳои гӯрхонаҳо барқарор карда шуданд.***

баъзеро худи скифҳо сохтаанд. Бештари ёдгориҳо аз рӯйи мазмун ба ҳаёти ҳаррӯзаи скифҳо бахшида шудаанд. Онҳо сарчашмаи бебаҳо барои омӯхтани симои скифҳо, сарулибос, хулқу атвор ва касбу кори онҳо мебошанд. Албатта, на ҳамаи скифҳо давлатманд буданд. Хонаҳои скифҳо ва умуман деҳаҳо боқӣ намондаанд, барои он ки онҳо чӯбӣ будаанд. Ба ҳар ҳол, ба археологҳо муяссар шудааст, ки намуди хонаҳои скифҳои бумиро барқарор намоянд.

Як намуди хонаҳо аз ғулачӯбҳои бо ҳам пайваст сохта шудаанд. Чунин хонаҳо имрӯз ҳам дар рӯзгори русҳо бисёранд. Сохтори хонаи русҳо, ки аз ғулачӯбҳо сохта шудаанд, ин тавр аст: деворҳо аз ду қабати ғулачӯб сохта шуда, байнашон бо хок пур карда мешавад. Чунин хонаҳо дар зимистон хеле гарм мебошанд. Намуди дуюми хонаи скифҳо аз ғулачӯбҳои рост ва бо ҳам зич ба шакли чоркунҷа сохта шудаанд. Деворҳо бо лой андова шуда, фаршҳо хокӣ ва дар



**Расми 43.** ***Ороиши лаҷом ва афзори аспони скифҳо ва сарматҳо.***

хонаи зист оташдон мавҷуд аст. Пӯшиши чунин хонаҳо гунбазӣ ва харпушт буд. Намуди сеюми хонаҳои скифҳо хаймашакли мудаввар буда, фарш хокӣ ва деворҳо бо лой андова шуда буданд.

Скифҳо аз Осиёи Хурд ба соҳилҳои баҳри Охшиён омадаанд. Аммо Ҳеродот, ки дар замини скифҳо буд, менависад, ки онҳо пеш дар соҳилҳои Аракс буданд ва бо массагетҳо ҷанг карда, ба Кимерия меоянд. Ҳамин тавр, Ҳеродот ватани скифҳоро дар соҳили шарқии баҳри Гургон медонад. Массагетҳо бошанд, дар он тарафи Аракс зиндагонӣ мекарданд, вале скифҳо мардумони бумии диёр буданд. Онҳо дар замони мезолит ва неолиту биринҷ дар ҳамин ҷо зиндагонӣ доштанд. Дар бораи скифҳо Ҳеродот нақл мекунад, ки дар атрофи онҳо халқҳои дигар ҳам ҳастанд, аммо бо маданияти хеле қафомонда. Скифҳо дар назди баҳри Охшиён иттиҳоди сиёсии бузургро ташкил карда буданд ва бисёр қабилаҳои дигарро ба тасарруф даровардa, аз онҳо андоз мегирифтанд.

Скифҳо ба юнониҳо ғалла, пӯст ва дигар ашёи рӯзгор мефурӯхтанд. Ҳунармандӣ, махсусан мисгарӣ равнақ дошт. Мисгарон ва заргарони скифӣ аз биринҷӣ чизҳои корӣ, зинатӣ ва хоҷагӣ месохтанд. Оҳангарӣ низ равнақ дошт. Сохти давлати онҳо ғуломдорӣ буд. Давлати скифҳо дар асри IV аз ҷониби сарматҳо забт карда мешавад ва минбаъд ба ҷойи онҳо сарматҳо машҳур мегарданд.

**Умумияти скифҳо бо дигар ориёиҳо.** Скифҳо чун ҳамаи



**Расми 44.** *Мардони скиф бо либоси миллӣ.*

ориёиҳо дар ибтидо офтобпараст буданд ва оташ, замину обро бузург медоштанд. Ҳеродот менависад, ки скифҳо ва массагетҳо, яъне сакоиҳо офтобро Худованди бузургу офаранда медонанд ва ба ӯ қурбониҳо мекунанд ва ибодатгоҳҳо доранд.

Қаблан зикр карда будем, ки ориёиҳои зардуштӣ ҷасади одамонро дар замин намегӯронанд, зеро ба ақидаи онҳо он заминро мурдор мекард. Скифҳо низ ин одатро доштанд ва мурдагонро дар тобутҳои чӯбин ва сангин гузошта гӯр мекарданд, яъне дину оини онҳо бо ориёиҳо наздик буд.

Скифҳо ба монанди дигар ориёиҳо саг, гов, асп ва гӯсфандро эҳтиром мекарданд ва арҷ мегузоштанд. Сарулибоси скифҳо ба монанди ҳамаи ориёиҳо аз курта, шалвор, калтача, кандиз, камзул ва як навъи пойафзор ба шакли чоруқ ё чамус иборат буд. Олимон забони кимериҳо ва скифҳоро ориёӣ донистаанд.

Ҳамаи ориёиҳо, аз ҷумла скифҳо ороиши тиллоию нуқрагии либосро дӯст медоштанд, зеро ин маъданҳо рамзи покии нажоди ориёиҳо ҳисобида мешуданд.



**САВОЛҲО**

1. ***Скифҳо киҳо буданд?***
2. ***Скифҳо дар кадом ноҳияҳо зиндагӣ доштанд?***
3. ***Тирҳои скифӣ дар куҷоҳо ёфт шуданд?***
4. ***Аз гӯрҳои скифҳо кадом бозёфтҳо ба даст омадаанд?***

## §34. САЙРИМИҲО (САВРОМАТ, САРМАТҲО)

**Маълумоти умумӣ.** Дар адабиёти авестоӣ номи сайримиҳо зикр мешавад. Ин ақида дуруст аст, ки номи «Сайрима» ба шакли «Сайрам» дар Қазоқистони имрӯза боқӣ мондаст. Сайрима ё Сайрам номи ҷуғрофӣ буда, бошандагони онҳо дар адабиёти юнонӣ бо номи савромат ё сармат зикр ёфтаанд. Вожаи «сармат» – сармад маънои мардуми бумӣ, таҳҷойиро дорад ва ба маънои сахту баланд низ меояд. Ҳудуди Сайрима дар Ғарб соҳили чапи Дану ва дар Шарқ кӯҳҳои Данук (Урал)-ро дарбар мегирифт.

Дар бахши Фарвардин-яшти «Авесто» як бор аз сайримиҳо ёд мешавад, ки макон ва замони онҳо маълум нест. Ҳеродот дар бораи скифҳо менависад, ки скифҳо аз соҳили чапи Дану то баҳри Меоти (Азов) ва савроматҳо ба шакли гурӯҳҳои бисёри хурд -

хурд зиндагонӣ мекунанд. Дар сарчашмаҳои юнонӣ якчанд номи қабилаҳои сарматӣ: сай, фисамат, савдорат, сирматӣ зикр ёфтаанд. Дар ғарбии баҳри Гургон исседонҳо, дар шимоли он арғипҳо мезистанд. Ин қабилаҳо ба гурӯҳҳои ориёизабон дохил мешуданд. Урфу одати онҳо бо сарматҳо як буд.

Сарзамини сарматҳо хеле паҳновар буд. Онҳо мардумони чорводори кӯчӣ буданд. Таърихшиноси дигари юнонӣ – Диодор (асри I пеш аз милод) хабар медиҳад, ки сарматҳо оҳиста-оҳиста ба сарзамини скифҳо дохил шуда, давлати онҳоро гирифтанд, мардумро қатл ва сарзаминро хароб карданд. Таҳлили адабиёти таърихӣ нишон дод, ки сарматҳо дар асри II пеш аз милод аз рӯди Дану гузашта, ба соҳили баҳри Охшиён меоянд ва дар мамлакати скифхо давлати худро барқарор менамоянд. Кофтуковҳои археологӣ аз рӯди Дану то гирду атрофи баҳри Азов нишон доданд, ки дар ҳамин заминҳо дар қадим сарматҳо зиндагонӣ доштанд ва онҳо ворисони маданияти срубӣ ва андроновоии асри



**Расми 45.** ***Занҳои сармат.***



*Расми 46. Гӯри сарматии давлатманд, ки дар болои аробаи пӯшишдор гӯронида шудааст.*

биринҷи ин диёр мебошанд. Маданият ва урфияти скифҳо ва сарматҳо якхела буд. Дар қадим скифҳо ва сарматҳо дӯст буданд ва дар ҷанг ба муқобили душманони умумӣ якҷоя мубориза мебурданд. Онҳо якҷоя ба Осиёи Сағир омада буданд ва модҳо худро сармат меномиданд. Тавре ки дар ибтидо гуфтем, сарматҳо ҳамон сайримиҳои авестоианд, ки дар "Фарвардин-яшт" ба фурӯҳарҳои занону мардони поки онҳо дуруд гуфтанд. Дар он давра сарматзанҳо баробари мардон дар ҷанг иштирок мекарданд ва сарчашмаҳои юнонӣ аз ҷасорату диловарии онҳо ёдовар шудаанд.

Ҳеродот навиштааст, ки сарматзанҳо ба монанди мардон саворони хуб, камонкаши моҳир ва найзазанандагони чобук мебошанд. Онҳо ҳамроҳи мардон дар шикор ва ҷангҳо ширкат мекунанд ва ба монанди шавҳарони худ либос мепӯшанд. Онҳо ба корҳои занона шиносоӣ надоранд.

Бозёфтҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳақиқат сарматҳо дар асрҳои VIII–VI пеш аз милод дар даштҳои байни рӯдҳои Дану, Кимерия, (Ставропол), Ра то кӯҳҳои Урал ва шояд шарқтар ҳам саҳронавардӣ мекарданд.



*Расми 46 а. Сохти аробаи пӯшишдор.*



**Расми 47.** ***Осори санъати сарматҳо.***

**Тарики гӯронидан.** Тарзи гӯронидан дар сарматҳои асрҳои VIII–VI пеш аз милод якхела аст. Онҳо барои мурдаҳои худ гӯри чоркунҷа канда, баъд дар як тарафи он лаҳад ё калпе мекофтанд ва ҷасадро дар он мегузоштанд. Ҳамроҳи мурда тиру камон, тирдон, найза, ҷавшан, тоскулоҳ мегузоштанд. Тирҳои пайкон бештар аз маъдани биринҷ сохта шудаанд. Болои қабрҳоро бо чӯб ва аз болои чӯб хок пӯшонидаанд.

Дар қабрҳои сарматҳо гузоштани лаҷом ва дигар афзори асп хеле маъмул буд. Дар қабрҳои сарлашкарон боқимондаи ҷасади якчанд асп ва ғуломон пайдо шудаанд. Аз қабрҳо дар баробари силоҳ, зарфҳои тиллоӣ, нуқрагин, мисӣ ва чӯбину гилин ба даст омадаанд. Дар байни сарматҳо анъанаи болопӯшро (камзӯлу яктаҳҳоро) бо тиллогулҳо оро додан, ривоҷ дошт. Ороиши занҳо аз гӯшвор, дастпона, пешонабанд ва гарданбанд иборат буд.

Мардони давлатманд гарданбандҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ доштанд, ки баъди мурдан ҳамроҳашон гӯронда мешуданд. Дар ин давра сарматҳо ба давлатмандон ва камбизоатҳо тақсим шуда буданд. Саравлодҳо – сарлашкарон моликияти бисёр доштанд. Занҳо дар ҷомеаи сарматҳо баробари мардон ҳуқуқ доштанд.

**Сарматҳо дар асрҳои IV–II пеш аз милод.** Сарматҳои ин давра дар асоси ёдгориҳои вилояти Оренбург ва ҷануби Дану омӯхта шуда, бо номи маданияти Прохоров машҳур шудаанд, яъне аввалин қабристоне, ки бостоншиносон онро омӯхтаанд, дар назди маҳаллаи Прохоров ҷой дошт ва аз ҳамин сабаб онро «маданияти прохоровӣ» ном гузоштаанд. Қабрҳои сарматҳо чоркунҷаи дарозпаҳлу, ҷойи ҷасад нимкалп буда, мебошад. Ҳамроҳи мурда хӯрок мегузоштаанд. Мувофиқи анъанаи он давра бештар ду пойи пеши чорвои хурд – гӯсфандро пухта, дар кӯзаҳо мемонданд, ки "тӯшаи қиёмат" ном дошт. Ғайр аз ин, ҳамроҳи ҷасад зарфҳои нақшини тагашон ҳамвор ва ханҷару шамшер низ мегузоштанд.

Ҳамчунин, қабрҳои навъи лаҳаддор, калпӣ ва ҳатто сағонаҳои оилавӣ низ вомехӯранд. Дар фарши гӯр тахта мегузоштанд. Пӯшиши қабрҳо аз ғӯлачӯбҳои болояшон хокрехта иборат буд. Дар болои қабр оташ меафрӯхтанд. Дар қабрҳо пораҳои санги сурх мегузоштанд, ки рамзи оташ ба ҳисоб мерафт.

Бозёфтҳо аз қабристонҳои сарматҳо нишон медиҳанд, ки онҳо бо халқҳои ориёии Осиёи Марказӣ, соҳилҳои баҳри Охшиён, Осиёи Сағир, Ориёнои Ғарбӣ робитаи маданӣ доштанд.

**Ҷорӣ шудани ҳукумати сиёсии сарматҳо дар замини скифҳо.** Тавре ки зикр карда будем, сарматҳо дар он тарафи рӯди Дану (Дон) мезистанд. Дар асрҳои IV–III пеш аз милод як иттиҳоди пурзӯри қабилаҳои сармат, исседон, даҳию массагетии ҷанубиҳои Даик (Урал) ба вуҷуд меояд, ки он ба сӯйи Осиёи Миёна, Қафқози Шимолӣ ва баҳри Охшиён паҳн мешавад.

Тариқи гӯронидани сарматҳо тағйир меёбад, ки ба пайдоиши иттиҳод вобаста аст. Аксари гӯрҳо дар сабки нимкалпӣ канда шуда, сари мурда ба сӯйи шарқ нигаронида мешавад.



**Расми 48.** *1. Ҷасади шоҳи сакоиҳои сайнӣ аз гӯрхонаи Пазирики Олтой. Сарашро бо тоҷи тиллоӣ duздон бурида бурдаанд. 2. Аробаи аз гӯр ёфтшуда. 3. Гавазни заррин, зарф ва қуи намадин аз гӯрхонаи Пазирик.*

Скифҳо дар натиҷаи ҷангҳо бо македуниҳо, фракийҳо ва келтҳо рӯ ба сустӣ ниҳоданд. Аз ин сустӣ ҳамсояи ҳамзабону ҳамхуни онҳо – сарматҳо истифода бурда, ба заминҳояшон ногаҳон ҳуҷум оварда, онро забт мекунанд. Ин ҳодиса дар охири асри III ва аввали асри II пеш аз милод ба амал омадааст.

Дар ин ҳуҷум сарматҳои савдаратак (мардуми сиёҳпӯш) ва фисамат иштирок кардаанд. Сарвари сарматҳо маликае бо номи Амога буд, ки бо ёрии херсонҳо ба пойтахти скифҳо дохил шуда, ҳукмрони заминашон гардид. Ҳукмронии сарматҳо то Днепр ва Қафқози Шимолӣ мерасид. Дар замони подшоҳии Сайтафарн дастаҳои ӯ аз давлатҳои юнонии соҳилҳои баҳри Охшиён боҷ меситонданд.

Аз ривоятҳои таърихӣ маълум мешавад, ки сарматҳо бо скифҳо ва кимериҳо омезиш ёфта, дар асри II пеш аз милод давлати пурзӯре ташкил додаанд. Бахше аз сарматҳо кишоварз будаанд ва дар деҳаву шаҳрҳо зиста ба савдою ҳунармандӣ машғул буданд, бахши дигар чорводорони кӯчӣ буданд.

Сарматҳо ба монанди скифҳо барои пешвоёни худ қабри калон кофта, дар он ҳамроҳи шоҳ афзору анҷоми бисёр мегузоштанд. Бисёр бозёфтҳои тасодуфии замони сарматҳо ба даст омадаанд, ки аз сохти иҷтимоӣ, дараҷаи зисту зиндагонӣ, урфу одат ва доду гирифти онҳо бо ҳамсояҳо шаҳодат медиҳанд. Дар байни онҳо дегҳои скифӣ, оинаҳои биринҷӣ, садафҳои тиллоию нуқрагӣ, ханҷар, афзори асп, зарфҳо ва ғайра дучор меоянд.

Сарматҳо то омадани туркон ва славянҳо дар ин ҷо зиндагонӣ кардаанд. Аланҳо – осетинҳо бахше аз онҳо мебошанд. Дигар сарматҳо бо славянҳо (украинҳо, русҳо) ва туркҳо омезиш ёфтанд.

## САВОЛҲО



1. *Сарматҳо дар кадом ноҳияҳо зиндагонӣ мекарданд?*
2. *Машғулияти онҳо аз чӣ иборат буд?*
3. *Занон дар ҷомеаи сарматҳо чӣ нақш мебозиданд?*
4. *Чаро сарматҳо дар болои қабрҳо оташ меафрӯхтанд? Ин одат дар байни тоҷикони кунунӣ вуҷуд дорад ё не?*
5. *Кадом халқҳои Қафқозро боқимондаи сарматҳо меҳисобанд?*

## §35. САЙНИҲОИ ОРИЁЙ ДАР СИБИРИ ҒАРБӢ ВА БАЙКАЛУ ОЛТОЙ ВА ТУВА ДАР ЗАМОНИ СКИФУ САРМАТҲО

**Маълумоти умумӣ.** Ноҳияҳои Сибири Ғарбӣ ва Ҷанубӣ барои чорводорӣ шароити хуб доранд. Дар ин ҷо кӯҳҳо чандон баланд нестанд ва доманаҳои онҳо серобу алаф буда дар фаслҳои баҳор, тобистон ва тирамоҳ чорворо бо хӯрок хуб таъмин менамоянд. Аз сабаби он, ки дар баҳор боришот кам аст, зироат дуруст амал намекунад.

Дар Олтой ва ноҳияҳои он аз қадим чорводорони сакой зиндагонӣ доштанд. Онҳо тобистон дар дараҳои кӯҳӣ ва баҳору тирамоҳ дар саҳроҳо ва доманаҷангалҳо чорвои худро мечаронданд. Чорводорони Олтой зиндагонии нимкӯчӣ доштанд, яъне зимистон чорвои худро дар кӯтанҳои болопӯшида нигоҳ медоштанд. Дар Олтой ёдгориҳои сакоиҳои асрҳои VII–VI пеш аз милод бисёр боқӣ мондаанд. Қабристонҳои ин давра дар ноҳияи Санги гавазнҳо омӯхта шудаанд.



Расми 49. *Либоси шоҳони сакой аз гӯрхонаи Исиқи Ҳафтрӯди асрҳои III пеш аз милод.*

Одамонро дар гӯр дар тобутҳои чӯбин бо сарулибос мегӯрониданд. Ҳамроҳи мурдагон ханҷар тиру камон ва дар қабрҳои занон оинаву чизҳои зинатӣ ва зарфҳо гузоштаанд. Гӯрҳои одамони бой хеле калон буда, аз ғӯлачӯбҳо сохта шуда, 6-7 метр дарозӣ ва аз 4 то 7 метр чуқурӣ доранд.

**Қабристони Пазирик дар Тува.** Дар ин қабристон як қабри одами бой пайдо шуд, ки зану марди мумиёшуда дар тобути тахтагини пурнақш хобидаанд. Қабр аз ғӯлачӯбҳо сохта шуда, деворҳои он бо гилем ва намади гулдор ороиш ёфта буд. Дар як гӯша аспе бо афзораш мехобид. Ҳамаи чизу чораи қабр хуб боқӣ мондаанд. Сабаби хуб боқӣ монданӣ ҷасадҳо ва ашё он аст, ки дар болои қабр девори сангине сохтаанд, ки паҳноии он 25 метр ва дарозиаш 50 метр мебошад. Вақте ки девор вайрон мешавад, болои қабр ба сангтӯдаи бузург табдил меёбад. Азбаски та-

биати ин ҷо сард аст, мурдагон бо ашёи дар қабр яхкарда вайрон нашудаанд.

Яке аз қабрҳои давлатмандони асрҳои V–III пеш аз милод дар ноҳияи Пазирик таҳқиқ шудааст, ки он ба кайкняз нисбат дошт. Мутаассифона, қабри асосӣ, ки дар он зану мард хобида буданд, ғорат шудааст. Дуздон ҳамаи либосҳоеро, ки тилловорӣ ва ашёи қиматбаҳо доштанд, аз бадани мурдагон канда гирифтаанд, аммо ба хонае, ки 10 асп бо афзорашон гӯронда шуда буданд, даромада натавонистаанд. Дар хонае 10 аспи тиллоранг гӯронда шуда буданд, аз ҷумла яке аз онҳо аз зоти беҳтарини аспҳои ориёӣ буд ва 9 аспи дигар зотҳои гуногун аз ҷумла зотҳои олтойӣ ва майдаи муғулӣ буданд. Аспҳо бо афзор ороста шуда, ба мурдагон туҳфа шудаанд. Зин, лаҷом ва дигар афзори онҳо хеле қиматбаҳоянд. Бояд зикр кард, ки ихтирои зин ба сакоиҳо мансуб аст. Юнониён ва дигар халқҳо чанд аср баъд аз мавҷудияти зин огоҳӣ ёфтанд. Афзори ҳамаи аспон аз санъати баланди ҳунармандии сакоиҳои он замон ва меҳру муҳаббати онҳо нисбат ба аспони саворӣ гувоҳӣ медиҳанд. Қабри дуюм низ ғорат шудааст, аммо бисёр чизҳо боқӣ мондаанд. Азбаски ҷасадҳо ва чизҳои дар қабр гузоштašуда ях баста буданд, дуздон онҳоро гирифта натавонистаанд. Дар сар, дастҳои мурдагон чизҳои қиматбаҳо, аз ҷумла ашёи зинатии тиллоӣ мавҷуд буданд ва дуздон онҳоро гирифта натавониста, сару дасту пойи мурдагонро бурида бурдаанд (расми 50).

Бадани кай холкӯбӣ шудааст. Сина ва тахтапушташ бо расмҳои афсонавӣ, аз ҷумла бабри уқобсар, гавазни уқобсар, нарғурм ва бабри болдор оро ёфтааст.

Мувофиқи ривояти маъхазҳои чинӣ, сакоиёни он диёр бадани худро бо нақши ҳайвонҳои афсонавӣ оро медоданд. Чунин одамонро давлатманд меҳисобиданд. Деворҳои қабрро бо гилем, намадҳои нақшӣ ва палос оро додаанд. Дар қабр чизҳои рӯзгор, аз қабили чойник, табақ, коса, чумча ва ғайра гузоштаанд. Соҳибони қабр хеле сарватманд будаанд. Мурдагон дар тобутҳои сарпӯшдори аз ғӯлачӯбҳои бузург сохташуда мехобиданд. Бозёфтҳои қабристони Пазирик нишон медиҳанд, ки сакоиҳои ин диёр бо тамоми ҳамнажодони худ дар Осиёи Марказӣ, Аврупо ва Шарқ наздик буда, робитаи тиҷоратӣ ва фарҳангӣ доштанд.

Асоси чорводории мардумони сайнии Олтойро галлаҳои аспон, подаи говҳо ва рамаи гӯсфандон ташкил медоданд. Иморатҳои деҳот аз ғӯлачӯбҳо сохта шуда буданд. Ҳар оила

хонае болои ароба, яъне фойтун дошт, ки дар он аз қафои гала ва рама ҳаракат мекард.

Либоси мардон аз шалвор, камзӯл, мӯза; либоси занҳо аз курта ва камзӯли дарозу рӯймол иборат буд. Либосҳо гулдор буда, бо маъданҳо ва сангҳои қиматбаҳо оро дода мешуданд. Силоҳи сакоиҳои Олтойро тиру камон, табарзин, ханҷар, тирдон ва ғайра ташкил медод.



**Расми 50.** ***Маъбади ниёгон. Улугхорум.***

Дар гӯрхонае гилеми қадимтарини пашмин пайдо шудааст, ки аз ҳунари баланди гилембофии онҳо шаҳодат медиҳад. Умуман, чорводорони ориёӣ соҳибфарҳанг буданд. Кайҳои чорводор дар ихтиёри худ на танҳо галаю рама, балки одамони хизматгор, дастаи ҳарбӣ, ҳунармандон доштанд. Нақшу нигорҳои болои гилему намад нишон медиҳанд, ки онҳо дорои санъати баланди тасвирӣ, заргарӣ ва наҷҷорӣ (чӯбкорӣ) буданд. Ҷомеаи сайниҳои Олтой аз давлатмандон, миёнаҳолон, камбағалон ва ғуломон иборат буд.

Манбаи асосии омӯзиши таърихи сайниҳо қабристонҳо мебошанд, ки дар бисёр ноҳияҳои Тува омӯхта шудаанд. Қабрҳо, одатан, дар баландии соҳили рӯдҳо ва баъзан дар ҷойи қабристони асри биринҷӣ ҷойгиранд. Намуди зоҳирӣ ва дохилияшон гуногун аст. Муҳаққиқон зиёда аз 8 навъи онҳоро таҳқиқ кардаанд. Яке аз бузургтарини онҳо қабри Арчан дар водии Умко мебошад (расми 52).

Баъди таҳқиқ маълум шуд, ки дар марказ хонаи калоне аз ғӯлачӯбҳо вуҷуд дорад. Аз ин хона ба тариқи шуои Офтоб ба атроф 70 шохаи трапетсиямонанд паҳн мешаванд, ки болояшон аввал бо чӯбҳо ва баъд бо тахтасангҳо пӯшонида шудаанд. Дар марказ қабри саравлод – кай ҷой дошта, дар хонаҳои атроф 6 асп гӯронда шудаанд. Дар хонаҳои дигар низ аспон гӯр карда шудаанд. Ҷасадҳо, одатан, дар дохили тобути чӯбин якпаҳлу хобидаанд. Гӯрондан дар сандуқҳои сангин низ маълум буд.

Одамон вобаста ба мартабаи иҷтимоӣ гӯронида шудаанд. Дар қабрҳо ашё кам аст, аммо се чизи асосии ба скифҳо тааллуқдошта:

афзори аспҳо, ашёи дар шакли ҳайвонот сохташуда ва силоҳ вуҷуд доранд. Аз аслиҳа ханҷар, табарзину зоғнӯлҳои дусара, ки нақши силоҳро мебозиданд, пайконҳо, ҳар гуна ороишҳо аз лаҷом, чизҳои зинатӣ, баргҳои тилло ва нуқра барои ороиши афзори асп, гӯшвор, ангуштарӣ, марҷонҳо пайдо шудаанд. Касби асосии тӯрҳои сайнӣ чорводорӣ буд. Онҳо тобистон чорворо ба доманкӯҳҳо ва зимистон дар оғилҳои аз ғӯлачӯб сохташуда нигоҳ медоштанд. Худашон низ дар хонаҳои аз ғӯлачӯб сохташуда мезистанд. Девори хонаҳо аз ду қабат ғӯлачӯб бунёд шуда, байни ду девори ғӯлачӯбҳо бо хок пур карда шудааст. Ҷомеаи сайнӣ синфӣ буд. Кайҳо хеле давлатманд будаанд ва инро аз гӯрхонаҳои онҳо муайян кардан осон аст. Ҳунармандӣ, аз ҷумла заргарӣ ва савдо ривоҷу равнақ дошт. Рӯзгори сайниҳо бо рӯзгори ҳамнажодони ориёиашон монанд буд. Урфу одати онҳо низ ҳамоҳанги дигар ориёиҳо буд.



### САВОЛҲО

1. *Дар бораи зиндагии сайниҳои Тува ва Олтой чиҳо медонед?*
2. *Кайҳо киҳо буданд? Аз қабристони Пазирик чиҳо ёфт шуданд?*
3. *Чаро кайҳо баданашонро бо усули холкӯбӣ бо расми ҳайвонҳои афсонавӣ оро медоданд?*

## §36. ДАВЛАТИ ЭЛОМ

То омадани гурӯҳҳои ориёӣ ба сарзамини Ориёнои Ғарбӣ дар ин ҷо халқҳои дигар мезистанд ва дар ҳазораҳои IV–III пеш аз милод давлатҳояшон вуҷуд доштанд, ки дар онҳо деҳа ва шаҳрҳои бисёре ба вуҷуд меоянд. Шаҳре бо номи Шуш ба яке аз марказҳои иқтисодӣ табдил ёфта, деҳаҳои гирду атрофро ба худ тобеъ мекунад. Дар ҳазораи IV сохтмонҳои боҳашамат, ҳунармандӣ, кулолии чархӣ равнақ меёбад. Дар Шуш бар бунёди хиштин бинои боҳашамат барои ҳукумат сохта мешавад. Дар харобаҳои он муҳрҳое пайдо шудаанд, ки дар болои онҳо ҳар гуна рақамҳову ишораҳои хаттӣ вуҷуд доранд ва аз пайдо шудани хат ва идораи маъмурӣ гувоҳӣ медиҳанд. Аммо ин хатҳо то ба ҳол хонда нашудаанд. Ғайр аз Шуш боз марказҳои дигари маъмурӣ ва шаҳрҳо вуҷуд доштанд, ки дар катибаҳои мехии аккодӣ бо номҳои Овон,

Симаш, Барахша ва ғайра ёд мешаванд. Давлати Элом ба ғайр аз ноҳияи Шуш вилоятҳои кӯҳсори гирду атроф, ҳамвориҳои шимолу ғарбӣ, Хузистон, шаҳри Аншан (имрӯз бо номи Теппаи Мӯлиён дар масофаи 46 км дар шимолии Шероз воқеъ аст) дошт. Аз харобаи Аншан муҳрҳо ва ҳуҷҷатҳое ба даст омадаанд, ки бо хатти пеш аз эломӣ навишта шудаанд. Дар ибтидои ҳазораи III пеш аз милод дар он ҷо қасрҳои шоҳӣ, биноҳои маъмурӣ ва маъбадҳо вуҷуд доштаанд, ки соҳибони онҳо дорои сарвати бузурге будаанд. Дар дарбор ва ибодатгоҳ садҳо хаттотон, дабирон, кормандони маъмурӣ, динӣ, пешхизматон ва ғуломон кор мекардаанд.

Шаҳрҳои марказӣ вусъат ёфта, сабаби тараққии навъҳои гуногуни ҳунармандӣ мешаванд. Дар он вақт истифодаи замин, аз ҷумла заминҳои обӣ дар водии Порс хеле равнақ меёбад. Ҷӯйҳо ва каналҳо канда мешаванд, миқдори заминҳои обӣ ва деҳаҳо меафзоянд.

Шаҳри Аншан дар охири ҳазораи III масоҳати 130 га заминро ишғол менамуд ва яке аз шаҳрҳои бузург ба ҳисоб мерафт.

Элом нисбат ба дигар ноҳияҳои Ориёнои Ғарбӣ ба монанди Байнаннаҳрайн шароити хуби табиӣ дошт ва барои тараққии кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат мусоидат мекард.

Сохти давлати Элом ғуломдорӣ буд. Дар ҳуҷҷатҳо дар бораи ғуломоне сухан меравад, ки харида шудаанд ва дар заминҳои ғуломдорон кор мекунанд. Онҳо чандин хонадони ба ҳам хешро муттаҳид менамуданд. Ғуломдорон дар хоҷагиҳои подшоҳ ва ибодатгоҳҳо кор мекарданд. Дар заминҳои шоҳӣ ва ибодатгоҳҳо одамони озод зиёд буданд. Вазъи иҷтимоии онҳо қариб ба монанди ғуломон буд. Онҳо дар зери назорати одамони шоҳ ё ибодатгоҳҳо кор мекарданд ва истисмор мешуданд. Сарлашкарон, кормандони давлатӣ ва шоҳ аз замин қисми даромадашро мегирифтанд. Дар ин давра шумораи заминдорони бузург меафзояд.

Дар ёдгории Шуш дар қабатҳои марбут ба асрҳои XVIII-XVII-и пеш аз милод бостоншиносон хонаеро ёфтанд, ки зиёда аз 50 ҳуҷра ва 10 ҳавлӣ дорад. Ин бино хонаи оилаи алоҳида будааст. Соҳиби он, одами давлатманд, оҳиста-оҳиста хонаҳои гирду атрофро ба тасарруф дароварда, онҳоро шаклан дигар карда, ба хонаи худ ҳамроҳ мекунад ва кадхудои як маҳалла мешавад. Соҳибони хонаҳои гирду атроф ғулом ё хизматгори ин марди давлатманд мешаванд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ соҳибхона Темти Варташ аз наздикони подшоҳ буда, галлаву рама ва заминҳои кишту чарогоҳҳои бисёр доштааст.

Дар асри XVI Элом аз қабилаҳои шимол – кассетҳо шикаст хӯрда, мавқеи худро аз даст медиҳад. Кассетҳо дар кӯҳҳои Загрос мезистанд. Онҳо аввал Бобулро гирифта, баъд ба Элом сар медароранд ва муддате ҳукмронӣ мекунанд, аммо Элом кассетҳоро ронда, давлати худро тақвият мебахшад. Дар асрҳои XIV–XII пеш аз милод Элом бо сарварии шоҳони Аншану Шуш хеле пурзӯр мегардад. Маркази давлат шаҳри Шуш хеле пеш меравад, дар он давра биноҳои маъмурӣ ва қасрҳои бисёре пайдо мешаванд. Дар ин давра бинои ибодатгоҳи Зиккуратро сохтаанд, ки бузургтарин иморати қалъамонанди бисёрқабатаи замони худ ҳисобида мешуд. Шоҳи Элом Кутир Наххунт ва Бобулро гирифта, сангеро, ки дар он қонунҳои шоҳ Хамураппӣ навишта шуда буданд, ба Шуш меоварад. Ҳоло ин санг дар осорхонаи Теҳрон мавҷуд аст. Бобул ба Элом товони калон медиҳад.

Элом дар замони шоҳ Иншушинак якчанд бор ба мамлакатҳои ҳамсоя ҳуҷум карда, ғанимати бисёре ба даст меорад, аммо дар замони подшоҳии Навухудоносори I дар ҷанги назди шаҳри Бадра Бобул эломиҳоро торумор мекунад ва Элом ба таназзули дуру дароз гирифтор мешавад.



**САВОЛҲО**

***1. Давлати Элом дар кадом қисмати Эрони кунунӣ ҷой дошт?***

***2. Сохти давлати Элом чӣ гуна буд?***

***3. Бостоншиносон дар харобаи кадом шаҳр хонаи давлатмандро пайдо кардаанд?***

## §37. ДАВЛАТИ МИТАН

Бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки ориёиҳо ба сарзаминҳои Эрони кунунӣ дар охири ҳазораи IV ва аввали ҳазораи III пеш аз милод омадаанд. Ба ҳар ҳол бозёфтҳои Алҷаҳуюк (Туркия) ва Осиёи Марказӣ, махсусан, Олтинтеппа (Туркманистон) монандиҳои бисёр доранд. Аз ин рӯ ориёиҳо ба кӯҳистони шимолу ғарбии Эрон дар охири ҳазораи IV ва ё аввали ҳазораи III пеш аз милод омада будаанд. Дар ҳазораи II пеш аз милод дар кӯҳистони Копетдоғ ҳайкали фариштагони ориёии Митро, Варуна, Индира ёфт шудаанд, ки ба асрҳои XVI–XIV пеш аз милод мансубанд. Ин ҳайкалҳо ва навиштаҷотро давлате ба

мо ёдгор гузоштааст, ки номаш маълум нест. Дар осори давлати Хетҳо ному нишонаҳои ориёиён бисёр аст, аммо муаммои онҳо то ба ҳол кушода нашудааст.

Як чиз возеҳу равшан аст, ки дар садаи XVI дар қисми шимолу ғарбии Байнаннаҳрайн дар ҷойи шоҳигариҳои хурди Кумиҳо, Алшон ва Ямхад давлати пуриқтидоре бо номи Митан ташкил меёбад. Маркази он шаҳри Вашуканки буд ва то ҳол пайдо карда нашудааст. Аҳолии асосии давлати Митан ҳурриҳо буданд, ки бо сомиҳо омезиш ёфтаанд. Ҳурриҳо ба нажоди ҳиндуаврупоӣ нисбат доштанд ва дар асрҳои XVII–XVI пеш аз милод бо ориёиҳо омехтаанд. Ин омезиш дар ноҳияҳои рӯди Урмияи Эрони кунунӣ ба амал омада буд. Аз ин рӯ: 1) забони ориёии Митан қадимтарин шохаи забони ҳиндуориёист; 2) он лаҳҷаи забони ояндаи ҳиндуориёиҳост; 3) забони ориёии Митан ба шохаи забонҳои дардиву курдистонӣ мансуб аст. Дар байни номҳои ориёӣ аввал бо номи шоҳ Шуттари I писари Курт (асри XVI пеш аз милод), баъд Парратарн ва сеюм Соусадаттар дучор меоянд. Зоҳиран, ориёиҳо дар ҷомеаи ҳурриҳо нуфузи зиёд доштаанд, ки ба сари қудрати сиёсӣ омаданд. Заминҳои Митан барои кишти лалмӣ ва чорводорӣ мувофиқ буданд. Дар кӯҳҳои он нуқра, тилло, сурб, сангҳои сохтмонӣ ва нимқиматбаҳои ба лоҷвард монанд хеле бисёр буданд. Аз ин ҷост, ки митаниҳо дар сохтмони қасру хонаҳо, истихроҷи маъданҳо, тараққиёти ҳунармандӣ ва савдо нисбат ба ҳамсояҳои худ пеш рафта буданд.

Дар бораи сохти ҷомеаи Митан маълумот хеле кам аст. Аз катибаҳои хазинаи ошуриҳо, хетҳо ва фиръавнҳо пайдост, ки дар дижи шоҳони Митан даҳҳо толор, ибодатгоҳ ва дигар хонаҳои истиқоматӣ, маъмурӣ ва хоҷагӣ вуҷуд доштаанд. Хоҷагии шоҳӣ аз галлаи говон, рамаи чорвои хурд ва заминаҳои кишт иборат буд. Дар хоҷагии шоҳон ғуломон, муздурону ҳунармандон кор мекарданд. Дар давлати Митан ҷамоаҳои ноҳиявӣ, деҳотӣ ва оилавӣ нақши муҳим доштанд. Ҳар яке ягон соҳаи хоҷагиро ривоҷ медод. Масалан, ҷамоаи савдогарон дар тиҷорати хориҷиву дохилӣ, ҳунармандон дар касбҳои гуногун, зироаткорон яке дар истеҳсоли гандум, дигаре ҷав, сеюм лубиё, чаҳорум мошу биринҷ, панҷум сабзавот кор мекарданд. Албатта, зироату боғдорӣ ба иқлим ва хоку оби ноҳияҳо вобаста буд.

Ҷамоа дар сохтори давлати Митан мавқеи асосӣ дошт ва як сохти иҷтимоиро ташкил мекард. Ҷамоа аз табақаҳо иборат буд

ва табақаҳои поён аз ҷониби давлатмандон истифода карда мешуданд. Махсусан, судхӯрӣ, яъне қарзи имтиёзнок ва иҷорадорӣ хеле равнақ ёфта буд. Бисёр қарздорон аз сабаби фоизи баланди қарз ва сари вақт барнагардонидани қарзи худ ба нимағулом ё ғулом табдил меёфтанд. Давлатмандҳо ҷавонони камбағалу бекасро писархонд карда, онҳоро оҳиста-оҳиста ба хизматгори хонагӣ, батрак ва ниҳоят ба ғулом табдил медоданд.

Писархонд намудан як навъ фиреби мардум шуда буд. Яке аз воситаҳои зиёд намудани ғуломон ғорат намудани ҳамсояҳо ва ноҳияҳои дигар буд. Баъзе одамон аз қашшоқӣ худро ба муҳлати муайян мефурӯхтанд. Агар гаравмонда шарти имзошударо иҷро карда наметавонист, ба ғулом табдил меёфт. Бо вуҷуди ин, ғулом ҳуқуқи ба канизон ё занони озод хонадор шуданро дошт. Ӯ метавонист писархонд гирад ва ӯро ворисি худ эълон намояд. Ғуломони босавод низ буданд, ки дар дарбор вазифаи мирзоиро анҷом медоданд ва аз шоҳ барои кори хуб туҳфаҳо мегирифтанд. Ғуломдор ғуломро мезад ва агар ӯ аз соҳибаш гурезад, ғуломдор ҳақ дошт як чашмашро кӯр кунад.

Асрҳои XVI–XIV пеш аз милод давраи авҷи тараққиёти давлати Митан мешавад. Дар ин давра шоҳони Митан Осиёи Хурд, Сурия, Финикия ва Ошуру Фаластинро тобеи худ мегардонанд. Фиръавн Тутмоси III борҳо ба муқобили Митан лашкар кашид, аммо ғолиб нашуд. Фиръавн Аменхотеби II бар Митан ғолиб меояд, аммо пирӯзии он кӯтоҳмуддат буд. Митан чун пештара роҳҳои тиҷоратро дар даст дошт ва аз мисриён боҷ меситонд, бинобар ин, фиръавнҳо Тутмоси IV ва Аменхотеби II ба духтарони шоҳи Митан – Тушрат хонадор шуда, ӯро иттифоқчии худ мегардонанд ва барояш туҳфаҳо мефиристонанд. Аз Миср барои шоҳони Митан ашёи тиллоӣ ва нуқрагин мефиристанд. Шоҳони Митан дар навбати худ барои фиръавнҳо фойтунҳои ҷангӣ ва аспони саворӣ ҳадя мекарданд.

Дар охири садаи XV пеш аз милод Миср суст мешавад ва Митан мехоҳад заминҳои аздастдодаи Фаластинро баргардонад ва бо Бобул қарордод имзо мекунад. Миср бо Ошур иттифоқ мебандад, аммо дар ин давра аз шимол хетҳо ба сарзамини Митан ҳуҷум оварда, харобиҳо мекунанд. Дарбориён нисбат ба шоҳ Тушрат норозигӣ намуда, ӯро қатл мекунанд ва ба ҷойи ӯ писараш Шативасро ба сари тахт шинонда, духтари шоҳи хетҳоро ба ӯ медиҳанд. Ин никоҳ мустақилият ва иқтидори пешини Митанро барнагар-

донд, баръакс, дар дарбор таъсири хетҳо афзуд. Ошур аз сустии Митан истифода бурда, худро мустақил эълон кард. Митан бо ёрии хетҳо ба Ошур лашкар мекашад ва шикаст мехӯрад. Ошуриҳо пойтахти Митанро забт карда, онро ғорат мекунанд. Шативас ба сарзамини Хет мегурезад ва тахти шоҳӣ бо ёрии ошуриҳо ба Артадам мерасад, ки баъд дастнигари онҳо мешавад. Дар асрҳои XIII–XI пеш аз милод Митан ба шоҳигарии хурд тақсим шуда, ба зери таъсири ошуриҳо мемонад ва мустақилиятро аз даст медиҳад.



**САВОЛҲО**

1. ***Давлати Митан чӣ гуна давлат буд?***
2. ***Олимон дар бораи ориёӣ будан ва набудани он чӣ фикрҳо доранд?***
3. ***Ба давлати Митан кадом ноҳияҳо дохил мешуданд?***
4. ***Забони митаниҳо ба кадом гурӯҳи забонҳо дохил мешавад?***

## §38. ДАВЛАТИ МОД

Дар бораи давлати Мод (мидия) маълумот хеле кам аст. Мо баъзе маълумотро аз маъхазҳои ошурӣ ва юнонӣ пайдо кардем. Дар асрҳои IX–VIII пеш аз милод сарзамини Мод дар итоати давлати Ошур қарор дошт. Модҳо ба ошуриҳо андоз медоданд ва барои аз дасти онҳо халос шудан мубориза мебурданд.



**Расми 51.** ***Акси модҳо дар девори қасри Дури Ошуриҳо.***

Дар катибаҳои ошурӣ дар бораи шӯришҳои модҳо ба муқобили ошуриҳо сухан меравад ва зикр мешавад, ки онҳо аз халқҳои ориёӣ буданд ва асрҳои X–IX пеш аз милод дар деҳаҳои байни Дамованд ва Загрос мезистанд ва ба зироаткориву чорводорӣ (онҳо бо парвариши аспони саворӣ хеле шуҳрат доштанд) машғул буданд. Модҳо ба ошуриҳо асп андоз медоданд ва ба бобулиёну мисриён асп туҳфа мекарданд. Ҳанӯз қаблан ҳам зикр карда будем, ки ориёиҳо ромкунандаи аспони гуногун буданд ва онҳо паҳнкунандагони аспони саворӣ ва фойтуни дучарха дар Осиё ва Аврупо ба шумор мераванд.

Давлати Мод чорумин давлати ориёиҳо буд, ки дар Шарқи Наздик баъди Митан (асрҳои XVI–XIV), Кимер (асрҳои X–VIII) ва Мона (асрҳои XIII–VI) вуҷуд дошт. Катибаҳои ошурӣ шаҳодат медиҳанд, ки модҳо соли 760 пеш аз милод бо қабилаҳои ҳамзабони худ скифҳо, кимериҳо ва монаҳо якҷоя ба муқобили давлати Ошур (Ассирия) шӯриш бардошта, худро мустақил эълон мекунанд. Шӯришро Паратуто сарварӣ мекард. Қувваи шӯришгарон неруманд буд ва ҳукумати ошуриҳо модҳоро эътироф менамояд. Баъди мустақил шудани модҳо дар байни скифҳо, кимериҳо ва монаҳо низоъ бармехезад ва иттиҳод пароканда мешавад. Ҳар қабила мехоҳад мустақил гардида, давлати худро дошта бошад. Соли 722 сарвари модҳо Даҳёкур маҷбур мешавад, ки халқҳои ҳамзабони худ сакоиҳо (скифҳо) ва кимериҳоро зӯран ба итоат дарорад. Даҳёкур вилояти Порсро низ ба давлати худ ҳамроҳ мекунад ва барои дигар ноҳияҳои дар дасти ошуриҳо буда мубориза мебарад. Манбаъҳои юнонӣ номи 9 нафар шоҳони Модро овардаанд, ки онҳо 300 сол ҳукмронӣ кардаанд. Мувофиқи ривояти Ҳеродот Даҳёкур (Диёкур) ё Девкас 53 сол (аз соли 726 то 673 пеш аз милод) подшоҳӣ карда, сарзаминҳои ориёинишинро аз ошуриҳо озод карда, оҳиста-оҳиста мулки худро васеъ мекунад. Ӯ ба давлати Урарту ҳуҷум намуда, онро тобеи худ мегардонад.

Дар замони шоҳ Фароатас (646–624 пеш аз милод) давлати Мод қувват мегирад ва яке аз рақибони давлати Ошур шуда, барои аз байн бурдани душмани деринаи худ бо ӯ ба ҷанг медарояд. Ошурҳо дар Ғарб роҳҳои баромад ба баҳр ва Мисру дигар минтақаҳоро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд. Давлати Мод дар замони шоҳ Хувахуштур (Кавоксар) писари Фароатас (624–585 пеш аз милод) хеле пуриқтидор мешавад. Скифҳо, ки дар ҷануби баҳри Охшиён мезистанд, иттифоқчии модҳо дар ҷангҳои зидди




**Расми 52.** ***Давлати Мод дар асрҳои VIII–VI пеш аз милод.***

Ошур буданд, аммо баъзан ошуриҳо ба воситаи иғво онҳоро ба муқобили модҳо истифода мебурданд. Скифҳо мехостанд худашон ҳукмрон бошанд. Пеш модҳо ба скифҳо хироҷ медоданд ва онҳо аз ин даъво даст накашида буданд.

Хувахуштур хост скифҳоро ба худ тобеъ намояд, вале шикаст мехӯрад ва барои хироҷ додан ба скифҳо розӣ мешавад. Ҳеродот ривоят мекунад, ки Хувахуштур зиёфате ташкил мекунад ва ба он сарварони кимериҳоро даъват менамояд. Вақте ки онҳо ба дарбор меоянд, Хувахуштур онҳоро ба қатл мерасонад ва скифҳову кимериҳоро ба итоати худ медарорад.

Хувахуштур барои иқтидори ҳарбии худро афзуданислоҳот мегузаронад. Ӯ ба ҷойи дастаҳои кироя ва ихтиёрӣ лашкари доимии найзадорон, тирандозон ва фойтунсаворонро ташкил мекунад. Вай бо мисриён ва бобулиён иттифоқ баста, ба ҷанги муқобили Ошур тайёрӣ мебинад. Ҷанг соли 616 пеш аз милод сар шуда, ошуриҳоро хеле заиф месозад. Модҳо сарзамини Монаро фатҳ ва онро ба давлати худ ҳамроҳ мекунанд. Хувахуштур ба духтари шоҳи Бобул Набополосар хонадор шуда, иттифоқи худро бо Бобул таҳким мебахшад.

Модҳо бо фиръавнҳо ва бобулиён доир ба муқобили ошуриён ҷанг кардан иттифоқ мебанданд ва соли 612 пеш аз милод ба ҳуҷум





**Расми 53.** ***Сарбози найзазани Мод.***

мегузаранд. Ошурҳо муқобилият нишон дода натавонистанд. Модҳо ба маркази давлати Ошур шаҳри Нинув ворид шуда, онро ғорату хароб намуда, аҳолиро ғулом мекунанд. Замини давлати Ошур дар байни Бобул, Миср ва Мод тақсим мешавад. Бештари сарзаминҳои Ошур ба ихтиёри модҳо мегузарад. Давлати Мод дар шимолии Байнаннаҳрайн ба яке аз давлатҳои пурзӯр табдил меёбад.

Модҳо соли 590 ба Лидия, ки яке аз давлатҳои пуриқтидор дар шимоли Осиёи Хурд буд, ҳуҷум мекунанд, аммо онро фатҳ карда наметавонанд ва ҷанг то соли 585 давом мекунад. Соли 585 писари Хувахуштур Ихтивайгу (Астиак) бо лидиягиҳо сулҳ баста, духтари Алиатта – шоҳи онҳоро ба занӣ мегирад.

Ҳарчанд модҳо дар кӯҳҳои Эрони кунунӣ аз асри X то асри VI пеш аз милод зиста, зиёда аз 200 сол давлати паҳноваре доштанд, аз онҳо осори ками хаттие боқӣ мондааст.

Дар Эрони имрӯза (дар наздикии Сарипул, мобайни қасри Ширин ва Кирмоншоҳ) дахмаест, ки дар санг канда шуда ва дар миёни халқ бо номи Дукони Довуд машҳур мебошад. Дар ин ҷо сурати марде ба шакли ҳаккокии барҷаста боқӣ мондааст ва олимон онро ба модҳо нисбат медиҳанд, ки дар даст барсам ва дар тан либоси модҳо ва дар ҳолати намоз акс шудааст.

Як дахмаи дигар ҳам дар наздикии Кирмоншоҳ бо аломати Аҳурамаздо боқӣ мондааст, ки олимон онро ба модҳо нисбат медиҳанд. Умуман, дар вилояти Кирмон дигар дахмаҳои хурду калон низ ҳастанд, ки ба модҳо мансуб дониста мешаванд. Аз ривояти Ҳеродот маълум мешавад, ки модҳо дар сохтани шаҳрҳо ва махсусан, обод намудани пойтахти худ – шаҳри Экбатан (Ҳамадони имрӯза) ба ошуриҳо ва дигар ҳамсоягон пайравӣ кардаанд, аммо меъмориҳои модҳо хусусиятҳои миллии ориёӣ доштаанд.

Масалан, дар оини ориёиҳо рақами ҳафт муқаддас ҳисоб мешуд, бинобар ин, шаҳри Экбатан (Ҳамадон) ҳафт қалъа ва ҳафт

девори ҳафт бурҷи дарун ба дарун доштааст. Бо мурури ба даруни шаҳр даромадан деворҳо, бурҷҳо ва қасрҳо баландтар ва бузургу шукӯҳмандтар мешуданд. Кохи шоҳӣ, ки дар дохили девори ҳафтум ҷой дошт, аз ҳамаи қалъаҳои дигар баландтар ва бузургу зеботар буд. Аз он тамоми ҳафт девори дигар назорат мешуданд. Ҳамаи қасру бурҷҳо бо ҳафт ранг оро дода шуда буданд.Қасри шоҳон ва девору кунгураҳои он бо тилло ва қасру бурҷи дуюм бо нуқра, сеюму чаҳоруму панҷум ва ғайра бо рангҳои бунафш, арғувонӣ, сурх, кабуд, сафед оро ёфта буданд. Ҳар як ранг маънии ҳафт кишвар, ҳафт осмон, ҳафт сайёра, ҳафт фаришта, ҳафт рӯзи ҳафтаро ифода мекард. Оини модҳо оини Ориёи қадим буд. Онҳо оташ, замин, об ва хокро бузург медоштанд. Модҳо аз «Авесто» ва Зардушт огоҳӣ доштанд ва оташро чун нури илоҳӣ мепарастиданд. Муғон мурдаҳои худро дар дахмаҳо мегӯрониданд. Офтоб ва сайёраҳоро бузург медоштанд. Дар эътиқоди онҳо ростӣ нақши муҳим бозида, дурӯғ сахт маҳкум карда мешуд.

Сохти давлати Мод шоҳигарӣ буд. Дар корҳои хоҷагӣ ғуломон кор мекарданд, яъне давлат ғуломдорӣ буд. Гурӯҳи давлатмандони бузург дар идораи давлат дахолат менамуданд ва шоҳ бо онҳо мубориза мебурд. Мардуми заҳматкаш мубориза шоҳро ба муқобили давлатмандон дастгирӣ мекард. Мардум ба табақаҳо тақсим мешуд. Нуфузи лашкариён – саворагон хеле баланд буд ва онҳо ба табақаи ашрофон дохил мешуданд. Муғон, кишоварзон ва ғуломон табақаҳои дуюм, сеюм ва чорумро ташкил медоданд.

Шоҳи охирини модҳо Ихтивайгу ё Астиаг тайи 35 соли ҳукмронии худ бо қувваҳои марказгурез меҷангид, аммо онҳоро мағлуб карда натавонист. Соли 550-и пеш аз милод ашрофони маҳаллӣ ӯро сарнагун карда, ҳокимиятро ба намояндаи дудмони ҳахоманишӣ – Куруш доданд.

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



***1. Модҳо кӣ буданд ва дар кадом ноҳияҳо зиндагонӣ доштанд?***
***2. Давлати Мод чӣ гуна давлат буд?***
***3. Моҳияти ислоҳоти ҳарбии Хувахуштур аз чӣ иборат буд?***
***4. Сабаби сукути давлати Модро нақл кунед.***

# §39. ДАВЛАТИ ҲАХОМАНИШИЁН

**Ташкили империяи Ҳахоманишиён.** Давлати қадимаи порсҳо буда, аз соли 550 то 330-и то милод вуҷуд дошт ва дар давраи тавоноияш ҳудуди бузургеро аз нимҷазираи Балкан то Ҳиндустони Ғарбӣ ва қисми калони Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт. Асосгузори ин давлат пешвои иттиҳоди қабилаҳои порс – Ҳахоманиш буд. Ҳанӯз аз асри 7 то милод дар ҷануби ғарбии Эрон давлати хурде, ки шоҳонаш аз сулолаи Ҳахоманишиён буданд, вуҷуд дошт. Он чанд муддат тобеи Мод буд. Миёнаҳои асри 6-и то милод шоҳи ҳахоманишӣ Куруши II ба муқобили шоҳи охирини Мод – Астиаг шӯриш бардошт. Ашрофони Мод ба тарафи Куруши II гузашта, соли 550-и то милод порсҳо бар модҳо дар ҷанги шадид ғалаба карда, пойтахти Мод – Экбатан (Ҳамадон)-ро забт карданд. Куруши II ҳокимияти худро дар вилоятҳои давлати пештараи Мод, аз ҷумла дар Порт ва Тирания мустаҳкам карда, ба забткориҳои нав шурӯъ кард.

**Тасхири Лидия.** Ба тахт омадани Куруш давлатҳои ҳамҷавору пуриқтидори он замон – Лидия, Миср ва Бобулро ба ташвиш андохт. Онҳо байни худ иттиҳоди сегона бастанд ва мувофиқи он агар ҳар кадоме аз онҳо ба хавфе гирифтор шавад ва ёрӣ талабад, дигарон бояд ба кумак бирасанд. Давлати Лидия дар Шимол дар




Расми 54. *Давлати Ҳахоманишиён.*

Осиёи Сағир яке аз пурзӯртарин давлатҳо буд. Вай скифҳоро шикаст дода, бисёр шаҳрҳои юнонинишинро ба ҳудуди худ ҳамроҳ намуд. Дар замони подшоҳии Карез (Карезус) ба авҷи тараққиёт мерасад. Пойтахти он Сард хеле обод буд, ки онро юнониён Сарди Заррин меномиданд. Махсусан, дар бораи хазинаи подшоҳони Лидия ва сарвати онҳо таърифҳо вуҷуд доштанд.

Карез аз мунаҷҷимон пурсид, ки агар ба Порс ҳуҷум намояд, кӣ ғалаба хоҳад кард? Мубадони як маъбади юнонӣ ҷавоб доданд, ки шумо бар порсҳо ғолиб меоед. Бинобар ин, вай барои забти мамлакати порсҳо лашкар кашид. Соли 549-и пеш аз милод лашкари Лидия мавзеи Буғозкӯйро гирифт ва дар Азмана байни лашкари Куруш ва Карез ҷанги шадид рух дод ва ҳеҷ кадоме аз тарафҳо ғолиб наомад. Азбаски зимистон фаро расида буд, лашкари Лидия пас гашт ва порсҳо онҳоро дунболагирӣ накарданд, аммо Куруш ба ҳуҷум гузашт ва Карез ба ин ҳуҷуми ногаҳонӣ муқобилият нишон дода натавонист. Куруш ба осонӣ пойтахти Лидия шаҳри Сардро муҳосира кард ва баъди чанде онро гирифт. Карез бо наздиконаш асир афтод.

Баъди гирифтани Лидия, Куруш тамоми Осиёи Сағирро ба давлати худ ҳамроҳ мекунад ва ба Ориёнои Шарқӣ лашкар мекашад. Ӯ дар тӯли солҳои 546–539 пеш аз милод ба Хоразм меояд ва бо массагетҳо меҷангад. Ӯ ба Арахоз, Гедарос ва Гандҳара лашкар кашида, марзи шарқии давлати худро то шимоли Ҳиндустон ва рӯди Сир расонида буд. Июли соли 530 то милод Куруш қӯшуни худро бар зидди массагетҳои Осиёи Миёна раҳсипор кард, вале дар ҷанги шадид бо онҳо ҳалок шуд.

**Фатҳи Бобул.** Куруши Кабир баъди ташкили империяи бузург ният кард, ки Бобулро низ забт намояд. Бобул бо девори муҳофизатӣ ва бурҷҳои ҳимоявии худ дар байни мардум ҳамчун қалъаи дастнорас машҳур буд. Куруш наметавонист, ки дар ҷанубии давлати худ душмани зӯре чун Бобул дошта бошад. Ӯ соли 539 пеш аз милод баъди омодагии хуб ба Бобул лашкар кашид. Моҳи августи соли 539 пеш аз милод лашкари ориёиҳо дар назди шаҳри Опис (соҳили рӯди Даҷла) бо сипоҳи Бобул, ки онро писари шоҳ Набонид – Балтасар фармондеҳӣ мекард, ба ҷанг даромад. Баъди андаке муҳориба бобулиҳо ба дохили шаҳр паноҳ бурданд. Девори қалъа на танҳо шаҳр, балки бахши деҳот, боғот, заминҳои корамро иҳота мекард ва рӯди Фурот аз дохили шаҳр мегузашт. Бобулиён метавонистанд мудати зиёд бо хӯроку об таъ-



Бохтариҳо    Портҳо

Суғдҳо    Саконҳои тиграхуд

**Расми 55.** ***Аксҳо аз Тахти Ҷамшед.***

мин бошанд. Бинобар ин, Куруш фармон дод, ки маҷрои рӯди Фуротро дигар кунанд ва лашкар бо роҳи оби хушкида вориди шаҳр шавад. Дар натиҷа шаҳр бе ҷанг таслим шуд. Дар шаҳр ғорат ва куштор рух надод. Мардум аз Куруш меҳрубонӣ диданд. Шоҳи Бобул Набонид асир афтод, аммо Куруш ӯро озод кард ва дар ҷояш боз монд, вале писарашро ба қатл расонд.

Омилҳои зерин кори Курушро дар фатҳи Бобул осон гардониданд. 1. Куруш ҳамаи роҳҳои тиҷоратии бобулиёнро баста, норозигии табақаи шаҳриёни машғули тиҷоратро бар зидди Набонид ба вуҷуд овард. 2. Дар Бобул асирони зиёде аз ҳар гӯшаю канори Осиёи Наздик нигоҳ дошта мешудаанд. Онҳо тайёр буданд, ки ба қувваҳои зидди Набонид ёрӣ диҳанд. 3.Дар Бобул муносибатҳои иҷтимоии байни табақаҳои гуногуни ҷомеа хеле тезутунд гардида буд. Мубориэаи ғуломон ба муқобили ғуломдорон, зироаткорону ҳунармандони бузург хеле авҷ гирифта буд. Ҳамин тавр, табақаҳои поёнии ҷамъият аз омадани лашкари ориёиҳо хурсанд шуда, дигаргуниҳои иҷтимоиро умед доштанд. Барои ҳамин лашкари Куруш бе хунрезӣ вориди Бобул гардид, мардумро аз зулми Набонид наҷот дод ва мардум ӯро чун шоҳи нав пешвоз гирифт ва мувофиқи русуми онҳо дар ибодатгоҳ тоҷгузорӣ кард. Ӯ халқҳои Шумер ва Аккадро, ки дар остонаи нобудӣ қарор дош-танд, наҷот дод. Куруш ба тамоми мардум ваъда дод, ки амнияти онҳо таъмин карда мешавад. Маъбади худои бобулӣ – Мардук муҳофизат ва аз ғорат нигоҳ дошта шуд. Куруш дар он ҷо посбонҳо гузошт ва амнияти ҳамаи шаҳрвандонро таъмин кард. Ҳамаи маъбадҳои

Бобул, Элом ва Ошурро аз нав обод кард. Асирони Бобулро озод кард ва иҷозат дод, ки ба ватанашон баргарданд. Дар Бобул махсусан, яҳудиёни асир бисёр буданд. Куруш ба онҳо рухсат дод, ки ба Исроил раванд ва чун пештара зиндагонӣ ба сар баранд. Куруш озодии пайравӣ аз дину оинро эълон кард, яъне ҳар касе мутобиқи дини худ ибодат мекард.

Куруши Кабир шоҳигарии Бобулро нигоҳ дошт ва онро яке аз нишастгоҳҳои худ хонд. Ҳукумати Куруш дар Бобул на чун ҳукумати бегона, балки қонунӣ ба ҳисоб мерафт, зеро ӯ давлатро аз дасти худои бобулиҳо – Мардук ва бо розигии ӯ гирифта буд. Куруш унвони «шоҳи Бобул ва мамлакат»-ро гирифт ва ҳуқуқи меросиро то Хашёршоҳ нигоҳ дошт. Бобул мустақилиятро аз даст дода, ба яке аз хушатрҳои давлати Ҳахоманишиён табдил ёфт. Вазифаҳои маъмурию ҳарбиро дар дохили мамлакат ашрофони порсӣ дар дасти худ нигоҳ медоштанд.

Баъди Байнаннаҳрайнро забт кардани Куруш тамоми шоҳигариҳои минтақа то марзи Миср ихтиёран худро тобеи давлати Куруш эълон намуданд. Тоҷирони ҳамаи кишварҳои тобеи империя хурсанд буданд, ки барои тиҷорат майдони васеъ ба вуҷуд омад.

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



1. ***Оид ба давлати қадими порсҳо Ҳахоманишҳо маълумот дода метавонед?***
2. ***Тасхири Лидия чӣ тавр сурат гирифт?***
3. ***Куруши Кабир чӣ тавр Бобулро гирифт?***
4. ***Дар бораи давлати Модро гирифтани Куруш нақл намоед.***

## §40. ЭЪЛОМИЯИ КУРУШИ КАБИР

Манам Куруш – шоҳи шоҳон, бузург, неруманд, шоҳи Бобул, шоҳи Шумер ва Аккад, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбуҷия, шоҳи бузург, шохаи салтанати абадӣ, ки силсилааш мавриди меҳри Худованд ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Ҳангоме ки беҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳамаи мардум қудуми моро бо шодмонӣ пазируфтанд ва дар қасри подшоҳони Бобул бар сари салтанат нишастам. Мардук (Худои Бобул) дилҳои наҷиби мардумро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман бо оромӣ вориди Бобул шуд. На-

гузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳр ва ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохили Бобул ва ҷойҳои муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, то ҳамаи мардум дар парастиши Худои худ озод бошанд ва бад-ин сон ононро наёзоранд. Фармон додам, ки ҳеҷ кас аҳолии шаҳрро аз ҳастӣ (зиндагӣ) соқит накунад. Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писари Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракоти худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳамаи мамолики олам дар корҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи поин ва ба подшоҳони Ғарб тамоман хироҷи бисёр овардаанд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Аккад... ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, ибодатгоҳҳоеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳамаи худоёни (бутҳои) ин ибодатгоҳҳоро ба ҷойи худ баргардондам, то ҳамеша дар ҳамон ҷо муқимӣ бошанд. Аҳолии ин маҳалларо ҷамъ кардам ва манзили (хонаҳои) онҳоро хароб карда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Шумеру Аккадро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки "шодии дил" ном дорад, боз гардондам. Сулҳу оромиш ба тамоми мардум ато кардам.

**Андешаҳои муаррихон ва бузургони илм дар бораи Куруши Кабир.** Ҳудуди давлати ориёиҳо дар замони Куруши Кабир дар ғарб гулӯгоҳи Дарданел, баҳри Мағриб, дар шарқ рӯдҳои Синду Сир, дар шимол баҳри Гургон, кӯҳҳои Қафқоз ва дар ҷануб халиҷи Порс ва нимҷазираи Арабистонро фаро мегирифт. Ин аввалин империяи ҷаҳонӣ буд, ки онро Куруш бунёд гузошта буд ва ҳеҷ ҳукуматдоре пеш аз вай бо хунрезии кам давлате бо чунин паҳноварӣ таъсис карда натавониста буд. Дар бораи Куруши Кабир муаррихони қадим фикрҳои ҷолибе гуфтаанд: Дар «Курушнома» омадааст: «Куруш нобиғаи бузург буд, ки дар тамоми умр ба ҳадафе муқаддас ва олӣ пайравӣ мекард. Ӯ дӯсти инсонҳо ва толиби илму ҳикмат, ростӣ ва дурустӣ буд. Куруш ақида дошт, пирӯзӣ ба ҳеҷ кишваре, ба ҳеҷ миллате ҳуқуқ намедиҳад, ки халқи мағлубро асир кунад. Ҳангоми ҷанг бояд кӯшид, ки кишоварзон ва мардуми ғайрисипоҳӣ зарар набинанд. Шаҳри шикастхӯрдаро набояд ғорат кард. Куруш муваффақ шуд, ки миллатҳои шикастхӯрдаро шефтаи худ созад. Тавре ки порсҳо ӯро падар хондаанд, миллатҳои мағлуб ӯро Худовандгор ҳисобидаанд. Куруш бузургтарин, бахшандатарин, покизатарин, дарёдилтарин марди таърихи дунё буд. Куруш бузургтарин ҳаводори фарҳанг ба шу-



б

мор мерафт».

Дар "Таврот" (китоби муқаддаси яҳудиён) дар бораи Куруш гуфта мешавад: «Худованд дар бораи Куруш мегӯяд, ки шубони ман аст ва ҳар чӣ ӯ кунад, он ҳаст, ки ман хостаам».

Афлотун мегӯяд: «Куруш сарвари бузург буд. Дар замони ӯ ориёиҳо аз озодӣ бархурдор буданд ва бар бисёр миллатҳои дунё фармонравоӣ мекарданд. Ба илова ӯ ба ҳамаи миллатҳое, ки зери фармони ӯ буданд, ҳаққу ҳуқуқи озодӣ бахшид, аз ин рӯ, вайро ҳама дӯст медоштанду эҳтиром мекарданд». Ҳеродот дар бораи Куруш навиштааст: «Ӯ подшоҳи хоксор, баландҳиммат ва родмарди шуҷоъ буд. Ӯ порсҳоро аз хироҷ додан раҳонид ва соҳиби империяи ҷаҳонӣ ва миллати нерумандтарин гардонид».

Дар адабиёти таърихӣ се подшоҳро бузургтарин подшоҳони ҷаҳон номидаанд: Куруш, Искандар ва Сезарро, аммо дар амал *на Искандар ва на Сезар ба пояи Куруш расида наметавонистанд.* Аввалан, Искандар қотил буд ва аз дасти ӯ ҳазорҳо мардумони бегуноҳ ҳалок шудаанд. Ӯ садҳо шаҳрро хароб кард, сӯзонд. Сезар ҳамчунин. Куруш ободгари шаҳрҳои вайрону роҳҳо буд. Куруш дар давоми футуҳоти худ мардумозорӣ накардааст. Ӯ ғамхори ҳама буд. Ӯ барои эҷоди осоиши мардумони ғайриориёӣ низ кӯшишҳо ба харҷ дод. Куруш худро аз мардум ҷудо намекард. Хулоса, ӯ падари ҳамаи мардумони дохили империяи худ буд. Хислатҳои писандидаи инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, озодипарастӣ, додгустарӣ, ростқавлӣ, ободкории Куруши Кабир натиҷаи тарбияи ӯ дар рӯҳи анъанаҳои ориёӣ буданд.

***Ёддошт:** Барои хубтар бо кору пайкори Куруш ошноӣ пайдо кардан, мутолиаи романи «Куруши Кабир»-и Барот Абдураҳмонро тавсия медиҳем.*

**Подшоҳии Камбуҷия.** Куруши Кабир ду писар дошт, яке Камбуҷия валиаҳд дар Бобул буд ва дигареро юнониён Асмирдиз гуфтаанд ва Дориюш дар катибаи худ ӯро Барди навиштааст. Дар таърихномаҳо ҳамин номи Барди қабул шудааст. Баъди вафоти Куруш Камбуҷия ба тахти ориёӣ нишаст (солҳои 530–522 пеш аз милод). Куруши Кабир андеша дошт, ки Мисрро забт кунад, аммо дар ҷанги зидди массагетҳо дар соҳилҳои баҳри Хоразм ҳалок гардид. Камбуҷия ба тахт нишаста, ин нақшаи падарро амалӣ намуд.

Ӯ соли 525 пеш аз милод ба Миср лашкар кашид. Сарлашкари кироёҳои юнонии дар Миср буда Фанат бе ҷанг бо лашкараш ба тарафи Камбуҷия гузашт. Боқимондаи дастаҳои Миср тору-

мор карда шуданд ва фиръавн Псамметих асир афтод. Камбуҷия шоҳи Миср шинохта шуд ва ба сулолаи 27-ум асос гузошт. Камбуҷия ин забткории худро ба расмият даровардани шуда, худро писари маликаи Миср аз зани мисрии Куруш эълон намуд ва бо тамоми қоида ва қонуни мисриён тоҷгузорӣ кард. Ӯ шоҳи Миср ва мамлакатҳо аз насли худоён Ра ва Осирис шинохта шуд. Камбуҷия бо либосу тоҷи фиръавнӣ ва мутобиқи расму одати фиръавнҳо дар ибодатгоҳҳо қурбонӣ ва намозгузорӣ мекунад.

Баъд ба сӯйи Ҳабашистон ва Нубия лашкар мекашад, аммо аз сабаби ба ин ҷанг тайёрии хуб надидан, муваффақ нашуда, боз мегардад. Ӯ соли 523 пеш аз милод дар Миср огоҳӣ меёбад, ки дар Порс Бардии дурӯғин худро шоҳи Ориёно эълон кардааст. Камбуҷия шитобон ба сӯйи Порс меояд ва дар роҳ вафот мекунад.

**Шӯриши Бардии дурӯғин (сохта).** Барди – бародари ҳамтани Камбуҷия даъвогари тахту тоҷ буд. Бо ривояти Камбуҷӣ барои он ки ӯ дар набуданаш табаддулот накунад ва шоҳ нашавад, пеш аз сафари Миср ӯро пинҳонӣ мекушад. Аз ин ҳодиса мубаде бо номи Гавмата огоҳӣ дошт. Гавмата ба Барди монанд будааст.Вақте ки Камбуҷия чанд сол дар Миср мемонад, Гавмата худро ба номи Барди шоҳи Ориёно эълон мекунад. Гавмата соли 522 пеш аз милод тахти Порс ва Модро ба даст меорад ва мардум ӯро ба шоҳӣ мепазиранд.

Дар муддати кӯтоҳе ҳамаи кишварҳои империя Бардиро ҳамчун шоҳи қонунӣ эътироф мекунанд. Ӯ мардумро аз андози сесола ва хизмати ҳарбӣ озод мекунад. Ислоҳоти Барди ба муқобили ҳукмронон ва давлатмандони Порс нигаронда шуда буд. Аз ҳамин сабаб баъди 7 моҳи ҳукмронии Барди давлатмандони Порс бо сарварии Дориюши I шӯриш бардошта, Бардиро ҳалок намуда, Дориюши I-ро шоҳаншоҳ эълон менамоянд. Дориюш, Доро номи чанд подшоҳ (Дориюши I – писари Виштасп), Дориюши II (писари Ардашери I), Дориюши III (писари Арсам) аз сулолаи Ҳахоманишиён мебошад.

## САВОЛҲО



*1. Оид ба давлати қадимаи порсҳо – империяи Ҳахоманишиён маълумот дода метавонед?*

*2. Тасхири (забтшавии) Лидия чӣ тавр сурат гирифт?*

*3. Аҳамияти империяи Куруши Кабир барои мардуми ориёӣ дар чист?*

*4. Сабабҳои ғалабаи Куруши Кабирро номбар кунед.*

*5. Корҳои хайри Куруши Кабирро номбар карда метавонед?*
*6. Курушро таърихнависони қадим чӣ тавр сифат кардаанд?*

## §41. ДОРИЮШИ КАБИР

**Маълумоти умумӣ.** Сентябри соли 522-и пеш аз милод баъд аз ҳафт моҳи ҳукмронии Барди салтанати ориёиҳо ба дудмони (хонавода, авлод) Ҳахоманишиён, ба Дориюш бозгашт. Дориюш дар он вақт 28 сола буд. Баъди ба сари ҳокимият омадани Дориюш тамоми мамлакат ба муқобили ӯ шӯрид ва хушатрҳо (вилоятҳо) худро мустақил эълон карданд.

Аввал Бобул шӯрид ва як нафар худро писари шоҳ Набонид эълон кард ва тахтро соҳиб шуд. Дориюш моҳи декабри соли 522 пеш аз милод ба Бобул лашкар кашид ва шӯришгаронро торумор намуда, сарварони онро қатл кард. Вақте Дориюш дар Бобул буд, Порс, Мод, Элом, Марғиён, Порт ва сакоиҳо шӯриш бардоштанд.

Дориюш ба муқобили Марғиён–ҳокими Бохтар, баро-даршро фиристод ва ӯ ба шӯришгарон ғолиб омад ва одамони бисёреро кушт. Дар дохили Порс Ваҳяздод ном шахс худро писари Барди гуфта, ба мубориза бархост ва бисёр вилоятҳо то Арахоз ӯро ҷонибдорӣ карданд. Ӯ соли 521 пеш аз милод ба лашкари Дориюш, ки сарвари он Ваймис буд, ҷангид, аммо касе ғолиб омада натавонист. Мубориза давом кард ва танҳо баъди нуҳ моҳи ҷанг ба Дориюш муяссар гардид, ки Порсро аз шӯришгарон пок созад. Дориюш ба Элом лашкар кашид ва онро гирифт ва ба Мод бозгашт ва онро низ забт кард. Дориюш бештар аз як сол бо шӯришгарон ҷангид ва тамоми вилоятҳои империяро аз нав муттаҳид намуд. Солҳои 520–519 пеш аз милод Дориюш бо сакоиҳои Осиёи Марказӣ меҷангад ва бар онҳо ғолиб омада, сарвари онҳо Скунҳаро асир мегирад.

Баъд Дориюш фармон медиҳад, ки ҳамаи музаффариятҳои ӯро дар кӯҳи Бесутун бо хатти мехӣ нависанд. Дар болои матнҳо ва аксшудагон аввал расми Ҳурмуз – Худованди бузурги ориёиҳо қандакорӣ шудааст. Дар поён дар навбати аввал Дориюш ва дар зери пояш Гавмата, дар пушташ ду нафар муҳофизаш ва дар пеши рӯйи ӯ нуҳ нафар сарвари шӯришҳои империя ду даст ба пушт баста ва завлона (занҷир) дар гардан доранд, акс шудаанд. Шахсе аз ҳама охир марди қавиҷусса бо кулоҳи тирхурд доҳии сакоиҳо–Скунҳа мебошад.

Дар поёни аксшудагон катибае бо хатти мехӣ ба забонҳои

ориёӣ (порсии қадим), бобулӣ ва эломӣ ҳаккокӣ шудааст. Катиба яке аз манбаъҳои нодиртарин дар бораи таърихи империя ва забони қадими ориёӣ мебошад. Катиба дар бораи қаҳрамониҳои Дориюш дар барқарор намудани империяи Ҳахоманишиён ҳикоят мекунад. Дар матнҳо номи мавзеъҳои шӯрида, сарварони онҳо ва чӣ тавр аз ҷониби Дориюш пахш намудани шӯриши онҳо ҳикоят мешавад. Катиба бо хатти мехӣ навишта шудааст ва яке аз хатҳои қадими мо ба ҳисоб меравад.

Дориюш солҳои 518–512 пеш аз милод ба муқобили Фракия ва Македония лашкар кашид ва онҳоро таслим кард, аммо ҳуҷум ба муқобили сакоиҳои назди баҳри Охшиён (Сиёҳ) бенатиҷа анҷомид. Дориюш шимоли Ҳиндустонро низ забт кард. Ҳамин тавр, дар замони Дориюши Кабир ҳудуди давлати ориёиҳо аз рӯди Ҳинд то баҳри Охшиён ва аз Қафқоз то остонаи якуми рӯди Нилро дар бар мегирифт. То ин вақт дар дунё чунин давлати бузург-ро касе таъсис надода буд. Ин аввалин давлати бузурги ҷаҳонӣ буд, ки онро подшоҳони ориёии дудмони Ҳахоманишиён–Куруш ва Дориюши Кабир бунёд ниҳоданд.

**Ислоҳоти Дориюши Кабир.** Давлати Ҳахоманишиён аввалин империяи ҷаҳонӣ буд, ки беш аз 70 халқи дорои забону дини гуногунро дар бар мегирифт. Баъзе халқҳо, ба монанди мисриёну бобулиён дар дараҷаи фарҳанги баландпояи он замон қарор



**Расми 56.** ***Аксҳои барчаста дар кӯҳи Бесутун. Дар самти аввал Доро ва дар зери пояш Гавматаи муғ. Баъд сарварони асиршудаи шӯришгар: Ассин, Нидинт-Бел, Фчавартиш, Марта, Чисатахма, Ваҳяздод, Арах, Фчад ва доҳии сакоиҳо Скунҳа.***

доштанд, соҳиби шаҳрҳои бисёр ва алифбою китоб буданд. Баъзе халқҳои дигар кӯчӣ ва дар дараҷаи пасти маънавиёт алифбою хат ва давлат надоштанд.

Шӯришҳое, ки баъди фавти Куруши Кабир дар империя ба вуҷуд омаданд, нишон доданд, ки халқҳои ҳайати империя мустақилият мехоҳанд. Шӯришҳои солҳои 522–518 пеш аз милод Дориюшро водор карданд, ки барои мустаҳкамии империя ислоҳоти ҷиддӣ гузаронад, то ки идораи он осон ва бардавом бошад.

**Ислоҳот дар сохтори давлат.** Дориюш тамоми мамлакатро ба хушатраҳо (сатрапҳо) тақсим кард. Тибқи катибаи Нақши Рустам, шумораи онҳо ба 30 ва бо навиштаи Ҳеродот ба 20 мерасад. Хушатраҳо аз ҷиҳати ҳудуд гуногун буданд, дар баъзе мавридҳо қаламрави хушатра ба ҳудуди давлати пеш мустақилбуда рост меомад. Масалан, Миср як хушатраро ташкил медод, ки ба он ҳудуди давлати пешинаи фиръавнҳо ворид мешуд. Вазифаи хушатрабон (ҳоким) асосан байни аъёну ашрофи Порс ва хешовандони дудмони шоҳ тақсим мегардид. Баъзе хушатраҳо хеле бузург буданд ва ба ҳайати онҳо чандин давлатҳои пеш мустақил дохил мешуданд.

То Дориюш хушатрабон вазифаҳои ҳарбӣ ва маъмуриро ба уҳда дошт. Дориюш вазифаи ҳарбиро аз маъмурӣ ҷудо кард. Хушатрабон танҳо вазифаи маъмурӣ, хоҷагӣ, додситонӣ ва ғайраро ба зимма дошт. Вай ҳақ дошт дар ҳудуди хушатра тангаҳои нукра ва мисӣ барорад, ба масъалаҳои андоздиҳӣ, андозситонӣ ва кори ҳокимони маҳаллӣ назорат кунад. Хушатрабон дар ихтиёри худ дастаи ҳарбӣ дошт, ки идора ва ҳифзи марзу буми хушатра бар зимаи ӯ буд.

Дар натиҷаи ислоҳот сохтори идоравии марказии калоне бо сарварии шоҳаншоҳ ташкил ёфт. Маркази идораи давлат дар пойтахти империя шаҳри Шуш ҷой дошт, лекин дар Экбатан (Ҳамадон), Бобул, Мемфис ва дигар шаҳрҳои марказӣ дафтари давлатӣ бо шумораи зиёди дабирон фаъолият мекард, ки ба рӯйбардор ва интишор кардани қарору фармонҳои ҳукумати марказӣ дар музофот машғул буданд.

Забони давлатӣ дар Осиёи Ғарбӣ забони оромӣ буд, зеро дар он замон ба ин забон шумораи бисёри оромиҳо ҳарф мезаданд. Забони оромӣ дар Ориёнои Шарқӣ низ забони расмӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳуҷҷатҳои давлатӣ ба он забон навишта мешуданд. Забонҳои маҳаллӣ дар корҳои дохилӣ истифода мешуданд.

Дар хушатраҳо вазифаҳои дуюм ва сеюмдараҷаи давлатиро ба маҳаллиён низ медоданд. Дар заминҳои шоҳӣ ҳисобу китоб дар дасти эломиҳо буд ва назорати ҳарбиро порсҳо ба уҳда доштанд. Дар сохтори корҳои додситонӣ ва додгоҳӣ аз қоида ва қонунҳои бобулиён истифода мебурданд.

**САВОЛҲО**



*1. Дориюш чӣ гуна тахти подшоҳиро соҳиб шуд?*
*2. Чӣ Дориюшро ба ислоҳот водор намуд?*
*3. Чаро дар сохтори давлат ислоҳот гузаронида шуд?*

## §42. ИСЛОҲОТИ РОҲ, АЛОҚА, ҲАРБӢ ВА ПУЛӢ

Дориюши Кабир барои идораи мунтазами империяи бузург ба сохтани роҳҳои мамлакат пардохт. Машҳуртарини онҳо роҳи Сард – маркази Лидия аз Осиёи Сағир то Шуш ва аз он ҷо то пойтахт – Посоргод буд, ки дарозии он 2400 километрро ташкил медод. Дуюмин роҳи бузург аз пойтахти Миср – Мемфис то Курушкадаи соҳили рӯди Сир тӯл мекашид. Дар фосилаҳои роҳи якрӯза истгоҳҳо – лангарҳо сохта шуда буданд, ки дар он ҷо барои истироҳати мусофирон корвонсаройҳо вуҷуд доштанд. Дар ҳар корвонсарой чопархонаҳо мавҷуд буданд, ки дар сурати таъҷилии кор чопар аспҳои худро иваз мекард ва роҳро шабонарӯз давом медод. Дориюш роҳҳои алоқаи байни мамлакатро обод медошт, онҳоро таъмир ва бехатариро низ таъмин мекард. Ин аввалин чорабинии давлатӣ буд, ки барои равнақи идора, тиҷорат, ҳунармандӣ ва робитаи байни халқҳои мамлакат ва ҷаҳон аҳамияти бузург дошт. Чопархонаҳо шабонарӯз ва тамоми сол амал мекарданд.

Ислоҳоти ҳарбӣ. Идораи мамлакати бузург бе қувваи ҳарбӣ имкон надорад. Дориюш дар ин бахш низ тадбир ҷуст. Вай лашкари доимӣ ташкил дод. Ин қӯшун бо шумораи муайяну комил нигоҳ дошта мешуд ва ҳама вақт барои иҷрои вазифа омода буд. Дар кадом мамлакат норозигие рух медод, як қисми лашкари доиман амалкунанда ба он ҷо фиристода мешуд ва амнияти он ҷоро барқарор мекард.

Чаҳор ҳазор нафар сипоҳиёни зудамал ба посбонии пойтахт машғул буданд. Шоҳаншоҳ горди ҳазорнафара дошт, ки аз саворагони найзадор иборат буд ва ба он ҳазорпат роҳбарӣ мекард. Горди шоҳӣ бар дигар лашкариён назорат мекард. Сарбозону афсарони горд аз ашрофзодагони порс интихоб мегардиданд. Муҳофизони шоҳаншоҳ низ аз ҳамин дастаи ҳазорнафара интихоб мегардиданд. Лашкар ба дастаҳои 100-нафарӣ тақсим мешуд, ки онро садапат фармон медод. Баъзан дастаи садиро бо номи қумондонаш ном мегирифтанд.

Мамлакат ба топарҳои (мисли округ) ҳарбӣ тақсим шуда буд, ки шумораи онҳо аз чор то ба ҳафт мерасид. Хизмати ҳарбӣ аз синни 20-солагӣ шурӯъ мешуд. Бештари мардони порс дар лашкар хизмат мекарданд. Дар лашкари ориёиҳои шарқӣ, аз ҷумла тирандозони сакоӣ мавқеи калон доштанд. Вазифаҳои муҳим дар дасти порсҳо буданд. Лашкар аз пиёдаҳо ва саворагон иборат буд. Саворагонро аз ашрофзодагон ва пиёдаҳоро аз кишоварзон мегирифтанд. Аз асри V пеш аз милод сар карда пиёдаҳои ориёиро ба кироягони юнонӣ иваз намуданд. Мавқеи кироягон дар лашкар хеле афзуд. Ин яке аз хатоҳои сарварони ҳахоманишӣ буд. Кироягарони юнонӣ дар мавриди зарурӣ хиёнат карда, боиси шикасти лашкари ориёиҳо шуданд. Силоҳҳо асосан аз найза, жупин, сипар, тиру камон ва табарзин иборат буданд.

Дар вақти ҷанг савораҳо ва пиёдагон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, якҷоя меҷангиданд. Дар ҳамаи мамлакатҳои забтшуда лашкар нигоҳ дошта мешуд ва дар мавриди норозигиҳо онро истифода мебурданд. Дар мамлакатҳои забтшуда лагерҳои калони ҳарбиён вуҷуд доштанд ва дар он ҷо низомиён бо зану фарзандашон мезистанд. Онҳо дар замин кор карда, аз ҳосили он рӯз мегузарониданд.

Дар замони Дориюш дар халиҷи Порс ва баҳри Миёназамин қувваҳои ҳарбӣ Мисрро ба тасарруф дароварда, лашкари хуби баҳрӣ ба вуҷуд оварданд, ки дар баҳри Миёназамин ва уқёнуси Ҳинд ҳукм меронд. Дастаҳои доимӣ ва кироя ҳар моҳ маош мегирифтанд.

**Ислоҳоти пулӣ.** Пеш аз Дориюш дар соҳаи молиёт тартиби муайян вуҷуд надошт. Сарварони хушатраҳо ва деҳаҳо чи тавре мехостанд, ҳамон тавр аз мардум андози молӣ мегирифтанд. Дориюш барои ин кори муҳим тадбирҳо андешид. Аз гуфтаҳои таърихнависони юнонӣ бармеояд, ки андози молӣ ва пулӣ барои ҳар хушатра мувофиқи ҳосилнокии замин муайян мегардид. Масалан,

Осиёи Хурд ба чор бахш тақсим шуда, ҳар кадоми ин мувофиқ ба даромадаш ҳар сол ба хазинаи давлат аз 400 то 500 талант андоз месупорид. Талант андозаи вазни бобулӣ буда, ба 30 кг нуқра баробар аст. Вазни пули Ориёно ду навъ буд: таланти тилло ва таланти нуқра. Тилло 25 кг ва нуқра 33 кг-ро ташкил медод. Дориюш барои ба тартиб овардани муомилот дар империяи худ сикка задани тангаҳои тилло, нуқра ва мисиро бо вазни муайян таъйин кард.

Сиккаҳои тилло, ки онро "дорик" мегуфтанд, танҳо бо иҷозати шоҳаншоҳ дар зарробхонаи шоҳаншоҳӣ бароварда мешуданд ва 8,4 грамм вазн доштанд. Сиккаҳои нуқраро хушатрабонҳо ва мисро дар маҳалҳо мебароварданд. Аз соли 515 пеш аз милод дар тамоми мамлакат вазни якхелаи пул ҷорӣ карда шуд. Тангаҳои тиллоии дорик дар тӯли чандин аср арзиши умумиҷаҳонӣ доштанд ва дар муомилот мавриди истифода қарор гирифта буданд. Аммо муомилоти бештар бо тангаи нуқра сурат мегирифт, ки ченаки вазни он 5,6 граммро ташкил медод. Дар Бобул бештар пули бобулӣ, ки аз хиштчаҳои нуқра иборат буд, истифода мекарданд. Дар рӯйи хиштчаҳо мухри вазни хоси нуқраи тоза навишта шуда буд ва дар вақти хариду фурӯш бар кашида мешуд.

Муомилот бо хиштчаҳои мухрзада хеле равнақ дошт, аммо бештари тангаҳои тилло дар хазинаи шоҳ мехобиданд ва рӯйи муомилотро намедиданд. Вақте ки юнониён хазинаи шоҳии Шушро гирифтанд, дар он 40 ҳазор талант мавҷуд буд, ки бештари онро пули тилло ташкил мекард. Дар арафаи вожгунии империя дар хазинаи он 235 630 талант вуҷуд дошт. Шоҳ метавонист аз ин ҳисоб чорабиниҳои ҳарбӣ гузаронад ва давлатро аз ҳуҷуми аҷнабиён наҷот диҳад. Сиккаҳо фақат барои маоши кироягон ва дарбориён истифода мешуданд. Тангаҳои тилло аз муомилот бардошта шуда буданд, ки ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон доштанд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



*1. Чаро ислоҳоти роҳҳо гузаронида шуд?*

*2. Аҳамияти ислоҳоти ҳарбии Дориюш аз чӣ иборат буд?*

*3. Сабаби гузаронидани ислоҳоти пулиро шарҳ диҳед.*

## §43. БОЗОРГОНИИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ

Дориюши Кабир барои тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ чораҳои бисёре ба сомон расонд, ки пеш аз он вуҷуд надоштанд.

**а)** Ӯ давлати бузурге ташкил дод, ки бисёр давлатҳои ҷудогонаи қадим ба он ҳамроҳ гардиданд. Ин давлатҳо соҳиби муомилоти пешрафтаи дохилӣ ба ҳисоб мерафтанд, аммо бо давлатҳои дигар савдо карда наметавонистанд. Ин давлатҳо баъди тобеият ба як империя шароити хуби тиҷоратии дохилӣ ва хориҷиро ба даст ов振данд. **б)** Дориюш пули ягонаро ба муомилот баровард, ки он на танҳо дар дохили империя, балки берун аз он равнақ дошт. **в)** Дориюш роҳҳои тиҷоратиро таъмир ва амнияти онҳоро таъмин кард. Ҳамаи ин чорабиниҳо майдони фаъолияти тоҷирони ҷаҳонро вусъат бахшид. Соли 218 пеш аз милод бо фармони Дориюш канали Суэтс таъмир шуд ва киштиҳо ба ҳаракат даромада, ба воситаи баҳри Сурх бо халиҷи Порс ба баҳр роҳ ёфтанд. Дориюш ҳангоми лашкаркашиҳо ба Ҳинд дид, ки роҳи хушкӣ барои рафтуомад хеле мушкил аст. Ӯ роҳи баҳриро бо воситаи уқёнуси Ҳинд ва Мисру Порс омода сохт. Ба ин тариқ, тамоми роҳҳои хушкӣ ва баҳрӣ барои тоҷирон кушода шуданд ва онҳо барои хариду фурӯш ба сафарҳои дур мерафтанд. Дар роҳҳои корвонгард корвонсаройҳо сохта шуда буданд, ки дар онҳо барои одамон ва сутурон шароити зист муҳайё буд. Дар яке аз қабристонҳои Олтой матоъ ва ашёи замони Ҳахоманишиён ёфт шудаанд, ки онҳоро тоҷирони ориёӣ ба Сибир дар асри V пеш аз милод бурда буданд. Барои бозоргонӣ табиати пурфайзи мамлакатҳои дохили империя аҳамияти калон дошт. Масалан, дар Осиёи Сағир оҳан, сурб, мис, масолеҳи чӯбин, дар Миср ва Сурия рангҳо, ғалла, матоъ, машрубот, равғани зайтун, тилло, устухони фил, дар Либия ва Яман масолеҳи чӯбу тахта, мармар, рухом, дар Кипр мис, дар Ҳиндустон тилло, устухони фил, ақиқ, дар Бохтар лоҷвард, дар Юнон зарф ва ғайра истеҳсол мекарданд ва ба минтақаҳои гуногуни мамлакат мебурданд. Дар замони Ҳахоминишиён Роҳи Бузурги Абрешим кушода мешавад, ки дар даврахои минбаъда шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Дар тиҷорати дохилӣ тангаҳои мисӣ, байни хушатраҳо нуқра ба кор мерафту тилло дар бозаргонии байналмилалӣ.

**Вазъияти дохилӣ.** Аз манбаъҳои хаттӣ бармеояд, ки дар замони Дориюши Кабир барои равнақу ривоҷи зироаткорӣ боғдорӣ,

чорводорӣ ва ҳунармандӣ шароити мусоид фароҳам омад. Шоҳони ориёӣ барои ободонии мамлакат каналҳо, пулҳо ва сохтмонҳои бисёреро анҷом доданд. Шаҳрҳо ободу деҳаҳо пурфайз буданд. Дар мамлакат тартибу низоми қатъӣ ҷорӣ буд. Аз болои сарварони хушатраҳо ва шаҳру деҳот назорати давлатӣ бурда мешуд, то ки бедодгариҳо рух надиҳанд.

Дориюш дар катибаҳои Нақши Рустам ва Бесутун номи мамлакатҳоеро овардааст, ки ба империяи ӯ итоат доштанд. Мо дар ин ҷо номи кишварҳои Ориёноро меорем: Мод, Ҳуваваҷа (Хузистон), Парсува (Порс), Ҳарайва (Ҳирот), Бохтириш (Бохтар), Суғда (Суғд), Хворазмиш (Хоразм, Хева), Заранг (Систон), Ҳарахувотиш (Қандаҳор); Сатегуш (Панҷоб), Гандҳара (Кобул), Ҳиндуе (Синд), Сакоҳумварг (Сакоҳои дӯстдори ҳум), Сакотир, Бобирус (Бобул), Осуро (Ошур), Ормина (Армания), Капедука (Туркияи имрӯза), Сакотин, Тарарӯд, сакоиҳои соҳилҳои баҳри Хоразм – Азов ва ғайра. Дар ҳамаи ин вилоятҳо ориёиҳо сукунат доштанд ва ба ғайри Бобул аҳолии асосиро ташкил менамуданд.

**Вазъияти иҷтимоӣ.** Тавре ки қаблан зикр кардем, дар империя қоида ва қонунҳои бобулӣ бештар ҷараён доштанд. Дар замони Дориюши Кабир моликияти шахсӣ ба ҳукми қонун даромад. Аз мамлакатҳои забтшуда заминҳои беҳтаринро гирифта, ба хонадони шоҳӣ, ашрофони порс ва давлатмандони бузург тақсим мекарданд. Ин гуна мулкдорон аз пардохти андоз озод буданд.

Баъзе давлатмандон як вилояти бузургро соҳибӣ мекарданд ва андоз намедоданд. Дар Бобул як нафар марди порс бо номи Бағомир заминҳои корами худро ба тиҷоратхонаи Бобул – Мураш ба муҳлатаи 60 сол иҷора дода буд. Дар Копетдоғ шахсе, ки дар дастгир кардани Гавмата иштирок дошт, заминҳои ҳамаи вилоятро соҳиб шуда буд. Ин одамон бо номи «пуштибони шоҳ» маъруф буданд, ки замину шаҳрҳо ва сарватҳои бисёр, лашкар ва додситону маъмурияти шахсии худро доштанд.

Яке аз заминдорони бузург худи шоҳ буд, ки заминҳояшро ба иҷора медод. Дар ихтиёри шоҳ каналҳои бисёр, аз ҷумла дар Бохтар канали Окес, дар Сурия ҷангали чалғӯза, моҳиёни рӯди Мероид дар Миср ва даҳҳо конҳо, боғот ва қасрҳою корвонсаройҳо қарор доштанд.

Дар қасри Персеполис (Тахти Ҷамшед) ҳаррӯза 15000 одам бепул хӯрок мехӯрданд ва бештари онҳоро бенавоён ташкил медоданд.

Забону хатти давлатӣ оромӣ буд, аммо дар Миср забони маҳаллӣ ва дар Шуш забони эломӣ низ истифода мешуд. Баъди ислоҳот тамоми вазифаҳои муҳими давлатӣ дар дасти порсҳо буданд. Дар вазифаҳои дуюм ва сеюмдараҷа маҳаллиён кор мекарданд. Барои тартиб додани қонуну қоидаҳои қазоиву маъмурӣ мутахассисони мисриву бобулиро истифода мебурданд. Дар корҳои ҳуқуқиву додситонӣ асосан аз қонунҳои бобулиён кор мегирифтанд. Қоидаву қонунҳо барои тамоми мамлакатҳо як буданд. Оилаҳои давлатманди порс дар ҳар як гӯшаву канори империя заминҳои хубу ҳосилхезро соҳибӣ мекарданд.

Шоҳ ва дудмони ӯ дар тамоми сатрапҳо соҳиби замин, канал ва боғу биноҳо буданд, ки онҳоро ба иҷора медоданд. Дар заминҳои шоҳ даҳҳо ҳазор ғуломон, мардикорон ва иҷорагирон кор мекарданд. Бояд гуфт, ки ориёиҳо то ташкили давлати Ҳахоманишиён аз заҳмати ғуломон кам истифода мебурданд, аммо баробари ба ҳайати он ворид шудани давлатҳои ғуломдорӣ меҳнати ғулом ва ғуломдорӣ равнақ ёфт. Давлати Ҳахоманишиён давлати гуломдорӣ буд. Ғулом, ба монанди ҳайвонот моликияти шахсӣ ба ҳисоб мерафт, ӯро мефурӯхтанд, туҳфа мекарданд ва ин расм аз насл ба насл мегузашт. Дар тарошидани сангҳо ва сохтмони шаҳрҳои Посоргод, Шуш, Персеполис (Тахти Ҷамшед), кӯшку қасрҳои шоҳӣ ҳазорҳо ғуломон шабу рӯз кор мекарданд.

Дар ҳуҷҷатҳо вожаҳои «гарда» ғуломи хонагӣ ва «курташ» ғулом ё кирояи машғул ба корҳои саҳро ва дигар сохтмонҳо дучор меоянд. Бахше аз курташҳо оиладор буданд ва гурӯҳ-гурӯҳ кор мекарданд. Қасрҳои Персеполис дар тӯли 50 сол сохта шудаанд, ки дар онҳо се ҳазор одам машғули кор буданд. Ҳар курташ мувофиқи кораш музди молӣ, яъне орд, равған, ғалла ва ғайра мегирифт. Музди кори занон сеяк ва музди наврасон ними музди мардонро ташкил медод.

**Андозҳо.** Дориюш соли 518 пеш аз милод қонун баровард, ки ҳамаи сатрапҳо мувофиқ ба заминашон ва ҳосили он андози пулӣ медоданд. Дар муддати як сол аз 20 сатрап 7740 талант ба хазина ворид мешуд. Суғд, Бохтар, Хоразм, Порт ва Ориён (Ҳироту Систон) 300 ва сакоиҳо 250 талант андоз медоданд. Вилоятҳои мазкур ба сатрапҳои 14-15 ворид буданд. Мамлакатҳое, ки нуқра надоштанд, моли худро ба нуқра иваз карда, андоз месупориданд. Ғайр аз ин, ҳар сол дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз ва иди Меҳргон барои шоҳ гов, асп, муҷассамаҳои аз тилло ва нуқра сохташуда, инчунин, сангҳои қиматбаҳо туҳфа мекарданд.

## САВОЛҲО

*1. Дар бораи даврaи аввали ҳукмронии Дориюш маълумот дода метавонед?*

*2. Ислоҳот дар сохтори давлат, роҳу алоқа, ҳарбӣ ва моливу пулии Дориюш чӣ аҳамият дошт?*

*3. Дариюш дар бораи тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ кадом чораҳо андешид.*

## §44. ҶАНГҲО БО ЮНОНИЁН

Дориюши Кабир империяи бузурге сохт, ки аз халқҳои гуногуннажод ва дину оин ва урфиятҳои мухталиф иборат буд. Онҳо намехостанд тобеи империяи шоҳ бошанд. Дар он замон бештари шаҳрҳо давлати алоҳидаро ташкил медоданд ва сохтори демократӣ доштанд. Махсусан, мустамликаҳои юнонии халиҷу ҷазираҳои соҳили Осиёи Сағир ба муқобили давлати порсҳо шӯришҳо бардошта, тиранҳо (шоҳҳо)-и Дориюш таъйинкардаро мекуштанд ва ба ҷойи онҳо намояндагони худро мегузоштанд. Чунин шӯриш дар Милет сар зад. Шӯришчиён ба шаҳри Сард ҳуҷум карда, онро хароб ва тороҷ карданд. Лашкари ҳокими Лидия–Артафан дохили қалъа шуда, аз он ҷо бо шӯришиён меҷангад. Соли 490 пеш аз милод лашкари ориёиҳо Милетро аз баҳр ва хушкӣ муҳосира карда, шаҳрро хароб мекунад; қисме аз шӯришгаронро кушта, қисмеро ба асирӣ мегирад. Аз шӯришҳои шаҳру деҳаҳои юнонии таҳти тасарруфи ориёиҳобуда Дориюш ба хулоса омад, ки то Афинаро саркӯб накунад, оромӣ дар ноҳияи Осиёи Сағир ба вуҷуд намеояд. Бинобар ин, Дориюши Кабир ба ҳуҷуми қатъӣ ба Юнон тайёрӣ мебинад.

Соли 492 пеш аз милод лашкари пиёдагард ба воситаи Фракия ва Македония ва аз роҳи баҳрӣ бо киштӣ ба сӯйи димоғаи Афон ҳаракат мекунад. Лашкари баҳрӣ дар назди нимҷазираи Халкид ба тӯфони шадид дучор меояд ва 300 киштиву 90 ҳазор одам талаф меёбанд. Лашкари ориёӣ ночор ба Осиёи Сағир пас мегардад ва аз нав тайёрӣ мебинад.

Соли 491 пеш аз милод сафирони ориёӣ аз ҳукумати Юнон «замину об» талабиданд. Ин маънои онро дошт, ки бояд юнониҳо ба империяи ориёиҳо тобеъ бошанд ва андоз бидиҳанд. Бештари шаҳру вилоятҳо ғайр аз Афина ва Спарта ба итоат розӣ шуданд,

аммо афиниҳо ва спартаиҳо сафирони ориёиҳоро куштанд ва ба ҷанг тайёрӣ диданд. Ин баҳонаи дуюмин маротиба лашкар кашидани Дориюш ба Юнон гардид.

Дориюш мегуфт: «Мо барои танбеҳ додани саркашон ва он касоне, ки заминҳои Ориёнро дар Осиёи Сағир хароб кардаанд, меравем». Сарфармондеҳии лашкари баҳриро Донис ва хушкигардро Артафарн ба ӯҳда доштанд. Лашкар дар аввалҳои моҳи меҳр (сентябр) бо киштиҳо ба воситаи баҳр рафта, дар дашти Марафони Юнон лангар партофтанд. Марафон дар масофаи қариб 40 километрии Афина ҷой дошт. Лашкари ориёиҳо 10–15 ҳазор нафар буданд. Лашкари юнонӣ бештар 10 ҳазор нафар бо сарварии Милтиад дар мавқеи беҳтари ҷангӣ ҷой дошт. Ба ёрии афиниҳо боз чанд ҳазор нафар аз шаҳрҳои иттифоқчиён омаданд. Рӯзи 13 меҳрмоҳ муҳориба бо ҳуҷуми юнониҳо оғоз ёфт. Ориёиҳо қаҳрамонона меҷангиданд, аммо бо сабаби он ки дар ҷойи тангу номувофиқ амал мекарданд, талафоти зиёд доданд. Маҷбуран ақиб нишастанд. Сабабҳои шикасти лашкари ориёиҳо бисёр буданд: якум, лашкар имконияти гирду атрофро дидан ва мавқеи ҷангии беҳтарро ишғол кардан надошт, дуюм, тирандозон, ки дар лашкари ориёиҳо нақши муҳим мебозиданд, ба муқобили ҷавшанпӯшҳои (гоплитҳо) Юнон ҳеҷ кор карда наметавонистанд, яъне тирандозон дар ҳуҷумҳои пешравӣ – шамшеру найзазанӣ амалиёти самарабахш карда натавонистанд, сеюм, инро ҳам бояд фаромӯш накард, ки юнониҳо дар ватани худ барои истиқлолият ва ҳаёту мамоти худ меҷангиданд. Онҳо медонистанд, ки агар лашкари Дориюш ғолиб ояд, сарзамини онҳо ғорат ва мардум ғулом мешавад. Ғалабаи афиниҳо рӯҳияи мардуми Юнонро баланд бардошт ва дигар ноҳияҳо низ ба ҷанг ҳамроҳ шуданд.

Дориюш ба Ориёшаҳр баргашта, ба ҳуҷуми навбатӣ тайёрӣ мебинад. Барои ин вақт лозим буд. Соли 486 пеш аз милод дар Миср шӯриш сар зад ва дар ҳамин вақт Дориюш вафот кард. Баъди кашмакашҳои дуру дароз дар бораи писари ӯ аз духтари Куруши Кабир – Отсо Хашёршоҳи 35 сола ба тахт нишаст. Ӯ шӯриши Миср ва махсусан, Бобулро бераҳмона пахш кард. Хашёршоҳ, шоҳигарии Бобулро барҳам дода, мамлакатро ғорат кард ва ҳайкали Мардукро ба Посоргод овард.

Сипас Хашёршоҳ фармон баровард, ки барои ҳуҷум ба Юнон аз тамоми хушатраҳо сипоҳ дар шаҳри Сард гирд оварда шавад. Муаррихони қадим навиштаанд, ки лашкар аз бисёр халқҳои гу-

ногуни мамлакати пахновар гирд омад. Шумораи онҳоро тахмин мекунанд. Ба ҳар ҳол, лашкари Хашёршоҳ хеле бисёр буд ва миқдори он то ба 100 ҳазор мерасид. Ӯ фармон дод, ки аз димоғаи Афон то нимҷазираи Халкид канал кананд, то ки киштиҳо ба монанди бори аввал ба тӯфон дучор наоянд ва дар кӯҳ дар намонанд.

Барои пиёдагон дар обҳои байни гулӯгоҳ ва ҷазираҳо аз киштиҳо пул сохтанд, то ки бе душворӣ роҳ раванд. Юнониҳо низ тайёрии хуб диданд. Ин навбат юнониҳо ҳама ба муқобили ориёиҳо муттаҳид шуда, ба мубориза бархостанд.

Баҳори соли 480 пеш аз милод лашкари Хашёршоҳ бо баҳр ва хушкӣ ба сӯйи Юнон ҳуҷум кард. Юнониҳо қарор доданд, ки лашкари ориёиро дар тангии кӯҳи Фармоил пешвоз гиранд. Паҳнои роҳ барои гузаштани як ароба кифоят мекарду бас. Роҳро аз ду тараф дастаҳои Афину Спарта бо сарварии Леонид ҳимоя мекарданд. Дар давоми се рӯз юнониҳо ҳуҷумҳои пай дар пайи ориёиҳоро зада гардонданд. Баъд ориёиҳо ба воситаи ҷосусон фаҳмиданд, ки роҳи дигар низ вуҷуд дорад. Сипас лашкари юнониёнро аз қафо печониданд ва онҳо маҷбур шуданд ақибшинӣ кунанд. Спартаиҳои бисёре ба ҳалокат расиданд. Лашкари ориёиҳо Афинаро гирифт, аҳолӣ ба гирду атрофи ҷазираҳо гурехт.

Киштиҳои юнонӣ бо дарназардошти тамоми хусусиятҳои техникаи ҷангии он замон сохта шуда, дар суръат ва ҳаракат аз киштиҳои вазнини ориёиҳо хубтар ба ҳисоб мерафтанд. Ба қӯшуни баҳрии юнониён Фемистокл фармондеҳӣ мекард. Рӯзи 28 меҳрмоҳи соли 480 пеш аз милод дар назди ҷазираи Соломин дастаҳои ҳарбии баҳрии ҳар ду тараф рӯ ба рӯ омада, задухӯрд карданд. Қӯшуни ориёиҳо аз сабаби бисёрӣ дар халиҷ ба якдигар халал расонда, қобилияти чапу рост ҳаракат кардан надоштанд ва хуб ҷанг карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, юнониҳо комилан ғалаба ба даст оварданд, Хашёршоҳ бо бахше аз лашкари хушкигарди худ ба Осиёи Сағир омад. Қисми дигари лашкар бо сарварии Мардони зимистонро дар Фесал гузаронида, баҳор ҷангро идома дод. Соли 479 пеш аз милод қӯшунҳои ҳар ду тараф бо ҳам бархӯрданд. Аз сабаби мавқеи номувофиқ ишғол намудани Мардони саворагони ориёӣ ҷанг карда натавонистанд ва юнониён ғалаба карданд. Мардони ҳалок шуд ва лашкар ба талафоти зиёд дучор омада, ақиб нишаст. Сипас юнониён ба Осиёи Сағир ҳамла карданд. Ҷанг бо танаффус то соли 449 пеш аз милод давом кард. Соли 449 пеш аз милод байни юнониён ва ориёиҳо сулҳ ба имзо расид.

*Сабабҳои шикасти лашкари Хашёршоҳ:*

1. Лашкариёни ориёӣ, ба ҷуз аскарони доимӣ, назария ва амалияи ҷангиро намедонистанд. Онҳо машқҳои ҳарбӣ намекарданд ва чӣ будани онро намедонистанд.

2. Мардуми ғайриориёӣ забони якдигарро намедонистанд ва дар ҷанг амалиёти худро бо ҳамбастӣ карда наметавонистанд.

3. Мардуми ғайриориёӣ чандон манфиатдори ғалабаи Хашёршоҳ набуданд ва бо дили нохоҳам амал мекарданд.

4. Ғалабаи юнониҳоро аслан қувваҳои баҳрӣ таъмин карданд. Лашкари онҳо бо киштиҳои хурд дар мавридҳои лозима дар гирди киштиҳои ориёӣ пайдо шуда, онҳоро тирборон карда, боз фирор мекарданд.

5. Юнониҳо, чи дар баҳр ва чи дар хушкӣ, дар мавқеъ ва муҳити ба онҳо хуб шинос меҷангиданд. Ориёиҳо аз сабаби надонистани майдони ҷанг ба мушкилиҳо дучор омада, талафоти зиёд медоданд.

**САВОЛҲО**

***1. Чаро лашкари ориёиҳо дар ҷанг бо юнониҳо ба шикаст дучор омад?***

***2. Назария ва амалияи ҷангии юнониҳо аз ориёиҳо чӣ фарқ дошт?***

***3. Лашкари Хашёршоҳ аз юнониҳо чандин баробар зиёд буд, аммо шикаст хӯрд. Чаро?***

## § 45. КИШОВАРЗӢ ВА ҲУНАРМАНДӢ

**Зироат.** Дар китобҳои таърихӣ доир ба зироаткорӣ ва ҳунармандии ориёиҳои замони Ҳахоманишиён маълумоте нест, вале аз кофтуковҳои бостоншиносон дар ҳудуди Осиёи Марказӣ: Хоразм, Фарғона, Суғд, Бохтар ва Марғиён даҳҳо канал ва корезҳои замонҳои гуногун, аз ҷумла асрҳои VI–IV пеш аз милод таҳқиқ шудаанд, ки баъзе аз онҳо то 40–50 км тӯл кашидаанд.

Шоҳони Ҳахоманишӣ ба равнақи зироат ва боғу чорводорӣ аҳамияти махсус медоданд. Онҳо азхуд намудани заминаҳои навкорамро сарчашмаи муҳими иқтисодӣ меҳисобиданд ва аз ин рӯ ба мулкҳои кишоварзон рафта, ба шахсони ободгари заминҳо,

боғпарварон тухфахо медоданд ва онхоро ба кори худ дилгарм мекарданд. Ҳеродот менависад, ки дар замони Ҳахоманишиён дар рӯди Ахшох, ки онро бо Ҳарирӯд як медонанд, дар тангии дарае сарбанд сохта буданд ва бо навбат ба заминхои кишт об таксим мекарданд.

Ба ривояти Полибий дар Порт барои обёрӣ корезхо вучуд доштанд. Ҳамин тавр, манбаъхои хаттӣ ва бозёфтхои бостоншиносӣ ба он далолат мекунанд, ки дар замони Ҳахоманишиён зироаткорӣ ва боғдорӣ хеле равнак ёфта буд. Кишоварзон гандум, чав, зағир, нахӯд, наск, лӯбиё, шолӣ ва ғайра мекоштаанд.

Дар боғхо дарахтони себ, анор, анчир, олу, шафтолу, зардолу, чормағз ва амсоли инхо парвариш меёфтанд. Заминхои васеъ барои токзор чудо шуда буданд, ки дар онхо навъхои гуногуни ангур парвариш мешуданд. Аз ангур хелхои мухталифи май ва шарбат тайёр мекарданд.

Мо дар дарсхои гузашта гуфта будем, ки хукумати Ҳахоманишиён андозро мувофики хосилнокии заминхо ва боғхо меситонд. Аз ин рӯ, навъхои замини серхосил, миёнахосил ва камхосил вучуд доштанд ва мувофики хосил аз онхо боч меситонданд. Даромад аз заминхо ба хазинаи шох ворид мешуд. Дар заминхои шохӣ бештар ғуломон ва камтар кироягон кор мекарданд.

**Ҳунармандӣ.** Дар ин вакт зарфсозӣ хеле равнак дошт. Кулолон зарфхои худро дар чархи кулолӣ месохтанд ва бо рангхои сафедчатоб оро медоданд. Зарфхо хеле гуногун буданд ва онхоро дар хумдонхо мепухтанд. Зарфхои маъмулии ин давра шакли устувонавӣ (шакли геометрии силиндрӣ) ва махрутӣ (шакли конусӣ) доштанд. Ин хели зарфхо гуногунхачм буда, дар Ориёнои Шаркӣ хеле равнак доштанд Бозёфтхои «Хазинаи Амударё», ки бештар аз тилло, нукра, мис, биринчӣ, сангхои киматбахо, пайконхои оханӣ, ханчару шамшерхои оханӣ, ғилофхои



**Расми 57.** ***Бозубандхои заррин аз «Хазинаи Амударё»-и Кубодиёни Точикистон.***

устухони фил иборатанд, бар он шоҳиданд, ки санъати оҳангарӣ, махсусан, заргарӣ ба дараҷаи олӣ расида буд. Дар байни бозёфтҳо фойтуни заррине пайдо шуд, ки дар он чор асп баста шудаанд. Дар болои фойтун як нафар бо кулоҳи миллӣ дар курсӣ нишаста ва дигаре рост истода, аспҳоро меронад. Дар фойтун акси Аҳурамаздо нақш ёфтааст. Олимон чунин ақида доранд, ки он фойтунсавор фариштаи Меҳр – Митро мебошад.

Дар миёни бозёфтҳои «Хазинаи Амударё» даҳҳо ҳайкали биринҷӣ, тиллоӣ ва тиллоюнуқрагии одам, бузи кӯҳӣ, даспонаҳо мавҷуданд. Махсусан, бозубанди тилло дар акси ду симурғи шохдор ҷолиби диққат аст. Гардан, шохҳо, болҳо ва бадани симурғҳо бо сангҳои қиматбаҳо хотамкорӣ шудаанд, аммо имрӯз бисёр сангҳо афтидаанд. Бозубанд, бешубҳа, яке аз шоҳкориҳои заргарони бохтарӣ – аҷдоди тоҷикон мебошад (расми 57).



**Расми 58.** ***Тахти Ҷамшед (Персеполис).***



Расми 59. *Оромгоҳи Куруши Кабир.*

Дар хазина чандин зарфҳои заррин, муҷассамаҳои аспон, одами чавгонбоз, гавазн, мурғон, моҳӣ, лаълӣ ва миқдори зиёди тангаҳои тиллоӣ ва нуқрагини замонҳои гуногун ҳастанд. Бозёфтҳо аз санъати баланди тасвирии замони Ҳахоманишиён гувоҳӣ медиҳанд. Аксари чизҳои тасвиршуда инъикоси мавзӯъҳои асотирии мардуми ориёӣ мебошанд.

**Деҳаҳо ва шаҳрҳо.** Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ҳудуди Ориёнои Шарқӣ нишон медиҳад, ки дар замони Ҳахоманишиён садҳо деҳаҳои хурду калон вуҷуд доштаанд, ки дар баландиҳо сохта шуда, атрофашон девори муҳофизатӣ доштанд. Сарчашмаҳои юнонӣ Бохтарро, ки ба он Суғд низ дохил мешуд, «Кишвари ҳазоршаҳр» номидаанд. Албатта, мафҳуми шаҳр дар он давра аз ҳозира фарқ мекард, лекин рақами ҳазор далели он аст, ки миқдори шаҳрҳо дар арафаи ҳуҷуми макдуниён бисёр будаанд. Аз ахбори сарчашмаҳои юнонӣ ба хубӣ бармеояд, ки юнониён дар Суғду Бохтар бо деҳа ва шаҳру қалъаҳои хеле устувор ва сернуфус ҷангидаанд. Мувофиқи таҳқиқоти бостоншиносӣ шаҳри онвақтаи маркази Бохтар – Зарринасп, ки ҳоло бо номи Болоҳисор маъруф аст, 120 га заминро дар бар мегирифт ва хеле устувор буд.

Масоҳати Самарқанди замони истилои юнону макдуниҳо бештар аз 200 га заминро ишғол менамуд. Шаҳр девори ҳимоявии қавӣ ва дижи (қалъа) устувор дошт. Ба ривояти маъхазҳо шаҳри Марғиён (Марв) яке аз бузургтарин шаҳрҳо ба ҳисоб мерафт ва аз шаҳристон ва диж иборат буд.

Искандар дар вақти ҷангҳои хунини худ дар ҳудуди Истаравшан ҳафт шаҳрро пай дар ҳам хароб кард, ки бузургтарини онҳо Курушкада буд. Мувофиқи гуфтаи Ариан, дар Курушкада 18 ҳазор нафар гирд омада, ба муқобили Искандар ҷангидаанд.

Дар маъхазҳои юнонӣ шаҳри бузурги Навкат зикр мешавад, ки дар Нахшаби Суғд будааст. Дар ин шаҳр Искандар зимистонро мегузаронд.

Кофтуковҳои бостоншиносӣ дар харобаи Тахти Сангин дар ноҳияи Қубодиён, аз он ҷое, ки соли 1878 «Хазинаи Амударё» ёфт шудааст, нишон доданд, ки шаҳр масоҳати 100 га заминро дар

бар мегирифт. Дар ин чо маъбади бузургдошти рӯди муқаддаси ориёиҳо Вахш (Охшо) сохта шуда буд. Маъбад дар соҳили рост, дар чойи бо ҳам пайвастани рӯдҳои Панчу Вахш чой дорад. Рӯди Вахш (Охшо)-ро олимон ба рӯди муқаддаси авестоии Вангуҳи Доитиё як медонанд, ки дар Арианаваейча чой дошт.



**Расми 60.** ***Чом.***

Бостоншиносон танҳо дар ноҳияи Қубодиён панч шаҳри замони Ҳахоманишиёнро пайдо кардаанд, ки дорои тамаддуни баланд будаанд.

Осори шаҳрҳои замони Ҳахоманишиёнро дар Данғара, Кӯлоб ва Фархор низ таҳқиқ кардаанд. Сарчашмаҳои юнонӣ аз ду истеҳкоми кӯҳҳои Суғд ва Бохтар ёдовар шудаанд, ки дар онҳо мардумони зиёд гирд омада, зидди юнону мақдуниҳо чангидаанд ва муқобилияти сахт нишон додаанд.

Аз кофтуковҳои бостоншиносӣ ва ахбори маъхазҳои юнонӣ, махсусан, чойҳои муҳорибаи ориёиҳо бо ғоратгарони юнону мақдунӣ маълум мешавад, ки сарзамини Ориёнои Шарқӣ дорои садҳо шаҳр ва ҳазорҳо қалъаҳои устувор будааст. Тавре ки баъдтар мебинем, баъзе қалъаҳо чунон устувор будаанд, ки душман дар гирифтани онҳо очиз мондааст. Мамлакат ободу хуррам ва зиндагонии мардум хеле хуб буд.

## САВОЛҲО

1. *Кадом навъи зироатҳо кишт карда мешуданд?*
2. *Шоҳони Ҳахоманишӣ чаро ба ободонӣ ва махсусан, дар ҳаққи барзгарону богдорон гамхорӣ мекарданд?*
3. *Таърихшиносони юнонӣ чаро Бохтарро «кишвари ҳазоршаҳр» номидаанд?*
4. *«Хазинаи Амударё» аз кадом минтақаи кишварамон пайдо шуд ва он кадом бозёфтҳо дошт?*

## §46. ФАРҲАНГИ ОРИЁИҲО ДАР ЗАМОНИ ҲАХОМАНИШИЁН

**Маълумоти умумӣ.** Тавре ки аз дарсҳои гузашта огоҳӣ доред, Куруш ва Дориюши Кабир дар ҷаҳони онвақта аввалин давлати бузурги ориёиҳоро ташкил карданд, ки дар ҳайати он 70 халқи дорои забону дину оинҳои мухталиф мезистанд. Шоҳони ориёӣ ба ҳамаи онҳо муносибати демократӣ доштанд. Онҳо мувофиқи дину оини худ озодона зиндагонӣ мекарданд. Дар ҳудуди давлати паҳновари ориёиҳо муносибатҳои дӯстонаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ҳукмфармо буданд. Ин вазъият ба омезиши фарҳангҳо, таъсири мутақобилаи ривоҷи онҳо ва равнақи иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳунармандӣ сабаб гардид.

**Дини ориёиҳо.** Дар бораи дини шоҳони Ҳахоманишӣ, махсусан, Курушу Дориюш ақидае вуҷуд дорад, ки онҳо аз оини Зардушт огоҳӣ надоштанд. Аммо як чиз мусаллам аст, ки онҳо таассуби динӣ надоштанд ва халқҳоеро, ки ба зери тасарруф медароварданд, ба эътиқодоти онҳо эҳтиром мегузоштанд, яъне худоёни бузурги онҳоро бузург ва одобу тоату ибодати ононро ба ҷо меоварданд. Ин буд, ки ҳамаи халқҳои ғайриориёӣ Курушу Дориюшро ҳамкеши худ меҳисобиданд. Аммо ин маънои онро надорад, ки барои онҳо ҳамаи динҳои худию бегона як буданд. Куруши Кабир ва Дориюш сиёсатмадорони дурандеш буданд, онҳо аз лиҳози сиёсат ба зердавлатони худ муносибати одилона дош-танд, то дар империя низоъу нооромиҳо рӯй надиҳанд.



**Расми 61.** ***Акси порсҳо ва модҳо дар девори Тахти Ҷамшед.***

Аз тарафи дигар, аз маъхазҳои юнонӣ ва катибаҳои ҳахоманишӣ чунин бармеояд, ки порсҳо ва модҳо мувофиқи табақоти иҷтимоӣ пайрави дини зардуштӣ буданд. Шоҳон Аҳурамаздоро офарандаи Замину Осмон ва олами ҳастӣ медонистанд. Онҳо мегуфтанд, ки Аҳурамаздо моро ба дунё барои



**Расми 62.** ***Муҳри Дориюши Кабир, ки дар он шеронро шикор кардани шоҳ тасвир ёфтааст.***

ҳукмронӣ фиристодааст. Оташ ин нури ӯ дар Замин аст. Офтоб (Митро) байни олами боло ва поён қарор дорад.

Ситоиши Аҳурамаздо хоси дини Зардушт мебошад. Дар диёнати Маздаясно хок, об, оташ ва бод чор унсури бузург ба ҳисоб мерафтанд. Ҳайвонотро қурбон намекарданд.

Диёнати муғон умумияти ҳиндуориёнӣ дошт. Масалан, шоҳон мурдагони худро дар дахмаҳои сангин гӯр мекарданд ва муғон низ мурдаҳоро дар дахма мегузоштанд ё ба парандагон медоданд.

Таҳқиқоти илмӣ дар боби дини қадими ориёиҳои ғарбӣ шаҳодат медиҳанд, ки шоҳони Ҳахоманишӣ аз Зардушт ва «Авесто» огоҳӣ доштанд. «Авесто»-ро бо хатти меҳӣ китобат намуда буданд.

**Меъморӣ ва сохтмон.** Шоҳони Ҳахоманишӣ, махсусан, Дориюши Кабир ва Хашёршоҳ барои худ қасрҳои боҳашамат сохтаанд. Осори биноҳои онҳо дар Тахти Ҷамшед, Шуш ва Посоргод боқӣ мондаанд. Ҳеродот менависад, ки порсҳо аз мероси дигарон хуб истифода мекунанд. Дар ҳақиқат, санъати сангтарошӣ ва истифодаи онро ориёиҳои ғарбӣ аз ҳамсоягони худ ошуриҳо ва дигарон касб кардаанд.

Шоҳони Ҳахоманишӣ дар сохтмони қасрҳои худ аз меъмории Бобулу Ошур, Мисру Юнон ва Осиёи Сағир истифода бурдаанд. аммо дар сохтани дар, аркҳо, сарсутунҳо, паллаҳои бисёрзина, ороиши намоҳои бино инъикоси асотири милии ориёӣ мушоҳида мешавад. Масалан, сарсутунҳо бо муҷассамаҳои барзагов ороиш

доранд, ки хоси меъмории ориёиҳост. Гов дар асотири ориёӣ рамзи бузургӣ, тавоноӣ ва қудрати нажодии ориёиҳо мебошад. Аксҳои симурғ, шер, мурғон, моҳӣ низ аз асотири ориёиҳо омадаанд, ки дар меъмории Ҳахоманишиён ва минбаъд истифода гардидаанд. Дар сохтмонҳо, бешак, устоҳои ошурӣ, бобулӣ, мисрӣ ва юнонӣ иштирок доштанд ва сабки онҳоро мо дар сохтмони биноҳои сангӣ мушоҳида мекунем.

Ҳамаи шоҳон барои худ қаср ва ҳарамсарои ҷудогона сохта буданд, аммо аз сабаби он ки онҳо аз хишти хом буданд, то ба замони мо нарасидаанд.

Дар меъмории шоҳони Порс, пеш аз ҳама, таъсири меъмории модҳо ба назар мерасад, ки инро мо дар нақшаи шаҳрҳо ва намуди сохтмони қасру хонаҳои истиқоматӣ мушоҳида мекунем. Масолеҳи асосии сохтмонро хишти хом, сангҳои тарошида ва пӯширо чӯб ташкил медод.

Дар қасри Дориюш (дар Шуш) чӯби дарахти чалғӯзаро аз Лубнон ва обнусро аз Миср овардаанд. Сангҳои тарошидаро дар бунёди деворҳо, паллаҳои бисёрзина, дар сутунҳои баланд, муҷассамаҳо ва ғайра истифода кардаанд. Сангҳои тарошидаи бузургро бо меҳҳои оҳанӣ мепайвастанд. Биноҳо, шаҳрҳо ва қасрҳо бештар бо девору бурҷҳои ҳимоявӣ сохта мешуданд. Намунаи беҳтарини меъмории замони Ҳахоманшиён қасрҳои Тахти Ҷамшед мебошад.

Шаҳри Персеполис (Тахти Ҷамшед) маркази дуюми империя ба ҳисоб мерафт. Дар он осори қасрҳои бузурги замони Дориюш ва Хашёршоҳ, ба монанди толори 100, 40, 36 сутуна, биноҳои 40–30 сутундор боқӣ мондаанд. Дар сутунҳо муҷассамаи барзаговҳо, говшоҳ (яъне гови бо рӯйи одами риштдор), шер ва амсоли инҳо вуҷуд доранд, ки рамзи бузургии ориёиҳоро ифода мекунанд. Дар девори зинаҳои ба қаср воридшаванда расмҳои барҷастаи халқҳои дар ҳайати империя буда кандакорӣ шудаанд. Муҷассамаҳо бо либосҳои миллӣ ва туҳфаҳои барои шоҳ оварда акс гардидаанд (расми 56 а).

Дар Посоргод мақбараи Куруши Кабир боқӣ мондааст, ки аз сангҳои тарошида дар болои бунёди сезина сохта шуда 3,16 ба 2,13 м қаду бар дорад. Баландии мақбара 11 м аст.

Шоҳони Ҳахоманишӣ баъди Куруш мувофиқи дини аҷдодияшон қабрҳои худро дар кӯҳ кандаанд, ки пешайвони онҳо бо сутунҳои бошукӯҳ, нақшҳо ва расму катибаҳо оро дода шуда-

анд. Иморат, қаср, қабр, катиба ва муҷассамаҳо ҳама осори моддии замони бузургии ин империяи ҷаҳониро дар худ таҷассум кардаанд.



### САВОЛҲО ВА СУПОРИШ

*1. Дини ориёиҳои ғарбӣ аз шарқӣ чӣ фарқ дошт?*
*2. Хусусиятҳои миллии ориёиро дар меъмории Ҳахоманишиён чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст?*
*3. Дар бораи Тахти Ҷамшед нақл намоед.*
*4. Номи аслии Тахти Ҷамшед чӣ буд?*

## §47. ХАТ ДАР ДАВРАИ ҲАХОМАНИШИЁН

Хатҳо аз лиҳози шаклу такомул ба се навъ тақсим мешаванд: ҷумлавӣ, ҳиҷоӣ ва ҳарфӣ-овозӣ, ки ҳар кадом марҳалаеро аз сар гузаронидааст. Аввал хатти аксӣ ба вуҷуд омад, ки барои ҳодисаро фаҳмондан чандин расм мекашиданд. Баъд хатҳои ҳиҷоӣ пайдо шуданд. Охирон хатҳои ҳарфии овозӣ пайдо шуданд. Аввалин катибаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ бо хатти мехӣ навишта шудаанд ва ин хатти мехӣ-форсӣ дар асоси хатти мехии оромӣ тартиб ёфтааст. Масалан, катибаи машҳури кӯҳи Бесутун бо хатти мехӣ ба забонҳои қадими ориёӣ (порсии қадим), эломӣ ва ошурӣ навишта шудааст. Ҳар забон дорои аломатҳои худ будааст. Масалан, хатти эломӣ дорои 300 ва ошурӣ 700 аломатанд. Хатти ба забони ориёӣ навишташуда 43 аломат дорад ва хатти ҳиҷоӣ мебошад ва бори аввал бо ин хат "Авесто" навишта шуда буд. Бо ин хат тамоми катибаҳои Доро ва Хашёршоҳ дар кӯҳҳо канда шудаанд. Забони давлатӣ байни халқҳои империя оромӣ буд, ориёиҳо бо забони худ такаллум менамуданд ва ниҳоят забони мардуми Форс забони умумии мардумони империя мешавад.

**Дабистонҳо, варзиш.** Мувофиқи гуфтаи Ҳеродот, ориёиҳо аз 5-солагӣ кӯдаконро ба дабистон медоданд ва хатту саводро меомӯзониданд. Рӯзи ба мактаб рафтан як маросими бошукӯҳ буд. Пеш аз он ба кӯдак либоси намозӣ садра ва куштӣ мепӯшониданд ва муъбад дуову фотиҳа медод ва баъд либоси мактабӣ ба бар мекард. Дар дабистон дарсҳо ҳамаи илмҳо: табиатшиносӣ, тиб, таърих, адабиёт, тозагиву покӣ ва диниро дар бар мегирифт.

Дар дабистонҳо ба варзиш диққати махсус дода мешуд, ба бачаҳо аспу тиру камон тӯҳфа менамуданд. Ин тӯҳфаҳо рамзӣ буданд, аммо ба кӯдакон аз хурдӣ аспсавориро меомӯзониданд ва мард ҳамчун муҳофизи ватан бояд савори моҳир мебуд. Ориёиҳо дар този асп ба душман бехато тир мезаданд. Синни 15-солагӣ барои ориёиҳо синни балоғат ба ҳисоб мерафт ва марду зан дар ин айём бояд аз уҳдаи ҳамаи корҳои лозимӣ мебаромаданд. Масалан, ҷавон аз уҳдаи аспсаворӣ, тирандозӣ, шамшеру гурззанӣ, мубориза бо ҳариф мебаромад. Дар ин синну сол ҷавонон хонадор мешуданд ва духтарон бояд ҳамаи пухтупази хонадориро метавонистанд.

Яке аз бозиҳои маҳорати паҳлавонӣ, чобукӣ, нотарсӣ, аспсаворӣ, назария ва амалияи ҷангиро нишон додан ин чавгон буд. Агар нафаре мехост зуру тавоноии ҳарифи худро бисанҷад, ӯро ба бозии чавгон даъват менамуд. Масалан, вақте Сиёвуш ба назди Афросиёб меояд, бародари ӯ Гарсеваз бо рашк мехоҳад тавоноии вайро дар бозии чавгон бисанҷад. Ва Сиёвушро ба бозии чавгон водор менамояд, дастаи Сиёвуш бар дастаи Гарсеваз дастболо мешавад. Ба чавгонбозӣ на танҳо мардон, балки ҷавонзанон низ машғул буданд ва аз мардон камӣ надоштанд. Аз сарчашмаҳо бармеояд, ки ба чавгонбозӣ бештар ҷавонони дастаҳои ҳарбӣ машғул буданд ва баъзан ду дастаи калон бо якдигар рақобат мекарданд. Чавгонбозӣ на танҳо бо асп, балки пиёда хеле равнақ дошт. Бозиҳои шатранҷ, пойга, тирандозӣ, гуштигирӣ, буҷулбозӣ, нард аз қадим машҳур буданд ва то кунун вуҷуд доранд.

**Тангаҳо.** Таърихнигорон чунин ривоят мекунанд, ки бори аввал сикказанӣ дар Осиёи Сағир дар асри VII пеш аз милод ба вуҷуд омадааст. Баъзеҳо онро ба шоҳи Лидия ва баъзеҳо ба юнониёни ҳамин минтақа нисбат медиҳанд. Дар давлати Ҳахоманишиён аввалин тангаҳои тиллоӣ бо номи «дорик» пайдо шуданд. Дар болои он аксе тасвир шуда, тирандози ориёӣ Ораш якзону ба замин зада, зеҳи камонро мекашад.

Дар замони Ҳахоманишиён забони оромӣ забони расмӣ ба ҳисоб мерафт. Хат аз чап ба рост навишта мешуд.

Ғайр аз ин, тангаҳои нуқрагӣ дар муомилот буданд. Тангаҳои биринҷиро дар вилоятҳо мебаровარданд. Тангаҳои тилло ва нуқра пули байналмилалӣ ба ҳисоб мерафтанд.

**Воҳидҳои андозагирӣ.** Инсон аз қадим кӯшидааст, ки вақти кор ва рафтори худро муайян созад. Масалан, юнониҳо аз вақти баромадани аввалин шуоъи офтоб то намоён шудани доираи он ба воситаи қадам муайян карда, онро стади номидаанд, ки ба 192 м баробар аст. Ориёиҳо масофаи роҳро бо парсанг (фарсанг) муайян кардаанд, ки он ба 5760 м рост меомад. Ин масофа роҳи яксоатаи пиёдагард мебошад ва он масофаи биниши чашм аст, яъне одам бо чашм масофаи як фарсангро хуб мебинад.



***Расми 63.*** ***Сиккаи тиллоии шоҳ Доришши Бузург "дорик" бо расми шоҳ бо камонгулак***

Андозагирии вазн аввалин бор дар Миср ба вуҷуд омадааст. Дар Ориёно «ман» мегуфтанд, ки аз ду бахш иборат буд: мани модӣ – 561 грамм ва мани порсӣ – 418 гр. Ченаки вазни «ман» то рӯзгори мо боқӣ мондааст.

Дар замони Ҳахоманишиён таланти тилло аз 25 кг ва нуқра аз 33 кг иборат буд.

Барои воҳиди маводи моеъро муайян сохтан, ченаки артаба ҷорӣ буд, ки модии он 52 литр ва порсии он ба 55 литр рост меомад.

## САВОЛҲО



*1. Дини ориёиҳои ғарбӣ аз шарқӣ чӣ фарқ дошт?*

*2. Шаҳрҳои марказии давлати Ҳахоманишиён кадомҳоянд?*

*3. Хусусиятҳои миллии ориёиро дар меъмории Ҳахоманишиён чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст?*

*4. Кадом навъи тангаҳо - сиккаҳо дар давлати ориёиҳо ба кор мерафтанд?*

# БОБИ V
# ДАВЛАТИ ЭЛЛИНҲО ДАР ОРИЁНО

## § 48. ҲУҶУМИ ИСКАНДАРИ МАҚДУНӢ БА ОРИЁНОИ ҒАРБӢ

**Маълумоти умумӣ.** Подшоҳоне, ки баъди Дориюши Кабир ба тахти ориёиҳо нишастаанд, дар бораи тараққиёту бехатарии империя ғамхории лозима зоҳир намекарданд. Онҳо саргарми кайфу сафо ва банди мунокишаҳои дарборӣ ва машғул ба куштани ҳарифони наздики худ буданд. Соли 358 пеш аз милод баъди марги Хашёршоҳи II Хашёршоҳи III ба тахт нишаст. Ин марди шуҷоъ буд ва хост ҳудуди империяро барқарор кунад. Ӯ ба шӯришҳои Осиёи Сағир, Ошур ва Миср хотима бахшида, касеро итоат намекард, ҷазо дод. Аммо соли 337 пеш аз милод бо фармони хоҷасарои шоҳӣ – Багия табиби шахсӣ ба Хашёршоҳи III заҳр дода, ӯро мекушад. Баъди як сол писарашро мекушанд ва дудмони шоҳиро ба нестӣ мерасонанд.

Дар ҳамин вақт авҷи тараққиёти давлати Македония (Мақдуния) шурӯъ мешавад. Шоҳи он Филиппи II Юнонро гирифта, лашкари бузурге гирд меоварад ва барои аз ориёиҳо қасоси лашкаркашиҳои Дориюш ва Хашёршоҳро гирифтан тайёрӣ мебинад. Сиёсатмадорони юнонӣ бо сарварии Аристобус беҳбудии мардуми Юнонро дар забт намудани Осиёи Сағир ва лашкаркашиҳо ба давлати ориёиҳо медиданд. Юнониҳо аз суст шудани давлати Ориёно хуб огоҳӣ доштанд, дарбори Ҳахоманишиён пур аз ҷосусон ва ғуломони юнонӣ буд, ки ҳаррӯза воқеаҳои мамлакатро ба Юнон хабар медоданд.

Соли 334 пеш аз милод лашкари Искандар ба Осиёи Сағир даромад ва аввалин муҳориба дар назди рӯди Сраник бо қувваи якҷояи хушатраҳои ин ҷо ба вуқуъ пайваст, ки бо ғалабаи мақдуниҳо хотима ёфт. Муҳорибаи дуюм соли 333 пеш аз милод дар назди Исса ба амал омад, ки ба он Дориюши III сарварӣ мекард. Дар ин ҷо лашкари ӯ шикаст хӯрд, зану фарзандаш асир афтоданд ва худаш гурехт. Дар ин ҷанг хазинаи хароҷоти ҷангии Дориюш ба дасти мақдуниҳо ғанимат афтод. Искандар ба Миср

рафта, онро бечанг гирифт ва шаҳри Искандарияро бунёд кард. Дар ин ҳуҷумҳо Искандар ба Куруш пайравӣ мекард, мардумонро озод менамуд ва дар Миср бо русуми онҳо тоҷгузорӣ кард.

Дар ин муддат Дориюши III лашкари бисёре гирд овард ва метавонист муқобилат нишон диҳад, аммо ӯ тарсид ва Искандарро ба сулҳ ва додани Мисру Осиёи Сағир бо 10 ҳазор талант даъват кард. Искандар тамоман таслим шуданро шарт гузошт. Соли 331 пеш аз милод муҳориба дар назди Гавгамел рух дод. Дар ин ҷанг лашкари ориёиҳои шарқӣ, ки аз сакоиҳо ва бохтариҳо иборат буданд, ба сипоҳиёни Искандар борҳо шикаст медиҳанд, аммо баъзе бахшҳои дигар шикаст хӯрда, Доро боз мегурезад. Искандар Шуш, Бобул ва Тахти Ҷамшедро мегирад. Тахти Ҷамшедро тороҷ карда, комилан месӯзонад. Хазинаи шоҳӣ, ки дар он даҳҳо ҳазор тангаи тилло ва нуқра буд, ба дасти душман меафтад. Дориюш ба Шарқ фирор мекунад.

**Вазъият дар лашкари Искандар баъди фатҳи Ориёнои Ғарбӣ.** Тавре ки қаблан зикр карда будем, мақсади ҷанги юнониён ба муқобили ориёиҳо ин қасоси юнониён ва харобиҳои дар Эллада кардаи Хашёршоҳи аввалро гирифтан буд. Ғорат ва сӯзонидани маркази салтанати ориёиҳо шаҳри Персополис (Тахти Ҷамшед), кушта шудани Дорои III ва ба даст омадани хазинаи империя ин нишонаи ба мақсад расидани юнониён ва мақдуниҳо ба ҳисоб мерафт. Онҳо ҷангро бас карданӣ буданд, аммо Искандар худашро подшоҳи порсҳо ҳисобида, ҷангро давом доданӣ шуд. Ӯ мақсад гузошт, ки тамоми хоки империяро бояд забт намояд. Сарбозон аз ҷангҳои дуру дароз монда шуда, ба муқобили давом додани ҷанг баромаданд. Искáндар сарлашкарон ва гурӯҳҳои зид баромадаро ҷазои сахт дод. Ҳокими Порт мамлакатро бечанг ба Искандар таслим кард ва мансабашро нигоҳ дошт. Искандар ашрофони Порсро боз ба вазифаҳояшон барқарор мекард. Таҷаммули шоҳони Ҳахоманишӣ ба Искандар хуш омад. Порсҳо ӯро чун худо мепарастиданд. Минбаъд хост, ки юнониҳо ва мақдуниҳо низ ба ӯ таъзим кунанд. Ин рафтори Искандар ба ҳамразмонаш маъқул наафтод ва борҳо ба ӯ суиқасд карданд.

Вақте ки Искандар ба Бохтару Суғд даромад, сипоҳиёни ин диёр ба ӯ муқобилати ғайричашмдошт нишон медоданд. Ба хотир оред, ки дастаҳои Ориёнои Шарқӣ дар ҷанг хеле афзалият доштанд.

**Назария ва амалияи ҷангии юнониён дар Ориёнои Шарқӣ.** Юнониву мақдуниҳо ба ҷанги зидди ориёиҳо хуб тайёрӣ дида бу-

данд. Онҳо тарзи размори (ҷангкунӣ)-и ориёиҳоро хуб медонистанд ва барои шамшерзанони савора сафи қатораи найзадоронро (дарозии найзаҳо 4–5 метр) пешниҳод карданд, ки саворагон ба онҳо наздик шуда наметавонистанд. Барои тирандозони сакой ҷавшанпӯшии сар то пойи аспон ва саворагонро омода намуданд, ки тир аз масофаи дур ба он таъсир намерасонд. Искандар барои аз паҳлуҳо рахна накардани саворагон ва тирандозони ориёӣ ҳамин зиреҳпӯшон ва найзадоронро мегузошт, ки қувваҳои сабуксилоҳи ориёӣ дар муқобили онҳо ҳеҷ кор карда наметавонистанд. Юнониён ва мақдуниён ҷанговарони касбӣ ва ҷисман бақуввату тобовар ба ҷангҳои дуру дароз буданд. Лашкари ориёиҳо барои бо чунин душман ҷангидан тайёр набуд. Барои сафи юнониёни вазнинсилоҳро рахна намудан, ягон чора надиданд. Акнун вақте ки лашкари Юнону Мақдунӣ ба Суғду Бохтар омад, назария ва амалияи ҷангии ориёиҳои шарқӣ тағйир ёфт. Онҳо дар ҷангҳои Ориёнои Ғарбӣ иштирок намуда, назария ва амалияи лашкари Искандарро омӯхта, бо онҳо чӣ тавр рафтор карданро медонистанд. Силоҳи юнониҳо шамшер ва сипару найзаи дароз буд. Силоҳҳои ҳимоявӣ аз сипар, ҷавшан, тоскулоҳи оҳанӣ иборат буд. Ориёиҳои шарқӣ тиру камон, жӯпин, табарзинҳои дусара ва яксара (сагарис), найза, шамшерҳои дароз ва ханҷар (карта, акинак), либоси ҳимоявии ҷавшан, тоскулоҳ ва сипар доштанд. Бояд гуфт, ки ҷавшан ва зиреҳҳои юнонӣ сифатан беҳтар буданд. Искандар низ аз назария ва амалияи ҷангии ориёиҳои шарқӣ огоҳӣ дошт. Юнониҳо махсусан аз гурезҷанги сакоиҳо метарсиданд. Сакоиҳо гӯё шикаст хӯрда мегурехтанд ва вақте ки сафи душман парешон мешуд, боз гашта ба чобукӣ тир меандохтанд ва найза мезаданд.




**Расми 63 а. *Ҳуҷуми ғоратгаронаи Искандар ба Ориёно.***

**Муборизаи Бесс ба муқобили мақдуниҳо.** Ҳамаи нобарориҳои ориёиҳо дар ҷанг бо лашкари Юнону Мақдунӣ ба дӯши Дорои III гузошта шуд. Ӯ ҳамчун шахси тарсончаку нолоиқ аз тарафи сарварони лашкари ориёӣ сарнагун гардид ва ба ҷойи вай Бесс – ҳокими Бохтар, ки дар ҷанги юнониҳо ба дастаҳои ориёиҳои Суғд, Бохтар ва сакоӣ фармон медод ва ба лашкари Юнону Мақдунӣ борҳо шикаст дода буд, ба унвони Хашёршоҳи Осиё эълон гардид. Бесс мегуфт, ки мо қувва ва имконият дорем, ки лашкари Искандарро шикаст диҳем ва ӯро аз мулки худ дур андозем. Вай аз сакоиҳо, бохтариҳо, суғдиҳо ва ҳиротиҳо лашкар гирд овард. Лашкари Искандар дар Гиркан (Гургон) муқобилати сахт дид, аммо Портро беҷанг гирифт ва ҳокими он Пратофарнро боз дар вазифааш монд.

Искандар аз Порт ба воситаи роҳи Ҳарирӯд ба Ҳирот омад ва азбаски ҳокими он Сатибарзан ба ҷанг тайёр набуд, сулҳ хост ва дар ҷояш монд. Вақте ки лашкари Искандар ба Бохтар наздик омад, хабар расид, ки Сатибарзан дастаи юнониҳоро торумор карда, ба муқобили мақдуниҳо шӯридааст. Искандар таъҷилан ақиб гашта ба маркази Ориён–Артакан омад, аммо Сатибарзан беҷанг бо роҳи дигар барои ҳамроҳ шудан ба лашкари Бесс меравад. Искандар шаҳрро хароб карда, аҳолиро қисман кушта. қисман ғулом мекунад. Баъд ҳамаи шаҳрҳои Ориёноро ба харобазор табдил медиҳад. Ӯ ба ноҳияҳои Дарангиён, Хедрос ва Арахос лашкар кашида, онҳоро низ хароб мекунад. Дар ин вақт Бесс Сатибарзанро боз бо 2 ҳазор нафар аскар мефиристад, ки қувваҳои Искандарро нигоҳ доранд. Дар ҷанг Сатибарзан кушта мешавад. Лашкари Искандар ба воситаи Ҳиндукӯҳ ба Бохтар меояд. Дар ағабаҳои мушкилгузари ин кӯҳ Бесс ба Искандар монеъ нашуд, ки ин яке аз хатоҳои ӯ буд.

Искандар маркази Бохтар – шаҳри Зарринаспро гирифта, ба гузаргоҳи Килеф омад. Бесс на дар Бохтар ва на дар гузаргоҳ роҳи сипоҳи Юнону Мақдуниро нагирифт ва ба Навкати Суғд омад. Ин боиси норозигии шарикони ӯ шуд. Бинобар ин, Спитамен, сарлашкари Суғд ӯро ба беғайратӣ гунаҳгор сохта, дасту пояшро баста, ба сарлашкари Искандар – Птолемей месупорад. Спитамен бо ин восита мехост ҳуҷуми юнониҳоро кашол диҳад ва худаш тайёрӣ бинад.

**САВОЛҲО**

*1. Сабабҳои шикасти лашкари Дорои III дар чӣ буданд?*
*2. Чаро юнониҳо баъди Персеполис (Тахти Ҷамшед)-ро гирифтан дигар ҷанг кардан намехостанд?*
*3. Назария ва амалияи ҷангии ориёиҳо аз юнониён чӣ фарқ дошт?*
*4. Чаро Бесс бо Искандар ҷанг накард?*

## §49. МУБОРИЗАИ СПИТАМЕН БО ИСКАНДАР

**Забт шудани Самарқанд.** Спитамен дар натиҷаи мунокиша бо Бесс ва дигарон ба муқобили Искандар қувваи лозима ҷамъ карда натавониста, ба сӯйи номаълуме меравад. Искандар ба осонӣ Навкат–маркази Суғди Ҷанубиро гирифта, шаҳрро ғорат кард, аз маҳаллиён хӯрок ва алафи барои чорво захира кардаашонро ситонида, деҳаҳояшонро хароб мекунад. Ориёиҳо фаҳмиданд, ки ғоратгарони мақдунӣ нисбат ба онҳо ҳамчун ғулом муносибат мекунанд ва заминашонро соҳиб шуданианд. Куштори мардум ва ғорати шаҳру деҳаҳои осоишта ориёиҳои кишоварзро бо тӯрҳо (сакоиҳои чорводор) муттаҳид ва ба мубориза сафарбар сохт. Искандар ба сӯйи маркази Суғд – шаҳри Самарқанд ҳаракат карда, дар роҳ деҳаҳоро ғорат мекарду месӯзонд. Искандар дар натиҷаи ҷанг шаҳрро ишғол ва деҳаҳои гирду атрофро хароб мекунад. Дар Самарқанд дастаҳои худро гузошта, ба сӯйи Фарғона равон мешавад. Ориёиҳо дар роҳҳо ба дастаи пешрави Искандар ҳуҷум карда, онҳоро нобуд сохта, худ дар қуллаи кӯҳ камин мегирифтанд. Ба ривояти Ариан, қувваҳои Искандар кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, ки яке аз қалъаи ишғолнамудаи суғдиёнро фатҳ кунанд. Азбаски онҳо дар ҷойи мувофиқ камин доштанд, ба лашкари Юнону Мақдуниҳо талафоти зиёд мерасонданд. Баъди муҳосира ва ба даст омадани қалъа аз 30 ҳазор ҳимоягари зану мард танҳо 8 ҳазор боқӣ монданд. Мардон таслим шуданро нахоста, худро аз кӯҳ партофтанд.

**Муҳориба бо ҳафт шаҳри водии Силас (Сир).** Лашкари Искандар то Хуҷанд омада, бо сакоиҳои ин диёр меҷангид ва дар ин ҷо шаҳри Искандарияи Ақсоро бунёд мегузорад. Ин нуқтаи охирини империяи ӯ шуд. Вай аз тарси тӯрҳо дигар ба дохили Паракана (Фарғона) рафта натавонист. Вақти дар Хуҷанд буданаш ҳафт шаҳри соҳили рӯди Сир шӯриш бардоштанд. Маъхазҳои юнонӣ танҳо дутои он – Газа ва Куркатро ном бурда, панҷтои дигарро

ном нагирифтаанд. Аз ҳамин ҷиҳат дар байни олимон дар бораи дар куҷо ҷой доштани онҳо фикрҳои мухталиф мавҷуданд. Аз матнҳои юнонӣ бармеояд, ки шаҳрҳо дар хатти роҳи корвонгард дар масофаи начандон дур аз соҳили чапи рӯди Сир ҷой доштанд. Аз ҳама калонтарин ва устувортарини онҳо Куркат буд, ки онро юнониён Киропол (Курушобод) ном доданд. Шаҳр дар болои кӯҳ ҷой гирифта, гирдаш девори мустаҳкам дошт.

Дар Куркат занон ва мардони шӯришгари бисёре гирд омада буданд. Бинобар ин, Искандар ба он ҷо лашкаркаши ботаҷриба Кратерро мефиристад, то ӯ Кирополро муҳосира намояд ва ба он ҷо омадани шӯришгарони дигар ноҳияҳоро монеъ шавад. Худи Искандар бо лашкараш аввал ба шаҳри Газа меояд. Дар зери борони тири деворшиканҳо, фалахмонҳо, пайконҳо деворҳои шаҳр шикаста меафтанд, хунхӯрони мақдунӣ вориди қалъа шуда, мардҳоро кушта, занон ва кӯдаконро ғулом карда, бо ғанимати зиёд ба шаҳри дигари наздики Газа ҳуҷум мекунанд ва худи ҳамон рӯз онро низ ба даст меоранд. Искандар мардонро қатл ва занону кӯдаконро ғулом мекунад. Лашкари гарони Юнону Мақдунӣ дар муддати ду рӯз панҷ шаҳри шӯридаро хароб намуда, мардонро қатл ва занону кӯдаконро ғулом мекунад.

**Муҳорибаи Куркат (Курушкада).** Искандар баъди ғорату тороҷи панҷ шаҳр бо ғазаби даҳчанд сӯйи Куркат мешитобад. Дар ин ҷо аз гирду атроф ба миқдори бисёр мардон ва занону кӯдакон гирд омада буданд. Девори муҳофизатии шаҳр нисбат ба дигар шаҳрҳо устувортар буд, бинобар ин, душман дар гирди девор мошинҳои деворшиканро гузошта, онро зери борони тир мегирад, вале муваффақ намешавад. Искандар мебинад, ки бештари муҳофизон дар ҳимояи он ҷойҳое истодаанд, ки мақдуниҳо зери оташи манҷаниқ гирифтаанд. Вай бо як даста аз обмӯрии хушки рӯд ба осонӣ вориди шаҳр шуда, дарвозаро мекушояд. Ариан менависад, ки бошандагони қалъа аз кушодани дарвоза ва даромадани душман наҳаросида, марду зан мардонавор меҷангиданду ҳалок мешуданд. Дар ҳарбу зарби шадид на танҳо ҳимоягарон, балки аз лашкари Юнону Мақдунӣ одамони бисёре кушта шуданд. Искандар дар сар ва дасту гардан, Кратер ва дигар сарлашкарон низ захм бардоштанд. Шумораи шаҳидони ориёӣ низ бисёр буданд. Боқимонда ба диж даромаданд, аммо азбаски дар миёни онҳо захмиён ва занону кӯдакон бисёр буданд, аз ташнагӣ баъди як рӯзи дигар ҷангидан таслим шуданд. Мардон кушта ва қатл гардида, занону кӯдакон ғулом мешаванд.

Таърихнигор Квинт Курсий боз шаҳри Мимакантро ном бурдааст, ки аҳолии он ба монанди Куркат сахт муқобилият нишон додаанд. Ҷойи он маълум нест, аммо яке аз ҳафт шаҳри шӯрида буд.

Ҳангоми дар Хуҷанд будани Искандар хабар расид, ки Самарқанд аз тарафи Спитамен муҳосира шудааст ва дастаҳои дар Самарқанд гузоштани Юнону Мақдуниҳо дар зери хатар мондаанд. Искандар бо лашкараш барои наҷоти онҳо ба Самарқанд мешитобад.

Спитамен шаҳристони Самарқандро гирифта, юнониёни дар диж бударо муҳосира мекунад, аммо аз қувваи 2500 нафараи дастаи пешгарди Искандар огоҳӣ ёфта, шаҳрро монда, ба сӯйи поёноби рӯди Суғд меравад. Лашкари Юнону Мақдунӣ дар таъқиби ӯ то биёбоне (ҳоло Ҷӯли Малик) рафта, Спитаменро пайдо мекунанд. Ин амалиёти гурезҷанги Спитамен махсус буд, то душманро аз қувваҳои асосӣ дур бурда, маҳв созад. Дар ин ақибнишинӣ дастаҳои ориёӣ борҳо баргашта, ба душман зарба заданд. Вақте душман тактикаи Спитаменро фаҳмид, дер шуда буд. Бинобар ин, ба сӯйи рӯди Суғд (Зарафшон) рафт, ки дар он ҷо парадизи шоҳони Суғд ҷой дошт. Ин парадиз (боғи шикорӣ) имрӯз ҷазираи Миёнкол ном дорад. Душман умед дошт, ки дар ин ҷанг Спитамен онҳоро дунболгирӣ намекунад, аммо вай аз шикасти душман моҳирона истифода бурда, аз чапу рост зарба зада, душманро торумор мекунад. Ин ғалабаи ориёиҳо бо сарварии сарлашкари моҳир Спитамен ба рӯҳияи мағлубнашавандаи лашкари Искандар зарбаи сахте зад. Маҳв гардидани як дастаи бузург барои сипоҳиёни Юнону Мақдунӣ ҳодисаи ғайричашмдошт буд, зеро лашкари онҳо ҳеҷ гоҳ чунин талафот надода буд. Искандар ҳарчанд мехост лашкари Спитаменро муҳосира ва нобуд созад, вале ин кор ба ӯ муяссар намешуд. Спитамен ғайб мезад ва ногаҳон пайдо шуда, ба душман зарба мезад. Искандар дар самтҳои ҳуҷуми Спитамен тамоми деҳаю шаҳрҳо ва одамонро нобуд месохт, водии Суғд аз одам холӣ гардида буд.

**Давраи дуюми ҷангҳои озодихоҳонаи ориёиҳо.** Искандар аз тарс барои зимистонгузаронӣ дар Суғд наистода, зимистони соли 329 пеш аз милод ба шаҳри Зарринаспи Бохтар меравад. Мувофиқи ривояти манбаъҳои юнонӣ вақти дар Зарринасп будани Искандар шоҳи Хоразм бо дастаи 1500 нафара ба назди ӯ омада, сулҳ мебандад. Дар ин ҷо намояндаи сакоиҳои аврупоӣ ва тӯрҳои он тарафи рӯди Сир низ ҳузур доштанд ва аз Искандар

сулҳ хостанд. Искандар аз бузургии давлати Хоразм огоҳӣ дошт ва хеле хурсанд шуд, ки бо вай сулҳу дӯстӣ мехоҳанд. Акнун танҳо Суғду бахши кӯҳистони Бохтар монда буд, ки дар он ҷо Катан ва Овсен бо паратакҳо бо ӯ дар ҳолати ҷанг қарор доштанд. Сулҳ хостани хоразмиён ва тӯрҳо ба манфиати юнониҳо ва бар зарари ҳамватанонашон буд.

**Ҳуҷуми Спитамен ба Бохтар.** Искандар гумон дошт, ки Спитамен ба Суғд ҳуҷум мекунад, аммо вай ногаҳон ба яке аз шаҳрҳои Бохтар ҳамла карда, дастаи юнону мақдуниҳоро аз байн бурд. Искандар барои ёрӣ гурӯҳеро фиристод, ки онро дастаи муттаҳидаи тӯрҳо ва ориёиҳои Спитамен нобуд сохтанд. Сипас Искандар қӯшуни Кратерро фиристод. Баъди задухӯрди хунине Спитамен ба биёбон ақиб нишаст, аммо Кратер аз тарс ӯро таъқиб накард. Тобистон ва тирамоҳ низ қӯшуни бисёрҳазораи Юнону Мақдуниҳо талафот медод, аммо Спитамен ба даст намеафтод. Соли 327 пеш аз милод Искандар зимистонро дар Навкати Суғд гузаронд ва бо Спитамен ҷангид.

Дар Ксенип (Нахшаб, Насаф) дастаи бохтариҳо бо сарварии Катан ва Овсен ба дастаи юнониҳо ногаҳон ҳуҷум оварда, чандин нафарро куштаву захмӣ карда, боз ақиб рафтанд. Дар ҳамин вақт дар атрофи Спитамен як гурӯҳи суғдиҳо, бохтариҳо ва сакоиҳои тӯр ҷамъ омада, ба муқобили юнониҳо дар Боғ ном ҷо, ки сарҳади тӯрҳо буд, ба ҷанг даромаданд. Қӯшуни ориёиҳо ба муҳосира афтода бошад ҳам, мардонавор меҷангид, аммо қувваҳо аз ҳад зиёд нобаробар буданд. Дастаи Спитамен тамоман пароканда гардид. Худи Спитамен аз дасти хоини зархариде ба ҳалокат расид. Баъди марги Спитамен боқимондаи лашкари ӯ ба ҳар тараф пароканда шуд. Бохтариҳо бо сарварии Катан ба ватанашон Бохтар омада, боз ба ҷанг тайёр мешаванд.

## САВОЛҲО



*1. Сабабҳои муваффақияти қӯшуни Искандар дар Ориёнзамин кадомҳоянд?*

*2. Муҳорибаи 7 шаҳри соҳили рӯди Сир чиро нишон дод?*

*3. Агар ҳамаи ориёиҳо ба монанди Спитамен, Катан ва Овсен мубориза мебурданд, тақдири Искандар чӣ мешуд?*

## §50. МУҲОРИБА БА МУҚОБИЛИ ЛАШКАРИ ИСКАНДАР ДАР КӮҲИСТОНИ СУҒДУ БОХТАР

**Фатҳи қалъаҳо аз тарафи Искандар.** Назар ба ривоятҳои таърихнависони юнонӣ, лашкари Искандари Мақдунӣ ҳангоми ҷангҳояш дар Суғду Бохтар ду қалъаи дастнорасро забт мекунад, ки дар онҳо зану фарзандони мардумони ориёии ин диёр паноҳ мебурданд.

Лашкари Юнону Мақдунӣ зимистонро дар шаҳри Навкати Суғд гузаронда, баҳор барои муҳосираи қалъа мераванд, ки дар он Ориёмиз бо тарафдоронаш паноҳ бурда буданд. Агарчи баҳор буд, барфи хеле бисёри кӯҳ ба ҷанг кардан душворӣ меовард. Атрофи қалъаро кӯҳи дастнорас иҳота мекард ва ба он як роҳи борик мерафт, ки онро дастаҳои Ориёмиз муҳофизат менамуданд. Искандар бо лашкараш дар зери кӯҳ лангар зада, илоҷи гирифтани онро надошт.

Искандар ба воситаи Каф–писари Ориёмиз бо бошандагони қалъа ба гуфтушунид даромад, онҳоро ба таслим шудан даъват кард, аммо онҳо таслимшавиро напазируфтанд. Муҳофизатгарони қалъа ба Искандар бо тамасхур мегуфтанд, ки барои гирифтани ин кӯшк сарбозони парвозкунанда лозиманд, аммо ту онҳоро пайдо карда наметавонӣ, беҳтар он аст, ки аз мамлакати мо берун равӣ. Ин суханон Искандарро, ки худро мағлубнашаванда меҳисобид, ба ғазаб меовард. Вай аз лашкариёнаш 300 нафар кӯҳнавардро ҷудо карда, бо таъйини подош супориш медиҳад, ки қалъаро фатҳ кунанд. Ин корро шабона кардан лозим буд, то ки муҳофизони қалъа пай набаранд. Кӯҳнавардон дар ҷое, ки ҳимоятгарони қалъа интизор набуданд, кӯшиши баромадан карданд. Атрофи қалъа хеле сард буд ва об ба замин нарасида, ях мебаст. Онҳо намадро бурида, лӯла намуда, дар об тар мекарданд ва дар кӯҳ мечаспониданд; намад ҳамоно ба зинаи яхӣ табдил меёфт. Ҳамин тавр, ба воситаи намад ва бандҳои ба намадҳо баста зина месозанд ва субҳ қисми аз лашкариён ба болои қалъа мебароянд. Искандар ҳамоно ба шӯришгарон хабар медиҳад, ки сарбозони болдор пайдо шуданд ва акнун бояд таслим шаванд. Бошандагони қалъа гумон мекунанд, ки ҳамаи сарбозони Искандар ба он ҷо роҳ ёфтаанд ва ночор таслим мешаванд. Искандар 30 нафар сарварони шӯридаро дар кӯҳ чормех месозад ва дигаронро асиру ғулом мекунад. Амволи шӯридагонро ба яғмо мебаранд. Қалъаи

кӯҳи Суғд ба қалъаи кӯҳи Сиёми Кеш, ки дар он Муқаннаъ пинҳон шуда буд, рост меояд.

Баъд Искандар сӯйи Бохтар меояд, то ки қалъаи кӯҳи Сисимифарро ба даст орад. Вай дар тангие ба барфбод дучор меояд ва бисёр одамонаш ҳалок мешаванд. Ин тангӣ ҳоло Дарбанд ном дорад ва дар наздикии Бойсун ҷойгир аст.

Искандар аз он ҷо ба сӯйи қалъае меравад, ки дар он қувваҳои бохтариён пинҳон шуда буданд. Аслан дар қалъаҳои зикршуда занон, кӯдакон ва мӯйсафедон паноҳ бурда буданд. Муаррихони юнонӣ шумораи одамони дохили қалъаҳоро аз будаш зиёд нишон додаанд.

Мувофиқи ривояти Страбон, қалъаи Ориёмиз дар Суғд ва Сисимифар дар Бохтар ҷой доштаанд. Қалъаи Сисимифар, ки онро Хориён низ мегӯянд, ба монанди қалъаи кӯҳи Суғд хеле мустаҳкам буд ва Искандар ҳамон тавре ки қалъаи Ориёмизро гирифт, ҳамон тавр ин ҷо низ рафтор кард. Қалъа дар болои кӯҳи дастнорас ҷой дошт. Роҳе, ки ба он мерафт аз тарафи шӯришгарон муҳофизат мешуд ва Искандар маҷбур буд, ки боз кӯҳнавардонро бо ваъдаи пули зиёд ба фатҳи он водор намояд. Кӯҳнавардон он қалъаро низ забт карданд. Дар байни асирон Рухшонаки зебо – духтари шоҳи Бохтар – Оксиарт низ буд ва Искандар ба ӯ хонадор мешавад. Ба ривояти муаррихони юнонӣ, зани Дориюши III зеботарин зани он вақт ба ҳисоб мерафт ва асири Искандар буд, аммо Рухшонак аз вай хушрӯйтар буд.

**Мубориза Катан ва Овсен ба муқобили юнониҳо ва мақдуниҳо.** Дар мубориза ба муқобили Искандар дар Бохтар ду қаҳрамони дигари ориёӣ – Катан ва Овсен фаъолона иштирок доштанд. Катан ва Овсен, шоҳзодагони бохтарӣ ҳамроҳи Спитамен дар ҷангҳои Дорои III дар Осиёи Сағир ва Ориёнои Ғарбӣ фаъолона иштирок доштанд. Онҳо дастаи тирандозони Суғду Бохтар ва сакоиҳоро раҳнамоӣ менамуданд. Дар муҳорибаи Гавгамел дастаҳое, ки Катан ва Овсен роҳбарӣ менамуданд, ба лашкари юнониҳо борҳо шикаст дода буданд. Онҳо дар ҳамаи муҳорибаҳои бохтариён ба муқобили Искандар иштирок доштанд.

Искандар вақте ки қалъаи Суғдро гирифт ва ҷангро дар он хотима бахшид, ба муқобили дастаҳои дар кӯҳистони Бохтар буда, ду дастаи калонро бо сардории сарлашкарони боварибахши худ – Кратер ва Полиперхон мефиристад. Кратер ба воситаи водии

Ҳисор, Норак ва Полиперхонт ба водии Вахш ҳаракат мекунанд. Дар ин ҳуҷум ду номи географии сарзамини Хатлони қадим – Паратак ва Бубакен ёд мешаванд. Паратак ба Паркамчии Донғара ва Бубакен ба Булён рост меоянд. Катан ва Овсен муборизони ин диёрро сарварӣ менамуданд. Дар ин ҷанги нобаробар, ки чанд моҳ давом намуд, Катан ҳалок гардид ва Овсен захмӣ шуда, бо чандин нафар асир меафтад. Полиперхон ҳамаи асиронро ба қатл мерасонад ва дар ҷойи Кӯлоби имрӯза шаҳри Искандарияро бино менамояд. Полиперхон ва Кратер дар роҳ ба сӯйи Балх ба дастаи Искандар ҳамроҳ мешаванд.

Вақте ки Оксиарт аз асирии духтари худ огоҳ мешавад, ба назди Искандар меояд. Искандар ӯро хуб пешвоз мегирад ва гиромӣ медорад. Ҳамроҳи Рухшонак духтарони бисёри Бохтар ва Суғд низ буданд. Искандар аз духтарони асирафтодаи Суғду Бохтар 100 нафарро ҷудо намуда, тӯй мекунад ва худаш ба Рухшонаку сарлашкаронаш ба дигар духтарҳо хонадор мешаванд. Селевк, сарлашкари бузурги Искандар духтари Спитамен – Апама (Обона)-ро ба занӣ мегирад. Ба духтарони шоҳзодагони Суғду Бохтар хонадор шудани Искандар ва сарлашкаронаш маънои онро дошт, ки вай фаҳмид, ки ин мардуми озодидӯстро бо зӯрии шамшер ба итоат даровардан имкон надорад. Беҳтар он, ки бо онҳо хешутабор шавад ва урфу одати онҳоро қабул намояд. Ба ривояти таърихӣ тӯй бо русуми маҳаллиён сурат гирифт ва Искандару ёронаш либоси ориёӣ пӯшида буданд.

Сабаби ғалабаи Искандар бар ориёиҳои шарқӣ ин парокандагӣ, вуҷуд надоштани давлату лашкари бузург, сарвари ягона ва нақшаи умумии ҷангӣ буд. Искандар бо лашкари бузургу бонизоми касбӣ бо дастаҳои хурди вилоятҳо ҷангида, ба осонӣ ғолиб меомад. Бо вуҷуди ин, ӯ дар Суғд ва Бохтар аз муборизаи шадид ва қаҳрамононаи мардуми он тарсид. Вақте ки Спитамен дастаи чандҳазорнафараи ӯро дар марғзори Суғд нобуд сохт, Искандар фармон дод, ки деҳа ба деҳа рафта, ҳамаро қатл кунанд ва хонаҳоро оташ зананд, то ки марду зани муборизе дар ин диёр намонад, зеро аз Юнон то Суғд касе ба ӯ чунин талафот надода буд.

Ӯ ҳодисаи аз тарафи Спитамен нобуд сохтани сарбозонро бо ҳар баҳона пинҳон медошт. Аз чунин рафтори бераҳмонаи Искандар нисбат ба аҳолии бесилоҳ ёронаш тарсида буданд. Ёрони Искандар ҳамчунин ӯро барои хароб кардани мамлакати обод гунаҳгор карданд.

Ба ривояти Диодор, Искандар 120 ҳазор ориёии Суғдро ба қатл расонд, аммо чашми ҷасурони онро тарсонида натавонист. Сарбозони ориёӣ бо суруди Ватан маргро пешвоз мегирифтанд. Нотарсӣ, матонат ва ҷонфидоии ориёиҳо Искандар ва ёронашро ба воҳима андохт. Вай баъди ин ҳодисаҳо кӯшиш кард бо роҳи дипломатӣ сарварони ориёиро ба худ ҷалб намояд. Ӯ худро вориси тахти Ҳахоманишиён мешуморид ва бо тибқи расму оини онҳо амал мекард. Минбаъд чандин ҳазор ҷавонони ориёӣ ба лашкари Искандар ҳамроҳ карда мешаванд.

Таърихнависони хориҷӣ дар асарҳояшон Искандарро шоҳи одил ва лашкаркашиҳои шарқии ӯро ба манфиати мардуми ин диёр меҳисобанд. Гӯё мардуми ин диёрро бо тамаддуни пешқадам ошно кард. Дар амал вай ба монанди арабҳо ва муғулҳо яке аз таҷовузгарони ғаддор буд. Ӯ ба мамлакати мо куштор ва харобиҳои беандоза овард. Садҳо ҳазор занон бева ва фарзандон бе падар монданд. Ҳазорҳо шаҳру деҳаҳо сӯхтаву хароб гардиданд ва садҳо ҳазор нафар ғулом шуданд. Ин буд лашкаркашиҳои «судманд» ва «фарҳангманд»-и ин таҷовузгари ҷаҳонӣ.

Таҷовузи Искандар ба ориёиҳо нишон дод, ки парокандӑгии давлату миллат сабаби пирӯзии душманони беруна мегардад. Истилои юнониён ва мақдуниҳо иродаи мардуми моро нашикаст, балки онҳоро водор сохт, ки муттаҳидан ба муқобили душмани ғосиб мубориза баранд. Лашкари юнониҳо мамлакатро ғорат ва зиндагонии мардумро вазнинтар намуд. Онҳо ба сари мардум забони бегона ва урфияти бегонаро оварданд, ки мардуми ориёӣ онро қабул надошт. Бисёр сатрапҳо, хушатраҳо аз юнониён таъйин шуда буданд, ки ба ориёиҳо низ маъқул набуданд. Бинобар ин, вақте ки соли 323 пеш аз милод хабари вафоти Искандар ба гӯши мардум расид, мубориза барои озодии Ориёшаҳр оғоз меёбад.

Искандар нахустин китоби муқаддаси аҷдоди ориёии мо – «Авесто»-ро сӯзонд, шаҳру деҳоти ободу зебои моро ба харобазор табдил дод, нисфи мардуми моро кушт ва ними дигарашро ғулом кард. Ин аст, ки аз адабиёти паҳлавӣ «Мотикони Йовишти Фриён», «Ардавирофнома», «Занди воҳумак ясн», «Бундаҳишн», «Шаҳристони Эрон» ва амсоли инҳо сар карда, дар саҳифаҳои тамоми осори адабии асили мо Искандар чун шахси ғоратгари малъун ёд мешавад.

## САВОЛҲО



*1. Қалъаи Ориёмиз дар куҷо буд? Худи Ориёмиз кӣ буд?*
*2. Барфбоде, ки ба лашкари Искандар талафот овард, дар куҷо рӯй дод?*
*3. Рухшонак кӣ буд ва қалъаи пинҳоншудаи ӯ дар куҷост?*
*4. Катан ва Овсен дар куҷо ба муқобили юнониҳо ҷангиданд?*
*5. Чаро лашкари Искандар бар ориёиҳо голиб омад?*

## §51-52. ДАВЛАТИ ЮНОНУ БОХТАР

Давлати ғуломдорие буд, ки ба ҳудуди он Бохтар, Суғд, Марғуш ва қисман Шошу Фарғона дохил будаанд. Ин давлатро ҳокими Бохтар – Диодот таъсис додааст. Дар натиҷаи ҷанги тӯлонии байни сарлашкарони Искандари Мақдунӣ сарзамини ориёиҳо ба дасти Селевк расид. Баъди Селевк писараш Антиох подшоҳ шуд. Антиох писари Апама – духтари Спитамен буд, хуни ориёӣ дошт ва худро ворисӣ Ориёншаҳр меҳисобид. Аммо мубориза дар байни сарлашкарон идома дошт ва тақсимоти империя ба таври ногузир пеш омад. Сарвари мардуми Деҳистон – Арсак (Аршак) аз норозигиҳо ва кашмакашиҳои сарлашкарону сатрапҳои юнонӣ истифода бурда, сатрапи юнониро аз байн бурд ва Портро давлати мустақил эълон кард. Лашкаркашиҳои Селевк ба муқобили Ашкониён бе натиҷа анҷомиданд. Аршак вилояти Гургонро низ ба қаламрави худ ҳамроҳ намуд. Дар як вақт, яъне соли 226 пеш аз милод сарлашкари сатрапии Суғду Бохтар Диодот шӯрида, Бохтарро давлати мустақил эълон менамояд. Маркази давлат шаҳри Зарринасп (Балх) ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин сабаб Диодотро шоҳи «ҳазор шаҳри Бохтар» медонистанд. Суғд низ ба Бохтар ҳамроҳ буд.

Баъди марги Диодоти I подшоҳӣ ба Диодоти II мерасад. Ӯ барои мустаҳкам шудани давлати худ ба муқобили селевкиҳо бо Ашкониён сулҳнома имзо менамояд ва барои мустаҳкамии давлати худ мекӯшад, аммо зиддиятҳои дарборӣ дар байни саркардаҳои юнонӣ ба он овард, ки Диодотро Евтидем ном кас сарнагун мекунад ва худаш подшоҳ мешавад. Дар замони ҳукмронии Евтидем ба давлати ӯ шимолии Ҳиндустон ҳамроҳ карда мешавад.

Дар замони подшоҳии Евтидем шоҳи Селевк–Антиохи III ба давлати Юнону Бохтар ҳуҷум овард. Лашкари Антиох гӯё аз 100 ҳазор пиёда ва 20 ҳазор савора иборат буд. Евтидем, шоҳи Бохтар

ҳамагӣ 10 хазор савора дошт, ки аз ориёиҳо ва юнониён иборат буд. Онҳо дар лаби рӯди Ҳирот сангар гирифтанд ва бояд ба душман дар вақти гузаштан зарба мезаданд.

Рӯзона лашкар гузаргоҳро муҳофизат мекард ва шабона аз он дур мешуд ва танҳо якчанд посбон мемонд. Антиох инро аз ҷосусонаш фаҳмида, шаб ба гузаргоҳ наздик шуда, субҳдам ба гузаштани он шурӯъ менамояд. Бохтариён аз ин кор огоҳ шуда, ба сӯйи рӯд метозанд. Ба гузаштани лашкар аз рӯд худи Антиох сарварӣ менамуд. Дастаҳои бохтариён ба се гурӯҳ тақсим шуда ба ҳуҷум мегузаранд. Талафот дар қӯшуни Антиох бисёр буд, вале азбаски шумораашон афзун буд, онҳо ба гурӯҳҳои дуюм ва сеюми бохтариён шикаст доданд. Танҳо дастаи якум тавонист, ки аз иҳотаи душман баромада, бо талафоти камтар ба шаҳри Зарринасп ақибнишинӣ намуда, ба қувваҳои асосии Евтидем ҳамроҳ шавад. Антиох Зарринаспро муҳосира менамояд.

Мувофиқи ривояти таърихнавис Полибий зимистон фаро расида буд ва ҳар ду гурӯҳ ба гуфтушунид даромаданд. Евтидем ба Антиох фаҳмонданӣ шуд, ки дар марзи давлати мо гурӯҳҳои бисёри сакоиҳо гирд омада, нияти ҳуҷум кардан доранд, агар онҳо зада дароянд, ҳам давлати Юнону Бохтар ва ҳам Селевки шумо аз байн меравад. Азбаски аз ноором иҳои дохилӣ дили Антиох пур набуд, ба сулҳ розигӣ дод. Дар гуфтушунид писари Евтидем – Деметрий иштирок менамояд ва бо зебоӣ ва танумандии худ дили Антиохро нарм мекунад. Вай духтари худро ба Деметрий дода, сулҳнома баста, давлати Юнону Бохтарро ба расмият мешиносад. Евтидем ба Антиох тухфаҳои бисёр, аз ҷумла филҳои ҷангии худро мебахшад. Бо ҳамин Евтидем мустақилияти давлати худро нигоҳ медорад. Дар идораи давлат ва лашкар ориёиҳои Суғду Бохтар фаъолона иштирок мекунанд.

**Равнақи давлати Юнону Бохтар.** Давлати мазкур дар замони ҳукмронии Деметрий хеле тараққӣ мекунад. Тангаҳои Деметрий дар Ҳиндустон пайдо шуданд, ки дар рӯйи онҳо сурати шоҳ бо тоҷ ва фил акс ёфтаанд. Дар баъзе ҳуҷҷатҳо Деметрий шоҳи ҳиндувон номида шудааст. Вақте Деметрий дар Ҳиндустон саргарми ба тасарруфи худ даровардани шаҳру деҳаҳо буд, дар Бохтар давлатро Евкрадит соҳиб мешавад. Деметрий ба муқобили ӯ лашкари бузург мефиристад, аммо аз сабаби парокандагии амалиёт Евкрадит бо 300 нафар ҷанговар ба онҳо шабохун зада, ғолиб меояд ва худро подшоҳ эълон мекунад. Ӯ аз номи худ тангаҳо сикка меза-

над, ки муддати дароз дар муомилот буданд ва бостоншиносон онҳоро аз харобаҳои шаҳрҳои замони Юнону Бохтар ёфтаанд.

Дар нимаи асри II пеш аз милод баъзе ноҳияҳои давлати Юнону Бохтарро шоҳи Ашкониён Митридоди I забт менамояд. Дар ин давра дар давлати Юнону Бохтар пароканадагӣ ва сустӣ ба вуҷуд меояд.

**Сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ.** Дар бораи сохти дохилии давлати Юнону Бохтар маълумоти аниқ нест. Олимон тахмин доранд, ки тарзи идоравии он ба монанди селевкиҳо буд. Шоҳ худро ҳокими мутлақ меҳисобид, дар идораи давлат зану фарзандонаш ба вай ёрӣ медоданд. Яке аз маъхазҳо хабар медиҳад, ки дар бахши ҳиндустонии давлати Юнону Бохтар подшоҳ 6 нафар ёвар дошт: сарлашкар, сарвазир, сарқозӣ, сархазинадор, чатрбардор ва шамшербардор, яъне дар идораи давлат усули мудирияти ориёӣ вуҷуд дошт.

Шаҳрҳо ва деҳаҳо ҳокимони худро доштанд ва шоҳ худро «ҳокими ҳазор шаҳри Бохтар» меҳисобид. Ин унвон пеш аз истилои юнониён дар Бохтар вуҷуд дошт ва юнониён онро қабул кардаанд. Шаҳрҳо ба тарзи худмухтор идора мешуданд. Шумораи шаҳрҳо далели он аст, ки дар ин давра миқдори онҳо бисёр будааст. Ба ҳар ҳол дар замони давлати Юнонии Бохтар, яъне асрҳои III–II пеш аз милод дар водии Ҳисори кунунӣ даҳҳо шаҳри хурду калон вуҷуд доштанд.

Аз рӯйи бозёфтҳои бостоншиносӣ ва ахбори хаттӣ дар Ориёншаҳри Шарқӣ шаҳрҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: 1) шаҳрҳои куҳнатарин, ки пеш аз Ҳахоманишиён вуҷуд доштанд, монанди Зарринасп, Қубодиён, Самарқанд, Навкат, Курушкат ва амсоли инҳо; 2) шаҳрҳои дар замони истилои Искандар ва баъди он бавуҷудомада, ки шумораи онҳо низ бисёр буд. Дар замони ҳукмронии юнониҳо шаҳрҳо бо усули юнонӣ арзи вуҷуд менамоянд. Шаҳрҳо маркази савдо ва ҳунармандӣ, аз ҷумла кулолгарӣ, заргарӣ, оҳану мисгарӣ, чармгарӣ, камонсозӣ, бофандагӣ ва дигар ҳунарҳо буданд. Аз бозёфтҳои археологӣ маълум мешавад ки дар ин давра санъати меъморӣ, аз ҷумла биноҳои боҳашамати аз санг сохташуда, сутун ва сарсутуну зерсутунҳо бо сабки юнонӣ пайдо мешаванд. Ковишҳои бостоншиносӣ дар маркази давлати Юнону Бохтар–шаҳри Зарринасп нишон медиҳанд, ки он яке аз шаҳрҳои калонтарини ҳамин давра будааст. Ғафсии девори ҳимоявии он 31 метр паҳной дошт. Шаҳри замони Юнону

Бохтар ва қадимтарини Зарринасп баъдҳо бо номи Балх машҳур мешавад. Харобаи Балхи асрҳои III–II пеш аз милод ҳоло бо номи Болоҳисор дар Афғонистон маъруф буда, масоҳати 120 гектарро дар бар мегирад. Деворҳо чандин қатор тиркашҳои пайконшакл доранд. Маҳз ҳамин девори ғафс ва устувор муҳосираи чандинмоҳаи Антиохи III-ро рафъ намуд ва ӯро бовар кунонд, ки ин шаҳрро гирифтан мумкин нест ва ба хубӣ сулҳ бояд кард.

Солҳои 1956–1964 бостоншиносони фаронсавӣ дар шаҳри давраи Юнону Бохтар дар соҳили рӯди Ҷароб (Панҷ) ва Харноб (Кукча) кофтуков карданд. Шаҳрро аз як тараф рӯди Харноб ва аз тарафи дигар Ҷароб ҳимоя менамоянд. Шаҳр нақшаи секунҷа дошта, дар он мактаб, театр, маъбад, биноҳо бо меҳроби оташ, хонаҳои истиқоматӣ пайдо шудаанд. Дар сохтмон сангҳои тарошида, хишти хом ва пухта истифода шудаанд. Сутуни биноҳо дар сабки эллинӣ ва коринфӣ (юнонӣ) сохта шуда, зарфҳо ва ҳайкалҳои худоёни юнонӣ ёфт шуданд. Дар шаҳр аксаран юнониҳо ба тарзи юнонӣ мезистанд, аммо бохтариёни маҳаллӣ низ буданд. Дар сохтмон усулҳои маҳаллии бохтарӣ, аз ҷумла истифодаи хишти хом нишони он аст, ки юнониҳо бисёр урфиятҳои ориёиро қабул карда буданд. Номи ҳозираи шаҳри Нушор–Ойхонум аст, аммо дар гузашта яке аз 8 шаҳри асосгузоштаи Искандар дар Ориёнзамин мебошад. Мо ҳоло ду шаҳри асосгузоштаи Искандар: Нушор – Ойхонумро дар Афғонистони кунунӣ ва Искандарияи Ақсоро дар Хуҷанд медонем. Шаҳрҳои дигари он ёфт нашудаанд. Нушор дар замони Кӯшониён низ обод буд. Дар он замон ибодатгоҳи Охшо (Вахш) (ҳоло бо номи Тахти Сангин машҳур аст) дар ноҳияи Қубодиён хеле пуршукӯҳ будааст. Дар ин ҷо шаҳре буд, ки масоҳати даҳҳо гектар заминро ишғол намуда, дар соҳили рости рӯди Ому (Аму) ҷой дошт. Алҳол бостоншиносони тоҷик дар дизи шаҳр (масоҳаташ 240х170 м) маъбади рӯди Вахш (Ому)-ро таҳқиқ карданд. Тавре ки аз таърих, махсусан, аз китоби «Авесто» бармеояд, рӯди Ому дар қадим Вахш ном дошт. Ин рӯд дар «Авесто» бо номи Вангуҳи Дойтиё ёд мешавад ва барои ориёиҳо муқаддас ба шумор мерафт. Юнониён онро Окс меномиданд.

Ин маъбад дар ҷойи ба ҳам пайвастани ду рӯди азим – Панҷ (дар қадим Ҷароб) ва Вахшоб сохта шудааст. Дар болои яке аз миҷмарҳо ҳайкали биринҷии худои оби юнониён ёфт шуд, ки дар даст най дорад ва садои он садои обро ифода мекунад. Дар миҷмар




**Расми 64.** ***Маъбади рӯди Вахш.***

бо хатти юнонӣ навишта шудааст: «Ин туҳфа ба ибодатгоҳи Вахш (Окс) аз номи Артосак», яъне оварандаи он назр бохтарӣ-ориёӣ будааст. Ин бозёфт далели раднопазир дар бораи он мебошад, ки маъбад дар ҳақиқат ба хотири фариштаи оби Вахш бунёд шуда буд.

Ибодатгоҳ аз толори марказӣ бо чор сутуни бузург ва дар миёнаҷойи он миҷмар ва хонаҳои паҳлуӣ, ки вазифаи ганҷурро доштанд, иборат буд. Қисми пеши толори марказӣ 8-сутуна буда, хонаҳои паҳлуӣ барои оташгоҳ буданд ва миҷмарҳои бузурги сангину пешайвони боҳашаматаш рӯ ба сӯйи рӯди Вахш нигаронда шуда буданд.

Деворҳои маъбад аз 3 то 5 м баландӣ доштанд ва бо расмҳо оро ёфта буданд. Ибодатгоҳ дар замони Ҳахоманишиён ва шояд аз он ҳам барвақттар сохта шуда буд, аммо дар замони Юнону Бохтар вай пуршукӯҳтар ва ба он сутунҳо ва пешайвони боҳашамат сохта мешаванд. Азбаски юнониён дини суннатӣ ё китоби яккахудовандӣ надоштанд, ба дини зардуштӣ эҳтиром гузошта, худоёни ориёиро чун худои худ меҳисобиданд. Онҳо ибодатгоҳҳои миллиро ободнигоҳ медоштанд ва хароб намекарданд. Онҳо Аҳурамаздоро Зевс ва Митроро Гелиос гуфта эҳтиром менамуданд.

Дар ибодатгоҳ ҳайкали фариштаи рӯди Вахш ва даҳҳо

муҷассамаҳои дигар буданд. Аз ибодатгоҳ осори фаровони санъати тасвирӣ, пайконҳо, найза ва шамшерҳо ба даст омаданд, ки манбаи арзишманд барои омӯзиши таърихи бисёрасраи халқамон мебошанд. «Хазинаи Амударё», ки аз 1200 ашёи заррин, симин, тангаҳои гуногундавр иборат аст ва дар Осорхонаи Британия ҷой дорад, соли 1878 аз харобаи ҳамин маъбад ёфт шуда буд.

Дар Кӯлоб боқимондаи шаҳри Юнону Бохтарро ёфтанд, ки масоҳати 20–30 гектарро дар бар дошт. Номи ӯ дар шакли Искандара дар адабиёти асрҳои IX–XII ёд мешавад.

Ғайр аз ин, дар ноҳияи Фархор шаҳри замони Юнону Бохтар кашф шудааст. Ин шаҳр масоҳати 5 гектар заминро ишғол намуда,бо номи Саксанохур маъруф мебошад. Дар ин маркази шаҳрча бинои 27,7х27,7 м сохта шуда буд, ки аз се тараф пешайвони бисёрсутуна дошт. Аз сутунҳо танҳо асосҳои аз оҳаксанг тарошидааш боқӣ мондаанд. Бино қасри ҳокиме буд, ки хеле боҳашамат сохта шуда буд. Дар харобаи он як қуфли заррин ёфтанд, ки дар болояш савораи бо найза ба гуроз (хуки ваҳшӣ) ҳуҷумоварда тасвир шудааст.

Дар баъзе минтақаҳои шаҳри Душанбе низ харобаҳои шаҳри қадима пайдо шудаанд. Харобае, ки масоҳати 20 га заминро ишғол менамуд, аз ҷойи ҳозираи Амфитеатр, яъне нишебии кӯчаи Исмоили Сомонӣ то Донишгоҳи педагогӣ тӯл мекашид. Дизи он дар вақти сохтмони истгоҳи барқии Душанбе ва канали он зарари бисёр дидааст. Ҳафриёти боқимондаҳои он нишон доданд, ки шаҳр дар асри III пеш аз милод арзи ҳастӣ карда, то асри V милод вуҷуд доштааст. Шаҳри Душанбе ҳамчун нуқтаи тиҷоратӣ ва ҳарбии юнониён дар канораи империяи онҳо пайдо шуда буд. Аз Душанбе болотар сакоиҳои ориёӣ мезистанд ва ба лашкари Искандар зарба зада буданд. Аз харобаи шаҳри Душанбеи замони Юнону Бохтар зарфҳои бо сабки юнонӣ сохташуда, сари фариштаи майпарасти юнонӣ Дионис ва осори дигари ҳунармандӣ, санъати тасвирӣ, аз ҷумла садафи аз зару сим сохтаи Дионис пайдо шудаанд (расми 66).

Душанбе–пойтахти давлати тоҷикон таърихи на кам аз 2200 сол дорад. Дар ҳамин давра шаҳри Тирмиз бо номи Тармид низ аз ҷониби юнониҳо бунёдгузорӣ мешавад. Дар харобаи шаҳри куҳнаи Шаҳринав сарсутунҳои оҳаксангӣ ва зерсутунҳо (пойсутунҳо) ёфт шуданд, ки ба замони Юнониёну Бохтар нисбат доранд.

Ҳамин тавр, дар водии Ҳисор якчанд шаҳрҳои замони



**Расми 65.** ***Зарфҳои замони Юнону Бохтарӣ.***

Юнону Бохтар пайдо шуданд. Водии Суғд аз тарафи Искандар сахт хароб шуда буд, аммо баъд боз ободгардид. Шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва Навтак ҳамчун марказҳои тиҷоратӣ равнақу ривоҷ доштанд. Деҳаҳо дар водии Суғд хеле бисёр буданд.

Осори асрҳои III–I пеш аз милод дар бисёр шаҳрҳо, аз ҷумла

Зомин, Савод, Бағкат (Истаравшан), Куркат, Хавост, Хуҷанд, Фарғона ва Чоч ёфт шудаанд ва аз равнақу ривоҷи онҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Дар қисмати ғарбии Бадахшон харобаҳои якчанд қалъаҳои мустаҳками бурҷдор, ки ба давраи Юнону Бохтарӣ мансубанд, кашф шудаанд. Инҳо қалъаҳои Ратм, Ямчун ва Қаҳқаҳа мебошанд.

## §53. САНЪАТИ ЭЛЛИНӢ

Мо пештар дар баъзе мавридҳо ба фарҳанги эллинӣ ишора намудем. Таъсири маданияти юнониён пеш аз ҳама дар ҳунари тасвирии расмкашӣ ва ҳайкалсозӣ мушоҳида мешавад, зеро юнониён дар кашидани расмҳои воқеии аз ҳаёт гирифташуда: – олимон, нотиқон, варзишгарон, паҳлавонон, қаҳрамонҳо ба дараҷаи баландтарин расида буданд. Рассомони юнонӣ бисёр кӯшидаанд, ки инсонро бо тамоми нозукиҳои ҷисмонии ӯ инъикос намоянд. Инъикоси узвҳои бадан ба тарзи воқеӣ санъати баланди тасвириро металабид ва юнониҳо онро ба авҷи аъло расонида буданд. Санъати тасвирӣ дар байни мардумони ориёӣ ба дараҷаи юнониён нарасида буд, бинобар ин, сабки юнонӣ дар асарҳои тасвирӣ ба хубӣ мушоҳида мешавад. Бисёр фариштагон ва худоёни ориёиҳо расму ҳайкалҳо надоштанд, образи худоёни юнонӣ дар ташаккули симои фариштагони ориёӣ таъсири муайян расонд. Дар ёдгориҳои Юнону Бохтар расму ҳайкалҳои қаҳрамони юнониён Геракл пайдо мешавад. Ориёиҳо ин образро ба Баҳром, худои бузург Зевсро ба Ҳурмуз, Селена – Мах, Гефест – Отар, Даная – Нана шабеҳу мансуб медонистанд. Юнониён дар вақти шиносонидани худоёни худ ба ориёиҳо ном ва вазифаи худоро мегуфтанд. Масалан, мегуфтанд, ки ин расм ё ҳайкали худои Офтоб аст ва Гелиос ном дорад. Аз доираи гирди сари Гелиос ламъаҳои нур мебароянд ва нишонаи офтоб будани онро муайян менамоянд. Ориёиҳо ба монанди Гелиос худои худ Митра – Меҳрро доштанд. Ҳамин тавр, ҳар ду тараф ба хулоса меомаданд, ки Гелиос Митра асту Митра – Гелиос. Ҳар ду тараф бо вуҷуди фарқи эътиқодӣ дар ҳамон як расм худои худро медиданд. Ин гуна парастиш маънои онро надошт, ки юнониҳо ба дини маздопарастӣ ва ё ориёиҳо ба оини юнониён гаравида буданд. Ҳаргиз чунин набуд. Ҳар кас мувофиқи дини худ худои Офтобро мепарастид. Масалан, дар урфият мегӯянд, ки Худо як аст, аммо ҳар халқ ӯро бо номҳои

гуногун ва симоҳои гуногун мешиносанд. Яке ӯро Худо, дигаре Аллоҳ, сеюм Бог ва чаҳорум Яҳво ва ғайра меноманд ва намоз мегузоранд.

Ҳамин тавр, ҳамаи худоёни юнонӣ дар Ориёншаҳр дар оини Маздаясно ҳамоҳангии худро пайдо карда, дар симои онҳо ориёиҳо парвардигорони авестоиро мепарастиданд.

**Хатту фарҳанг.** Дар замони Юнону Бохтар хатти қадими бохтарӣ ба хатти юнонӣ иваз мешавад, зеро забони давлатӣ забони юнонӣ буд. Аз ин лиҳоз, барои бохтариён аз хат ва забони модарӣ даст кашидан мушкил буд. Албатта, хатту забони юнонӣ дар байни мардуми ориёӣ паҳн нашуд, шахсони дар корҳои давлатӣ ҷалбшуда забон ва ҳуруфи юнониро медонистанд. Тавре дар хусуси маъбади Вахш сухан рафт, Артосак – яке аз ашрофони бохтарӣ туҳфаи худро бо забону хатти юнонӣ навиштааст. Хатти юнонӣ дар замони Кӯшониён низ дар корҳои давлатӣ истифода мегардид, аммо забони юнониро Канишкаи Кабир ба забони ориёӣ-бохтарӣ иваз мекунад.

Тавре ишора рафт, олимони Ғарб менависанд, ки шарқиён то истилои Искандар дар сатҳи пасти фарҳангӣ қарор доштанд ва юнониён омаданду онҳоро бофарҳанг намуданд. Ин ақида комилан хатост. Юнониҳо дар Ориёншаҳр бо фарҳанги баландпоя, дини соҳибкитоб, ки худ надоштанд, давлатдории мутараққӣ ва расму оини фарҳангии устувор вохӯрданд ва онҳоро қабул намуданд. Бинобар ин, таъсир дуҷониба буд ва аз ориёиҳо арзишҳои бештар ба юнониён рафтааст. Зикр карда будем, ки Искандар либоси ориёӣ пӯшид, бо русуми ориёӣ дар дарбор кору зиндагониро ҷорӣ сохт. Идораи давлатро бо тарзи ориёӣ қабул кард.



**Расми 66.** ***Тангаҳои шоҳони Юнону Бохтар.***

Мо аз юнониён дар соҳаи санъати тасвирӣ сабақ гирифтем. Таъсири санъати театрӣ ва

ҳунармандии юнониён дар мо хеле бисёр ба назар мерасад.

**Тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ.** Дар замони империяи Искандари Мақдунӣ майдони тиҷорат хеле вусъат ёфт. Шоҳони юнонии Бохтар ва Селевк тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисиро ба муомилот мебароварданд, ки мувофиқи вазн ва тозагии маъдан қурб доштанд. Дар болои тангаҳо дар як рӯяш расми аз гардан болои шоҳ ва дар рӯйи дигар расми худои бузурги онҳо Зевс бо навиштаҷот ҷой дошт. Тангаҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ моҳияти байналмилалӣ ва мисӣ муомилоти дохилиро доштанд.

Тиҷорат дар давраи мазкур хеле равнақ меёбад. Масалан, аз шаҳри Душанбе гӯшмоҳии калон ва устухони фил ёфт шуданд, ки аз Ҳиндустон овардаанд. Аммо ҳайкалчаи худо Дионисро юнониён сохтаанд ва шояд аз Ҳиндустон оварда бошанд. Аз харобаи Душанбеи замони Юнону Бохтарӣ садафи аз тиллою нуқра сохтаи ҳамин Дионисро ёфтанд, ки кори заргарони Юнон мебошад.

Дар «Хазинаи Амударё» бисёр тангаҳои шоҳони Селевк ва Юнону Бохтар ҳастанд, ки аз муомилоти васеи онҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамин тавр, тиҷорати хориҷӣ ва дохилӣ дар замони ҳукмронии юнониён дар Ориёншаҳр хеле афзуда буд.



### САВОЛҲО

1. *Давлати Юнону Бохтар чӣ гуна ташкил ёфт?*
2. *Шукуфоии давлати Юнону Бохтар ба замони кадом шоҳҳо рост меояд?*
3. *Тарзи идораи он давлат чӣ тавр буд?*
4. *Маркази давлат дар кадом шаҳр буд?*
5. *Чаро Бохтарро «Кишвари ҳазор шаҳр» мегӯянд?*
6. *Санъати эллинӣ чист?*
7. *Чаро ориёиҳо рӯди Вахшро муқаддас меҳисобиданд?*
8. *Кадом шаҳрҳоро медонед, ки Искандари Мақдунӣ сохтааст?*

# БОБИ VI
# АШКОНИЁН

## §54. ТАЪСИСИ ДАВЛАТИ АШКОНИЁН

**Маълумоти умумӣ.** Вилояти Порт (Парфия) дар шимолу шарқи Хуросон дар байни Гиркония (Гурғони асримиёнавӣ) ва Марғиён (Марв) ҷойгир буд. Дар шимол бо Деҳистон, дар ҷанубу шарқ бо Ҳирот ва дар ҷануб бо Сакистон (Систон) ҳамсарҳад буд. Баъди марги Искандар давлати ӯ байни сарлашкаронаш тақсим шуд ва Ориёншаҳр ба дасти Селевк афтод. Ӯ Бохтарро ба Диодот, Суғдро ба Евтидем ва Портро ба Андрогор супурд, аммо сарлашкарон мехостанд, ки давлати алоҳида дошта бошанд. Аз ноороми дохилии империя истифода бурда, дар як вақт Диодот дар Бохтар ва қабилаҳои ориёӣ дар Порт муборизаро сар намуданд. Иттиҳоди қабилаҳои сакоӣ–тӯрҳои Портро Арсак–Аршак сарварӣ менамуд. Онҳо ба лашкари юнониҳо, ки ба он Андрогор роҳбарӣ менамуд, ҳуҷум оварда, онро торумор месозанд ва сатрапии Портро соҳиб мешаванд. Ин ҳодиса соли 247 пеш аз милод рух дода буд. Аршак – асосгузори сулолаи нави ориёҳо бо номи Ашкониён машҳур мешавад.

Маркази онҳо шаҳри Нусай (дар назди шаҳри Ашқободи Туркманистони кунунӣ) буд ва харобаи онро бостоншиносон таҳқиқ кардаанд, ки ҳоло бо номи Нисо маълум аст. Нисо шакли арабишудаи калимаи тоҷикии Нусай мебошад.

**Муборизa бо Селевкиён.** Давлати навбунёди ориёӣ ду душмани бузург дошт: яке Селевкиён ва дигаре давлати Юнону Бохтарӣ. Дар ҳар дуи ин давлатҳо қувваҳои зиёди лашкари юнониён мавҷуд буданд ва онҳо мехостанд мустақилияти Портро аз байн баранд. Бинобар ин, Ашки I ба вилояти Гургон ҳуҷум намуда, юнониёро ронда, онро ба давлати худ ҳамроҳ мекунад ва сиккаҳои (тангаҳо) худро ба муомилот мебардорад. Солҳои 230-227 пеш аз милод Селевки II марзҳои ғарбии худро мустаҳкам намуда, барои забти сатрапиҳои шарқӣ лашкар мекашад. Дар ибтидо лашкари Селевкиён баъзе ноҳияҳоро гирифтанд, аммо сакоиҳо ба ёрии Ашкониён омада, ба қувваҳои душман зарбаи марговар расонда, ҳамватанонашонро ғолиб намуданд. Дар ин давра дар Сурия шӯриш ба вуҷуд омад ва Селевк маҷбур шуд, ки боз ба сӯйи ғарб равад. Аршак дар шаҳри Арсак маъбади оташи муқаддасро

шуълавар намуда, тоҷи шоҳиро ба сар мениҳад. Дар давраҳои минбаъд Аршак барои бунёди шаҳру деҳоти мамлакат кӯшиш ба харҷ медиҳад. Лашкари бонизом ташкил медиҳад. Ташкили давлати ориёӣ ва эҳёи тозаи русуми миллӣ аҳамияти бузург дошт. Ин оғози аз байн бурдани давлати Юнону Макдунӣ буд. Соли 209 пеш аз милод Антиохи III боз барои сарнагун намудани давлати Ашкониён лашкар кашид ва ба ривояти таърихнигорони юнонӣ, Аршаки II бо Антиох сулҳ мебандад ва ба давлати Антиохи III итоат мекунад. Аммо ашрофони ориёӣ ба ин аҳднома розӣ нашуда, табаддулоти дарборӣ карда, Аршаки II – Тирдодро сарнагун намуда, писари амаки Аршак – Фариопатро ба тахт мешинонанд, аммо дере нагузашта ба сари давлат Тирдоди I меояд. Дар замони Тирдод давлати Ашкониён ба шарқу ғарб васеъ мешавад. Аз шӯришҳои дохилӣ ва кашмакашиҳои дарбории Селевкиён дар ғарб баъзе вилоятҳо, монанди Элом ва Порс худро мустақил эълон мекунанд, Тирдод (171–139 пеш аз милод) ба давлати Юнону Бохтарӣ ҳуҷум намуда, баъзе вилоятҳои ғарбии онро ба худ тобеъ менамояд. Соли 148 вилояти Модро ба давлати худ ҳамроҳ мекунад ва унвони шоҳи бузургро мегирад.

Гирифтани Мод барои Тирдод ба сӯйи шимол ва ҷануб барои ҳамроҳ намудани вилоятҳои Порс, Элом ва Бобул роҳ кушод. Ин вилоятҳо ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил буданд, аммо дар давраи ҳукмронии юнониён мардуми ориёии эллинишуда ба вуҷуд омаданд, ки мададгори юнониён ба шумор мерафтанд. Бинобар ин, Тирдод соли 141 пеш аз милод ба ҷануб лашкар кашида, шаҳри Селевкро дар соҳили рӯди Фурот ба даст меорад ва Шуш ва Бобулро низ тобеъ менамояд. Дар ин ҷойҳо лашкари Тирдод ба муқобилати шадиди юнониҳо ва тарафдорони онҳо дучор меояд. Ҳатто порсҳо, бобулиён ва бохтариён ба ёрии селевкиҳо омаданд, аммо лашкари Тирдод қувваҳои иттифоқчиёнро бо сарварии шоҳи Селевк – Деметрии II моҳирона торумор месозад ва соли 139 пеш аз милод бештари вилоятҳои ориёнишинро зери назорат медарорад.

Солҳои 138–137 пеш аз милод бар тахти шоҳӣ писари Тирдод– Фарҳоди I менишинад ва ҳамаи диққати ӯ ба сӯйи шарқ – ба давлати Юнону Бохтарӣ нигаронида мешавад, зеро дар ин вақт қабилаҳои ориёии йуҷиҳо – тахорҳо аз шарқ ба заминҳои давлати Юнону Бохтар даромада буданд ва аз лашкари он талафоти зиёд дида, дар ҳолати аз байн рафтан буд. Дар ин вақт Антиох вазъиятро дар Сурия ором намуда, барои вилоятҳои аздастрафтаи шарқӣ ба ҳуҷум мегузарад ва боз қувваҳои Бобул, Байнаннаҳрайн, Порс ва ғайра ба юнониҳо ҳамроҳ мешаванд ва

дар се муҳориба ғолиб омада, бисёр заминҳои ҷанубӣ, аз ҷумла Элом, Бобул, Порс ва ҳатто Мод ба дасти юнониён мегузаранд.

Дар мавсими зимистон ҷанг қатъ шуда, лашкари юнониҳо барои дамгирӣ ба шаҳрҳо тақсим мешавад. Фарҳоди I аз ин вазъият моҳирона истифода намуда, мардуми ориёиро шӯронида, лашкари калон ташкил намуда, ба қувваҳои парокандаи юнониён ҳуҷум меорад ва онҳоро ба осонӣ торумор месозад. Антиох лашкар ҷамъ намуда, ба ёрии қувваҳои дар Порт буда меояд, аммо дер шуда буд. Фарҳод лашкари омадаи Антиохро нобуд мекунад, худи император низ кушта мешавад. Ин зарбаи ҳалокатовари ориёиҳо сабаби вожгунии империяи Селевкиёни таҷовузгар гардид.

Ҳамин тавр, империяи бузурги Селевкиён соли 130 пеш аз милод комилан аз байн меравад. Акнун Фарҳод мехост ба сӯйи Сурия ва Осиёи Сағир лашкар кашад, аммо тавре ки қаблан зикр намудем, йуҷиҳо (сақоиҳо) дар солҳои 40-30 асри II пеш аз милод давлати Юнону Бохтариро торумор намуда, ба қаламрави давлати Ашкониён наздик мешаванд. Фарҳод аз ҳуҷуми ғарбии худ даст кашида, ба сӯйи шарқ меояд ва дар муҳорибаҳо худи ӯ ва ворисаш Ардавон ҳалок мешаванд. Ҷангҳои шарқӣ давлати Ашкониёнро хеле бемадор кард, дар ғарб қувваҳои марказгурез




**Расми 67.** ***Давлати Порт.***

мекӯшиданд, ки ҷудо шаванд. Вазъият дар замони подшоҳии Митридоди II (123–87 пеш аз милод) тағйир меёбад. Ӯ дар давраи подшоҳии дуру дарози худ ба қувваҳои марказгурез зарба зада, вазъияти мамлакатро ором месозад. Қувваҳои юнонӣ, ки аз Сурия ёрӣ мегирифтанд ва сабаби ноормиҳои давлат мешуданд, ночор ба сиёсати ҳукумат мутеъ гаштанд.

Митридоди II ҳаракати сакоиҳоро ба ғарб боздошт. Сакоиҳо дар заминҳои атрофи Ҳомун муқимӣ шуда, давлати худро ташкил доданд, ки минбаъд бо номи Сакистон (Систон) машҳур гардид.

Дар замони подшоҳии Митридоди II давлати Ашкониён дар аввали асри I пеш аз милод ба авҷи тараққиёти худ мерасад.

**Ҷанг бо римиҳо.** Дар асри I пеш аз милод империяи Рим дар шарқу ғарб забткориҳои бисёреро анҷом дод. Ашкониён дар забткориҳои Осиёи Сағир, соҳилҳои баҳри Охшиён ва ҳатто Қафқози Шимолӣ ба корҳои Рим дахолат намекарданд. Аммо римиҳо таҷовузро давом дода, ба заминҳои ориёӣ ворид шуда, манфиати давлати Ашкониёнро ба эътибор намегирифтанд. Ашкониён аз роҳҳо ва тиҷорат бо шаҳрҳои соҳили баҳри Миёназамин даромади калон ба даст меоварданд. Ба ихтиёри Рим (Рум) гузаштани минтақаҳои он сабаби норозигии тоҷирони ориёӣ ва кам шудани даромади онҳо гардид. Бинобар ин, Ашкониён дар кашмакашҳои дарбории римиҳо фаъолона иштирок намуда, барои барҳам додани империяи онҳо мекӯшиданд.

Римиҳо низ дар ҳукумату мамлакати Ашкониён, махсусан, дар шаҳрҳои юнонӣ тарафдорони зиёд доштанд ва онҳоро барои суст намудани империяи ориёиҳо истифода мебурданд. Дар асрҳои II–I пеш аз милод дар Порт ду қувваи ба ҳам зид мавҷуд буд: яке иттиҳоди шаҳрҳое, ки аҳолии юнонӣ доштанду ҷонибдори сохти ғуломдорӣ ва мустақилият буданд ва Рим онҳоро дастгирӣ мекард, гурӯҳи дуюм аз давлатмандони ориёӣ иборат буд, ки бо саҳронавардони шарқӣ алоқа доштанд. Дастаҳои тирандози сакоиҳо дар лашкари Ашкониён мавқеи калон доштанд ва онҳо мехостанд ҳуҷумро ба ғарб давом дода, ғаниматҳи бештар ба даст оранд. Инчунин, онҳо мехостанд тамоми заминҳои дар тасаррруфи Ҳахоманишиёни дар Осиёи Хурд будаҳо баргардонанд.

Солҳои 57–53 пеш аз милод ҷангҳо давом карданд. Моҳи майи соли 53 пеш аз милод дар назди шаҳри Ҳаррон ҳар ду қӯшун ба задухӯрди хунин шурӯъ намуданд. Дар лашкари Ашкониён махсусан, дастаҳои сакоӣ, суғдӣ ва бохтарӣ қаҳрамонӣ нишон дода, лашкари римиҳоро бо сарварии сарлашкари машҳур Марк Красс торумор карданд ва худи сарлашкар ҳалок гашт. Ин зар-

баи марговар, ки лашкари Рим ҳеҷ гоҳ надида буд, дар таърихи римиҳо то сарнагун шудани империя фаромӯш нашуд. Ашкониён метавонистанд ҳуҷумро дар қаламрави Рим идома диҳанд, аммо мунокишаҳои дарборӣ барои тамоман суст намудани Рим имконият надоданд. Дар замони император Антоний ҳуҷумҳо аз нав оғоз шуданд, аммо римиҳо боз шикаст хӯрданд. Давлати Порт дар замони хукмронии Ардавони II хеле мустаҳкам мешавад.

**САВОЛҲО**



*1. Ашки 1 кӣ буд ва чӣ тавр Селевкиёнро ронд?*

*2. Вазъияти давлати Ашкониён дар замони подшоҳии Тирдод чӣ хел буд?*

*3. Фарҳод бо лашкари Антиох чӣ кард?*

*4. Лашкари империяи Римро кадом дастаҳо торумор намуданд?*

## §55. СОХТИ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСИИ ДАВЛАТИ АШКОНИЁН

**Сиёсат.** Тавре ки маълумот доред, асосгузори давлати Ашкониён Ашки I буд ва дудмони онро Ашконӣ меномиданд. Ғалабаи Ардавони II бар Антоний ба римиҳо сабақ шуд, ки дигар ба замини ориёиҳо ҳуҷум накунанд. Дар замони император Октавиан сулҳу оромӣ дар байни ин ду давлати ҷаҳонӣ вуҷуд дошт. Ардавон фаҳмид, ки шаҳрҳои юнонӣ бо ҳукумати марказӣ душманӣ мекунанд, бинобар ин, вай сардорони шаҳрҳоро ба дарбори худ оварда, вазифа медиҳад ва ба ҷойи онҳо аз хонадони Ашкониён сардорони шаҳр таъйин менамояд. Вай бо ин восита таъсир ва худмухтории шаҳрҳо–полисҳоро суст мегардонад.

Ашкониён, ашрофон ва рӯҳониёни зардуштӣ кӯшиш менамоянд, ки ба русуми миллии худ баргашта, аз оинҳои эллинӣ даст кашанд. Эҳёи расму одатҳои ориёӣ авҷ мегирад. Ин сиёсати Ардавони II дар тамоми империя равнақ гирифт ва эллиниҳо оҳиста-оҳиста ба мардуми ориёӣ табдил меёфтанд.

Ашкониён мекӯшиданд ба мақомоти давлатӣ сарварони қӯшуни ориёиҳои саҳронавард, яъне тӯрҳоро ҷалб намоянд, то ки хавфи ҳуҷумҳои онҳо ба давлат аз байн равад. Ҳамин тавр, Ашкониён сиёсати миллӣ сохтани давлатро пеш гирифтанд, ки он барои устувории давлат хеле муҳим буд. Ашкониён зери шиорҳои «империяи бузурги Ҳахоманишиёнро барқарор менамоем, сарзаминҳои гузаштаамонро боз бармегардонем» амал мекарданд ва ин равия аз ҷониби ашрофи ориёӣ тарафдорӣ карда мешуд.

Оромӣ дар мамлакат боиси равнақи зироат, боғдорӣ ва ҳунармандию тиҷорат гардид. Дар ин замон шаҳрҳо ва деҳаҳо меафзоянд ва обод мешаванд. Бисёр каналҳои обёрӣ сохта мешаванд, киштзорҳои зироатҳои обӣ равнақ мегиранд. Мувофиқи ривоятҳои таърихӣ дар заминҳои паҳновар токзорҳо ба вуҷуд меоянд. Кишти пахта, зағир, кунҷид хеле густариш меёбад. Чорводорӣ низ равнақ ёфта, муносибати чорводорон бо кишоварзон ва додугирифти байни онҳо ба авҷи аъло мерасад.

**Тиҷорати хориҷӣ.** Дар замони Ашкониён тиҷорати хориҷӣ хеле авҷ гирифт. Либосҳо ва матоъҳои катонии Ашкониён, махсусан, аз шаҳри Борсипи Бобул шуҳрати ҷаҳонӣ доштанд ва дар ҳудуди империяи Рим бо арзиши баланд ба фурӯш мерафтанд. Аспҳои портӣ, ки имрӯз бо номи зоти ахалтекинии туркманӣ машҳуранд, дар замони Ашкониён бо нархи баланди тилло фурӯхта мешуданд. Шоҳони ашконӣ тангаҳои тилло – динор ва нуқраро сикка мезаданд ва дар муомилоти дохилӣ ва хориҷӣ истифода мебурданд.

Афзорҳои оҳанини марвӣ, махсусан, силоҳҳо ва гилемҳои истеҳсоли маҳаллӣ ба тамоми Шарқу Ғарб бурда мешуданд. Давлати Палмир дар Осиёи Хурд миёнарави муомилоти Риму Порт буд. Тоҷирони ориёӣ ва римӣ ин ҷо ҷамъ шуда, моли худро иваз менамуданд ё ба воситаи тоҷирони палмирӣ ба Ғарб, ба империяи Рим мефиристоданд.

Барои ба Ҳиндустон рафтан аз роҳҳои баҳрӣ (халиҷи Форс ва уқёнуси Ҳинд) ва хушкӣ (пеш аз ҳама Систон ва Қандаҳор) истифода мебурданд. Роҳи тиҷоратии Шарқу Ғарб ба воситаи империяи Кӯшониён ба Чин пайваст мешуд. Роҳҳо тахти назорат ва бехатарии корвонҳо аз тарафи ҳукумат таъмин мегардид. Ба Миср, Карфаген тиҷорат ба воситаи баҳри Миёназамин, баҳри Сурх ва роҳҳои хушкӣ сурат мегирифт. Умуман, дар он замон чор империяи ҷаҳонӣ буд: Рим, Порт, Кӯшон ва Чин. Тиҷорат асосан дар дасти ду империяи бузурги ориёиҳо: Ашкониён ва Кӯшониён қарор дошт. Савдогарони ин ду давлат дар байни Чину Рум миёнарав буданд ва аз ин кор ҳам тоҷирон ва ҳам давлат даромади зиёд мегирифтанд.

**Сохтори давлатӣ.** Сохти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи Ашкониёнро бехато муайян намудан мушкил аст, аммо дар бораи он ки мардум ба табақаҳо тақсим шуда буд, шубҳае нест. Мувофиқи ҳуҷҷатҳо ва маълумоти китоби «Авесто», ҷомеа ба чор гурӯҳ – озодон ё саворагон, кишоварзон, мубадон ва ғуломон ҷудо мешуд.

1. Озодон (азатҳо) ё саворагон табақаи ашрофоне буданд иборат аз шоҳон ва лашкариён. Ба ин табақа наҷибон, олинажодон, ҷавонмардон ва бузургон дохил мешуданд. 2. Кишоварзон сершумортарин гурӯҳ буданд. Онҳо нисбатан озод буданд, заминy об доштанд ва низ ба давлатмандон, миёнаҳолон ва камбизоатон тақсим мешуданд. Ба ин гурӯҳ ҳунармандону косибон низ дохил буданд. 3. Мубадон – муғон корҳои дину мактаб ва дабирӣ, додситонӣ ва ғайраро анҷом медоданд. 4. Ғуломон якчанд навъ буданд: Ғуломони азалӣ, ки аз насл ба насл ғулом омадаанд ва «бандак» гуфта мешуданд; Ғуломони асир – ҳарбиён ва шаҳрвандони асир, ки дар натиҷаи ҷангҳо ба даст афтодаанд, «аншаҳрик», яъне бегона гуфта мешуданд. Ҳақ ва ҳуқуқи онҳо низ гуногун буд. Сохти ғуломдорӣ дар байни ориёиҳо шаклҳои гуногун дошт. Дар вилоятҳои ғарбӣ, аз ҷумла Ориёнои Ғарбӣ, Бобул, Байнаннаҳрайн ва Осиёи Хурд, ки ба Юнону Рим наздик буданд, ғуломдорӣ дар шакли классикӣ амал мекард. Дар деҳоти шарқӣ, аз ҷумла Ориёнои Шарқӣ сусттар буд. Дар ин ҷо ба монанди Ориёнои Ғарбӣ навъҳои бисёри ғуломон набуданд. Омадани юнониён ба Ориёнои Шарқӣ сохти гуломдориро такмил дод ва навъҳои ғуломонро афзуд.

Ҳудуди давлати Ашкониён дар охири асри I пеш аз милод ва аввали милод хеле густариш ёфта буд. Дар шимол бахши Қафқоз, бахше аз Осиёи Сағир то укёнуси Ҳинд ва дар шарқ бахши Бохтар ва бахши Систонро то водии Ҳинд дар бар мегирифт, Сарвари умумӣ шоҳаншоҳ ба ҳисоб мерафт, аммо дар дохили ин империя давлатчаҳои худмухтор вуҷуд доштанд, агарчи дар бештари онҳо намояндагони хонадони ашконӣ ҳукм меронданд. Сохтори давлат ва тарзи идораи он дар ибтидо муназзаму якхела набуд.

Дар вилояти Порс шакли идораи Ҳахоманишиён, дар дигар манотиқ шаклҳои идораи демократии полисҳои юнонӣ ва демократияи ҳарбии ориёиҳои шарқӣ амал мекард. Дар корҳои идоравии давлат аксаран намояндагони дудмони ашконӣ ширкат доштанд.

Дар назди шоҳ ду шӯро амал мекард; а) шӯрои намояндагони хонадони шоҳӣ, ки масъалаи таъйини шоҳро (яъне дар ҳолати зарурат аз ин хонадон кӣ бояд шоҳ шавад) ҳал менамуд; б) шӯрои мубадон, ки дар корҳои давлатӣ ва динӣ таъсири бузург дошт. Ғайр аз ин, дар корҳои идоравӣ намояндагони 6 хонадони бузург, ба монанди Ҳахоманишиён ширкат меварзиданд. Бахше аз империя ба сатрапҳо тақсим мегардид, ки роҳбарони онҳоро шоҳ таъйин мекард. Бахши дигарро ҳокимони мутеъ, ки дар онҳо намоян-

дагони полисҳои юнонӣ, ғайриориёӣ ва ориёӣ иштирок доштанд. Шаҳр–полис худмухтор буд ва деҳаҳои гирду атроф ба вай тобеъ буданд. Шаҳрро раис ва идораи ӯ сарварӣ менамуданд. Аз ҳамин лиҳоз дар империя ниммустақилият вуҷуд дошт ва ин сабабгори марказгурезӣ мегардид.

Аз ҳамаи заминҳо вобаста ба ҳосилнокӣ ба давлат андоз гирифта мешуд. Аз ҳуҷҷатҳои аз Нусай – шаҳри бобоии Ашкониён ёфтшуда маълум мешавад, ки ду навъи андоз: узборӣ ва патибож мавҷуд буд. Патибож барои шоҳ гирифта мешуд. Аз ҳамаи навъҳои муомилоти хариду фурӯш андоз меситониданд. Табақаи мубадон ва озодон андоз намесупориданд.

**САВОЛҲО**



***1. Ардавони II барои шаҳрҳои юнониро ба тарафи худ ҷалб намудан чӣ кор кард?***

***2. Ашкониён зери шиори «империяи бузурги Ҳахоманишҳоро барқарор менамоем» чӣ корҳо мекарданд?***

***3. Аспони портӣ имрӯз бо кадом ном машҳуранд?***

***4. Дар давлати Ашкониён чанд табақаи иҷтимоӣ мавҷуд буд?***

## §56. МУБОРИЗАИ ДОХИЛӢ ДАР ИМПЕРИЯИ АШКОНИЁН

Баъди вафоти Артабони II дар дарбор мубориза барои тахту тоҷ байни ду писари ӯ – Вардон ва Гударз оғоз ёфт, ки боиси сустии мамлакат гардид. Ниҳоят сулҳ карданд ва Вардон шоҳ шуд. Вазифаи ӯ шикасти Селевк ва паст намудани нуфузи римиён дар шаҳрҳои юнонишин буд. Шаҳрҳое, ки аҳолии юнонӣ доштанд, аз нооромии дарбор истифода бурда, ба муқобили Ашкониён шӯриш мебардоштанд. Артабон шӯришҳоро пахш кард ва мустақилияти он шаҳрҳоро барҳам дод, шаҳри Селевкро низ забт кард. Аз байн бурдани мустақилияти шаҳрҳои зери таъсири римиён барои амнияти дохилӣ аҳамияти калон дошт. Шаҳрҳое, ки ҳанӯз дар замони юнониён мустақилият мехостанд, минбаъд мавқеи пешинро аз даст дода, дар зери назорати давлати Ашкониён афтоданд ва оҳиста-оҳиста ориёӣ ва ҷонибдори ҳукумати Ашкониён шуданд. Аммо дахолати Рим ба корҳои дохилии Ашкониён хотима наёфт. Рим аз мунокишаҳои дарборӣ моҳирона истифода менамуд. Рим аз норозигии бародарон истифода бурда, бо дасти дарбориён Артабонро ба қатл расонд. Дере нагузашта Гударз низ кушта шуд ва Вологези I подшоҳ мешавад. Вай

кӯшиш кард Арманистонро, ки ба тасарруфи римиҳо даромада буд, боз гардонад. Бештари ашрофи Арманистон тарафдори ба Ашкониён итоат намудан буданд. Баъди мубориза дуру дароз лашкари Ашкониён дар соли 63 милодӣ бар римиҳо ғолиб омада, бародари шоҳ–Гирдорро шоҳи Арманистон таъйин карданд, аммо ҳуҷуми аланду массагетҳо аз тарафи шимол ва Кӯшониён аз шимоли шарқ вазъиятро душвор гардониданд. Лашкари Ашкониён дар шарқ низ сарҳади давлати худро нигоҳ дошта навонист. Умуман, замони подшоҳии Вологези I замони пурзӯршавӣ ва болоравии империяи Ашкониён ба ҳисоб меравад. Дар ин давра шаҳрҳои нави ориёӣ ба вуҷуд омаданд. Дар рӯ ба рӯйи Селевк шаҳри Вологезгирд сохта шуд, ки вай бояд ҳамчун маркази тиҷоратӣ ва маъмурӣ нақши Селевки дар дасти римиҳо бударо коҳиш медод. Дар ҳамин давра барои маънавиёт ва расму оини миллиро ҷорӣ ва мустаҳкам намудан мубадон ба гирдоварӣ ва китобати «Авесто» шурӯъ намуданд. Оини Маздаясно ба сатҳи давлатӣ бардошта шуд. Дар болои сиккаҳои шоҳони ашконӣ ҳамчун рамзи дини миллӣ миҷмари оташ бо шоҳ акс гардид. Ба ҷойи хатту забони юнонӣ хатту забони ориёӣ-паҳлавӣ ҷорӣ гардид.

**Лашкаркашии императори Рим ба муқобили Ашкониён.** Дар аввали асри II милод дар дарбори шоҳони Ашконӣ боз кашмакашиҳо барои тахт авҷ мегирад ва соли 114 императори Рим аз ин вазъият истифода бурда, ба мамлакати Ашкониён лашкар мекашад. Вай аввал Арманистонро мегирад ва сипас сӯйи Байнаннаҳрайн роҳ мекушояд. Кашмакашиҳои дарборӣ ба лашкари ориёиҳо имкони ҷангу муқобилияти ҷиддӣ карданро намедоданд. Дастаҳои хурде, ки дар марз ва шаҳрҳо буданд, ба муқобили лашкари бузурги римиҳо истодагарӣ карда наметавонистанд. Мубориза байни даъвогарони тахту тоҷ – Хусрав ва Вологези II давом дошт. Бисёр шаҳрҳои Байнаннаҳрайн бе мубориза таслим мешуданд. Соли 115 римиҳо дар шимоли Байнаннаҳрайн вазъияти худро устувор намуда, баҳори соли 116 ба сӯйи маркази Ашкониён – шаҳри Тайсафун ҳуҷум карданд ва онро ба осонӣ ишғол намуданд. Дар баробари ғаниматҳои бисёр, тахти заррини бо сангҳои гаронбаҳо ва ҷавоҳирот ороодаи Ашкониёнро ба яғмо бурданд. Римиҳо ба воситаи рӯди Фурот ба халиҷи Порс роҳ ёфтанд.

Римиҳо дар ҳамаи ноҳияҳои ишғолкарда андози вазнин ва русуми худро ҷорӣ намуданд. Бинобар ин, соли 117 қариб дар тамоми шаҳру деҳаҳои ишғолнамудаи римиён шӯришҳо сар за-

данд. Шўришчиён дастаҳои римиёнро нобуд мекарданд. Соли 117 римиҳо аз давлати Ашкониён ронда шуданд. Троян, императори Рим, боз ба ҳуҷуми навбатӣ тайёрӣ медид, аммо вафот кард. Императори нав – Адриан бо шоҳи Порт – Вологези II (129–147) сулҳ баста, дар мамлакат оромиро барқарор намуд.

Дар аввали солҳои 90-ум боз муборизаҳои дарборӣ авҷ мегиранд. Лашкари римиён аз ин вазъият истифода бурда, Арманистон ва шимолии Байнаннаҳрайнро забт менамоянд. Шоҳони вилояти Порс аз ҳукмронии Ашкониён норизо буданд. Онҳо Ашкониёнро саҳроӣ номида, ҳамеша кўшиши аз итоати онҳо баромаданро доштанд. Вилояти Порс дар замони Ардашер пурқувват шуда буд. Вай ба муқобили лашкари Артабон меҷангад ва ғолиб меояд. Ҳамин тавр, давлати Ашкониён баъди 480 соли ҳукмронӣ ба осонӣ аз байн рафт ва дудмони Сосониён ба сари қудрати сиёсии Ориёнзамин омад.

### САВОЛҲО



*1. Замони подшоҳии Вологези 1 барои империяи Ашкониён чӣ гуна буд?*

*2. Баъди марги Ардавони 11 дар дарбор чӣ гуна кашмакашиҳо шуд?*

*3. Римиҳо кадом сол маркази давлати Ашкониёнро бо осонӣ гирифтанд?*

## §57. ФАРҲАНГИ ДАВРОНИ АШКОНИЁН

**Хат ва забони Ашкониён.** Забони Ашкониён ориёӣ буд, аммо бо шеваи худ аз дигар забонҳои ориёӣ, аз ҷумла порсӣ фарқ дошт. Аз ин лиҳоз он дар адабиёти ориёӣ, аз ҷумла авестоӣ бо номи «паҳлавӣ» маъруф аст. Дудмони онҳо аз номи саравлодашон – Ашк ном гирифтаст. Тавре ки аз дарсҳои гузашта медонед, Ашкониён аз сарзамини кунунии Туркманистон, аз ҳудуди Ашқобод (Ашкобод) буданд. Харобаи шаҳри аҷдодии онҳо бо номи Нусай дар масофаи 18 км ғарбтари Ашқобод воқеъ мебошад. Мувофиқи гуфтаи забоншиносон дар қадим ин мардум «паржав» ё «парҳав» ном доштанд ва вожаи «паҳлавӣ» аз онҳо баромада, маънояш дар забони имрўза паҳлавон мебошад.

Вақте Ашкониён лашкари Селевкиёнро шикаст доданд ва дар сарзамини аҷдодиашон – Деҳистону Гургон мустақил шуданд, ба ҳукмронии юнониҳо сад сол пур шуда буд. Ашкониён забону хат-

ти юнониро хуб медонистанд.Мардуми аҳли илму адаб ва сиёсат ҳама ба хатту забони юнонӣ шинос буданд ва аз ҳамин лиҳоз, онҳо дар давлати навбунёди худ муддати зиёде аз забону хатти юнонӣ истифода намуданд. Вақте ки онҳо юнониёнро аз қаламрави Ориёно ронданд ва комилан мустақил шуданд, ба хатту забони модарии худ баргаштанд. Азбаски хатти авестоии замони ҳахоманишӣ фаромӯш шуда буд, Ашкониён хатти оромиро қабул намуда, ба забони худ мутобиқ карданд. Хат оромӣ ва забон паҳлавӣ буд. Хатти оромӣ дар болои сиккаҳои Меҳрдоди IV бо забони паҳлавӣ навишта шудааст. Ашкониён дар муддати 200 сол хатту забони юнониро истифода мебурданд ва баъди ин дар аввали асри якуми милодӣ ба хатту забони худ мегузаранд. Дар ватани аҷдодиашон шаҳри Нусай (Нисо, Насо), 2000 ҳуҷҷат дар болои пораҳои сафол бо хатти оромӣ ва забони паҳлавӣ ёфт шуданд, ки онҳо оид ба даромаду баромади дарбор маълумот медиҳанд. Алифбои паҳлавӣ 22 ҳарф дорад ва дар асоси он матнҳои авестоӣ ва дигар китобҳо навишта шудаанд. Забони паҳлавӣ ба забони имрӯзаи мо хеле наздик аст. Дар он бисёр калимаҳои забони тоҷикӣ, ба монанди хона, май, шодиён, моҳ, зан, одам, жарф ва ғайра истифода мешуданд. Аҳамияту нақши давлати Ашкониён пеш аз ҳама, дар гирд овардан ва ба забони паҳлавӣ навиштани матнҳои авестоӣ ва садҳо китобҳои дигар буд, ки дар замони истилои араб нобуд карда шуданд. Шоҳномаи пеш аз ислом бо номи «Худойнома», «Форснома», «Ардавирофнома», «Дарахти Ассурик» ва чандин китоби дигар ба ин забон навишта шудаанд. Забони паҳлавӣ дар ташаккул ва такомули забони имрӯзаи форсии тоҷикӣ нақши бузург дорад.

**Ҳунари меъморӣ.** Дар замони давлати Ашкониён, ки зиёда аз 400 сол арзи вуҷуд кард, бисёр шаҳрҳои бузурги марказӣ, маъмурӣ ва тиҷоратӣ пайдо шуданд, ки дар тамаддуни ҷаҳон нақши бузург бозидаанд. Нусай дар даврони исломӣ бо номи Нисо машҳур шуд. Ин шаҳри Ашкониён, яъне Нисо яке аз марказҳои маъмурӣ, ҳунармандӣ, санъати тасвирӣ ва тиҷоратӣ буда, дар марзи кӯчиёни массагетҳо ва хоразмиён воқеъ буд. Шоҳони Ашконӣ ҳар сол ин ҷо меомаданд ва дар ободии он кӯшишҳо мекарданд.

Харобаи Нусай аз тарафи бостоншиносон таҳқиқ шудааст ва мо дар бораи қасри шоҳони он мушаххас сухан гуфта метавонем. Ҳоло харобаи қасри подшоҳони ашконӣ бо номҳои Нусайи Куҳан ва Нусайи Нав маъруфанд. Нусайи Куҳан дар баландии теппаҳо бунёд гардида, 14 гектар заминро дар бар мегирад. Атрофи онро девори ҳимоявӣ бо 43 бурҷ иҳота мекард. Дохили шаҳр бо

хонаҳои боҳашамат обод шуда буд. Бостоншиносон ибодатгоҳ ва баъзе ҳуҷраву толорҳои шоҳиро кашф карданд, ки дар шеваи миллии ориёӣ бо истифодаи сабки юнонӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ сохта шудаанд. Дар бахши борхона ҳуҷраҳои бо хумҳои май, ханбаҳои гандум, ҷав, биринҷ ва ғайра вуҷуд доштанд. Ибодатгоҳ ва толору ҳуҷраҳои қаср бо сутунҳои сангин, поя ва сарсутунҳои боҳашамат сохта шудаанд. Толорро ҳайкали одамони ростистода, нимпайкараи худоёни юнонӣ ва ориёӣ оро медоданд. Биноҳои шаҳрро аз хишти хом ва пахса яккабата ва дуқабата бо пӯшиши ҳамвор сохтаанд. Хишти пухтаро дар сутунҳо, нимсутунҳо ва фарш истифода бурдаанд. Гаҷ барои нақшҳои барҷаста ва сафед намудани деворҳо ба кор рафтааст. Деворҳои ибодатгоҳ ва қасрҳо бо рангҳои сурху ҷигарӣ оро дода шудаанд. Аз харобаи қасрҳо бостоншиносон ҳайкалони худоёну олиҳаҳоро пайдо кардаанд.



**Расм 68.** ***Қасри шоҳони Ашконӣ дар Нусай.***

Дар замони Ашкониён шаҳри Марв яке аз марказҳои фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва маъмурӣ буда, даҳҳо қасру биноҳои боҳашамат дошт. Дар ин ҷо деҳу биноҳои замони Ашкониён низ таҳқиқ шудаанд.

Ашкониён якчанд бор пойтахти худро иваз намудаанд. Дар ибтидо марказ шаҳри аҷдодии онҳо Нусай буд. Вақте онҳо ба сӯйи ғарб ҳудуди давлати худро васеъ карданд, пойтахтро ба Ҳекатомпил, шаҳри Саддарвоза, ки дар домани кӯҳи Домғон аст, кӯчониданд. Вақте ки вилояти Модро аз истилогарони Юнону Мақдунӣ озод карданд, пойтахтро ба шаҳри Рай ва дар охир ба Тайсафун кӯчониданд. Ашкониён Тайсафунро дар соҳили чапи рӯди Даҷла, дар муқобили Селевкия сохта, мехостанд, ки аз он боҳашаматтар бошад. Онҳо дар бисёр шаҳрҳо маъбади оташи муқаддас, худовандони Митро ва Аноҳитаро сохтаанд. Дар шаҳри Кинговар маъбади Аноҳитаро таҳқиқ намудаанд, ки ҳаҷман хеле бузург аст. Гирдогирди онро се қатор сутунҳои бузург, ки миқдорашон ба 258 мерасид, иҳота мекардаанд.

Бинои маъбадро 32 сутуни бузургу боҳашамат оро медоданд. Ин бино аз мақоми олиҳа – Аноҳита (Ноҳид) дар оини Ашкониён шаҳодат медиҳад.

Дар Бобул ва дигар шаҳрҳо театрҳои аз юнониён боқимонда амал мекарданд ва бо биноҳои зебою боҳашамати худ аз ҳунари баланди меъмории он замон гувоҳӣ медиҳанд. Яке аз хусусиятҳои меъмории ориёии ин давра равнақ ёфтани пешайвон мебошад, ки дар тамоми қасру маъбадҳо ба назар мерасад.

Яке аз қасрҳои бисёр машҳури замони Ашкониён харобаи Кӯҳи Хоҷа дар Систон аст. Дар қаср намояндаи дудмони Ашкониён–суриёниҳо мезистанд. Қаср дар ҷазираи кӯли Ҳомун сохта шудааст. Вай даҳҳо хонаи истиқоматӣ, толорҳои қабули меҳмонон, гармоба ва маъбади оташ дорад. Маркази қасрро ҳавлии бузург ва гирди онро ҳуҷраҳо бо пешайвонҳои равоқпӯш иҳота мекунанд. Деворҳои толорҳои қаср бо нақшҳои барҷастаи гаҷӣ ва расмҳои рангаи одамон оро дода шуда буданд.



**Расми 69.** ***Қасри замони Портҳо. Кӯҳи Хоҷа дар Систон.***

## САВОЛҲО

1. *Забони Ашкониён чӣ ном дошт ва чӣ маъно дорад?*
2. *Чаро хатти Ашкониёнро оромиасос мегӯянд?*
3. *Шаҳри аҷдодии онҳо чӣ ном дошт?*
4. *Ашкониён чанд бор пойтахташонро иваз намуданд ва чаро?*

## §58 САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР ЗАМОНИ АШКОНИЁН

Ривояте машҳур аст, ки нақшунигор дар гач бори аввал дар Систон (дар Кӯҳи Хоҷа) пайдо шуда, баъдан ба Бобулу Рим рафтааст. Бояд тазаккур дод, ки нақшунигори барҷастаи Кӯҳи Хоҷа санъати баланд дорад, аммо расмҳои дар деворҳо кашидаи рассомони ориёии Систон ҳам ҷанбаи миллӣ ва ҳам эллинӣ доранд. Дар расмҳои ёдгории Дураевропос сабки наве пайдо мешавад, ки худоён ба бинанда нигоҳи ҷозибанок доранд. Ин нигоҳ эътиқоду бовари бинандаро ба худоён зиёд мекунад, ё барои парастиши онҳо даъват менамояд, яъне бинандаи парастандаро бо худоён мепайвандад.

Ғайр аз ин, дар ин расмҳо қудрати бузурги худовандон нисбат ба инсони камқудрат нишон дода шудааст. Хусусияти дигар он аст, ки расмҳои одамон якранг ифода шуда, камқудратии одами одиро нисбат ба бузургон нишон медиҳанд. Дар санъати ҳайкалтарошӣ таъсири ҳунари юнониён бештар ҳис мешавад Масалан, ҳайкалҳое, ки аз тоқҳои маъбади гирди Нусай ёфт шуданд, на танҳо симои юнонӣ, балки либос, кулоҳ ва мӯйи сарашон низ ба юнониён монанд мебошанд.

Масалан, ҳайкали мармарини олиҳаи Нусай аз миён боло урён буда, рӯй, мӯй ва тарзи истодани он ба худоёни юнонӣ шабоҳат дорад. Ҳайкали дуюм дар либоси дарози хитонӣ то болои пойҳо низ дар сабки юнонӣ сохта шудааст Махсусан, расмҳои барҷастаи болои ритонҳо (ҷомҳои аз устухони фил ба шакли шохи гов сохташуда) хеле зебо тасвир шудаанд. Дар гирдогирди гардани ҷомҳо саҳнаи хурсандӣ бо муғанниёну одамони нимурён, урён, марду зан, хурду калон, нимодаму нимҳайвон бо иштироки худои май – Дионис акс ёфтаанд. Дар ин саҳнаҳо бешак, мазмуну мундариҷаи замони эллинӣ таҷассум гардидаанд. Ин ҷомҳо дар асри II пеш аз милод дар дарбори Ашкониён сохта шудаанд. Муҷассамаҳо ва асарҳои дар сабки эллинӣ сохташуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки таъсири маданияти Юнон дар атроф хеле зиёд будааст, аммо

ҳайкал, расмҳо ва дигар чизҳое ҳастанд, ки онҳо хоси тамаддуни ориёиҳо, яъне Ашкониён мебошанд. Чунин муҷассамаҳо дар шаҳри Ҳатраи замони Ашкониён, дар Байнаннаҳрайн пайдо шудаанд. Масалан, бар рӯйи санге ҳайкалҳои се олиҳаи дар болои шер ростистода тасвир шудаанд, ки дар сар кулоҳи ориёӣ, яъне нӯгтез ва дар дасти рости яке гулчанбари давлат, дар дасти дигаре асо ва дасти сеюмӣ миҷмари оташ аст. Дар синаи олиҳаи мобайнӣ расми шер кашида шудааст. Шерсаворӣ ба олиҳаи Нана хос будааст. Ҳамин тавр, худозанҳо образи олиҳаҳои авестоӣ буда, либоси ориёӣ доранд.

Дар болои пояи баланде дар курсӣ шоҳзане бо либоси миллии ориёӣ нишастааст. Вай як дасташро боло бардошта гӯё оромии бинандагонро талаб мекунад. Аз шаҳри Ҳатра ҳайкали сарҳанге пайдо шудааст, ки дар тан либоси миллии ориёии камзул, кандиз, шалвор, дар пой мукӣ ва дар дасти чап шамшер дорад. Ҳайкал симои таърихии сарфармондеҳи қӯшуни Ашкониёнро ифода мекунад. Аз ҳамин ҷо ҳайкалҳои бисёре аз мармар, санги хоро ва биринҷии мутааллиқ ба шоҳон, шоҳзодагон ва ашрофи Ашконӣ ба даст омадаанд, ки бо ҳунари баланд сохта шудаанд.

Дар шаҳри Ҳатра на танҳо расму ҳайкали худоёни авестоӣ, юнонӣ, бобулӣ, ошурӣ, суриёнӣ ёфт шудаанд, балки симоҳои худоёни бадии оини Маздаясно, аз ҷумла Аҳриманро низ ёфтаанд.



**Расми 70.** ***Намуди барқароркардаи маъбади Гад аз Дураевропос.***

Аҳриман дар сар ду шох, дар дасти чапаш банди саги сесара ва либосаш, пойафзорҳояш ҳама аз мору каждум ва унсурҳои бадӣ ороиш доранд. Дар дасти рости Аҳриман табарчае ҳаст, ки сунбаи он дар шакли сари мор аст. Аз ду китфи Аҳриман ду мор баромадаанд. Рӯйи Аҳриман хеле даҳшатовару марговар тасвир шудааст. Дар паҳлуи росташ рамзи шаш кишвари бадӣ, дӯзах ва дар паҳлуи чапаш худозани бадӣ акс гардидаанд. Рассом симои Аҳриманро мувофиқи ривоятҳои авестоӣ кашидааст.

Дар яке аз сангҳо нақши барҷастаи худо – Зурвон тасвир шудааст. Ҳайкали худоёни некӣ, бадӣ ва Зурвон аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дини Ашкониён зурвонӣ буд. Танҳо дар оини зурвонӣ саҷда ба қувваҳои бадӣ ба назар мерасад.

Аз замони Ашкониён ёдгориҳои зиёди марбут ба динҳои масеҳӣ, буддоӣ ва митроӣ пайдо шудаанд. Ин ёдгориҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳудуди давлати Ашкониён пайравони динҳои мазкур низ зиндагонӣ доштаанд. Ёдгориҳои марбути оини калимӣ (яҳудӣ) низ вуҷуд доранд. Худи шоҳони ашконӣ ба оини аҷдодии худ –Маздаясно эътиқод доштанд. Онҳо дар симои худоёни юнонӣ худоёни авестоиро медиданд. Масалан, дар симои худои бузурги юнониён Зевс – Аҳурамаздо, Аполлон - Митро, Геракл – Варахран (Баҳром), Гелиос – Хуршед ва ғайра худоён ва фариштагони авестоиро мепарастиданд. Баъзе *олимон дини пор-*



**Расми 71.** ***Намуди дохилии маъбади Зевс аз Дураевропос.***



Расми 72. *Худозанҳои шерсавор аз Ҳатра.*



Расми 73. *Ҳайкали Аҳриман аз шаҳри Ҳатра*

тиёнро дини омезишёфтаи образҳои худоёни юнонӣ ва ориёӣ маънидод мекунанд.

**Дини Ашкониён.** Вақте ки Ашкониён дар ватани худ мезистанд, дини онҳо зардуштӣ буд. Вақте ки онҳо ба ҳайати империяи Селевкиён дохил шуданд, баъзе унсурҳои дини юнонӣ бо дини онҳо омезиш ёфт. Аммо вақте ки портҳо Селевкиёнро сарнагун намуданд, боз оини Зардушт ривоҷ мегирад. Дар замони шоҳ Билош «Авесто» аз даҳони мубадон гирдоварӣ ва китобат мешавад, ки он нусха то замони мо нарасидааст. Портҳо бисёр худоёни юнониро, ба монанди Апполон дар дар қатори худам офтоб Гелиус (Меҳр), Геракл дар образи Баҳром, худои ҷанг ва ғайра мепарастиданд. Аммо Аҳурамаздо, Аноҳид ва Меҳрро аз рӯйи «Авесто» мепарастиданд. Аз рӯйи ҳайкали Аҳриман, ки дар яке аз марказҳои порти шаҳри Ҳатра пайдо шуд, маълум мешавад, ки дини онҳо зурвонӣ равияи диниест, ки дар асоси зардуштия ба вуҷуд омадааст. Зурвонро худованди Замон, падари Аҳурамаздо ва Аҳриман медонистанд, яъне пайрави санавият (духудоӣ) буданд. Баъди нуҳ ҳазор сол Аҳриман худоиашро аз даст медиҳад ва Аҳурамаздо дунёро аз балӣ пок месозад.

Хатти портиҳо «паҳлавӣ» ном дошт, ки дар асоси ҳуруфи авестоӣ тартиб ёфта буд. Забони портиҳоро «паҳлавӣ» мееноми-

данд. «Авесто»-и ба дасти мо расида бо забону хатти паҳлавӣ навишта шудааст.

### САВОЛҲО



*1. Дар бораи навъи хат ва забони Ашкониён маълумот диҳед. Забони Ашкониён ва забони тоҷикӣ чӣ наздикӣ ва умумият дорад?*
*2. Доир ба равнақи санъати меъморӣ ва ҳунари тасвирии давраи Ашкониён чиҳо медонед?*
*3. Дар бораи ақидаҳои динии Ашкониён маълумот дода метавонед?*

## §59. ҲУНАРМАНДӢ ВА ТИҶОРАТ

**Кишоварзӣ.** Порт мамлакати паҳновар буд ва заминҳои он барои кишоварзӣ, чорводорӣ ва тиҷорату ҳунармандӣ мусоид буданд. Дар тӯли зиёда аз 400 соли ҳукмронии дудмони Ашконӣ шароити хуб барои равнақи кишоварзӣ ва шаҳру деҳот фароҳам омад. Асоси хоҷагии вилоятҳои шарқии Ашкониёнро заминҳои барои кишоварзӣ ва боғдорӣ мувофиқ ташкил медоданд. Сарчашмаҳои чинӣ дар бораи давлати Ашкониён навиштаанд, ки онҳо зиндагонии бумӣ доранд ва ба зироаткорӣ машғуланд. Онҳо гандум, ҷав, биринҷ ва май истеҳсол менамоянд. Аз сарчашмаҳои авестоӣ ва бостоншиносӣ маълум аст, ки ба ғайр аз зироатҳои номбурда загир, нахуд, наск, мош, аз боғдорӣ: себ, нок, зардолу, дар бахши Луристон хурмо ва зайтун; аз сабзавот: харбуза, тарбуз, бодинҷон, бодиринг ва ғайра; аз сабзиҷот: шибит, райҳон, хулоса, ҳамаи зироатҳо ва обчакориҳои имрӯза парвариш мешудаанд. Махсусан, бозёфтҳои бостоншиносӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ аз хусуси токпарварӣ маълумоти фаровон медиҳанд. Дар минтақаҳои – Ҳирот, Систон, Марв токпарварӣ ривоҷ ёфта буд. Заминҳо обӣ ва лалмӣ кишт мешуданд. Маъхазҳо дар бораи аспони портӣ бо таъриф сухан мегӯянд. Аспҳои портӣ хеле даванд будаанд. Шароити кӯҳҳои Копетдоғ, ки дар домани онҳо шаҳри Нусай ҷой дорад, барои парвариши асп хеле мувофиқ аст. Ин ҷо обҳои равон ва чарогоҳҳои სералаф бисёранд. Аспони зоти портӣ имрӯз бо номи аспони тездави ахалтекинии туркманӣ машҳуранд.

Дар ҳамон давра дар сарзаминҳои Марв, Бохтар ва Суғд шутурпарварӣ ва умуман, парвариши чорвои шохдори калон ва

хурд хеле равнақ дошт. Дар шимолу шарқии давлати Ашкониён қабилаҳои чорводори массагетҳо – сакоиҳои тӯр мезистанд ва зиндагии кӯчӣ ба сар мебурданд.

**Ҳунармандӣ.** Азбаски дар қаламрави Ашкониён чорводорӣ, аз ҷумла гӯсфандпарварӣ ва шутурпарварӣ ривоҷ дошт, пашм хеле зиёд буд, ки аз он чакман, кандиз, намад ва гилему дигар матоъҳо тайёр мекарданд. Маъхазҳо аз гилембофии Ашкониён ёдовар мешаванд. Гилемҳо – қолинҳои имрӯзаи туркманӣ, ки хеле машҳуранд, дар асоси анъанаҳои он замон бофта мешаванд.

**Кулолгарӣ.** Дар ин давра санъати кулолгарӣ хеле равнақ меёбад. Зарфсозон дар коргоҳи худ аз ҳунари юнониён, бобулиён, ошуриён ва гузаштагони худ – Ҳахоманишиён хуб истифода кардаанд. Кулолгарон ҳайкалсозони моҳир низ будаанд. Ҳайкали бисёр худоён аз гил бо тамоми нозукиҳои санъати тасвирӣ сохта шудаанд. Дар гил муҳрҳо, расмҳои барҷастаи гов, асп, паранда, бози давлат, шер ва ғайра сабт шудаанд.

Дар соҳаи заргарӣ устодони ориёӣ ба ҳунари баланд соҳиб шуда буданд. Онҳо аз тилло, нуқра, биринҷӣ зебу зинати занона, мардона ва дигар ашёи зиндагии рӯзгор месохтанд. Дар он давра мардону занон гарданбанд, бозубанд ва гӯшворҳо аз маъданҳои қиматбаҳо доштанд ва заргарон мувофиқи фармоиш барои онҳо ашёи ороишӣ месохтанд.

**Маъдангудозӣ.** Дар замони Ашкониён истеҳсоли маъданҳои зеризаминӣ низ равнақ мегирад. Истеҳсоли ранг, санги мармар, сангҳои сохтмонӣ ва дигар сангҳои қиматбаҳо барои сохтмони биноҳои боҳашамат ва зарфсозӣ ва ҳайкалтарошиву ашёи ороишӣ ривоҷ доштанд. Дар Хуросон сангтарошҳо миҷмар, дегу табақ ва косаю пиёла месохтанд.

Дар ин давра истеҳсоли мису биринҷӣ ва оҳан низ равнак ёфта, аз онҳо афзорҳои рӯзгор, аслиҳа, ҷавшан, шамшер, корд, ханҷар, пайкон, найза, бел, каланд, дос, табар, теша ва испор сохтаанд.

**Тиҷорат.** Замони ҳукмронии Ашкониён замони равнақу ривоҷи Роҳи абрешим ва тиҷорати дохилию хориҷӣ буд. Дар замони Ашкониён пули асосии муомилот сиккаҳои нуқра буданд, ки дирхам ном доштанд. Дар аввал онҳо дар асоси анъанаи пули Юнону Мақдунӣ амал мекарданд. Дар асри II пеш аз милод Ашкониён дирҳамҳои хоси худро бо вазну ҳаҷми муайян мебароварданд. Аммо пули давлати Порт ба муомилоти байналмилалӣ, аз ҷумла Рим вобастагӣ дошт ва онро мувофиқи динори римиён

сикка мезаданд. Дар асри I милодӣ Рим ба муомилоти сиккаҳои тиллоӣ мегузарад ва сифати тангаҳои нуқрагӣ коҳиш меёбад.

То ин вақт тангаҳои портӣ сифатан аз тангаҳои римиён беҳтар буданд ва арзиши онҳо аз пули римиён баландтар буд. Аз ин ҷост, ки сиккаҳои нуқраи портӣ дар Аврупо, Қафқоз, Миср, мамлакатхои Шарқи Наздик, соҳилҳои баҳри Сиёҳ, Кошғару Хутан ва Чин пайдо шудаанд. Харитаи тангаҳои ёфтшудаи портӣ далели муносибатҳои васеи тиҷоратии портиён дар он замон мебошад.

Ҳар сол аз Чин аз 5 то 12 корвони бузург ба сӯйи Ғарб мерафтанд. Онҳо дар фурӯшгоҳҳои шаҳрҳои ориёиҳо иштирок менамуданд. Дар бозорҳо оҳан, устухони фил, биринҷии Ҳиндустон, шоҳӣ ва коса, табақ ва пиёлаҳои чинӣ, порча, гулдӯзиҳо, аспони ориёӣ, чӯбҳои ороишии Шарқи Наздик, матоъҳои пахтагину пашмӣ, кандизҳо барои саворагон, чизҳои ороишиву зебу зинатӣ фурӯхта мешуданд.

Аз Хоразм то Тирмиз роҳи тиҷоратии киштигард амал мекард. Бозёфтҳои бостоншиносӣ аз Нусай нишон медиҳанд, ки ашрофи Ашконӣ дар рӯзгори худ молҳои хориҷӣ – аз Рим зарфҳои шишагин, аз Чин шоҳӣ ва чиниворӣ, аз Ҳиндустон устухони фил, ҷавоҳирот ва амсоли инҳоро истифода мекарданд ва зиндагонии бошукӯҳ доштанд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ



*1. Кадом навъи зироатҳо, сабзавот ва меваҷотро ориёиҳои давлати Порт истеҳсол мекарданд?*

*2. Ҳунармандӣ дар кадом сатҳ қарор дошт? Номбар кунед.*

*3. Ориёиҳои портӣ кадом навъи маҳсулоти ватаниро ба бозори хориҷа мебароварданд?*

# БОБИ VII
# КӮШОНИЁН

## §60. ИМПЕРИЯИ КӮШОНИЁН

**Пайдоиши Кӯшониён.** Дар асри II пеш аз милод дар марзи шарқии империяи Порт кӯчиёни сакоӣ, аз ҷумла Кӯшониён пайдо шуданд. Онҳо давлати Юнонии Бохтариро барҳам дода, ба давлати Ашкониён таҳдид доштанд. Мувофиқи ривояти таърихӣ қабилаҳои ориёии сакоӣ, ки дар саҳроҳои Тӯрон мезистанд, мададгори асосии Ашкониён дар ҷангҳои зидди юнониён буданд. Дар солҳои подшоҳии Фарҳоди II (138 пеш аз милод) Селевкиён ба сарзамини Ашкониён ҳуҷум оварда, Бобулро гирифтанд, аммо аҳолии Ориёнои Ғарбӣ шӯриш бардошта, ба лашкари Фарҳод ёрӣ доданд ва юнониёни омадаро торумор намуданд. Фарҳод сакоиҳоро ба ёрӣ талабида буд, аммо вақте онҳо омаданд, юнониҳоро аз мамлакат пеш карда буданд. Сакоиҳо аз Фарҳод харҷи омаданро хостанд, аммо ҷавоби рад гирифтанд. Сакоиҳо ба ғазаб омада, дар бозгашт шаҳру деҳаҳои Ашкониёнро ғорат карданд. Фарҳод ба муқобили онҳо лашкар кашид, аммо шикаст хӯрд. Ҷанги байни Ашкониён ва сакоиҳо то соли 120 пеш аз милод давом мекунад ва танҳо ба шоҳаншоҳ Меҳрдоди II (123–87 пеш аз милод) муяссар гардид, ки марзҳои шарқии худро мустаҳкам намояд.

Мувофиқи ривоятҳои таърихӣ дар асри III пеш аз милод дар Муғулистон, Олтой ва шимолии Чин иттиҳоди хунҳо пайдо мешавад. Дар ҳамсоягии онҳо халқе бо номи йуҷиҳо мезист. Дар нимаи дуюми асри III пеш аз милод йуҷиҳо ба номи «ҳионҳои сафед» ёд мешаванд, чунон пурқудрат шуда буданд, ки аз хунҳо хироҷ мегирифтанд. Хунҳо дар замони ҳукмронии Модун хеле неру мегиранд ва ба муқобили йуҷиҳо мубориза мебаранд ва онҳоро шикаст дода, ба сӯйи ҷануб – Хутану Кошғар ва ғарб меронанд.

Йуҷиҳо ба сӯйи Кошғару Суғд меоянд. Онҳое, ки ба тарафи Суғд меоянд, йуҷиҳо бузург ва онҳое, ки ба Қошғару Хутан меравант, йуҷиҳои хурд ном мегиранд.

Дар асри II пеш аз милод йуҷиҳои ба Суғд омада, ҳукмронии юнониёнро барҳам дода, ҳокимияти худро барқарор менамоянд.

Дар бораи дигаргуниҳои сиёсӣ дар давлати юнонии Бохтар Страбон менависад, ки қабилаҳои кӯчии тахориҳо ва сакараукҳо омада, Суғду Бохтарро аз дасти юнониён гирифтанд. Ҳамаи

қабилаҳои омада аз кӯчиёни ориёии тӯр буданд, ки заминҳои ориёнишини бумиро аз таҷовузгарони юнонӣ озод намуданд.

Дар маъхазҳои чинии давраҳои минбаъд номи усун, ксуен ва ғайра пайдо мешаванд, ки мурод аз ҳамон кӯшониҳову йуҷиҳо – сакоиҳо-тахориҳо мебошад. Қабилаҳои омада номҳои гуногун доштанд ва баъдан номи умумии тахориҳоро мегиранд. Кӯшон номи саравлоди дудмони шоҳон будааст ва йуҷӣ ба маънои сакоӣ меояд.

**Озод намудани Бохтар аз истилогарони юнонӣ.** Ҷунбиши қабилаҳои ориёӣ–тӯрҳо аз шимолу шарқ дар масоҳати хеле васеъ сар шуда буд. Гурӯҳи якум аз шимол аз атрофи рӯди Хоразм ва ҳатто шимолтар ҳам аз сӯйи Даҳия ҳаракат намуда, ба империяи Ашкониён таҳдид мекунад. Гурӯҳи дуюм сакараукҳо сакоиҳои тӯри поёноби рӯди Сир ба Суғд ворид шуда, то ба Бохтар меоянд. Гурӯҳи сеюм ба сӯйи Синду Ҳинд то ба Помир ва Сакистон меравад ва ин ноҳияҳоро ба тасарруф медорорад. Гурӯҳи чорум тахориҳо аз Кошғар омада, Даван (Паркана) – Фарғонаро мегирад. Вақте ки гурӯҳҳои мазкур бахшҳои давлати Бохтарро аз Суғду Фарғона то соҳили Ому ва Синду Ҳинд аз юнониён гирифтанд, давлати юнониён фақат дар бахши Бохтари Марказӣ боқӣ монда буд. Қабилаҳои омада дар бахши Фарғонаву Суғд панҷ шоҳигарӣ – бағуя ташкил менамоянд. Аммо чӣ тавр ҷанг карда, давлати онҳоро гирифтани Кӯшониён маълум нест. Аз сарчашмаҳои юнонӣ бармеояд, ки давлати Бохтар ба шаҳрдавлатҳо (полисҳо) тақсим буд. Вақте ки ҳукумати марказӣ суст гардид, ин полисҳо худро мустақил ҳисобиданд. Ҳангоме ки кӯчиёни йуҷӣ бо қувваи даҳчанд зиёд вориди давлати Юнону Бохтарӣ шуданд, ин полисҳо бе ҷанг ба ҳукумати кӯчиён таслим мешаванд.

**Ташаккули давлати Кӯшониён.** Аз ривояти маъхазҳои чинӣ ва сиккаҳои дар ҳар гӯшаю канори Ориёнои Шарқӣ ёфтшуда маълум мегардад, ки ба ҳудуди давлати Кӯшониёни Кабир ҳамаи сарзаминҳои ҳозираи Афғонистон, Покистон ва шимоли Ҳиндустон, Кошғару Хутан ва Осиёи Миёна дохил мешуданд. Бостоншиносон аз – Тирмиз то Покистону шимолии Ҳиндустон сиккаҳое ёфтаанд, ки дар як рӯйи онҳо нимпайкараи марде тасвир шудааст. Мард мӯйлаб, мӯйҳои дарози ба қафо шоназадаи бо тасма баста дорад. Қиёфаи мард аврупоӣ буда, либосаш ба либоси Кӯшониён монанд аст. Дар рӯйи дигари дирҳам саворам аспе тасвир ёфтааст. Дар миёни савора камарбанд, тирдон ва камонғулак овезон аст. Дар пушти сари савор олиҳаи зафар

– Хушатра акс шудааст. Дар гирдогирди танга навиштаҷоти «тиран – шоҳ Герай, Кӯшон Санаб» навишта шудаанд. Калимаи «тиран» ба забони юнонӣ «шоҳи хурд» мебошад. Герай кӯшидааст, ки тангаҳои худро дар муомилот ҳамчун пули давлати мустақил дар дохили мамлакат ҷорӣ намояд. Аз рӯйи бозёфти тангаҳо давлати Герай дар тамоми Бохтар то шимолии Ҳиндустон доман паҳн карда буд. Бобоҷон Ғафуров тахмин менамояд, ки Герай номи ориёӣ набуда, тахаллуси юнонии шоҳи кӯшонӣ мебошад. Шояд ҳамин тавр ҳам бошад, лекин ба ҳар ҳол Кӯшониёни Кабир – дудмони Канишка баъди Герай ба сари кор омадаанд. Аз шаҷараи Канишка бармеояд, ки ӯ ба Герай хешовандӣ надошт. Дудмони Канишка Герайро аз тахт бенасиб карда, Кӯшонзаминро муттаҳид сохтаанд ва ин кор дар нимаҳои асри II пеш аз милод сурат гирифтааст.

Давлатдории Кӯшониён ба ду давра тақсим мешавад: давраи якум аз асри III пеш аз милод то подшоҳии бобокалони Канишкаи Кабир – Куҷула Кадфиз, яъне то нимаи дуюми асри II пеш аз милодро фаро мегирад; замони дуюм – замони бузургӣ ва равнақи давлатдории Кӯшониён аст, ки асосгузори он Куҷула Кадфиз аст.




Расми 74. *Империяи Кӯшониён.*

**САВОЛҲО**

*1. Дар ибтидо қавмҳои йуҷиҳо дар куҷо мезистанд?*
*2. Онҳо бо кӣ ҷангида шикаст хӯрданд?*
*3. Йуҷиҳо дар Суғду Бохтар кадом давлатро барҳам доданд?*

## §61. КУҶУЛА КАДФИЗ БУНЁДГУЗОРИ ДАВЛАТИ БУЗУРГИ КӮШОН

Олимон дар асоси сиккаҳои дар маҳалҳои мухталифи Осиёи Марказӣ ва шимоли Ҳиндустон ёфта муайян намуданд, ки Куҷула Кадфиз шоҳи якуми империяи Кӯшониёни Бузург аст.

Куҷула Кадфиз бобокалони Канишкаи Кабир – асосгузори империяи Кӯшониён мебошад. Вай Герайро, ки аз дигар дудмон буд, сарнагун карда, давлатро ба даст гирифтааст. Мувофиқи хабари маъхазҳои чинӣ Куҷула давлати Ашкониёнро шикаст дода, заминҳои дар бахши Зобул бударо ба тасарруфи худ медарорад ва сипас Кобул, баъд аз он Пактиёро мегирад. Дар ин ҳуҷум Куҷула бахши Панҷоб ва шимоли Ҳиндустонро ба давлати худ ҳамроҳ месозад. Ҳамин тавр, империяи Кӯшониёни Кабирро ташкил менамояд ва дар болои сиккаҳои герайӣ номи худро «Куҷула Кадфиз, бағои Кӯшон, комилимон» сабт менамояд.

Аз рӯйи тангаҳои ёфтшудаи Куҷула Кадфиз ба империяи ӯ шимоли Ҳиндустон, Покистон, Бохтар ворид буд. Баъди Куҷула Кадфиз писари ӯ Вима Такту Кадфизи II ба сари ҳокимият меояд. Дар тангаҳои Вима Такту унвони шоҳаншоҳи Кӯшонро «ҳукмрони ҷаҳон, наҷотбахш» навиштаанд. Аз рӯйи тангаҳо ва катибаҳои дар шимоли Ҳиндустон ёфтшуда, Вима Такту дар Ҳиндустон ҳудуди давлати худро боз ҳам васеътар намудааст. Тамоми шимоли Ҳиндустони Шимолӣ, аз ҷумла Кашмир низ ба империяи Кӯшониён итоат мекард.

**Ислоҳоти пулии Кадфизи II.** Баъди Вима Такту подшоҳӣ ба писараш Вима Кадфиз мегузарад. Дар давраи подшоҳии Вима Такту тангаҳои мисин ва шояд симин камбаҳо мегарданд, зеро дар ин вақт дар империяҳои ҷаҳонӣ – Рим ва Порт дар муомилот тангаҳои тиллоӣ бароварда мешуданд. Дар дарсҳои гузашта дар бораи рақобати сиёсӣ ва тиҷоратии империяҳои Риму Порт маълумот гирифта будед. Ин рақобат махсусан барои ба даст даровардани Роҳи Бузурги Абрешим ба сӯйи Чин, ки аз ҳудуди империяи Кӯшониён мегузашт, шоҳаншоҳони Кӯшонро дар канор монда наметавонист. Бинобар ин, Кадфизи II ислоҳоти пулӣ мегуза-

ронад. Вай ба муомилот тангаҳои тиллоиро мебарорад, ки вазни хоси онҳо 8 г буд. Ғайр аз ин, нимдинор ва чорякдинор баровард ва онҳоро низ дар муомилот ҷорӣ кард. То сиккаҳои тиллоии Кадфизи II дар муомилот тангаҳои нуқрагӣ ва мисин буданд. Баъди баровардани тангаҳои тилло сиккаҳои нуқра аз муомилот бароварда шуданд. Олимон тахмин менамоянд, ки аз сабаби кам шудани истехсоли нуқра тангаҳои ин маъдан аз муомилот хориҷ мешаванд ва ба ҷойи онҳо сиккаҳои тиллоӣ ба истифода мебароянд. Тангаҳои тиллоӣ дар муомилоти байналмилалӣ ва мисин дар дохили мамлакат ба кор мерафтанд.



**Расми 75.** *Тангаи шоҳ Хувишка.*

Ислоҳоти пулии Кадфиз як чорабинии муҳими давлатӣ, иқтисодӣ ба муқобили воридоти пулҳои Риму Порт дар бозори Кӯшонзамин буд. Подшоҳии Кадфизи II давраи пуриқтидор ва болоравии империяи Кӯшониён ба ҳисоб меравад. Кадфизи II то асри I милод подшоҳӣ кардааст.

**Канишкаи Кабир ва равнақи империяи Кӯшониён.** Аз катибаи Работак (Афғонистон) маълум мешавад, ки Канишкаи Кабир зиёда аз 30 сол (дар асри якуми милодӣ) ҳукмронӣ кардааст. Дар катибаи Работак Нукунзук Каралранг ном одам зикр мешавад, ки вай дар катибаи Сурхкӯтал унвони Каралрангро надошт. Нукунзук дар соли 31-уми шоҳии Канишка бо фармони ӯ дар таъмир ва ободнамудани маъбади оташи оилавии Кӯшониён дар Сурхкӯтал иштирок менамояд. Ҳамин тавр, Канишкаи Кабир зиёда аз 30 сол подшоҳӣ намуда, даврони вай замони ба авҷи бузургӣ расидани давлати Кӯшониён мебошад.

Канишкаи Кабир дар ноҳияи Ҳиндустон се шоҳигарии дигар: Сакет, Кавсанбӣ ва Паталипутр то Сари Ҷампаро гирифта, тамоми Ҳиндустонро ба итоати худ даровардааст. Шоҳ Канишкаи Кабир дар ин ноҳия якчанд ибодатгоҳ месозад.

Аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ бармеояд, ки дар замони Канишка тамоми Ҳиндустон, Покистон, Кошғар, Хутан, Осиёи Марказӣ, ғайр аз Марв ва Систон, ба давлати ӯ тобеъ буданд.

Дар замони шоҳаншоҳ Канишкаи Кабир бисёр тағйироти иқтисодӣ, сиёсӣ, забонӣ ва маъмурӣ ба вуҷуд меоянд. Дар замони

падари Канишка – Вима Кадфиз дар болои сиккаҳо худоёни Маздаясно пайдо мешаванд. Дар сиккаҳои Канишкаи Кабир ва писари ӯ Ҳувишка расмҳои худоёни Маздаясно – Митро, Фарро, Нана, Отар, Бод, Вараҳран (Баҳром), Исфандаромӯз, Хушатра ва ғайра тасвир шуда, худоёни Ҳинду – Буддо ва Шива хеле кам ба назар мерасанд. Ин кори Канишка ва ворисони ӯ ба он далолат мекунад, ки онҳо тақвиятдиҳандаи анъанаҳои миллии ориёӣ буданд.

Канишкаи Кабир расман аз забони юнонӣ даст кашида, забони бохтариро забони ориёӣ, забони расмии давлатӣ эълон менамояд. Канишкаи Кабир ва ворисони ӯ кӯшидаанд, ки урфу одатҳои аҷдоди худро аз унсурҳои юнонӣ озод намоянд.

**Таназзули империяи Кӯшониён.** Баъди Канишкаи Кабир писараш Ҳувишка ба тахт нишаста, зиёда аз 30 сол подшоҳӣ намудааст. Агар ӯ то солҳои 35–40 ҳукумат ронда бошад, баъди вай писараш то солҳои 70-уми асри якуми милодӣ подшоҳӣ мекунад. Баъди Ҳувишка писараш Канишкаи II ба сари қудрат меояд. Махсусан, дар даврон шоҳаншоҳии Васудейва Кӯшонзамин комилан иқтидори худро нигоҳ медошт.

Аз ахбори маъхазҳои аҳди Сосониён, махсусан, замони Шопури I (солҳои 242–272 м.) бармеояд, ки ӯ солҳои 40-уми асри III милодӣ ба шарқ лашкар кашида, Сакистону Ҳиротро мегирад. Дар катибаи «Каъбаи Зардушт» гуфта мешавад, ки «Ҳиндустон ва Кӯшоншаҳр ба ман итоат доштанд». Аммо бозёфтаҳои



**Расми 75 а,. *1. Тангаи шоҳ Кадфизи II. 2.Тангаи Канишкаи Кабир.***

бостоншиносӣ ва тангаҳо нишон медиҳанд, ки як муддат бахше аз Кӯшонзамин, аз ҷумла Бохтарро Шопури I гирифта буд, вале Кобул, Қандаҳор ва вилоятҳои шимоли Ҳиндустон ба Кӯшониёни Хурд итоат доштанд. Аз манбаъҳои хаттӣ бармеояд, ки Кидоршоҳи диловар ба панҷ мулки дар он тарафи Ҳимолой буда ҳуҷум оварда, онҳоро тобеи худ мегардонад. Аз ин ривоят маълум мешавад, ки дар охирҳои асри III милод давлати Кӯшониён суст



**Расми 76.** ***1.Сиккаи шоҳ Канишкаи Кабир. 2. Сиккаи шоҳ Васудеваи* I. *3. Муҷассамаи Канишкаи Кабир. 4. Муҷассамаи Кадфизи* II.**

шуда, шоҳигариҳои водии Синд аз итоати ҳукумати марказӣ баромада буданд ва Кидоршоҳ онҳоро аз нав ба давлати худ ҳамроҳ менамояд.

Таърихи Кӯшониёнро ба се давра тақсим кардан лозим аст. Давраи якум то подшоҳии Куҷула Кадфиз. Давраи дуюм аз Куҷула Кадфиз то Васудейва. Ин давраи ҳукмронии Кӯшониёни Кабир буд. Давраи сеюм давраи Кидориён ё Кӯшониёни Хурд номида мешавад ва онҳо аз нимаи асри III то асри IV ҳукм рондаанд. Дар нимаи дуюми асри IV милод ба сари қудрати сиёсӣ Ҳайтолиён меоянд.

### САВОЛҲО



*1. Империяи Кӯшониён чӣ тавр ташкил ёфт?*
*2. Чӣ тавр Бохтар аз дасти юнониён озод карда шуд?*
*3. Дар бораи Куҷула Кадфиз маълумот диҳед?*
*4. Кадфизи II кӣ буд ва ислоҳоти пулии ӯ чӣ тавр гузашт?*
*5. Доир ба нақши Канишкаи Кабир дар равнақи давлати Кӯшониён чиҳо медонед?*
*6. Таназзули давлати Кӯшониён чӣ тавр сурат гирифт?*

## §62. ШАҲРУ ДЕҲОТ, ИҚТИСОДИЁТ ВА ТИҶОРАТ ДАР ДАВРАИ КӮШОНИЁН

Давлати таъсисдодаи Кӯшониён зиёда аз 400 сол арзи вуҷуд дошт. Дар ин муддат дар ҳудуди давлати онҳо шаҳру деҳоти бисёре пайдо шуда, вусъат ёфтаанд. Дар қисмати Синду Ҳинд Таксила, Матхура, Пешовур, Паталипутра, Ҷампа, Сакат ва ғайра равнақ ёфта, ба шаҳрҳои марказӣ ва ҳунармандию тиҷоратӣ табдил шудаанд. Дар замони Кӯшониён Кобул, Багром, Каписо ва дигар шаҳрҳо даҳҳо биноҳои боҳашамати маъмурӣ, динӣ, истиқоматӣ доштанд.

Дар Бохтар даҳҳо шаҳрҳо, ба монанди Балх, Баглон, Тирмиз, Руб, Работак, Самангон, Багром, Кобул, Бомиён, Чағониён, Толиқон, Кундуз, Душанбе, Кӯлоб ва амсоли инҳо дар авҷи тараққӣ буданд. Ҳафриёт дар харобаи яке аз шаҳрҳои замони Кӯшониён, ки имрӯз бо номи Дилварзинтеппа машҳур аст, нишон дод, ки шаҳр масоҳати 40 га заминро дошт. Дар шаҳр қасрҳои муҳташам сохта шуда, деворҳои дохилии онҳо бо расмҳои ашрофзанҳо, мардон дар гирди дастархон, саворагони ҳарбӣ ва каторӣ бо либоси ранга оро ёфта буданд. Дар шаҳр маъбади оташ ва дигар хонаҳои истиқоматӣ вуҷуд доштанд. Гирди шаҳрҳоро девори ҳимоявӣ бо тиркашҳо, бурҷҳо ва дарвозаҳо иҳота мекарданд.

Яке аз шаҳрҳои бузурги тиҷоратӣ Тирмиз буд, дар ин ҷо даҳҳо биноҳои боҳашамати маъмурӣ ва динӣ, аз ҷумла маъбади калони шоҳӣ – Ҳадивака дар Қаротеппаи имрӯза амал мекарданд. Шаҳр аз диж ва шаҳристон иборат буд.

Шаҳрҳо мутобиқи лоиҳаи пешакӣ кашидашуда сохта мешуданд. Бинобар ин, шаҳрҳоро ба кӯча, маҳалла ва гузарҳо тақсим менамуданд. Бузургтарин шаҳри империя Балх – модари шаҳрҳо ҳисоб мегардид.

Яке аз шаҳрҳои калони водии Ҳисори кунунӣ – Ҳамоварон дар назди Деҳнави Ўзбекистон воқеъ буд. Шаҳр масоҳати зиёда аз 350 га дошт. Шаҳр аз диз ва шаҳристон иборат буд. Атрофи шаҳрро девори ҳимоявии 7 км дарозидошта бо бурҷҳои чоркунҷа муҳофизат мекард. Аз харобаи шаҳр ҳайкалчаҳои гилин, зарфҳо ва сарсутунҳои сангин бо нақшҳои барҷаста ва сари шер пайдо шуданд. Шаҳр хеле ободи буда маркази ҳунармандӣ ва тиҷорат ҳисобида мешуд. Дар ноҳияи Қубодиён деҳаҳо, шаҳрҳо ва биноҳои муҳташам вуҷуд доштаанд.



**Расми 77.** *Қасри Хоразмшоҳиён дар шаҳри Фир (ҳоло Тӯпроққалъа).*

Деҳаҳои замони кўшонӣ кам омўхта шуданд, аммо онҳо бисёр буданд. Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар водии Зарафшон нишон доданд, ки Суғд яке аз ободтарин ноҳияҳо буд. Шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Навкат, Хуҷанд, Бағонкат (Ўротеппа) ва садҳо деҳаи обод то Кўҳистони Мастчоҳ вуҷуд доштанд.

Яке аз шаҳрҳои хуб омўхташуда Фир – маркази Хоразм буд. Масоҳати вай 17 га буд. Шаҳр нақшаи чоркунҷаи дарозрўя дошт. Онро кўчаҳо ба қисмҳо тақсим мекарданд. Аксари хонаҳо дуқабата сохта шуда, дар ҷойи аз ҳама баланд қасри шоҳ бунёд ёфта буд. Бинои қаср 28 м баландӣ дошта, бо девори ҳимоявии алоҳида иҳота шуда буд. Қаср садҳо хонаҳои истиқоматӣ, толорҳои боҳашамати чор-ҳаштсутуна бо суффаю девори пурнақшу ҳайкалҳо, маъбади оташ ва амсоли инҳо дошт. Дар байни шаҳристон ва диз маъбади бузурги оташ ҷой дошт. Аз Фир бойгонии (архив) калони ҳуҷҷатҳои бо хатту забони хоразмӣ навишташуда ёфт шудаанд, ки дар онҳо дар бораи оила ва ғуломони онҳо нақл мекунанд. Ҳуҷҷатҳо дар бораи сохти иҷтимоии хоразмиёни замони Кўшониён маълумоти муҳим медиҳанд.

**Иқтисод дар замони Кўшониён.** Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Ориёнзамини Шарқӣ: – Хоразм, Марв, Суғд, Бохтар, Фарғона ва ғайра нишон медиҳанд, ки аксари заминҳои корам обӣ будаанд. Дар водии Вахш аз мавзеи Сарбанд канали калон канда шуда буд, ки рўди Вахшоб то заминҳои ноҳияҳои Леваканд (Лабканда) ва Ҳаловард (ноҳияи имрўзаи Ҷалолиддини Румӣ) мерафт. Чунин каналу ҷўйборҳо дар ҳудуди Ориёнои Шарқӣ ҳазорҳо адад буданд. Зироатҳо ҳам обӣ ва ҳам лалмӣ буданд. Кўшониён тамоми зироатҳоро, аз ҷумла гандум, ҷав, наск, биринҷ, лўбиё, пахта, кунҷид мекориданд. Аз меваҷот: себ, ангур, нок, анор, анҷир, зардолу, шафтолу, полезиҳо, харбуза, тарбуз, бодиринг, каду ва ғайра парвариш мекарданд. Шудгори заминҳо бо ҷуфти гов ва юғу сипор сурат мегирифт, қариб ҳамаи олоти меҳнат, аз қабили дос, табар, теша, каланд аз оҳан сохта мешуданд.

Дар замони Кўшониён чорвои хонагӣ ва рамаю галлаи кўчиён хеле бисёр буданд. Дар даврони Кўшониён кўчиёнро сакоиҳои тўр ташкил мекарданд.

**Тиҷорат.** Давраи Кўшониён замони оромӣ, амонӣ ва равнақи шаҳру деҳот, ҳунармандӣ ва махсусан савдои дохилию хориҷӣ буд. Тангаҳои сершумори мисӣ ва тиллоӣ, ки бостоншиносон ва мардум дар харобаи шаҳру деҳоти замони Кўшониён меёбанд, аз вусъатуривоҷи савдои дохилӣ ва хориҷӣ шаҳодат медиҳанд. Тангаҳои мисӣ чун анъана дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ ва тил-

ло дар бозори хориҷӣ истифода мешуданд. Ҳар як шоҳ дар болои тангаҳо расми худ, миҷмари оташ ва дар рӯйи дигараш расми асп ё гов бо олиҳаи Давонасп ё фариштаи дигареро сикка мезад.

Дар он замон дунё дар зери назорати чор империяи бузург: Рим, Порт, Кӯшон ва Чин буд. Робитаҳои тиҷоратии байни империяҳои мавҷуда ривоҷ дошт. Аз чор империя дутоаш ба ориёиҳо нисбат доштанд. Бозёфти тангаҳои римӣ дар Кӯшонзамин далели он мебошад, ки муносибатҳои тиҷоратӣ бо римиҳо хеле дар авҷ буд. Таърихнигори римӣ Плиний менависад, ки маъдан, аз ҷумла оҳанро ба Рим аз Кӯшонзамин меоварданд. Роҳи Бузурги Абрешим аз қаламрави Кӯшониён мегузашт ва моли оварда аз Ҳинду Чин пеш аз ҳама, дар бозорҳои Суғд, Бохтар, Кобулу Зобул савдо мешуд ва баъд ба Ориёнои Ғарбӣ ва Рим мерафт. Либоси шоҳон ва давлатмандон бештар аз шоҳӣ буд. Бофандагони Кӯшонзамин шоҳиҳои гуногун, матоъҳои пашмӣ, нахтагӣ, гилемҳо ва ғайра мебофтанд ва зардӯзию гулдӯзӣ мекарданд. Дар яке аз гӯрҳо аз ноҳияи Фархор камзулчае пайдо шуд, ки дар пушти он бо сим нақши дарахтро бо булбулҳои дар шохи он нишаста акс кардаанд. Дар Бохтар кандизҳо (чакман) барои саворагон дӯхтаю бофта мешуданд. Дар Бадахшон лоҷварду лаъл, аз кӯҳҳои Буттамон навшодир, аз водии Чағониён заъфарон ва ғайра ба бозорҳои ҷаҳонӣ содирот мешуд.

Аспони хатлонӣ ва фарғонию портиро беҳтарин ва хуштарин моли ҷаҳонӣ меҳисобиданд. Дар васфи аспони ориёӣ афсонаю ривоятҳо мегуфтанд ва бо нархи тилло харидорӣ мекарданд. Тиҷорат на танҳо бо шарқу ғарб ва ҷануб, балки бо шимол – соҳилҳои рӯди Охшиён, Сибир ва Қафқоз хеле авҷ гирифта буд. Дар Кимерия (Қрим) Суғдак ном шаҳре пайдо мешавад, ки то ҳоло вуҷуд дорад ва бунёди он ба савдогарони Суғд нисбат дорад. Алҳол онро Судак меноманд.

**САВОЛҲО**



***1. Кадом шаҳрҳои давраи Кӯшониёнро медонед ва онҳо дар кадом зинаи тараққиёт буданд?***

***2. Иқтисод дар замони Кӯшониён дар кадом поя қарор дошт?***

***3. Робитаҳои тиҷоратии дохиливу хориҷии Кӯшониёнро номбар карда метавонед?***

## §63. ФАРҲАНГИ ЗАМОНИ КӮШОНИЁН

**Меъморӣ ва ҳунармандӣ.** Меъморони кӯшонӣ дар сохтмони қасрҳо, маъбад, биноҳои маъмурӣ сабки эллиниро истифода кардаанд. Биноҳо як, ду ва ҳатто се қабат буданд. Деворҳо хеле ғафс сохта мешуданд, Ғафсии баъзе деворҳо то 1,5 м мерасид. Масолеҳи бинокорӣ вобаста ба захираҳои табиии маҳалҳо буд. Дар кӯҳистон аз санг, дар ҷойҳои хокдор аз пахса ва хиштҳои хом истифода кардаанд. Маъбаду қасрҳо бо пешайвон ва долонҳои бисёрсутуна оро дода мешуданд. Сутунҳо аз оҳаксанг тарошида шуда, бо расмҳои барҷастаи одамон, ҳайвонҳои афсонавӣ оро-иш доштанд. Сарсутунҳо гуногун буда, аз бузургӣ, шаҳомат ва зебоии санъати меъмории он замон шаҳодат медиҳанд. Намоҳои даруну беруни қасру маъбадҳоро ҳайкалу расмҳои худоён ва бузургони ориёӣ оро медоданд. Дар ин бора ҳафриёти Холчаён дар Бохтар, Багром (назди Кобул), Мадхура дар Ҳиндустон шаҳодат



**Расми 78.** ***Қасри замони Кӯшониён дар Бохтар (Холчаён).***



**Расми 79.** ***1-2. Осори модҳо аз Багром.***

медиҳанд. Дар сохтмони иморатҳо усулҳои аркбандӣ, пӯшишҳои гунбазӣ, харпушт (равоқӣ), ҳамвор ба воситаи чӯбу сутунҳо хеле маъмул буд. Ҳунармандӣ ҳамчун касб дар шаҳру деҳот равнақ дошт.

Кулолӣ яке аз касбҳои машҳури замони Кӯшониён буд. Онҳо дар чархи кулолӣ зарфҳои гуногун, аз қабили хурмаҳои дугӯша, коса, ҷомҳо, қадаҳҳои пошнабаланд, ҳайкалчаҳои олиҳаҳои авестоӣ, аз ҷумла Нана ва дигаронро месохтанд ва бо ранги сурху сафед оро дода, дар хумдонҳо мепухтанд. Зарфҳои замони Кӯшониён хеле босифат буда, аз санъати баланди кулолии он замон шаҳодат медиҳанд. Махсусан, қадаҳу ҷомҳо чунон нозук сохта шудаанд, ки кас аз дидани онҳо лаззат мебарад.



**Расми 80.** ***Акси меъморӣ дар устухони фил (Багром).***

Зебу зинат аз гӯрхонаҳои кӯшонӣ (қабрҳои Тиллотеппаи Бохтар) бо санъати баланди заргарии худ касро ба ҳайрат меоранд. Ин қабрҳо ба шоҳзодагони кӯшонӣ нисбат доранд. Либос, гардан, дасту ангушт, гӯш ва каллапӯшу пойафзори зану марди гӯронидашуда бо тилловорӣ зинат

ёфтаанд. Дар гӯшҳо гӯшворҳои гуногун, аз ҷумла қафасӣ, зирадор ва гарданбандҳои шаддадор доштанд.

Санъати заргарӣ, мисгарӣ, симгарӣ, оҳангарӣ хеле тараққӣ карда буд. Аз маъданҳои оҳан асбобу, афзорҳои корӣ ва ярокҳои ҷангиро бо маҳорати баланд месохтанд. Махсусан, дар ин давра сохтани камони мураккаб вусъат меёбад. Камон аз панҷ пайванди пулакчаҳои устухонӣ ё шохӣ иборат буд ва хеле зебо хотамкорӣ мешуд. Агарчи ин камон дар Кӯшонзамин такмил ёфтааст, дар Аврупо онро «камони сосонӣ» ном ниҳодаанд, ки дуруст нест. Ин камон ба воситаи тӯрҳои сармат ба Аврупо то ба Шотландия ва дар ҷанубу шарқ ба Чину Ҳинд паҳн мешавад. Лашкар бо ханҷар ва



**Расми 81.** ***1-20. Зарфҳо. 21-22. Муҷассамаҳои худоён. 23. Фархросткунак. 24. Ҳайкалчаи асп.***

камону шамшер, сипар, ҷавшану тоскулҳои зиреҳдори оҳанӣ таъмин буд.

**Осори хаттии замони Кӯшониён.** Дар яке аз дарсҳо маълумот пайдо карда будед, ки халқҳои ориёии Бохтар, Хоразм, Суғд, Порс, Сако-Хутан дар асри IV пеш аз милод дар асоси хатти оромӣ алифбои худро тартиб дода буданд. Ориёиҳои ноҳияҳои зикршуда агарчи як халқ буданд ва як забон доштанд, бо вуҷуди ин бо лаҳҷаҳои ба худ хос ҳарф мезаданд ва аз ҳамин лиҳоз мувофиқи лаҳҷаашон алифбо сохтаанд.

Мактубҳои куҳнаи суғдӣ аз Хутан, ки ба солҳои 312–313-уми милод мансубанд, ба даст омаданд ва ин ҳуҷҷатҳо на танҳо осори бузурги таърихи мо мебошанд, балки намунаи беҳтарини насри он замон низ ба ҳисоб мераванд. Дар ин мактубҳо зисту зиндагии суғдиёни шаҳрҳои атрофи Роҳи Абрешим инъикос ёфтаанд. Масалан, дар яке аз мактубҳо дар бораи омадани хиёниён, тарсу ваҳму ҳароси мардум, ғорату харобкориҳо кардани онҳо сухан меравад. Мактуби дигаре аз номи Майвандча ном зани ҷавоне ба модараш мебошад, ки ӯ дар бораи одами бад будани шавҳараш – Намадод ба модараш шикоят кардааст. Дар мактуби сеюмӣ Майвандча ба иштибоҳи худаш – дар бораи аслан нашинохтани шавҳараш, ки одами хуб будааст, иқрор мешавад.



**Расми 82.** *Либоси шоҳзани кӯшонӣ аз гӯрҳои Тиллотеппа.*

Осори хаттии бохтариён пеш аз истилоҳи Искандари Мақдунӣ боқӣ намондааст. Мақдуниён дар ҳудуди империяи худ хатту забони юнониро ҷорӣ намуданд ва ба хатту забони бохтарӣ эҳтиёҷи камтар монд. Аввалҳо Кушониён хатти забони юнониро дар корҳои давлатдорӣ васеъ истифода мекарданд, вале дар давраи салтанати Канишкаи Кабир ҳарчанд хатти юнонӣ нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, вале ҷойи забони юнониро забони бохтарӣ гирифт. Далели ин гуфтаҳо катибаи аз Работак ёфтшуда мебошад. Баъди барҳам хӯрдани импе-

рияи Кӯшониён забони бохтарӣ камаш боз 600 соли дигар забони ҳукмрон, яъне забони давлати Ҳайтолиён буд ва то истилои араб забони умуман тоҷикон ҳисоб мешуд. Ин забон дар давраи истилои араб бо номи дарӣ, яъне забони расмии адабӣ маъруф шуда, бо номи порсӣ ё порсии дарӣ дар замони Сомониён дар тамоми Тоҷикзамин паҳн гардид.

Аз замони ҳукмронии Канишкаи Кабир ду катибаи бузург пайдо шудааст. Катибаи якум бо номи Катибаи Сурхкӯтал маъруф буда, соли 1957 аз тарафи бостоншиносони фаронсавӣ дар Сурхкӯтал ном ҷойи назди Бағлони Афғонистон ёфт шуд. Катиба ба соли 31-уми подшоҳии Канишка тааллуқ дорад. Дар он дар бораи таъмири маъбади оташи оилавии шоҳони Кӯшон сухан меравад, ки беоб монда хароб шуда буд. Канишка ба Нукунзук ном амалдори худ фармон медиҳад, ки маъбадро таъмир намояд, чоҳҳои обро тоза кунад, то ки дубора хароб нашавад ва худоён онро тарк накунанд.

Дар харобаи пойтахти Хоразмшоҳиён – шаҳри Фир осори хаттии хоразмӣ ёфт шудааст, ки бисёри онҳо хонда шудаанд.

Дар Дилварзинтеппа ном ёдгории замони Кӯшониён катибаҳо ба хатти бохтарии оромиасос ёфт шудаанд,ки ба замони Кӯшониёни Кабир, аз ҷумла Ҳувишка – писари Канишкаи Кабир нисбат доранд. Ин хат дар замони Кӯшониён арзи вуҷуд дошт, аммо ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ба хатти юнонӣ навишта мешуданд.

## §64. ДИНИ КӮШОНИЁН

Дар бораи эътиқодоти динии Кӯшониён фикру мулоҳизаҳои мухталиф вуҷуд доштанд, ки ба онҳо навиштаҷоти катибаи Работак хотима бахшид. То кашфи катибаи Работак бисёр олимон дини кӯшоншоҳонро буддоӣ меҳисобиданд, аммо ин ақидаро тангаҳои шоҳони кӯшонӣ рад менамоянд. Дар болои сиккаҳои бештар симои худоёни авестоӣ акс ёфтаанд. Аз парвардигорони ҳинду фақат ду нафар – Шива ва Буддо як бор акс ёфтаанду бас.

Таҳлили маъхазҳои суғдӣ, хоразмӣ ва катибаҳои бохтарӣ ба он далолат мекунанд, ки дини ориёиҳои шарқӣ як буд, яъне онҳо ба Аҳурамаздо ва худоёни бисёри авестоӣ, аз ҷумла қувваи бадӣ – аҳриманӣ бовар доштанд. Ба ғайр аз маъбадҳои оташ боз маъбадҳои худоён вуҷуд доштанд. Мо инро аз катибаи Работак фаҳмидем, ки дар он гуфта мешавад: «Подшоҳ Канишка ба Нукунзук фармон медиҳад, ки маъбаде барои худоён (бағон) бисозад ва дар он ҳайкалони худозанҳо Умма дар ҷойи аввал, худои

Ҳурмуз офарандаи хушиҳо, Сурушард, Нарса, Меҳр, Маҳашон ва Висакҳа тарошида гузошта шаванд». Ва боз дар фармон гуфта мешавад, ки «ҳайкалони шоҳони зерин: шоҳ Кучула Кадфиз, бобокалонаш шоҳ Вима Такту бобояш, шоҳ Вима Кадфиз падараш ва худаш – Канишкаро тайёр карда, дар ибодатгоҳ гузоранд. Бигузор… худоёни зикршуда шоҳаншоҳ Канишкаро мададрасон бошанд». Дини ориёиҳои шаркӣ аз оини ориёиҳои ғарбии замони Сосониён фарқ дошт, аммо нақшаи маъбадҳои оташи Ориёнои Шарқӣ ба монанди Ориёнои Ғарбӣ буданд.

Дар маъбади оташи Ориёнои Шарқӣ расму ҳайкалони худоён гузошта шуда буданд. Ғайр аз маъбадҳои оташ боз маъбадҳои боғистон буданд, ки дар онҳо ҳайкалу расмҳои худоён ва фариштагони авестоии оини Маздаясно, аз ҷумла Ҳурмуз, Меҳр, Моҳ, Оташ, Бод, Амшосипандон, Маздован, Охшо (Вахш – худои обу рӯд ва рӯдҳою укёнусҳо), Аноҳита – Нана ва шоҳон, ки мартабаи худоӣ доштанд, гузошта мешуданд.

Дар замони Кӯшониён расми гӯронидан дар байни мардуми Ориёнои Шарқӣ қариб якхела буд. Дар Суғд, Хоразм, Фарғона ва Бохтар мурдагонро дар дахма мегузоштанд ва баъд устухонҳояшонро дар танбарҳо (сандуқҳои тобутшакл) гирифта,



**Расми 83.** ***Катибаи Сурхкӯтал. Фармони Канишкаи Кабир дар бораи таъмири маъбади оташ.***

дар фарвартикҳо (мақбара, мазор) нигоҳ медоштанд. Дар деҳаҳо баъзеҳо мурдаро дар хумҳо мегӯрониданд.

Ҳафриёти қабристони Тиллотеппа дар Бохтари Шимолӣ нишон дод, ки як авлоди кӯшоншоҳон бо камзӯл, курта, шалвор ва каллапӯшҳояшон, ки бо тиллобаргҳо ва ҷавоҳирот ороиш доштанд, гӯр карда шудаанд. Тилло рамзи покии нажодӣ ва динии ориёиҳо буд. Сарулибоси бо тилло ородошта ба дини Маздаясно нисбат доштани онҳоро нишон медиҳанд. Дар болои тангаҳои мисин ва тиллоии кӯшоншоҳон миҷмари оташ ҳаккокӣ шудааст, ки шоҳ дар оташ чизҳои хушбӯйӣ илова мекунад. Акси миҷмари оташ дар тангаҳо далели ба дини Маздаясно тааллуқ доштани кӯшоншоҳонро нишон медиҳад.

**Ҳунари тасвирӣ ва ҳайкалтарошӣ.** Замони Кӯшониён давраи эҳё ва шукуфоии санъати қадими мардуми ориёӣ буд. Дар дарсҳои гузашта борҳо дар бораи расму ҳайкалҳои ёфтаи бостоншиносон, катибаҳои Сурхкӯтал ва Работак, дар бораи муҷассамаҳои дар маъбади оташ ва бағон буда маълумот пайдо карда будед ва дар бораи санъати меъморӣ, заргарӣ ва ҳунармандӣ низ хабар доред. Ҳоло аз санъати тасвирии замони Кӯшониён огоҳӣ пайдо мекунед. Баъзе олимони Ғарб кӯшиш менамоянд, ки санъати тасвирӣ, аз ҷумла рассомӣ ва ҳайкалсозии давраи Кӯшониёнро таъсири тамаддуни юнониён маънидод намоянд, аммо ин фикр нодуруст аст. Албатта, бархурдорӣ ва таъсири тамаддуни юнониён бар ориёиҳо ҳаст, лекин онро комилан ба аврупоиён нисбат додан нодуруст аст. Ҳамчунин он фикр, ки то омадани юнониён ориёиҳои Осиёи Марказӣ ҳунари тасвирӣ надоштанд, хато мебошад. Кофтукови бостоншиносӣ дар гӯшаю канорҳои гуногуни Ориёнои Шарқӣ ба он далолат мекунанд, ки ориёиҳо ҳамеша тамаддуни хоси худро доштанд. Масалан, тасвири як гурӯҳи занҳои мусиқинавози дар арақаи (марзаи сангин) Ориёнами (Айртам) Тирмиз ёфтшударо мисол овардан кифоя аст. Дар ин ҷо симои ҳамаи занҳо, ороиши мӯйи сар, гарданбанд, сарулибос, созҳои мусиқӣ – уд, таблаки дусар ё дуҳул, рубоб, барбат ҳама хоси мардуми ориёии маҳаллӣ ме-



**Расми 84.** ***Ҳайкали шоҳзода.***



**Расми 85.** ***Расми барҷаста аз қасри Холчаён.***

бошанд. Ҳайкалҳое, ки дар Холчаён аз маъбад ёфтаанд, низ симои ориёӣ дошта, хоси мардуми маҳаллӣ мебошанд.

Яке аз хусусиятҳои ориёиҳои чорводор мӯйсари худро бо тасмаи заррин бастан буд. Мо инро дар ҳайкалҳои Холчаён ва расмҳои сафирони чағонӣ дар қабули шоҳ Ваҳуман дар деворнигораи Самарқанд мушоҳида карда будем.

**Либос дар замони Кӯшониён.** Дар бораи либосҳои замони Кӯшониён мо аз расмҳои дар деворҳо, ҳайкалҳои ёфтаи бостоншиносон марбут ба он замон маълумот пайдо карда метавонем.



**Расми 86.** ***1. Либоси шоҳзода, ки бо тиллобаргҳо оро дода шудааст. 2. Сарбози ҷавшанпӯши кӯшонӣ.***

Аз рӯйи бозёфтҳои Тиллотеппа занҳо камзӯли беостин ва куртаю шалвор ва рӯмоли то кифтҳо, каллапӯши гунбазии бо зеварҳо ороёфта доранд. Остинҳо, подоман, гирди гардан, китфҳо ва пешак бо тилло оро доранд. Қисми занон дар пой кафш ва мӯзаи бепошна доранду баъзеҳо куртаи дарози то пушти по. Мардҳо ҷомаи то зону бо шероза, куртаи дароз ва шалвор доранд. Ҷомаҳо аз тарафи чап гиребон дошта, ба тарафи рост бо тугма маҳкам мешуданд. Шоҳон чакман, камзӯлча, яктаҳ ба бар карда, дар пойҳояшон мӯзаи пошнадор ва бе пошна мепӯшиданд.

Каллапўшҳо гуногунанд, бештар кулоҳҳои нўгтез маъмул буданд. Дар Бохтар мардон ва занон мўйҳои дароз дошта, тасмаи заррин ё симин аз пешонӣ боло мебастанд. Тасмаҳои занҳо аз матои гаронбаҳои бо ҷавоҳирот оро дода иборат буд. Марду зан гўшвор, гарданбанд, даспона ва дигар зинатҳоро истифода мебурданд.



## САВОЛҲО

***1. Дар бораи санъати меъморӣ ва ҳунармандии даврон Кўшониён чиҳо медонед?***

***2. Осори хаттии боқимондаи катибаҳо чӣ аҳамияти таърихӣ доранд?***

***3. Дар бораи эътиқодоти динии Кўшониён чиҳо медонед?***

***4. Санъати тасвирӣ ва ҳайкалтарошии аҳди Кўшониён дар кадом пояи тараққӣ буданд?***

***5. Кўшониён чӣ навъ сарулибос мепўшиданд ва он бо сарулибоси миллии тоҷикон умумият дорад?***

## §65. ДИНИ БУДДОӢ

Дини буддоӣ дар замони Кўшониён дар Ориёни Шарқӣ нуфус пайдо менамояд.

Буддо лақаб аст, номи аслиаш Сидҳартаҳ Гаутама буда, яке аз шоҳзодаҳои ориёӣ мебошад. Маънои вожаи "буддо" равшанфикр, хирадманд, ҳаким мебошад.

Буддо тахминан дар асри 6-уми пеш аз милод. гўё аз паҳлуи модар зоида, ба по хеста, фарёди баланд мебарорад ва замину замон мешунавад, ки шахсияти бузурге ба дунё омадааст. Гаутама дар синни балоғат бо духтаре хонадор шуда, соҳиби писар мешавад. Ў дар яке аз сафарҳояш бо аҳволи бади мардум шинос шуда, тарки хонаю оила мекунад ва дар ҷустуҷўйи роҳҳои беҳбудии одамон меафтад. Буддо бо русуму оинҳои зардуштӣ ва ба раҳманӣ хуб шинос буд. Баъди ҳафт соли шиносоӣ ба ҳаёти одамони гуногун ба таълимоти худ мепардозад.

Таълимоти Буддо намунаи ахлоқиро таъкид менамояд: 1. Мавҷудоти зиндаро бе ҷон накунед; 2. Чизе, ки ба шумо тааллуқ надорад, соҳибӣ накунед; 3. Аз чизҳои масткунанда даст кашед; 4. Аз дурўғ бипарҳезед; 5. Ба занон наздикӣ накунед. Мувофиқи таълимоти Буддо инсон бояд аз зану фарзанд, давлату сарват даст кашида, танҳо худ ба худ пок ва ором монад, дар он вақт ба ў ҳама чиз шафоф, аён мешавад ва ба дараҷаи "нирванӣ", худогоҳӣ,

яъне худой мерасад. Буддо на Худо ва на пайғомбар буд, китоб ҳам нанавиштааст. Ӯ мегуфт Худованд сари роҳи ҳодисаҳоро гирифта наметавонад, табиат итоатгари Худо нест, аммо вақте инсон худ огоҳӣ дорад, метавонад аз фалокатҳо дурӣ ҷӯяд. Шогирдони Буддо баъди вафоташ гуфтаҳои ӯро гирд оварда, китобе бо номи "Дхамапада"(Пандҳои ҳакимона) ва " Трипитака"( иборат аз се сабад, се китоб: ахлоқ, мавъиза ва фалсафа) тартиб доданд.

Буддо дар зиндагияш пайравони зиёд пайдо мекунад ва дар асрҳои 111-11 пеш аз милод дар Ҳиндустон ва 1-11 милодӣ дар замони Кӯшониён дар бахшҳои шарқии Афғонистон паҳн мешаванд. Азбаски шимолии Ҳиндустон ба империяи Кӯшониён ворид буд ва дар он ҷо буддизм нуфус дошт, шоҳони кӯшонӣ ба он эҳтиром доштанд. Аммо фикри он, ки Канишкаи Бузург дини буддоиро қабул карда буд, ғалат аст. Шоҳаншоҳ Канишка ҳомигӣ ба буддизм намуда, дар Пурушапур маъбад сохтааст. Дар замони Кӯшониён дар Тирмиз маъбади Хативакаи буддой зери назари шоҳон амал менамуд, вале ҳамаи ин маънои ба буддой гаравидани онҳоро надорад.

Он ёдгориҳои буддой, аз он ҷумла маъбади Навбаҳори Балх бардурӯғ ба буддизм нисбат дода шудааст. Ҳайкалони бузурги Бомиён низ ба буддизми суннатӣ тааллуқ надоранд. Катибаи дар домани тасвири Буддои дар Тирмиз ёфта нишон дод, ки на ҳамаи расму ҳайкалон ба Буддои аслӣ тааллуқ доранд. Дар домани Буддои Тирмиз Буддо-Маздо навишта шудааст. Ин навиштаҷот маънои онро дорад, ки мардумони маҳаллӣ дар симои Буддо худои бузурги худ Аҳурамаздоро медиданд.

Ҳамин ҳолатро мо дар ҳайкалони Бомиён мушоҳида менамоем. Дар тоқи болои сари буддои 35 м баландӣ дошта расми мардпаранда, ки дар тан либоси сафед ва дар сар кулоҳи мубадӣ дорад, акс шудааст. Дар гирди сари ӯ доираи эзидӣ, дар дасти рост чӯбчаҳои барсам ва дар дасти чап миҷмари фурӯзон дорад. Ин мард пайғамбар Зардушт аст, ки аз осмон оташи муқаддасро ба замин ба назди шоҳ Гуштосп оварда, ӯро ба дини тавҳидӣ даъват мекунад. Дар ин бора дар "Шоҳнома" омадааст:

Чу якчанд гоҳе баромад бар ин,
Дарахте падид омад андар замин.
Аз айвони Гуштосп то пеши кох,
Дарахте гашанбеху бисёршох.
Ҳама барги ӯ панду бора хирад,
Касе к-ӯ чунон бархӯрад, кай мурад.

Хучастапаю номи ӯ Зардхушт,
Ки Охримани бадкунишро бикушт.
Ба шохи чахон гуфт пайғамбарам,
Туро сӯйи Яздон хаме рахбарам.
Яке мичмар оташ биовар боз,
Бигуфт аз бихишт оваридам фароз.

Ин ривоят дар “Осор-ул-боқия-”и Абӯрайхони Берунӣ низ омадааст, ки Зардушт аз осмон дар нисфи рӯз бар сақфи боми хилватгохи шох Гуштосп фурӯд омад, ки дар хоби нисфирӯзӣ буд, сақф кушода шуд, ӯ вориди хилватгох гашта, ба шох гуфт: «Ман фиристодаи Худовандам ва туро ба дини ростин даъват менамоям».

Хамин тавр хайкалхои Бомиён низ ба Буддо нисбат надоранд. Маъбадхои буддоии дар худуди Осиёи Марказӣ сохташуда ба савдогарони буддоӣ хизмат менамуданд.



### САВОЛХО

1. ***Дар бораи афсонаи таваллуди Буддо чӣ фикр доред?***
2. ***Таълимоти Буддоро динӣ хисобидан мумкин аст ё не?***
3. ***Маъбадхои буддоии дар Ориёзамин сохташуда ба кӣ хизмат менамуданд?***

## §66. ВАРЗИШ

Варзиш дар мардуми ориёӣ аз қадим вучуд дошт, умуман, одами чомеаи қадим хамавақт дар харакат буд, зеро он либос надошт ва танхо давидану харакати бардавом онро аз сардихову офатхо начот медод. Пайғамбари ориёихо Зардушт таълим медод, ки «тани солим – ақли солим», яъне танхо тани солим метавонад корхои солимро анчом дихад. Бинобар ин, ориёихо кӯдакони худро аз 8 – солагӣ хондан, покӣ, бозихои спортӣ машғул менамуданд, то онхо чобуку солим бошанд.

Бозёфти бучул ва мухрахои нард дар ёдгорихои бостонӣ ба он далолат менамоянд, ин гуна бозихо дар хазорахои 3 пеш аз милод дар байни чавонон роич буд. Дар яке аз гӯрхои писарбачае, ки ба хазораи 2 пеш аз милод нисбат дошта, халтаи бучулхо ёфт шуданд ва аз қадимии бучулбозӣ дар байни бачахо гувохӣ медихад.

**Тирандозӣ**. Дар урфияти гузаштагони мо мард пеш аз хама, мухофизи марзу буми хона, зану фарзанд ва деху Ватан

меҳисобад. Аз ҳамин сабаб вақте дар хона писар таваллуд мешавад, аз тирандозӣ беҳтарин хоҳиш менамоянд, ки ба сӯйи душмани рамзӣ тир паронад ва падару модар шукронаи ба дунё муҳофизи навро мекунанд. Ориёиҳо аз синни 8-солӣ аз вақти ба мактаб рафтан писарронро ба аспсаворӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, баҳодурӣ ва ростгӯйи меомӯзониданд. Сарчашмаҳои таърихӣ менависанд, ки ориёиҳои сакоӣ тирандози беҳамто буданд, онҳо дар този асп рӯяшонро ба пушт гардонида, ба душмани дунболгирашон тири бехато мезаданд. Дар дастаҳои Искандари Мақдунӣ танҳо аз тирандозони бохтарӣ ва суғдӣ метарсиданд. Ориёиҳо на танҳо мардон, балки занон низ савору тирандози хуб буданд.

**Аспсаворӣ**. Яке аз навъҳои варзишӣ ин савори хуби асп будан, ҳисобида мешуд. Аспро савор шудан ва идора намудан ин кори осон нест, бинобар ин, марди аспро савор шудае, ки бо ҳариф мубориза бурда наметавонад он марди майдон шуморида намешуд. Ориёиҳо ромкунандаи асп мебошанд ва онро ҳайвони худовандӣ мешуморанд. Дар «Авесто» фариштаи Дравваспа сарвари ҳайвонҳо ба шумор меравад. Фарри илоҳӣ дар намуди асп пойдо мешавад ва рамзи баҳодурӣ, тавоноӣ мебошад. Аспи хуб барои ҷанговар мададгори футуҳоти ӯст. Савор бояд шамшерзан, гурззан, найззан ва тирандози хуб бошад.

**Муборизаи тан ба тан.** Дар қадим ҷангҳо бо муборизаи ду нафар яктоӣ аз ҳар тараф оғоз мешуданд. Онҳо бо якдигар найзазанӣ, шамшеру гурззанӣ менамуданд. Баъд аз он ки ин силоҳҳо корношоям мешуданд, муборизон даст ба камари якдигар мезаданд ва ҳар кӣ аз болои зин ба замин меафтид, асир ё кушта мешуд. Вақте аспҳо монда мешуданд, ҷанговарон пиёда мубориза мебурданд ва касе зӯр мебуд, бо усулҳои гуногун, аз ҷумла гуштӣ ҳарифро мағлуб менамуд.

*Касе, к-ӯ ба гуштӣ набард оварад,*
*Сари меҳтаре зери гард оварад.*
(Фирдавсӣ)

**Чавгонбозӣ.** Яке аз бозиҳои қадими варзишӣ чавгонбозӣ буд, ки то асри 16 милодӣ равнақ дошт ва баъди ба тасарруфи ӯзбакҳо афтидани Осиёи Миёна аз байн меравад. Бозии чавгон бо асп ва пиёда буд. Ин бозӣ ихтирои ориёиҳо мебошад ва чи тавре аз «Шоҳнома» бармеояд, дар замони Каёниён маъмултарин бозии шоҳону паҳлавонон ба шумор мерафт. Дар ин бора мо ҳикояти Ҳаким Фирдавсиро дар бораи Сиёвуш меорем. Мувофиқи ин ривоят Сиёвуш аз макри зани падари худ Судоба тарсида, ба назди

шоҳи тӯрониён Афросиёб меояд ва мехоҳад дар хизмати ӯ бошад. Афросиёб омадани Сиёвушро хуб пазирой мекунад ва ин сабаби рашки бародари ӯ Гарсеваз мешавад. Гарсеваз ба Афросиёб мегӯяд, ки Сиёвуш шоҳзодаи Эрон аст ва шояд ҳамчун ҷосус омада бошад ва бо дилёбию фиреб мехоҳад соҳиби тахти Тӯрон шавад. Мо бояд ӯро дар майдони чавгон санҷем ва аз ҳунару маҳораташ огоҳ шавем. Бинобар ин, Афросиёб Сиёвушро ба бозии чавгон даъват менамояд:

*Шабе бо Сиёвуш чунин гуфт шоҳ,*
*Ки «Фардо бисозем ҳар ду пагоҳ.*
*Або гӯю чавгон ба майдон шавем,*
*Замоне битозему хандон шавем.*
*Зи ҳар кас шунидам, ки чавгони ту,*
*Набинанд гурдон ба майдони ту»...*
*Сиёвуш чунин гуфт бо шаҳрёр,*
*Ки «Кай бошадам дасту чавгон ба кор.*
*Баробар наёрам задан бо ту гӯй,*
*Ба майдон ҳамоварди дигар биҷӯй.*
*Аз аро, ки ҳамроҳу ёри туем,*
*Ба ин паҳнмайдон савори туем».*
*Сипаҳбад зи гуфтори ӯ шод шуд,*
*Сухан гуфтани ҳар касе бод шуд.*

Ин мисраъҳо шоҳид таърихи на кам аз чаҳор ҳазор сол дош-



**Расми 87.** ***Майдони чавгонбозии Карон***

тани бозии чавгон мебошад. Шумораи бозингарон одатан 16 нафар 8 нафарӣ аз ҳар тараф, ду ҳимоятгар ва 6 нафар дар ҳуҷум иштирок менамуданд. Шумораи бозингарон гоҳе 10 ба 10, 12 ба 12 ва гоҳе гурӯҳи калони лашкар иштирок менамуданд. Майдони чавгонбозӣ бо тамоми ҷузиёташ дар маркази шоҳнишини Дарвози қадим – шаҳри Карон боқӣ мондааст. Майдон 300 м дарозӣ, 70 м паҳноӣ дорад. Дар бахшҳои шарқ ва ғарб ҷойи дамгирии аспон, бахши ҷануб ҷойи нишаст барои 2 ҳазор одам вуҷуд дорад. Дарвозаҳо аз ду тараф 4 м паҳноӣ ва 2 м баландӣ доштанд. Чавгонбозӣ бозии маҳорат, паҳлавонӣ, ҷасурӣ, чобукӣ ва донистани назария ва амалияи ҷангӣ шуморида мешуд. Чавгон бозии миллии мо буд ва имрӯз эҳёи он зарур мебошад. Дар Бохтар шаҳре бо номи Чавгон буд ва дар он ҳар сол мусобиқаҳои чавгонбозӣ гузаронида мешуд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО



1. ***Дар қадим ҷавонони ориёӣ ба кадом навъи варзиш машғул мешуданд?***
2. ***Бо асп кадом навъи бозиҳои варзишӣ ва ҳарбиро иҷро мекарданд?***
3. ***Чавгон чӣ гуна бозист?***
4. ***Майдони чавгонбозӣ дар куҷо боқӣ мондааст?***

## §67. ЭТНОГЕНЕЗИ ОРИЁИҲО

Шумо дар бораи ориёиҳо, ватани онҳо, давлатҳои ориёӣ ва нақши онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва таърихи ватани мо маълумот гирифтед. Ҳоло дар бораи этногенези онҳо нақл мекунем. Калимаи “этногенез” аз забони юнонӣ гирифта шуда, аз ду бахш: этнос – халқ ва генезис – пайдоиш (яъне пайдоиши халқ) иборат аст. Давраи ташаккули ин ва ё он халқ таърихи дуру дароз дорад. Вай аз замонҳои хеле қадим, яъне ҷомеаи ибтидоӣ, авлодӣ ва қабилавӣ шурӯъ мешавад. Бунёди он бар асари омезиши авлод бо роҳи бастани муносибатҳои хешовандӣ, ҳамзабонӣ, расму оини як сарзамини муайян ба вуҷуд меояд. Аммо дар ин давраи тӯлонӣ раванди ташаккули ягон халқи ҷаҳон ба осонӣ ва якранг намегузарад. Он аз муборизаҳои хунин, омезишҳои фарҳангӣ, забонӣ ва нажодӣ бо дигар халқҳо иборат аст. Халқҳои ориёӣ – тоҷикон низ аз ин набардҳо дар канор набуданд.

Тоҷикони кунунӣ ду номи этникиро аз сар гузарониданд.

Дар ибтидо миллати мо ориёӣ ном дошт. Барои халқ ё миллат шудан чор шарт зарур аст. Якум, номи он, дуюм забони умумӣ, сеюм фарҳанги ба худ хос,чаҳорум дар ҳудуди муайяне сарҷамъ ва яклухт зистан.

## ПАЙДОИШИ НОМИ «ОРИЁӢ»

Дар бораи кадом вақт пайдо шудани мафҳуми "ориё" маълумоти дақиқ нест. Аз маъхазҳои хаттии ҳиндӣ маълум мешавад, ки ориёиҳо дар ҳазораи дуюми пеш аз милод шимоли Ҳиндустонро гирифта, ба маҳаллиёни он ҷо – дравидҳо худро бо номи «ориёӣ» муаррифӣ кардаанд. Ҳамин тавр, дар ҳазораи дуюми пеш аз милод гузаштагони тоҷик худро «ориёӣ» номидаанд. Ориёиҳо ба нажоди аврупоӣ мансубанд. Забони онҳо низ як шохаи забонҳои аврупоист. Маълум нест, ки ориёиҳо кай ва дар куҷо аз халқҳои дигари Аврупо: немисҳо, англисҳо ва славянҳо ҷудо шудаанд. Чаро гузаштагони мо худро «ориёӣ» гуфтаанд? Калимаи «ориёӣ» маънои халқи воломақом, покнажод, наҷиб, шоҳӣ ва ғайраро ифода мекунад.

Одатан, вақте ки намояндагони ду халқи гуногун ба ҳам вомехӯранд, худро бо номе, ки халқашон дорад, муаррифӣ менамоянд. Ориёиҳо то рафтану забт намудани Ҳиндустон ин номро доштанд. Дар ин бора ҳикояи сакоии (скифӣ) се бародарон, ки онро Ҳеродот овардааст, шаҳодат медиҳад. Дар он гуфта мешавад, ки «бори нахуст ин кишвари беохир аз они шахсе буд бо номи Таргитай. Падару модари ӯ худовандони бузурги баҳру бар буданд. Ӯ се писар дошт, ки якеро Липоксайс, дигарро Арпоксайс ва сеюмиро Калоксайс меномиданд. Рӯзе дар замини онҳо аз осмон сипору юғ, табар ва ҷоми заррин меафтанд. Аз ҳама пештар афтидани чизҳоро писари калонӣ мебинад ва ба онҳо наздик мешавад, аммо аз онҳо аланга бар мехезад ва ӯ пас мегардад. Сипас писари дуюм барои гирифтани чизҳо меравад ва боз аз онҳо оташ мебарояд ва ӯ низ тарсида қафо меравад. Вақте бародари хурдӣ ба назди онҳо меояд, чизҳоро ба осонӣ мегирад ва бародарони бузург розӣ мешаванд, ки ӯ подшоҳ шавад. Аз ин бародар се фарзанд ба дунё меояд, ки онҳо худро мардумони шоҳӣ меноманд, яъне гӯё Худованд вайро барои ҳукмронӣ ба замин фиристода бошад. Мувофиқи ақидаи забоншиносон, номҳои бародарон «ориёӣ» буда, маънои хушатраро (подшоҳ) медиҳанд». Дар миёни халқияте бо номи аланҳо афсонае ҳаст, ки гӯё онҳо аз се бародар (оила) пайдо шудаанд. Дар зери таъсири афсонаи сакоӣ

ривояти славянӣ (русӣ) дар бораи се шоҳигарӣ ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи ривояти славянӣ, бародари хурдӣ, ки соҳиби ашёи тиллоӣ буд, номи шоҳи офтобиро мегирад, чунки ӯ дар аснои тулӯи Офтоб ба дунё омада буд.

Аввалин шоҳи ориёиҳо – Ҷам (Ҷамшед) писари шоҳи Офтоб буд ва номаш Ҷам, Ҷамшед маънои Офтобро дорад. Аз ин ҷост, ки Ҷамшед лақаби хушатра (ҳукмрони тоҷи нурдор, шуоъдор, фурӯғ)-ро дошт. Ҳамин тавр, шаҷараи ориёиҳо ба худоён рафта мерасад ва аз ин сабаб онҳо худро аз авлоди худо, пок, бузург ва наҷибу шоҳӣ номидаанд. Албатта, ин ривоят афсона аст. Аслан ҳамаи инсонҳо як мебошанд ва аз ин ё он нажод будан афзалияту бартарии ақлӣ ва истеъдодро намедиҳад. Бартарии одам аз одами дигар фақат дар ақлу заковат, дониш ва меҳнати ҳалоли бошууронаи пурсамар мебошад. Касе хуб меҳнат мекунад, аз танбал беҳтар зиндагонӣ мекунад. Ин аст бартарии одам аз одами дигар.

**Ҳудуди зисти ориёиҳо.** Аз рӯйи бозёфтҳои бостоншиносӣ, дар шимол аз кӯли Байкал то рӯди Дунай, Қрим, Қафқози Шимолӣ, дар ғарб вилояти Порс ва дар шарқ то ноҳияи худмухтори Шинҷони кунунии Чинро фаро мегирифт. Дар ҷануб Ориёнзамин то Ҳиндустони Марказӣ мерасид. Дар ин ҳудуд қабилаҳо ва халқҳои ориёӣ дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва давлатдорӣ мезистанд. Дар ҳудуди мазкур дар ҳазораи дуюми пеш аз милод давлатҳои зерин ба вуҷуд омадаанд: дар ҳавзаи рӯди Урал давлати Аркаим (асрҳои XVIII–XIV пеш аз милод), дар поёноби рӯдҳои Дунай, Днепр, Дон ва Қриму соҳилҳои баҳри Сиёҳ давлати Кимериён (асрҳои XII–VIII пеш аз милод) ва давлати Митан (асрҳои XVI–XII пеш аз милод), дар Осиёи Миёна давлати Каёниён (Бохтари Бузург) (асрҳои XVIII–VIII пеш аз милод).

Мувофиқи ривоятҳои авестоӣ, дар шарқ иттиҳоди тӯрҳои саҳронавард вуҷуд дошт (асрҳои XV–VII пеш аз милод). Дар асоси анъанаҳои давлатдории Каёниён баъдҳо давлати Мод (IX–VI пеш аз милод), Ҳахоманишиён (VII–III пеш аз милод) ва Ашкониён (III–I пеш аз милод, I–III милодӣ) ба вуҷуд меоянд.



## САВОЛҲО

1. ***Номи ориёӣ дар куҷо пайдо шудааст ва чӣ маъно дорад?***
2. ***Вожаи "этногенез" чӣ маъно дорад?***
3. ***Чаро ориёиҳо баромади худро ба худоён мепайвастанд?***
4. ***Ҳудуди зисти ориёиҳоро номбар намоед?***
5. ***Чаро ҳудуди он кам шуда аст? Сабабашро шарҳ диҳед.***

## §68. ТАМАДДУНИ ОРИЁИҲО

Мутахассисони бостоншинос, ки шаҳрҳои Аркаимро таҳқиқ намудаанд, маълумот медиҳанд, ки ориёиҳои он дар арафаи ихтирои хат будаанд, зеро баъзе аломатҳои он вуҷуд доранд. Ҳамчунин, онҳо ҳунари баланди шаҳрсозӣ, кишоварзӣ ва ҳунармандӣ доштанд. Онҳо соҳиби сохтори муайяни давлатӣ буданд. Давлати бузурги Кимерия, ки бахши зиёди Украин ва шимоли Қафқозу кишварҳои Ставропол ва Поволжеи Русияи кунуниро фаро мегирифт, зиёда аз ҳазор сол умр дид, аммо дар бораи хатти бошандагони он маълумоте нест. Кимериҳо аз худ тамаддуне боқӣ гузоштаанд, ки баъдан бо скифҳо омезиш ёфтааст.

Давлати Митан, ки аҳолии он аз ориёиҳо ва хуриҳо иборат буд, адабиёт, хат ва тамаддуни хос дошт.

Дар ҳудуди Осиёи Миёна дар асрҳои XVII–VIII пеш аз милод давлати бузурги Каёниён ташкил меёбад, ки ба он ҳудуди кунунии Афғонистон, қисми Эрон, Марву Суғду Фарғона дохил мешуданд. Маркази ин шаҳр Зарринасп буд ва бо номи Бохтари Бузург маъруфият дошт. Дар он замон ин бузургтарин давлат дар Шарқ ба шумор мерафт. Дар ин давра давлати мутамаркази шоҳаншоҳ бо дини ягонаю Худованди ягона ба миён меояд. Дар ташкили ин давлат Зардушт нақши бузург бозид. Маҳз бо ташаббуси Зардушт Гуштосп – шоҳи Бохтар ба таъсиси давлати ягонаи ориёӣ камар баст ва давлати бузургеро бо дину оини яктопарасти ташкил дод. Зардушт ҳамроҳи Гуштосп ва Исфандиёр 17 сол дар ҷангҳо ширкат кард ва тарғиби зарурати давлати бузург ва дини яктопарастиро барои ориёиҳо ташвиқ кард. Аммо сарзамини онвақтаи ориёиҳо хеле паҳновар буд ва Каёниён тавонистанд дар як пораи он давлати миллии худро ташкил диҳанд. Зардушт барои онҳо китоби «Авесто»-ро тартиб дод, ки дастури таърихӣ, динӣ, пандомӯзӣ, хулқу атвори пок барои ҳамаи инсонҳои рӯйи дунё ба ҳисоб мерафт. Ташкили давлати ягона дар рустоҳои кишоварзии Ориён ба ҷангҳои дохилии кайҳо хотима бахшид ва сабаби равнақу ривоҷи деҳу шаҳрҳо гардид. Пайдо шудани шаҳрҳо ба пешрафти ҳунармандӣ ва савдо такон дод. Кашфу таҳқиқи шаҳрҳои ҳазораи дуюм ва якуми пеш аз милод дар Бохтари Шимолӣ, аз ҷумла Ҷарқӯтан, Софолтеппа, Даштлии 1-3 ва Олтинтеппа ба он далолат мекунанд, ки ориёиҳо дар ин давра фарҳанги баландпояе доштанд.

Заргарӣ, кулолгарӣ, бофандагӣ, кишоварзию чорводорӣ рӯ ба

равнақ менихҳанд. Тамаддуни ориёиҳо дар замони Ҳахоманишиён, Портиён ва Кӯшониён ҷаҳонӣ мешавад.

**Забони ориёиҳо.** Ориёиҳо забони худро «ориёӣ» мегуфтанд ва мувофиқи ривояти таърихӣ китоби «Авесто»-и қадим бо ин забон дар 12 ҳазор пӯсти гов навишта шуда буд. «Авесто»-и дар замони Ҳахоманишиён таълифёфтаро дар замони ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ сӯзонданд. «Авесто»-ро дар замони Ашкониён ва Сосониён дубора ҷамъ оварда, бо забони ориёӣ–паҳлавӣ китобат мекунанд.

Дориюши Кабир дар катибаи кӯҳи Бесутун (сутуни 4-ум) худро ориёинажод ва ориёизабон меномад, аммо минбаъд Ҳахоманишиён худро зодаи Порс мегӯянду забонашон бо номи «порсӣ» шуҳрат меёбад. Бояд донем, ки забони порсӣ низ забони ориёист. Онро танҳо порсӣ номидан хатост, зеро Порс номи географӣ буда, номи забони халқ шуда наметавонад. Номи забони ориёиҳо бояд ориёӣ гуфта ва навишта мешуд. Дар замони истилои юнониён забони давлатии Ориёншаҳр забони юнонӣ шуд. Вақте ки Ашкониён давлати Селевкиёни юнониро барҳам доданд, забони модарии худро, ки забони паҳлавӣ ном дошт, ҷорӣ намуданд. Забони паҳлавӣ низ забони ориёист. Бо забони паҳлавӣ, Занд ва бисёр матнҳои боқимондаи китоби «Авесто» навишта шудаанд. Забони порсии миёна низ забони ориёӣ мебошад.

Аз катибае, ки соли 1995 аз Работаки назди Бағлони Афғонистон ба даст омад, маълум мешавад, ки вақте Кӯшониён давлати Юнону Бохтарро аз байн бурданд, забони давлатӣ юнонӣ буд. Шоҳаншоҳи Кӯшониён Канишкаи Кабир онро барҳам дода, забони бохтариро бо номи "забони ориёӣ" забони давлатӣ эълон мекунад. Дар ин ҷо Канишкаи Кабир забони бохтариро дуруст забони ориёӣ номидааст, зеро ҳамаи забонҳои вилоятҳои ориёнишин: Порс, Бохтар, Хоразм, Суғд ва ғайра шохаҳои забони ориёӣ ба ҳисоб мерафтанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ



*1. Тамаддун чист?*

*2. Вақте мо шаҳр мегӯем, кадом омилҳоро дар назар дорем?*

*3. Фарқи шаҳр аз деҳот дар чист?*

*4. Кадом забонҳоро ориёӣ номидан дуруст мебошад?*

*5.Мақоми Зардуштро дар созмон додани дину давлати ориёиҳо шарҳ диҳед.*

# ТАФСИРИ БАЪЗЕ НОМҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ГЕОГРАФӢ

**«Авесто»** – китоби муқаддаси мазҳабӣ ва адабии ориёиҳо, ки маънояшро муҳаққиқон дониш, илм таъйин кардаанд. «Авесто»-ро «Асто», «Усто», «Апастак», «Вистак» низ ном мебаранд.

**Австралопитек** – калимаи юнонӣ буда аз ду бахш иборат: авусиралис – ҷанубӣ ва питекос–маймун, яъне одаммаймуни ҷанубӣ. Австралопитекҳо аввалин инсонҳо мебошанд, ки аз 6 то 1 миллион сол пеш зистаанд.

**«Ардавирофнома», «Артавирознома»** – яке аз осори адабиёти паҳлавист, ки аз тарафи муаллифи номаълуме дар асрҳои 6–7 ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) навишта шудааст. Чанд нусхаи «Ардавирофнома» то замони мо расидаанд.

**Антрополог** – мутахассиси илми одамшиносӣ (антропология).

**Бар** – ченаки вазн. 1 бар баробари 10 литр об.

**Бостоншинос** – археолог.

**Бошишгоҳ** – ҷойи зисти одамони қадим.

**Бохтар** – номи яке аз вилоятҳои қадими ориёӣ – тоҷикон мебошад. Маънояш шимол аст, номи шаҳри Балх аз вожаи «бохтар» гирифта шудааст. Дар «Авесто» бо номи Бахди зикр шуда, яке аз сарзаминҳои офаридан Аҳурамаздо мебошад. Ватани Зардушт ва Каёниён аст.

**Бахшу** – номи қадими Ёхсу аст. Вожаи «ёхсу» шакли дигаргуншудаи калимаи «Вахшо» (Вахш) мебошад.

**Варустан** – номи ориёии рӯди Днепр буда маънояш рӯди паҳновар мебошад.

**Вахш** – номи қадими рӯди Ому – Аму ва Панҷ будааст. Рӯди Вахш барои ориёиҳо муқаддас будааст. Дар «Авесто» бо номи Ванаҳгуҳа Дойтиё зикр мешавад. Юнониҳо онро Окс номидаанд. Дар замони Кӯшониён фариштаи Охшо, Вахшо буд. Ҳоло яке аз шохобҳои рӯди **Ому** мебошад.

**Вашгирд**– номи вилоят ва шаҳр дар Тоҷикзамини Шарқӣ.

**Вар** – қалъа. Вар аввалин бинои зеризаминие, ки Ҷам барои инсонҳо, ҳайвонҳо ва рустаниҳо дар замони яхбандӣ сохтааст. Дар адабиёт бо номи Ҷамкард низ ёд мешавад.

**Ваҳуманаҳ** – фариштаи пиндори нек дар «Авесто».

**Виспрад** – номи бахше аз «Авесто» аст.

**Гарда** – ғулом дар замони Ҳахоманишиён.

**Гомоэректусҳо** – гузаштагони бевоситани инсони кунунианд, ки 2600 ҳазор сол пеш пайдо шудаанд.

**Гелиокс**– Худои Офтоб ба забони юнонӣ.

**Готҳо** – номи бахши қадимтарини «Авесто» мебошад.

**Гоҳонбор** – номи ҷашнҳои офариниш дар дини Маздаясно мебошад.

**Говмард** – саравлоди олами ҳайвонот ва рустанӣ дар оини Маздаясно аст.

**Дабир** – котиб, мирзо, сафир.

**Дабирпат**– сарвари дастгоҳи ҳукумат.

**Дарик** – сикка (пул).

**Девлох** – ҷойи айлоқи тобистонаи молу гову деҳа.

**Динкард** – китобе аз «Авасто» дар бораи оини Маздаясно.

**Диндабира** – хатти авестоӣ иборат аз 44 ҳарф.

**Дионис** – фариштаи хуши юнониён.

**Дуғдуға (Дуғдор)** – модари Зардушт.

**Данғара** – Донғара маънояш оби аз даҳони кӯҳ меомада, номи ноҳия дар Тоҷикистон.

**Данук** – номи ориёии рӯди Урал.

**Дану** – номи ориёии рӯди Дон. Имрӯз осетинҳо рӯдро «дон» меноманд.

**Рӯди Гургон** – ҳоло баҳри Каспий, баҳри Мозандарон ва Хазар низ гуфтаанд.

**Занд** – тафсири «Авесто».

**Зардушт** – пайғамбари Худо, ки мардумро ба яктопарастӣ даъват кардааст. Номи Зардушт дорандаи шутури заррин ё зардро дорад.

**Зобул** – яке аз вилоятҳои қадимтарини ориёинишин.

**Истравшан** – Устрӯшана, Истаравшан дар ибтидои асри миёна яке аз вилоятҳои тоҷикнишин буд. Ҳоло бахши он бо шаҳрҳои Ҷизах, Зомин, Хавос ба Ӯзбекистан ва бахше аз ноҳия Лайлак ба Қирғизистон дохил аст. Рустоҳои Шаҳристон, Ғончӣ, Ӯротеппа (Истаравшан) ва Зафарободу Нов (Спитамен), Пролетар (Ҷаббор Расулов) ба Истаравшан дохил буданд.

**Кай** – унвони шоҳони аввалини ориёӣ.

**Каёниён** – номи сулолаи таърихии шоҳони ориёӣ, ки дар Бохтар ҳукм рондаанд.

**Капол** – ҷумҷума, косахонаи сар.

**Кимерия, гамера** – серҳаракат.

**Кошғар** – дар даврони қадим ноҳияи ориёинишин буд. Баъд туркон онро ғасб намуданд ва ҳоло қавми ӯйғурҳо зиндагӣ доранд. Вожаи «кошғар» дар забони қадимаи сакохутанӣ бағали кӯҳ, кӯҳдоманро ифода мекунад.

**Кӯшон** – номи дудмон аст.

**Маданияти Андроново** – ин ном аз унвони деҳаи Андроново дар Сибири Ғарбӣ пайдо шудааст. Дар Андроново бостоншиносон қабрҳои мардуми кӯчии ориёиро ёфтаанд.

**Маданияти Сруб** – гӯрҳое, ки саҳронавардони сакоӣ (скифӣ) аз ғӯлачӯбҳо сохта будаанд.

**Маданияти Ҳисор** – номи бошишгоҳҳои замони неолит, ки бостоншиносон бори аввал дар назди қалъаи Ҳисори Тоҷикистон пайдо намуданд.

**Ман** – ченаки вазн дар Порси қадим баробари – 418 гр. Модӣ – 561 гр.

**Мезолит**– вожаи юнонӣ буда аз ду бахш: мезос – миёна, литос – санг иборат аст, яъне асри санги миёна. Мезолит дар Аврупо аз ҳазораи 12 то 6, Осиёи Маркази – аз 10 то 6, Шарқи Наздик аз 14 то 7 давом кардааст.

**Нахчирпат, парадиз** – шикоргоҳ. Шоҳон дар замонҳои қадим барои шикор кардан ҷойҳои махсус доштанд, ки тахти назорати ҳукумат қарор дошт. Дар нахчирпат ё худ парадиз ғайри шоҳ ҳеҷ каси дигар ҳуқуқи шикор карданро надошт.

**Ориёнои Ғарбӣ** ва **Ориёнои Шарқӣ**. Забоншиносон забонҳои ориёиро (эрониро) ба гурӯҳҳои Ғарбӣ ва Шарқӣ ҷудо намудаанд. Аз ҳамин лиҳоз мо ёдгориҳои қадими Эрони кунуниро ба Ориёнои Ғарбӣ ва Осиёи Марказиро бо Ориёнои Шарқӣ ҷудо намудаем.

**Порс (Форс)** – номи вилоят дар Ориёнои Ғарбӣ, аз ин вилоят ду дудмони шоҳон: Ҳахоманишиён ва Сосониён баромадаанд.

**Ра** – номи сакоии рӯди Волга.

**Рӯйинтан** – бадани оҳанин, гӯё Худованд Исфандиёрро рӯйинтан офарида буд ва дар вақти ҷанг тир дар бадани ӯ рахна намекардааст. Ин афсона аст ва ҳеҷгоҳ бадани инсон оҳанин намешавад.

**Силас** – номи аслии Сиррӯд аст.

**Суғд** – номи яке аз вилоятҳои қадимаи ориёист. Дар замонҳои хеле қадим Суғд водиҳои рӯдхонаи Сир, Зарафшон ва Қешқарӯдро фарогир буд. Дар «Авесто» Гава Суғда ватани Говмард мебошад.

**Тӯр** – номи тотемавии ҳамаи ориёиҳои чорводор.

**Тӯрон** – унвони ноҳияҳое, ки дар онҳо саҳронавардони кӯчии ориёӣ зиндагонӣ мекарданд.

**Тешиктош** – номи ғоре дар ноҳияи Бойсун, ки аз он устухонҳои писарбачаи 10-солаи неандерталиро ёфтанд, ки 40–50 ҳазор сол пеш мурда будааст.

**Фиръавн** – унвони шоҳони Мисри Қадим.

**Фарғона** – яке аз вилоятҳои қадимаи ориёинишин, ки дар «Авесто» ба шакли Паркана (яъне гӯша, канора) омадааст.

**Ҳеродот** – падари таърих, таърихнигори машҳури Юнони Қадим

**Хутан, Турфон** – номи вилояти таърихии қадимаи ориёинишин дар Синсиняни Чин.

**Чоч** – номи яке аз вилоятҳои қадими ориёинишин – тоҷикон мебошад. Маънои он чандон равшан нест. Вақте ки арабҳо омаданд, онро забт намуданд, ба ҷойи Чоч Шош гуфтанд. Дар асрҳои 14–15 ба ҷойи Шош, Чоч номи шаҳри Тошканд пайдо мешавад.

**Шибар** – номи сакоии Сибир аст. Маънои шибар ҷойи обдор аст.

**Эронзамин** – мамлакати мардуми ориён–эрониҳо.

**Ясно** – бахше аз китоби «Авесто» буда, аз гуфтаҳои ҳирбадҳо, шояд шогирдони пайғамбар иборат мебошад.

**Ҷароб** – номи рӯди Панҷ аст.

**Хароб** – оби калон, номи рӯди Кӯкча аст.

## САНАҲОИ МУҲИМИ ТАЪРИХӢ

*612 пеш аз милод, иттифоқи модҳо бо фиръавнҳо ва бобулиён ва ибтидои ҷанги онҳо ба муқобили ошуриён.*

*550 то милод – порсҳо бар модҳо ғалаба карда пойтахти Мод – Экбатанро (Ҳамадон) забт карданд.*

*530 то милод – Куруши Кабир бо массагетҳои Осиёи Миёна ҷангида, дар ҷанги шадиде ба ҳалокат мерасад.*

*530–522 пеш аз милод – баъди Куруш ба сари ҳокимият омадани Камбуҷия.*

*522 – ба дудмони (авлод) Ҳахомонишиён (Дориюш) баргаштани ҳокимият.*

*486 пеш аз милод – Дориюш вафот кард ва ба ҷояш Хашёршоҳи 35-сола соҳибтахт мешавад.*

*480 пеш аз милод – Хашёршоҳ аз тариқи баҳр ва хушкӣ ба Юнон ҳуҷум мекунад.*

*449 пеш аз милод – байни юнониён ва ориёиҳо сулҳ ба имзо мерасад.*

*334 пеш аз милод – лашкари Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Сағир ворид шуд.*

## МУНДАРИҶА


МУҚАДДИМА .......... 3

**БОБИ I. ЗАМОНИ ПЕШДОДИЁН – АСРИ САНГ**

§1. Асри санги қадимтарин – палеолит .......... 8
§2. Асри санги миёна – мезолит .......... 11
§3. Кашфи оташ ва нақши он дар ҳаёти инсонҳо .......... 15
§4. Яхбандиҳо ва одамон .......... 18
§5. Зинаҳои ибтидоии такомули инсоният .......... 21
§6. Аввалин зироаткорон ва чорводорон дар ҳудуди Ориёно .......... 25
§7. Кишоварзӣ дар Ориёнои Шарқӣ .......... 29
§8. Маданияти Ҳисор .......... 33
§9. Пешдодиён–шоҳони ривоятӣ .......... 35
§10. Тақсимоти ривоятии ҷаҳон .......... 38
§11. Ориёно .......... 41
§12. Аз байн рафтани сохти ҷомеаи ибтидоӣ .......... 44
§13. Асри мису санг дар Ориёнои Шарқӣ .......... 48

**БОБИ II. АСРИ БИРИНҶ – ЗАМОНИ КАЁНИЁН**

§14. Гузариш аз модаршоҳӣ ба падаршоҳӣ .......... 51
§15. Асри биринҷ дар Ориёнои Ғарбӣ. Маданияти Сиёлка .......... 54
§16. Асри биринҷ дар Ориёнои Шарқӣ .......... 56
§17. Маданияти мардуми сруб .......... 63
§18. Маросими дафн дар асри биринҷ. .......... 67
§19. Нахустшаҳрҳо .......... 70
§20. Меъморӣ ва сохтори шаҳрҳо .......... 73

**БОБИ III. КАЁНИЁН. СУЛОЛАИ ТАЪРИХӢ**

§21. Давлати Каёниён .......... 76
§22. Давлати марказонидаи ориёиҳо дар замони Гуштосп .......... 79
§23. Паҳн намудани Исфандиёр дини Зардуштро .......... 83
§24. Зардушт ва дини ӯ .......... 85
§25. «Авесто» .......... 88
§26. «Ясно – готҳо» .......... 92
§27. «Яштҳо» .......... 94
§28. Оини зардуштӣ. .......... 100
§29. Ибодатгоҳҳо .......... 103
§ 30. Идҳо. .......... 106

**БОБИ IV. ҚАБИЛАҲОИ ОРИЁӢ**

Дар асри оҳан .......... 109
§31. Кимериҳо .......... 109
§32. Скифҳо – сакоиҳо .......... 113
§33. Гӯрхонаи Чертомлик. .......... 117

§34. Сайримиҳо (савромат, сарматҳо) ........ 123
§35. Сайниҳои ориёӣ дар Сибири ғарбӣ ва Байкалу Олтой ва Тува дар замони скифу сарматҳо ........ 129
§36. Давлати Элом ........ 132
§37. Давлати Митан ........ 134
§38. Давлати Мод ........ 137
§39. Давлати Ҳахоманишиён ........ 142
§40. Эломияи Куруши Кабир ........ 145
§41. Дориюши Кабир ........ 149
§42. Ислоҳоти роҳ, алоқа, ҳарбӣ ва пулӣ. ........ 152
§43. Бозоргонии дохилӣ ва хориҷӣ ........ 155
§44. Ҷангҳо бо юнониён ........ 158
§45. Кишоварзӣ ва ҳунармандӣ ........ 161
§46. Фарҳанги ориёиҳо дар замони Ҳахоманишиён ........ 166
§47. Хат дар давраи Ҳахоманишиён ........ 169

**БОБИ V. ДАВЛАТИ ЭЛЛИНҲО ДАР ОРИЁНО**

§ 48. Ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Ориёнои Ғарбӣ ........ 172
§49. Мубориэаи Спитамен бо Искандар ........ 176
§50. Муҳориба ба муқобили лашкари Искандар дар кӯҳистони Суғду Бохтар ........ 180
§51-52. Давлати Юнону Бохтар ........ 184
§53. Санъати эллинӣ ........ 191

**БОБИ VI. АШКОНИЁН**

§54. Таъсиси давлати Ашкониён ........ 194
§55. Сохти иқтисодӣ ва сиёсии давлати Ашкониён ........ 198
§56. Мубориэаи дохилӣ дар империяи Ашкониён ........ 201
§57. Фарҳанги даврони Ашкониён ........ 203
§58. Санъати тасвирӣ дар замони Ашкониён ........ 207
§59. Ҳунармандӣ ва тиҷорат ........ 211

**БОБИ VII. КӮШОНИЁН**

§60. Империяи Кӯшониён ........ 214
§61. Куҷула Кадфиз бунёдгузори давлати бузурги Кӯшон. ........ 217
§62. Шаҳру деҳот, иқтисодиёт ва тиҷорат дар давраи Кӯшониён ........ 221
§63. Фарҳанги замони Кӯшониён ........ 225
§64. Дини Кӯшониён ........ 229
§65. Дини буддоӣ ........ 233
§66. Варзиш ........ 235
§67. Этногенези ориёиҳо ........ 238
§68. Тамаддуни ориёиҳо ........ 241
Тафсири баъзе номҳои таърихӣ ва географӣ ........ 243
Санаҳои муҳими таърихӣ ........ 245

ЮСУФШОҲ ЯЪҚУБОВ

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ
барои синфи 5

Муҳаррир: Қиёмиддин Сатторӣ
Муҳаррири техникӣ: Робия Абдуллоева
Тарроҳ ва саҳифабанд: Иқбол Сатторов

Ба матбаа супорида шуд 23.01.2015.
Ба чоп имзо шуд 12.02.2015.
Андозаи 60x90 1/16. Коғази офсет. Ҷузъи чопӣ 15.5
Адади нашр 110000. Супориши № 21/2015.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар «Комбинати полиграфии ш.Душанбе»
бо супориши №21 аз 23.01.2015 чоп шудааст.